З. Тоҳириён, Ҷ. Эшонқулов,
М. Кабиров

Адабиёт

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 7-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ

Нашри сеюм

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст

Тошканд
ХЭТН «O‘zbekiston»
2013

УЎК 821 512.133-222.8
КБК: 83. 13
Т. 75

**Аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ
чоп гардидааст. Бепул**

Китоби мазкур соли 2005 дар озмуни (тендери)
Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон
оид ба китобҳои дарсӣ ғолиб дониста шудааст.

АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

Саволу супоришҳо барои иҷро дар хона ва дар дарс.

Маълумот дар бораи назарияи адабиёт.

Намунаҳо аз осори адибон.

ISBN 978-9943-01-400-8

© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», соли 2005.
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», соли 2009.
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», бо тағйироту иловаҳо соли 2013.

МУҚАДДИМА

Донишомӯзони азиз!

Шумо дар синфҳои V ва VI бо фанни адабиёт аз наздик шиносоӣ пайдо кардед. Акнун дар синфи VII донишҳои худро таҳким бахшида, ҳамчунин аз олами бои илми адабиёт бештар баҳра мебардоред. Адабиёти бадеӣ дар асл хазинаи бебаҳои олами инсонӣ аст. Хазинае, ки афкори умум, рафтори умумро бо вожаву суханҳои дилнишину дилчасп дар асоси бандубасти хоси мантиқӣ, бо фикру хулосаҳои мӯъҷаз дар худ ҷамъ овардааст, тавассути «Адабиёт» ба шумо пешкаш карда мешавад. Одамон адабиёти бадеиро дар шаклҳои гуногуни он офарида, ба воситаи он ҳаёти худ, муҳити ҷомиаи инсонро ба тасвир мекашанд. Маҳз адабиёт бурду бохт, дарду алам ва шодиву сурури ҳаётро дар худ таҷассум менамояд. Адабиёт, инчунин, воситаи пайвандгари рӯҳи давру замонҳои гуногун аст. Чунки инсон аз чунин офаридаҳои худ ҳамдигарро дар нуқтаҳои гуногуни рӯи Замин огоҳ намуда, бо ҳам дардошною ба шодӣ шарик мегарданд.

Адабиёт дар тарбияи инсон нақши басо муҳим дорад. Қудрату тавоноии адабиёт дар ҷодаи тарбияи насли инсонӣ тавассути санҷишҳои ҳаётӣ муқаррар гардидааст. Ба хотири ҳар чӣ бештар афзудани таъсири тарбиявӣ адабиёт ҳамеша дар такмилу сайқали худ мебошад, яъне ҳунварони олами адабиёти бадеӣ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то инъикоси воқеаву ҳодисаҳои ҷомиаро ҳам пурра, ҳам рангоранг ва ҳам хотирнишин ба тасвир ованд. Дар ин замина метавон гуфт, ки адабиёт бо мурури замон таҳаввулоти ногузирро аз сар мегузаронад. Чунин таҳаввулоти даврӣ шаҳодат медиҳад, ки адабиёт бо тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Адабиёт на танҳо ифодагари рӯҳи замон, балки инчунин ҳамқадами

замон низ мебошад. Бинобар ин, тарбияи инсонро бидуни адабиёт тасаввур намудан аз имкон берун аст. Адабиёти бадеии хаттӣ асосан дар ду шакл — назм ва наср офарида ва омӯхта мешавад.

Назм — як шакли адабиёти бадеӣ буда, баробари истифодаи вазн, қофия, радиф ва дигар санъатҳои хоси худ иншо мегардад. Адиберо, ки бо эҷодиёти худ дар соҳаи назм хома меронад, шоир меноманд. Шоир ифодаи воқеиятро тавассути шеър, ки маҳсули ҷустуҷӯ ва то андозае истеъдоду эҳсосоти фитрии ӯст, ба адабиёт пешкаш менамояд.

Наср — шакли дигари адабиёти бадеӣ аст, ки дар он каломи суфтаву равон ва афкори фарогирандаи умум асоси эҷодиёт аст. Эҷодкореро, ки қалам бар даст чакидаи пурмаънӣ меофарад, нависанда меноманд. Масъулияти нависанда пеш аз ҳама дар он аст, ки ӯ ҳусни суханро, фасоҳати гуфторро чун санъаткори мумтоз ташаккул медиҳад.

Умуман шоиру нависандагон тавассути образҳои бадеӣ ба тафаккур ва шуури одамон таъсир расонда, тозагии забони адабӣ, ҳусни баёну каломи он ва дар маҷмӯъ маънавияти халқи томро нигоҳ дошта, аз насл ба насл медиҳанд. Аз ин рӯ, адабиёт минбар ё саҳнаи санъати сухан мебошад. Ҳар он кас, ки бо ин минбар наздикӣ дорад, ҳар он кас, ки ин саҳнаи санъати суханро пайваста назора мекунад, барояш дарки олам, бахусус, дарки зебогии олами маънавӣ басо гуворо хоҳад буд. Адабиёт маърифати олам — олами рӯҳӣ буда, омӯхтани дирӯз, имрӯз ва фардои инсоният тавассути образҳои бадеии тахайюлӣ сурат мегирад, ки решаҳои амиқи иҷтимоӣ доранд. Ниҳоят адабиёт воситаи муҳими ташаккули завқи эстетикии инсон мебошад.

ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ ВА АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ҚАДИМ

Адабиёти шифоҳӣ ва хусусиятҳои он

Адабиёти бадеӣ ҳамчун хазинаи ганҷи ҳикмат дар офариниш ба ду манбаи асосӣ такя кардааст ва инкишоф ёфтааст. Ин ду манбаъ, яъне **адабиёти шифоҳии халқ** (адабиёти даҳанакӣ) ва **адабиёти хаттӣ** мебошанд.

Адабиёти шифоҳии халқ решаҳои хеле чуқур дошта, замони пайдоиши он ба зуҳури нутқ робитаи ногусастанӣ дорад. Омили муҳими ташаккули адабиёти шифоҳӣ зарурати ба низоми муайян даровардани муомилаву муошрати байниҳамдигарии одамон буд. Адабиёти шифоҳӣ ҳанӯз он замоне арзи вуҷуд намуд, ки байни одамон аз хатту аломатҳои хаттӣ нишонае набуд ва адабиёти шифоҳӣ ба он эҳтиёҷе ҳам надошт. Эҷодиёти шифоҳии мардум аз замонҳои қадимтарин дар жанрҳои афсона, қисса, суруд, тарона, дубайтӣ, рубоӣ, бадеҳа, чистон офарида мешуданд. Ҳар яке аз ин жанрҳо ҳадаф, вазифа ва таъиноти ба худ хос доштанд. Дар онҳо орзуву ормони ҳамагон, рафтору қаҳрамониҳои ибратомӯз, ишқу муҳаббат, тараннуми Ватан инъикос меёфтанд. Чунин офаридаҳо тавассути хотираи мардум аз як насл то ба насли дигар мерасид. Бо мурури давру замон, баробари пайдоиши алифбову хат намунаҳои эҷодиёти шифоҳӣ сабти худро ёфтанд ва ба наслҳои минбаъдаи инсоният дастрас шуданд.

Хусусияти ба худ хоси адабиёти шифоҳӣ аз он иборат аст, ки дар ибтидо ба воситаи эҷоди ин ё он жанри адабиёти шифоҳӣ урфу одат ё расму русуми авлод ё қавму қабила ба худ нигориши бадеӣ мегирифтанд. Мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо ифодагари маҳз рӯзгори мардум буданд. Аз мазмуну моҳияти эҷодиёти шифоҳии халқ дида меша-

вад, ки суруду таронаҳо барои хотирнишину дилрабо таҷлил намудани ҷашнвораҳои маъмули мардумӣ, ба монанди идҳо, тӯю сур ва маъракаҳои ҳамоиш офарида мешуданд. Дар рӯзҳои мушкили зиндагӣ чун мотам, ғаму андӯҳ низ барои ифодаи сӯгворӣ, изҳори дарду алам сурудҳои дардомезу ғамшарик, таронаҳои ифодагари ҳолати маҳзуни инсон эҷод гардидаанд. Як қисм аз жанрҳои адабиёти шифоҳии халқ ба тарбияи авлод робитаи мустақим дорад. Чунин ҷиҳати эҷодиёти шифоҳиро дар сурудҳои таърихӣ, қиссаҳо ва афсонаҳо дидан мумкин аст.

Тибқи таснифи жанрҳои адабиёти шифоҳӣ маъмултарини онҳо ***суруд*** аст, ки он асосан барои ифодаи ҳолати рӯҳии мардум: суруру шодмонӣ ва ғаму андӯҳ эҷод мешавад. Сурудҳои марбути адабиёти шифоҳӣ ***ба сурудҳои халқӣ*** ва ***сурудҳои таърихӣ*** ҷудо мешаванд.

Сурудҳои халқӣ аз рӯйи пайдоиши худ қадимтарин намунаи эҷодиёти шифоҳианд. Ин навъи сурудҳо мавзӯъҳои хеле гуногунро фаро мегиранд. Сурудҳои халқӣ сурудҳои маросими тӯй, ҳар гуна идҳо ва мотамро дар бар мегиранд. Сурудҳои тӯйии халқӣ ҳамеша дилангез буда, бо оҳангу гӯйиши хос ба иҷро мерасанд.

Сурудҳои таърихӣ дар байни жанрҳои адабиёти шифоҳӣ мавқеи муҳим касб мекунанд. Чунки ин навъ сурудҳо, пеш аз ҳама, хазинаи хотираи зиндаи таърихии халқ буда, дар пойдориву мустаҳкам доштани маънавияти халқ шароити хубро муҳайё менамоянд. Сурудҳои халқӣ қаҳрамониву фидокориро тараннум менамоянд, ки барои ҳар як фарзанди халқ чун намунаи ибрат хизмат мекунанд.

Бадеҳа низ як навъи суруд буда, дар адабиёти шифоҳӣ мавқеи муҳим дорад. Тафовути бадеҳа аз сурудҳо дар он аст, ки дар ин жанри эҷодиёт ҳатман марду зан бояд ширкат дошта бошанд. Ҳамчунин барои иҷрои бадеҳа на танҳо хондани матни суруд, балки иҷрои ҳар гуна рақсу ҳаракатҳо низ дар ҳавои оҳангу мусиқии шӯх шарти муҳим аст.

Тарона ҳам дар эҷодиёти шифоҳии халқ ҷойи хос дошта, дар мавзӯъҳои гуногун офарида мешавад. Тарона аз сурудҳо бо чанд хусусиятҳои худ, аз қабили баёни фаҳмову равон, дақиқии мавзӯъ ва оҳангнокии худ фарқ мекунад.

Дубайтӣ яке аз шаклҳои хеле қадимаи шеър аст ва он дар эҷодиёти шифоҳии мардумӣ барои инкишофи санъати сухан нақши хеле чашмрас доштааст. Дубайтӣ аз бисёр ҷиҳат ба рубоӣ монанд аст. Дубайтӣ бо хушоҳангӣ, суфтагӣ ва дилнишинӣ мақбули умум мебошад.

Чистон шавқовартарин жанри адабиёти шифоҳӣ мебошад. Чистон барои бой гардонидани захираи луғавии одам ва эҳсосу дарки ӯ кӯмаки калон мерасонад. Зеро ҳангоми эҷоди чистон ташбеҳ, маҷоз, муболиға ва киноя истифода бурда мешаванд ва касро ба мушоҳидакориву дақиқназарӣ ҳидоят месозад.

Афсона дар ҳама давру замон дӯстдоштатарин жанри эҷодиёти мардумӣ ба шумор мерафт. Афсонаҳо олами аҷоибу ғароиби хаёлӣ, орзую омоли халқ, тасаввуроти онҳоро дар бораи ҷаҳон инъикос мекунанд. Бештари афсонаҳо мазмуни тарбиявӣ доранд. Онҳо халқро ба ҳалолкорию поксириштӣ ва олиҳиммативу саховатпешагӣ даъват мекунанд.

Қиссаҳо ҳам аз ҷиҳати мазмуну моҳият ба афсона қаробат доранд ва тафовути онҳо дар он аст, ки қиссаҳо бештар хати муайяни сужетӣ доранд.

Рубоиҳои мардумӣ аз ҷиҳати мавзӯъ хеле сердомана буда, қаҳрамониҳои халқ, ситоиши замона, ишқу муҳаббати самимӣ ва меҳнати пурмашаққатро фаро мегиранд. Панду андарз ҳам яке аз мавзӯъҳои хоси рубоӣ аст. Рубоӣ порчаи шеъриест, ки аз чаҳор мисраъ иборат аст.

Адабиёти шифоҳӣ дорои таърихи қадима буда, аз замонҳои қадим то ба ин ҷониб дар жанрҳои гуногун тавсиф гардидааст. Рубоӣ манбаи фолклорӣ дошта, аллакай дар асри VIII—IX ба адабиёти китобатӣ дохил шуда буд. Гарчанде рубоӣ калимаи арабӣ бошад ҳам, яке аз шаклҳои қадимаи адабиёти шифоҳӣ ва классикии халқи тоҷик ба шумор меравад. Аз рӯзҳои аввалини пайдоиши шеъри тоҷикии дарӣ шакли рубоӣ хеле маъмул ба ҳисоб мерафт.

Муаллифи китоби «Алмӯъҷам-фӣ маоир-ил-ашъор-ил-Аҷам» Қайси Розӣ дар бораи алоқаи фолклор бо эҷодиёти Рӯдакӣ нақли ҷолибе дорад. Аз рӯи ривояти ӯ гӯё Рӯдакӣ дар шаҳри Ғазнин сайру гашт мекардааст, ки гурӯҳи бачагон бозӣ мекардаанд. Аз байни бачагон яке бо саҷъу қофия суханҳои мавзун месохтааст. Дар дасти бачаҳо саққо

будааст, ки онро ба кӯз меандохтаанд. Ҳамон бачаи хуштабъ саққоро партофтааст, ки рафта-рафта боз гашта омадааст. Бача ба ин муносибат гуфтааст: «Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то сари кӯз».

Вазн ва оҳанги байт ба Рӯдакӣ писанд омадааст ва ба қонуни вазни арӯз муроҷиат карда, рукнҳои заруриро ёфтааст. Чун то ба ин рӯз дар шеъри араб дар ин рукн шеър нагуфта будаанд, манбаи ин шакли шеъриро ба адабиёти тоҷик таносуб медиҳанд.

Маълум мешавад, ки рубоӣ асоси фолклорӣ-халқӣ дошта, онро устод Рӯдакӣ кашф карда бошад ҳам, инкишоф ёфтани он ба адабиёти тоҷик мансуб аст. Ин гуна рубоиҳо аз ҷиҳати мазмун бештар ошиқона, фалсафӣ ва панду ҳикматангезона буданд.

Пурсиш ва супориш

1. Хусусиятҳои хоси адабиёти шифоҳиро номбар кунед.
2. Жанрҳои асосии адабиёти шифоҳӣ аз чиҳо иборатанд?
3. Кадом намудҳои сурудҳоро медонед?
4. Дубайтӣ аз рубоӣ чӣ фарқ дорад?
5. Маҳалле, ки Шумо дар он истиқомат мекунед, сурудҳои хоси мардумии худро дорад ё не? Он ба кадом воқеа, маҳал ё ҷашн бахшида шудааст?
6. Намунаи адабиёти шифоҳии маҳалли худро ба дафтари адабиёт навишта гиред ва дар бораи он маълумот диҳед.
7. Рубоӣ дар эҷодиёти шифоҳӣ чӣ гуна мавқеъ дорад?

Китобҳои халқӣ ва насри ривоятӣ

Адабиёти шифоҳии халқ ҳамчунин китобҳое дорад, ки аз ҷониби мардум таълиф ёфтаанд. Дар ин гуна китобҳо қиссаҳо, афсонаҳо, достонҳои мардум, ки аввал ба тарзи шифоҳӣ эҷод гардида буд, аз ҷониби ин ё он шахс мушаххас гирдоварӣ гашта, ба шакли китоб дароварда шудааст.

Яке аз чунин китобҳо ***«Ҳазору як шаб»*** буда, то ба имрӯз чун бузургтарин осори адабии мардуми Машриқзамин машҳур аст. Ин асар дар байни халқҳои гуногун дар саросари олам шӯҳрат ёфта, маҳбубият пайдо кардааст. Ҳикоёту ривоёти ҷолибу дилангез, ибратбахш ва пур аз фалсафаи

ҳаётии халқҳои Ҳинду Аҷаму Араб мазмуни асосии ин асарро дар бар мегиранд. «Ҳазор афсона»-и паҳлавӣ, ки дар аҳди Сосониён таълиф ёфта, дар асри IX ба арабӣ тарҷума шудааст, манбаъ ва сарчашмаи ғизобахши «Ҳазору як шаб» мебошад. Минбаъд ба асар қиссаҳои арабӣ, ҳиндӣ ва яҳудӣ ворид карда шуда, бо номи «Ҳазору як шаб» маъруф гардидааст.

Мувофиқи маълумоти олимон «Ҳазору як шаб» дар шакли китоб аввал ба забони арабӣ таълиф ёфта, соли 1843 бо қалами Мирзо Абдуллатифи Тасуҷии Табрезӣ ба форсӣ тарҷума шудааст. Нависандаи маъруф Ҷалол Икромӣ якҷоя бо шоир Нодир Шанбезода соли 1959 «Ҳазору як шаб»-ро дар асоси чопи Эрон бо ҳуруфи кириллӣ таҳия намудаанд.

Китоби мазкур аз афсонаҳои дилангез ва хотирнишин иборат буда, сар то сари онро ҳикоятҳои хеле пурзарофат оро медиҳад. Дар асоси ҳикоятҳои ин китоб чандин намоишномаҳо низ таҳия гардидаанд.

Дигар китоби насри бадеии ривоятӣ «***Чор дарвеш***» мебошад, ки онро яке аз шоҳасарҳои насри халқӣ номидан мумкин аст. Қиссаҳое, ки дар «Чор дарвеш» ҷой ёфтаанд, афсонаҳои халқии мардуми Ҳиндустонро дар бар мегиранд. Муаллифи чунин қиссаҳо дар ҷараёни нақли ҳодисаву воқеаҳо аз назми волои Ҳофизи Шерозӣ, Ҷомӣ ва дигар шоирони шинохтаи форсу тоҷик ба таври фаровон истифода намудааст.

Китоби «Чор дарвеш» аз ҳикояти дарвеши аввал оғоз меёбад. Вай ба рафиқонаш дар бораи саргузашти худ нақл карда, воқеаҳои аҷоибу ғароиберо ба забон меорад, ки худ дида ва ё шоҳиди онҳо будааст. Аз рӯи ҳикоят дарвеш хоҳаре доштааст хеле меҳрубон ва мӯнису ғамхор. Пас аз ба доми шахсони зишту бадният гирифтор шудани дарвеш ва нобуд сохтани молу мулки падар хоҳар ӯро аз чанголи ночорӣ ва гирифторӣ раҳо карда, ҳатто молу пул медиҳад ва ӯро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд.

Ҳангоми сафар ин дарвеш вориди шаҳре мегардад ва ногаҳон ба сандуқе дучор меояд, ки аз болои қалъа ба поён нишеб мешавад. Даруни сандуқ духтари моҳҷабинеро пайдо мекунад ва идомаи саргузашти дарвеш бо ин ноза-

нин вобаста аст. Ин нозанин ӯро аз захми ханҷар муолиҷа мекунад. Дар поёни қисса дарвеш аз асрори партофта шудани сандуқ аз қалъа воқиф мегардад. Вале ҳоло саргузашти ӯ идома дорад ва хотимаи саргузашти дарвеши аввал ба саргузаштҳои дарвешҳои дигар вобастааст.

Дар «Чор дарвеш» баёни воқеаҳо пурпечутоб буда, яке дигареро пурра менамоянд ва гоҳе ба ҳам вобастаанд. Дар шахсияти қаҳрамонҳои асар баробари хислатҳои хуби инсонӣ, аз қабили саховатпешагӣ, меҳрубонӣ ва олиҳиммативӣ, хислатҳои баду разилӣ низ тасвир ёфтаанд.

Дар асар воқеаву ҳодисаҳои рангоранг ва аҷоиб аз ҷониби чор нафар дарвеш хеле моҳирона бо санъати хоси ҳикоя андар ҳикоя баён карда шудаанд. Ҳодисаҳо дар ин асар чунон устокорона ба тасвир кашида мешаванд, ки хонанда афсона будани онро пай намебарад ва ҳатто гумон мекунад, ки ҳамаи он дар амал ба вуқӯъ пайвастаанд.

Дар ҷараёни воқеаҳо қаҳрамонони фидокори ҷонсупор ба подшоҳони золим, вазирони бадкирдор ва умуман одамони бадсиришт ҷавобҳои сазовор медиҳанд, яъне ҳақ ба ҳақдор мерасад. Қаҳрамонҳои асар воқеаҳои пурфоҷиаро паси сар намуда ниҳоят ба муроду мақсади худ мерасанд.

Олимон тахмин мекунанд, ки шакли ҳозираи «Чор дарвеш» чун китоб дар охирҳои асри XVIII ё аввалҳои асри XIX ба вуҷуд омадааст.

Намунаи дигари насри ривоятии халқӣ ***«Самаки айёр»*** ном дорад. Дар пайравӣ ба ин китоб дар адабиёти форсу тоҷик адибони зиёд асарҳои панду ахлоқӣ эҷод намудаанд. Футувват, яъне ҷавонмардӣ, мазмуни асосии китоби «Самаки айёр»-ро ташкил медиҳад. Чуноне худи Самак мегӯяд: «Коре гар мекунам, он барои ном мекунам, на барои нон» ё «ин коре, ки мекунам, аз барои он мекунам, ки маро номе бошад». Дар китоб покии ният, рӯшании ақл тараннум гардида, хирад ва шарафи мардумӣ мезони ҳамешагии назорат аз болои рафтор, гуфтор ва кирдори неки инсон қарор мегирад.

Ривоятҳое, ки ба номи Ҳотами Той мансуб аст, дар китобҳои асрҳои XII—XIV, аз ҷумлаи «Саёҳати Ҳотам», «Ҳотамия», «Саргузашти Ҳотами Той» ва ғайра дучор меоянд. Аксарияти ривоятҳое, ки дар бораи Ҳотам эҷод шу-

даанд, мазмунан ифодаи хислатҳои писандидаи инсон, аз қабили саховат ва шафқатро фаро мегиранд. Ин фазилатҳои нотакрор бештар ба номи шахси таърихӣ Ҳотами Той нисбат дода мешаванд. Ҳотам дар ҳама давру замон дар байни ҳама халқҳо бо саховатпешагӣ, раъиятпарварӣ, шафқат ва меҳрубонии худ намунаи ибрат ва шоёни таҳсин буд.

Пурсиш ва супориш

1. Чӣ гуна китобҳоро халқӣ меноманд? Чаро?
2. Афсонаҳои «Ҳазору як шаб»-ро мустақилона хонед ва мазмуни яке аз онҳоро нақл кунед.
3. Қаҳрамонҳои асосии «Чор дарвеш» киҳоянд?
4. «Самаки айёр» кадом хислати инсониро бештар таҷассум намудааст?
5. Нақлу ривоятҳои дар бораи Ҳотами Той шунидаатонро бигӯед.

БАЁНИ САРГУЗАШТИ ДАРВЕШИ АВВАЛ

(Порча аз асар)

Дарвешон, ин камина, ки ҳоло бо либоси ҷанда дар хизмати шумо забондарозӣ мекунад, аз шаҳри Яман мебошам. Падаре доштам, ки ӯро Хоҷа Аҳмад мегуфтанд. Вай савдогари калон буд, моли зиёд дошт, савдогарони бисёре бо пули ӯ сафар мекарданд. Вай ду фарзанд дошт. Яке бандаи шумо ва дигаре духтаре, ки падарам ӯро дар ҳаёти худ ба шавҳар дода буд...

Вақте ки синни ман ба чаҳордаҳсолагӣ расид, падарам бемор шуду баъд аз як ҳафта дар бистари беморӣ хоб кардан аз дунё чашм пӯшид. Хешон, ҳамсоягон ва ҳамкорон гирд омаданд ва корсозии падарамро ба тариқи шояду бояд ба ҷо оварданд. Ман то ҳафта ба азодорӣ машғул будам. Баъд аз он ки ёрон ҳар як ба манзили худ рафтанд, мурдани падарам маълум шуд, дар кунҷи хона танҳо ва ғарибона нишастам ва дар ба рӯйи ошнову бегона бастам. Се рӯзи дигар ҳам бо сӯз ба сар бурдам.

Дарвешон! Риндони[1] бесарупо ва шайтонони инс (одам)-намо дар ҳар шаҳр ҳастанд ва ҳар шаб аз луқмаи таоми яке шикам сер мекунанд ва ҳар рӯз бо кӯҳналибоси дигаре фахр менамоянд. Инак, чанд нафар аз онҳо чун шунида буданд, ки хоҷа мурда ва хоҷазодаи падармурда ҷоҳил аст, дар рӯзи чорум ба дари хонаи ман омаданд ва рухсати даромадан хостанд, ки маро дида таъзият диҳанд. Ман рухсат додам, ки дароянд. Онҳо баъд аз даромадан ва адои расми таъзият, забон ба насиҳат кушуданд ва гуфтанд:

— Ҳар кӣ омад ба ҷаҳон, оқибаташ бояд рафт,
Абадуддаҳр намондаст касе дар олам.

Гиряву нола бефоида аст. Падари ҳар кӣ мемурад, илоҳӣ, ту зинда бошӣ! Акнун арвоҳи гузаштагонро бо дуову фотиҳа ва ҳадяву садақа шод бояд кард...

Дарвешон! Сухан мухтасар, ман онҳоро дӯсти ҷонӣ гумон кардам ва ҳушу гӯшамро ба суханони онҳо додам. То ки бо фусуну афсона фирефтанду маро ба шӯхию бозӣ моил карданд. Баъд аз он то се сол пайваста ба айшу нӯш машғул шудам... ва мол нобуд мекардам. То ин, ки тамоми моли падарамро сарфи ёрони дуру ва рафиқони хушомадгӯ кардам... корам ба ҷое расид, ки аз либос ба ғайр аз кӯҳнакулоҳе ва жандақабое дарбар намонд ва қути лоямут[2] ҳам набуд. Шайх Саъдӣ дар ин бора дуруст гуфтааст:

Аблаҳе к-ӯ рӯзи равшан шамъи кофурӣ ниҳад,
Зуд бошад к-аш ба шаб равған набинад дар чароғ...

Чӣ кор карданамро надониста се шабонарӯз гурусна ва ташна, бо лаби хушку дидаи тар дар кунҷи масҷиди харобе нишастам ва рӯйи берун омадан надоштам. Рӯзи чорум сипоҳи гуруснагӣ ба мулки баданам ҳуҷуми сахт намуд ва лашкари сабру тоқатро шикаст дод. Аз он масҷид барома-

[1] *Риндон* — шаккок, бепарво нисбат ба аҳкоми шариат.

[2] *Қути лоямут* — хӯроки андак, ки фақат барои намурда мондан кофӣ аст.

дам ва ба худ мегуфтам, ки ба куҷо равам ва ба кӣ илтиҷо барам. Ногоҳ хоҳарам ба хотирам расид...

Дарвешон! Аз ман қабеҳтаре бояд набошад. Чаро ки дар айёми собиқ борҳо хоҳарам ба талаби ман кас фиристод, ки ӯро рафта бинам, аммо ман аз канори маъшуқа дур шуда наметавонистам ва нарафта будам. Ҳоло дар чунин вақт равонаи хонаи хоҳар шудам. Хоҳарам саросема берун давида, маро ба он ҳол дид ва гиряву зорӣ карда, мӯю рӯйканӣ намуда, маро дар бар кашид, рӯямро бибӯсид, ба хона дароварда таому шароб хӯронида, либоси тоза пӯшонид. Ман чанд шабонарӯз дар он ҷо будам. Шабе он оқила гуфт:

Бародар! Мардон ҳамеша дар хона нишаста наметавонанд ва инро ҳам медонам, ки ту баъд аз ин дар ин шаҳр наметавонӣ будан ва албатта сафар карданат даркор аст. Якчанд рӯз ба шаҳрҳои дигар бирав ва гарму сарди рӯзгор бичаш ва сахтиву сустиро бидон, баъди аз сафар омаданат ба ягон шуғле машғул шав. Чаро ки эътибори туҷҷор дар сафар аст. Чун сафар карда бошӣ, туро марди кор ва сармоядор ва соҳиби эътибор ангоранд (гумон кунанд) ва ҳоло ҳарзагарду зоеърӯзгор шуморанд. Ман сукут ихтиёр кардам. Хоҳарам аз ҷо бархоста, як халтаи панҷҳазортуманӣ оварда ба ман дод ва гуфт:

— Бародар, агар мехостам метавонистам беш аз ин ҳам ба ту дод, аммо андеша мекунам, ки агар нигаҳ дорӣ ҳамин қадар сармоя бас аст ва агар дар пайи зоеъ кардани мол бошӣ, чиҳил ҳазор туман ҳам ба ҷое намерасад. Бародар! Шунидам, ки дар ин рӯзҳо ҷамъе аз савдогарҳо ба тарафи Шом сафар карданӣ ҳастанд.Ту ҳам ба ин зар матое харида ба як одами мӯътабар дода санад бигир, то ки дар Шом ба ту супорад. Худат чанд рӯз дар ин ҷо бимон, то ки ҳамдигарро бинем. Баъд аз он ба умри дароз равона шав ва басуръат бирав!

Ман сухани хоҳарамро қабул карда, рӯзи дигар ба харидани матоъ ва супурдани он кӯшидам. То як ҳафта ба ин кор машғул будам. Баъд аз рафтани корвон, якчанд рӯз дар хонаи хоҳарам мондам. Дар ин байн хоҳарам аспу харҷӣ, тӯшаи роҳ ва либос низ тайёр кард. Баъд якдигарро видоъ намуда ба Шом равона шудам. Дар роҳ чизе нади-

Дарвешон, ин камина, ки ҳоло бо либоси ҷанда дар хизмати шумо забондарозӣ мекунад, аз шаҳри Яман мебошам.

дам, ки муносиби ба дӯстон гуфтан бошад. Баъд аз чанд муддат, дар вақти фурӯрафти офтоб буд, ки ба як манзил дуртар аз Шом расидам...

Пурсиш ва супориш

1. Порчаро аз китоби «Чор дарвеш» хонед. Кадом фазилатҳои инсониро дар шахсияти дӯстони дарвеш мушоҳида намудан мумкин аст?
2. Аз ҳикоят дар бораи олиҳиммат ва саховат мисолҳо оред.
3. Образи кадом қаҳрамони асар мусбат аст? Чаро?
4. Агар Шумо ба ҷойи дарвеш мебудед, молу мулки падарро чӣ гуна истифода мекардед?
5. Аҳамияти тарбиявии асар аз чӣ иборат аст?
6. Калимаҳои душворфаҳмро ба дафтари луғат навишта, дар хотир доред.

НАСРИ РИВОЯТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Насри ривоятӣ жанри бадеие мебошад, ки бештар ба нақлу ҳикоятҳои марбут ба ҳаёти ҷомиа, воқеаҳои гуногуни таърихӣ ва хотираву саргузаштҳои дидаву шунидаи ин ё он ровӣ асос меёбад. Асарҳои насри ривоятӣ дар такя ба эҷодиёти шифоҳии мардумӣ арзи вуҷуд намудаанд. Дар чунин асарҳо ҳақиқати ҳаётӣ чандон мавқеъ надошта, баръакс хаёлоти бадеӣ афзалият доранд.

Насри ривоятӣ аз ҷиҳати мазмун хеле доманфарох буда, аз тасвири орзуву омоли халқ то ситоиши фидокориву қаҳрамонии шахсҳои алоҳидаро фаро мегирад. Насри ривоятии халқи тоҷик асосан ба тараннуми писандидатарин фазилатҳо, ба монанди ҳалолкорӣ, поксиришгӣ, саховатпешагӣ, олиҳиммагӣ рӯй оварда, бадин васила, хислатҳои риёву разилиро таҳти тозиёнаи танқид қарор медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои хоси насри ривоятӣ ин хушбаёнӣ, суфтагии сухан, равонии фикру андеша аст. Ровиён ҳангоми ба забон овардани ин ё он воқеа худ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ҳар як вожаи мавриди истифода диққати шунавандаро ба худ кашида тавонад ва ҳамчунин фаҳмо бошад. Хусусияти дигари чунин асарҳо истифодаи фаровон аз ташбеҳ, маҷоз, киноя ва истиора мебошад, ки ҳангоми мутолиа таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ бештар ҷалб менамояд. Панду андарз ҳам дар насри ривоятӣ мавқеи сазовор касб мекунад.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки осори насри ривоятӣ аз рӯйи аҳамияти худ хеле пурқимат аст. Зеро дар онҳо хотираи таърихии мардум таҷассум меёбад.

ҚИМАТИ ШЕЪР

Мегӯянд Алишери Навоӣ дар тарбияи шоирони ҷавон ғамхории зиёде мекард. Вай боре ба шоири ҷавон Осафӣ насиҳат карда, ӯро дар камкорӣ ва ба корҳои бемаънӣ машғул буданаш сарзаниш менамуд. Осафӣ гуфт:

— Ин вақтҳо назар ба пештара ба шеъргӯӣ бештар машғулӣ мекунам. Чунончи шабе дар он қадар фурсат, ки як шамъи дупулӣ сӯхт, дусад байт гуфтам.

Навоӣ гуфт:

— Дар ин сурат аз он шеърҳо ҳар сад байташ як пул меистад!

Пурсиш ва супориш

1. Насри ривоятӣ чист?
2. Хусусиятҳои хоси насри ривоятиро номбар кунед.
3. Насри ривоятиро аз кадом ҷиҳат пурқиммат меноманд?
4. Ривояти «Қимати шеър»-ро оё насри ривоятӣ номидан мумкин аст?

САМАКИ АЙЁР

Фаромурзи Худодод

Самак чӯб дар даст гирифт ва остин барпечиду чӯб дар-гардонид ва як чӯб бар андоми Тармаша зад, чунонки панҷ-шаш ҷой битарқиду хун равона шуд. Фарёд аз ниҳоди Тармаша баромад. Самаки айёр як чӯби дигар бизад сахттар аз чӯби аввал. Чун чӯб ба панҷ расид, гуфт: Зинҳор, то рост бигӯям. Самак бо хештан гуфт: Аз захми чӯб меҷаҳад, вагарна чӣ медонад! Тармашаро бознишонд. Гуфтанд: Бигӯй, то чӣ гуна будааст?

Тармаша гуфт: Чун аз саройи шоҳ берун омадам ва дар паси бозор расидам, ду бародари қассобанд, ки дӯш ба дари саройи ман омаданду чаҳорсад динори зар ба ман доданд, гуфтанд: Сиёҳгилу Сомро ба мо деҳ. Арманшоҳ гуфт: Чандройи Сиёҳро чаро куштӣ? Гуфт: Эшон гуфтанд, набояд, ки роз ошкор шавад. Чун ӯро кушта бошем, гӯянд каси дигар кард ва ин гумон набаранд. Пас Чандройи Сиёҳро бикуштанд ва Сиёҳгилу Сомро бибурданд.

(Самак) Гуфт: Ин ноҷавонмарди на марду на зан ду ҷавонро ба дасти хун боздод. Шоҳ сарҳангон(ро) бифиристод, то ду бародарони қассобро биёварданд ба боргоҳ. Пеши шоҳ хидмат карданд. Арманшоҳ гуфт: Сиёҳгилу Сомро куҷо бурдед? Эшон гуфтанд: Эй шоҳ, Сиёҳгилу Сом чӣ бошад? Мо хабар надорем. Тармаша аз захми чӯби Самак менолид, гуфт: Дӯш ба дари зиндон омаданд ва чаҳорсад динор ба ман доданду Сиёҳгилу Сомро бибурданд ва Чандройи Сиёҳро бикуштанд, — ончандон, ки бо шоҳ гуфта буд, дучандон бигуфт.

Эшон савгандҳо хӯрданд ба Яздони додори кирдугор, ки аз ин хабар надорем, на аз Сиёҳгилу на аз Сом ва на аз Чандройи Сиёҳ ва на худ аз ин маънӣ хабардорем. Ва бо Тармаша на ба неку на ба бад сухан гуфтем. Моро бо зиндони шоҳу бо бандиён чӣ кор? Меҳрони вазир гуфт: Биравед ва саройи эшон биҷӯед. Сарҳангон ба хонаи эшон бирафтанд ва ҳамаи хонаро зеру забар карданду андарунну берунро биҷустанд ва ҳеҷ нишоне наёфтанд. Пеши подшоҳ омаданду гуфтанд: надидем. Шоҳ гуфт: Эй Тармаша, Сиёҳгилу Сомро чӯб додӣ задан? Гуфт: Бале, шоҳ! Эшон мубталоанд, натавонанд рафтан. Меҳрон гуфт: Эй шоҳ, Тармашаро банд бояд барниҳод. Меҳрон ба мӯътамад гуфт: Он ду бародари қассобро пеши ман бояд овардан, то аз эшон боздонам. Ин бигуфту пароканда шуданд ва он ду бародарони қассобро ба саройи Меҳрони вазир бурданд...

Меҳрон ду бародарони қассобро пеши худ хонд. Чун ҳозир омаданд, эшонро биншонданд ва аз ҳар сухане мепурсиданд ва эшон ҳар чӯб медоданд. Меҳрони вазир сухани эшон нигоҳ медошту нуктаҳо мегуфт ва ҳилатҳо ёд мекарду сухани Самак мегуфт ва ба қатъан он ду бародарони қассоб ҳеҷ сухан намегуфтанд, ки аҳволи Сиёҳгилу Сом маълум шавад. Сухан дароз буд, то он соат, ки рӯз шуд.

Меҳрони вазир бо ду бародарони қассоб ба боргоҳ омад ва хидмат карду гуфт: Эй бузургвор шоҳ, ба ҳеҷ гуна иқрор намеоваранд, ки мо аз ин хабар надорем. Шоҳ бифармуд, то эшон(ро) сиёсат кунанд. Сарҳангон бо ҳоҷиби шоҳ ва шаҳнаи вилоят биёмаданду ресмон дар гардани он ду ҷавон карданд ва ба бозор оварданд. Сад ҳазор марду зани бо-

зорӣ ва лашкарӣ хурӯш баровардану зорӣ карданд, ки эшон ду бародари маъруфу ҷавонмард ва сахт покиза буданд ва мардуми вилоят эшонро дӯст доштандӣ. Дар бозор чун эшонро меоварданд, хурӯш аз мардуми шаҳр баромад.

Аз қазо шаҳна бо эшон некӯ будӣ, ки шаҳнаро хидмат бисёр кардандӣ ҳам ба киса ва ҳам ба дасту пой ва низ ротиби (пайваста) матбахи шаҳна эшон додандӣ. Аз бисёрии хурӯшу зории мардум шаҳнаро дил бар эшон бисӯхт. Пас пеши он ду ҷавон омаду гуфт: Эй озодмардон, подшоҳ сиёсат фармудааст ва медонед, ки ҳеҷ ба дасти ман несту кор ба ҷон расидааст. Ин кор (ҷон)бозист, чун ҷон барбод шуд, чӣ суд дорад? Ҳеҷ беҳтар аз ин намебинам, ки ин аҳвол рост бигӯед, то чӣ гуна будааст, то пеши подшоҳ шафоате кунам, бошад ки шуморо растагорӣ бошад.

Эшон гуфтанд: Эй амиру подшоҳ, дар ҷумлаи Мочин моро шиносанду ту низ моро нек донӣ, ки то будаем, ба номи неку зиндагонӣ кардаем... Ба Яздони додори кирдугор, ки мо аз ин кор огоҳӣ надорем. Ва агар чунон будӣ, ки донистаме, ҳам нагуфтаме ва раҳо кардеме, то ҷони мо барбод шудӣ, чунонки беҳурматӣ барбод меояд. Ҳам ғамз накардеме ва касро наспурдеме, ки олам ҳама ному нанг асту ҳеҷ беҳтар аз ҷавомардӣ нест, то моро ҷовидон номи ҷавонмардӣ будӣ.

Шаҳна чун ин сухан бишнид, ӯро хуш омад ва меҳреву шафқате дар дили ӯ кор кард, сарҳангону хидматкорони шоҳро гуфт: Як замон таваққуф кунед, то ман бари Арманшоҳ раваму бозоям. Ин бигуфт ва сад ҳазор зану мард бар вай офарин карданд ва шаҳна рӯй ба роҳ ниҳод.

Иттифоқи яздӣ чунон афтод, ки шаҳна дар боргоҳ шуд пеши Арманшоҳ ва хидмат карду дуо гуфт. Пас гуфт: Эй шоҳ, ин ду ҷавони қассоб сахт покизааанду халқи шаҳр аз баҳри эшон гиряву зорӣ мекунанд аз баҳри ин ду ҷавони қассоб. Аз баҳри он ки агар на бегуноҳ будандӣ, халқи шаҳр(ро) бар эшон сӯзиш чунин набудӣ ва агар ин кор карда будандӣ, чун ба сиёсатҷой расиданди, иқрор оварданди. Мумкин бошад, ки Тармаша

ин сухан аз баҳри он гуфтааст, то бар хира ҳалок шаванд (ва) дар мамлакати шоҳ зиён дорад. Ва чунин ду ҷавони бегуноҳ ҳалок кардан маслиҳат нест. Шоҳ донад, ки банда офияти мулки шоҳ мехоҳад, пас дигар шоҳ донад.

Меҳрони вазир гуфт: Бифармой, то Тармаша(ро) ҳозир кунанд, то аз вай сухане чанд боз донам, бошад ки пинҳони ин кор боздонам. Шоҳ бифармуд, то Тармаша(ро) ба боргоҳ оварданд ва пеши тахти шоҳ хидмат кард. Меҳрони вазир гуфт: Эй Тармаша, аҳволи ин кор пайдо намешавад. Шоҳ фармуд, то он ду ҷавони қассоби бегуноҳро сиёсат кунанд ва мо донему ту низ медонӣ, бегуноҳанд. Акнун хуни эшон дар гардан магиру андеша бикун, ки бисёр гуноҳ дорӣ, на ҳарчанд беш кунӣ беҳтар бувад, макун. Бар худ бубахшой, ки туро низ ҳам нахоҳад касе. Бошад ки ба сабаби рост гуфтан туро Худои таъоло аз ин ҳам халос диҳад ва ин ҳама аз баҳри он мегӯям, ки медонам, ки ту аз ин хабар надорӣ, ки ин кор Самаки айёр кардааст.

Тармаша чун ин сухан бишнид, гуфт: Ба Яздони додор, ки ин ду ҷавон бегуноҳанду аз ин кор ҳеҷ хабар надоранд. Шоҳ чун бишнид гуфт: Эй фурӯмоя, на бас бувад он, ки ду паҳлавон дар банд буданд, аз даст бидодиву зиндон нигоҳ надоштӣ, то мард(е) биёмаду зиндони маро бишкаст ва номуси мо бибурд ва ба оқибат дурӯғе бар ду ҷавон чунин гуфтӣ, то бим буд, ки ман он ду ҷавони бегуноҳ ҳалок карда будаму хуни ҳар ду дар гардани мо будӣ.

Тармаша гуфт: Эй шоҳ, тоқати чӯб хӯрдан надоштам, бад-ин ҳилат худро тавонистам раҳонид. Шоҳ бифармуд, то он ду ҷавони қассобро ба боргоҳ даровардан. Овози «Роҳат! Роҳат!« баромад ва мардуми шаҳр (фарёди) нишоту хуррамӣ баровардан. Шаҳна биёмад ва эшонро аз зери дор ба боргоҳи шоҳ овард. Шоҳ эшонро бинавохту гиромӣ кард ва хилъат доду гусел кард. Чун эшон аз саройи шоҳ берун омаданд, халқи шаҳр шодӣ карад. Пас Тармаша гуфт: Эй шоҳ, маълум аст, ки ин кор Самаки айёр кардааст. Даҳ маъруф дар пойандон (пазируфторӣ, кафил) дорам, ки аз ин шаҳр бадар нарафта бошад. Шоҳ гуфт: Чунин кун!

Пас Тармаша аз пеши Арманшоҳ берун омад ва сарҳангон бо вай биёмаданд. Даҳ кадхудойи маъруфро пеши шоҳ бурд, то ӯро бар худ гирифтанд. Тармаша берун омад ва рӯй ба зиндон ниҳод. Чандройи Сиёҳ ҳамчунон бар ҷой афтода буд, ӯро дафн кард ва Тармаша дар ҳамаи зиндон бармегашт, ҳеҷ рахнаву сӯрохе намедид, то бар сари чоҳ омад. Дар он чоҳ нигоҳ кард. Гуфт: Ресмон биёваред. Тармаша дар миён баст ва дар он чоҳ фурӯ рафт. Ба буни чоҳ расид. Обе дид, ки равона буд ва он роҳ дид, бад-он об порае мерафт, то бад-он чоҳи гармова расид. Рӯй ба боло ниҳоду аз он чоҳ берун омад. Он гармова вайрон буду аз роҳи гармова берун омад. Гуфт: Эй дареғо, ки дар чандин гоҳ ман зиндони шоҳ дорам, ин гумон набурдаму дар дили ман наёмад, ки аз ин чоҳ роҳе битавонам бурдан. Азим мардест ин Самак, қавӣ толеъе дорад, ки ин роҳ бад-ин сифат ба даст овард. Магар аз қадим дониста буд ё аз пирони ин шаҳр касе роҳ медонисту бо ӯ гуфта буд, то ӯ ин кор кардааст, вагарна ба як шаб чӣ гуна ба даст оварад?

Аз он роҳ Тармаша ба наздики шоҳ шуд ва аҳвол бигуфт, ки роҳе чунин ёфтам. Эй шоҳ, бифармой, то сари роҳҳо бигиранд, то ман дар шаҳр талабкори эшон бошам, ки ҳанӯз дар шаҳранд. Шоҳ бифармуд, то шаҳна мардон бар сари роҳҳо фиристад ва нигоҳдорӣ мекунаду дарвозаҳо эҳтиёт мекунад ва Тармаша дар шаҳр талаби Самаку писарони Конун ва Дилороми шаробдор кардан гирифт.

Самак аз он ҷониб дар саройи Сурхвард пеши Сиёҳгилу Сом ва Оташаку Сурхвард берун омад ва пеши (саройи) подшоҳ рафт (ва бозгашт) ва аҳволи мард гумоштан бар сари роҳҳо чунонки маълум карда буд, ҳама пеши ӯ бозгуфт. Самак гуфт: Эй бародар, ту биншину дил фориғ дор, ки агар Яздон хоҳад, кори ҳама бисозам ва ҷаҳд кунам, ки имшаб Меҳрони вазири ҳаромзодаро даст баста пеши ту оварам, ки ҳама бадфеълӣ аз вай аст!

Қадимтарин намунаҳои осори адабии аҷдоди мардуми имрӯзаи Осиёи Марказӣ ба забонҳои суғдӣ, паҳлавӣ, портӣ ва ғайра эҷод шудаанд. Ба сифати китобҳои қадим «Авасто», «Бунда ҳишн», «Худойнома», «Калила ва Димна», «Дарахти Асурик»-ро ном бурдан мумкин аст.

Бузургтарин осори адабӣ, ки то замони мо расидааст, «Авасто» мебошад, ки ҳангоми эҷодаш он дар рӯйи дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо хатти зар навишта шудааст. Замони эҷоди китобро аз рӯйи тахминҳо асри VI то милод мешуморанд. Лекин, пас аз истилои Искандари Мақдунӣ китоби мазкур сӯзонида шуда буд. Дертар онро барқарор карда, ба он нусха «Занд Авасто» ном доданд. Китоби аз нав таҳрир ва барқароршуда пас аз истилои арабҳо дубора нобуд карда шуд.

«Авасто» чун китобҳои муқаддаси дигар динҳои ҷаҳон «Таврот», «Инҷил» ё «Қуръон» китоби динии зардуштиён буда, бунёдгузори он Зардушт мебошад. Тарафдорони дини зардуштиро зардуштиён ном мебурданд. Дар китоб таълимот, қоида ва қонунҳои дини зардуштӣ, ҷаҳонбинии онҳо акс ёфтааст. Китоб кӯҳнатарин осори хаттии дорои аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ва адабӣ аст.

Мувофиқи навиштаҷоти китоб Аҳура Маздо (Ҳурмуз) худои яккаву ягона ва олӣ мебошад: «*Худои бузург Урмузд ин дунёро офаридааст ва Заминро офаридааст ва одамонро офаридааст*. Ӯ деҳқонӣ, боғдорӣ ва чорводориро тараққӣ дода, Худои олӣ ва ҳомии тамоми қувваҳои некӣ дар олам мебошад. Аз навиштаҷоти китоб маълум мешавад, ки зардуштиён халқро ба зиндагонии муқимӣ даъват менамоянд. Меҳнат кардан, ҳосил рӯёнидан кори хайр шуморида шуда, ба девҳо ва корҳои онҳо зид гузошта мешавад.

Дар китоб қувваҳои бадӣ Аҳриман номида шудааст. Қувваҳои бадӣ ҳамеша зидди чорво, ҳосил ва мардуми камбағал баромада, ба онҳо зарар мерасониданд. Аслиҳаи асосии қувваҳои бадиро ҷангу ҷидол, фитнаву дурӯғ ва сеҳру ҷоду ташкил медод. Онҳо аз ҷавҳари палид созмон ёфта, офарандаи тамоми бадиҳои олам мебошанд.

Асоси таълимоти зардуштиро умедҳои неки инсон, муборизони некӣ бар муқобили бадӣ, ғолибияти равшанӣ

аз болои торикӣ ташкил медиҳад. Ҳамаи ин фикру ақида ва орзую омоли пайравони дини зардуштӣ, ки дар китоб акс ёфтааст, дар симои қаҳрамонҳои он дар шакли худоҳои некӣ ва бадӣ инъикос карда мешавад.

Маълум мешавад, ки хислатҳои беҳтарини инсонӣ, аз қабили некӣ, меҳнат, саховатпешагӣ, адолат ва ростгӯӣ он даврaҳо низ шоёни ибрат будааст. Аз кирдору рафтори қаҳрамонҳои мусбати асар маълум мешавад, ки онҳо кирдори нек, рафтори нек ва пиндори некро авло дониста, ба муқобили қуввaҳои бадӣ баромад кардаанд.

Фирдавсии бузургвор дар ин бора чунин овардааст:

Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Китоби «Авасто» на танҳо китоби динӣ аст, балки он намунаи осори қадимаи хаттии халқҳои қадими Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, дар он суруд, афсонаҳо, таърих, илм, фарҳанг, достонҳои гуногун, асотир дарҷ ёфтаанд. Бинобар ин, китоби мазкур дорои аҳамияти беандоза буда, дар омӯзиши таърих ва фарҳанги одамони қадим сарчашмаи қиматбаҳост.

Ин китоби муқаддас, ки арзиши бебаҳо дошта, дар омӯзиши таърихи ниёгон аҳамияти бузург касб кардааст, чун сарчашмаи муҳими таърихӣ ва фарҳангӣ дар Ӯзбекистон қадр карда шудааст. Таҷлили 2700-солагии ҷашни «Авасто» бо қарори Девони Вазирон ва ташкилоти байналхалқии ЮНЕСКО тасдиқ карда шуд. Бахшида ба ин муносибат гузаронидани тадбирҳои гуногун, аз ҷумла чоп кардани асарҳои беҳтарин пешниҳод гардида буд. Ин иқдоми некро авастошиносони тоҷик низ дастгирӣ намуда, китобро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд.

Пурсиш ва супориш

1. Кадом намудҳои адабиёти бадеиро медонед?
2. Чаро адабиёти қадим то замони мо кам боқӣ мондааст?
4. Чаро «Авасто»-ро осори қадимаи хаттӣ меноманд?
5. Китоб аз тарафи кӣ ва чӣ гуна навишта шудааст?
6. Аҳамияти тарбиявии китоби «Авасто» аз чӣ иборат аст?
7. Дар бораи таҷлили 2700-солагии «Авасто» чӣ медонед?

Маълумот дар бораи асотир

Асотир дар бораи урфу одат, ақидаҳои динӣ ва тасаввуроти одамони давраҳои қадим оид ба пайдоиши дунё ва ҳаёт, воқеаю ҳодисаҳои табиат ва қаҳрамонҳои афсонавӣ нақл мекунад. Ҳамаи ривоятҳо, афсонаҳо, достонҳо асотирро ташкил медиҳанд.

Яке аз асотирҳои машҳури дунёи қадим дар бораи «Каюмарс» мебошад. Номи «Каюмарс» шакли тағйирёфтаи «Гайя маритан» аз китоби «Авасто» буда, дар шакли «Гев Марс», «Гаю марс» ва «Говмард» низ талаффуз шудааст.

Дар бораи Каюмарс ду хел миф вуҷуд дорад. Мувофиқи яке Аҳура Маздо (худои некӣ) Каюмарсро ба сифати инсони аввалин меофарад. Давоми сӣ сол ӯ дар кӯҳсор зиндагонӣ мекунад. Баъди он, ки Каюмарс вафот кард, аз аррапушти вай нутфае баромада, дар зери нурҳои Офтоб соф мегардад ва ба қабати хок медарояд. Пас аз чил сол дар рӯзҳои ҷашни Меҳргон нутфа аз зери хок дар шакли гиёҳи душоха баромада, аз шакли рустанӣ ба шакли инсонӣ табдил меёбад. Яке аз он нарина буда, Машия ва дигаре модина буда, Машиёна ном мегиранд. Онҳо ба ҳамдигар хеле монанд буданд. Дар синни панҷоҳсолагӣ онҳо зану шавҳар мешаванд. Пас аз нӯҳ моҳ аз онҳо ҷуфти нар ва мода тавлид меёбад. Аз ин ҷуфт ҳафт писару ҳафт духтар таваллуд мешаванд. Дар оянда аз ин ҷуфтҳо боз чанд ҷуфти дигар фарзанд таваллуд мешавад. Ҳамин тавр, аз рӯйи мифологияи мазкур гӯё ҳамаи одамони ҳафт кишвари ҷаҳон аз ҳамин ҷуфтҳо пайдо шудаанд.

Мувофиқи мифи дигар гӯё Каюмарс аввалин мавҷудоти зиндае будааст, ки Аҳура Маздо аз танаи гов ва мард, яъне одам офаридааст. Гов ва мард бо ҳамдигар гӯё тифоқ будаанд. Дар оянда говмардро гӯё Аҳриман (худои бадӣ) куштааст. Пас аз марги говмард аз нимаи говшакли ҷасади ӯ чандин намуд дон, сабзавот, гов ва ҳайвонот ба вуҷуд омада, аз қисми одамии он гӯё ҷинси зану мард пайдо шудааст. Мувофиқи ин миф гӯё говмард асоси ҳам инсон ва ҳам олами ҳайвоноту наботот будааст.

Мифи дигар аз китоби «Авасто» дар бораи Ҷамшед мебошад. Мувофиқи он Ҷамшед ҳукмдори одил буда, дар давраи ҳукмронии ӯ гӯё хунукиҳои зимистон, гуруснагӣ ва бемориҳои гуногун вуҷуд надоштааст. Ҷамшед бо ёрии

фариштаи об Аноҳито се маротиба дунёро васеъ карда, хелҳои одамон, чорво ва мурғонро зиёд кардааст. Лекин ногаҳон аз Аҳура Маздо хабар меояд, ки давоми се сол зимистони қаҳратун омада, ба тамоми наботот ва ҳайвонот зарар мерасонад. Барфҳову яхҳо низ об шуда, оламро об зер мекунад. Бо маслиҳати Аҳура Маздо Ҷамшед боғе бунёд мекунад ва чорвою паррандагон, ғалладонаву инсонро он ҷо мекӯчонад. Гирди боғро бо деворҳои баланд иҳота мекунад. Одамон дар он ҷо хонаву ҷой ва наҳрҳо месозанд. Ҳамин тавр, зиндагӣ боз давом меёбад.

Аз мазмуни ҳарду асотир ё мифология бармеояд, ки чӣ Каюмарс ва чӣ Ҷамшед наҷотдиҳандаи халқ, қаҳрамон ва ҳокими одил буда, халқро аз офатҳои табиӣ ва зулми худоҳои бад халос кардаанд. Дар ин ҷо офатҳои табиат агар «зулми табиӣ» бошад, худоҳои бадхоҳу бадкирдор «зулми иҷтимоӣ» мебошад. Одамон бо ин гуна асотири эҷодкардаи худ ба ҳаёти оянда бо назари ихлос менигаристанд. Худ ва оммаи халқро ба он бовар кунониданӣ мешуданд, ки бо қаҳрамонӣ ва кирдору рафтори нек аз болои ҳар гуна ҳодисаҳои табиат, зулму истибдод ғалаба ба даст овардан мумкин аст. Мубориза барои бахту саодат ва эътиқод ба қувваю ирода мазмун ва мақсади асосии асотирҳо аст.

Дертар мазмуни асотири гуногуни дар замони қадим эҷодшударо Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома»-и худ истифода кардааст.

Пурсиш ва супориш

1. Асотир чист?
2. Дар бораи мифи Каюмарс нақл кунед.
3. Мифи Ҷамшед ба кадом масъала бахшида шудааст?
4. Монандӣ ва фарқияти мифҳо оид ба Каюмарс ва Ҷамшед аз чӣ иборат аст?
6. Мақсади асосӣ аз гуфтани ин асотирҳо чӣ аст?
7. «Зулми табиӣ ва иҷтимоӣ» гуфта чиро мефаҳмед?
8. Оё дар замони мо низ чунин намудҳои зулм мавҷуд аст?
9. Мазмуни асотири Каюмарс ва Ҷамшедро ба дафтари адабиёт навишта гиред.
10. Китоби «Шоҳнома»-и Фирдавсиро аз назар гузаронед. Муайян кунед, ки мазмуни мифи Каюмарс ва Ҷамшед дар кадом достонҳои китоб истифода шудаанд.

Маълумот дар бораи сурудҳои қадима

Ҳанӯз дар асотири қадимаи халқҳои эронӣ, ёдгориҳои бостонии адабиёти паҳлавию монавӣ ситоиши қудрату тавоноии инсон ҷой доштанд. Дар «Авасто», ёдгории бостонии ниёгонамон бузургии инсони нерӯманду тавоно, диловару зебо ва ситоиши некиву некӯкории он, муборизаи ӯ бар зидди зиштиву торикӣ инъикос ёфтааст.

«Авасто» қадимтарин китобест, ки дар бораи мавҷуд будани сурудҳои халқӣ маълумот медиҳад, аз боби 28 то боби 53 онро «готҳо» — яъне сурудҳо ташкил додаанд. Лекин аз тамоми мундариҷаи ин китоб танҳо қисме боқӣ мондааст халос. Фасли «Ясно»-и китоб аз готҳо, яъне сурудҳо иборат буда, онҳо асосан сурудҳои мадҳиявӣ мебошанд. Ҳар як пайрави дини зардуштӣ бояд ин сурудҳоро аз ёд медонист. Зардуштиён бо чунин сурудҳои худ аз худои адолат илтимос мекарданд, ки ба бандагони худ мадад расонад. Масалан:

Аз куҷо ёбам паноҳ, ту паноҳ дорӣ маро,
Аз шарикон дур карданд, ту бигир дасти маро,
Не мадад аз ҳамкасону не тасалло аз насаб,
Не ҳимоят аз бузургон, ту худат донӣ маро,
Аз ту мепурсам мадад, эй Ҳурмузи бахту сафо.

Фасли дигари китоб бо номи «Яшт» низ готҳо дорад. Ин готҳо ба ситоиши худо ва мӯбадони он бахшида шудааст. Сурудҳои он бештар ба худои неъмат ва фаровонӣ Хварна тааллуқ доранд. Пайравони дини зардуштӣ ба қасрҳо ё ибодатхонаҳо сурати ҳайвонот ва парандагонро кашида, ба онҳо сағда мекарданд. Гузаштагони мо дар симои худои Хварна атокунандаи бахту саодатро медиданд. Маънои ин гуна готҳо дертар аз тарафи шоирон истифода гардидааст.

Дар китоби «Авасто» ҳамчунин образи Митра инъикос ёфтааст. Митра аз забони форсии қадим гирифта шуда, шакли имрӯзаи «Меҳр», яъне офтоб мебошад. Офтобро аз қадим бобоёни мо парастиш мекарданд. Онҳо гумон мекарданд, ки Офтоб шахси паҳлавони тавоноест, ки нур, гармӣ ва ҳаёт мебахшад. Дар кайҳон парвоз карда, ба дили душманон ваҳшат меандозад. Ӯро гӯё баҳодурони дигари

пурқадрат низ ҳамроҳӣ мекунанд, ки мисли худаш мағлубнашаванда, дар оташ насӯзанда, тирногузар ва дар об ғарқнашавандаанд. Сурудҳои ба Митра бахшидашуда низ тавоноӣ ва қудрату шуҷоати онро тараннум мекунанд.

Қаҳрамони дигар Аноҳито буда, қувваи поку беолоишро ифода мекунад. Ба ӯ ҳатто «бағдухт Аноҳита», яъне духтари худо Аноҳита ном ниҳодаанд. Дар симои ӯ рӯди софу осуда ва фариштаи об тасвир ёфтааст. Дар «Авасто» дар ин бора чунин навишта шудааст: «*Ин рӯд он қадар бузург аст, ки тамоми обҳои рӯи Замин, ки аз баландии кӯҳ ба баҳри «Фароҳ карт» мерезад, уқёнусро ба ҷӯшу хурӯш меорад. Он рӯд рӯдест, ки тамоми зимистону тобистон як хел равон аст. Аз вай ҳазор рӯд ва дарёҳо шохоб мегиранд... Як баҳри он қодир аст, ки саросари ҳафт кишварро сероб кунад. Дар атрофи ин баҳр ва рӯдҳо барои Аноҳита қасрҳои ҳазорсутун, ҳазордарича ва дарахтон мавҷуд аст*».

Худи Аноҳита ҳамчун зани хушандом ва зебо тасвир шуда, гӯё ба аробаи худ нишаста чор аспи якрангро меронад. Ӯро ҷавоҳирот ва тоҷи заррин зеб медиҳад. Дар симои Аноҳита маъбудаи об, Замин ва ҳосил тасвир шудааст.

Хулоса, чӣ Митра ва чӣ Аноҳита шакли одамӣ дошта, дар симои онҳо одамон эзиди ҳосил, замин, об ва ҳаётро дидаанд. Орзуҳои неки худро ба онҳо вобаста дониста, дар васфи онҳо сурудҳои гуногун эҷод намудаанд.

Пурсиш ва супориш

1. Готҳо чист ва онҳо дар кадом фаслҳои китоби «Авасто» омадаанд?
2. Образи Митраро тавсиф кунед.
3. Дар симои худои Аноҳита кадом хислатҳо таҷассум ёфтаанд?
4. Чаро одамон дар симои қаҳрамонҳои одамшакли офаридаи худ қувваҳои табииро ифода мекарданд?
5. Бо кадом мақсад чунин сурудҳо офарида мешуданд?

Осорҳои қадимӣ

Ғайр аз «Авасто» ҳамчунин осорҳои қадимии суғдӣ ва парфиёнӣ низ то замони мо омада расидаанд, ки яке аз онҳо «Аяткори Зарерон» ё худ

«Ёдгори Зарирон» мебошад. Асари номбурдаро соли 1890 эроншиноси фарангӣ Э. Беневист ба нашр омода кардааст. Мувофиқи хулосаҳои илмии ӯ асари мазкур аввалин достони давраи сулолаи аршакиҳо (ашкониён) будааст. Дар он сухан дар бораи чӣ тавр дини зардуштиро қабул кардани подшоҳи Балх Виштосп меравад. Мувофиқи нақли достон гӯё подшоҳи бодиянишинони тӯронӣ Арҷосп, ки душмани Виштосп будааст, ба назди ӯ сафири худро фиристода, талаб кардааст ки: «агар Виштосп таклифҳои Арҷоспро қабул накунад, лашкари бузургеро мефиристонад, ки ҳамаи кабудиҳоро мехӯранд, ҳамаи хушкиҳоро месӯзонанд, ҳамаи чорвоҳоро мебаранд, онҳоро ба ғуломӣ мегиранд ва маҷбур мекунанд, ки корҳои вазнинро ба ҷо оранд». Виштосп ин таҳдидҳоро шунида дудила мешавад, вале Зарири паҳлавон рухсат мепурсад, ки ба мактуби таҳдидомез чунин ҷавоб дода шавад:

Дар назди бешаи Сафед
Ба Марви зардуштӣ,
Ки на кӯҳ ҳасту на дарё,
Дар ҳамон тахтзамини Хамун,
Ки дар он ҷо аспҳо метавонанд гурезанд,
Шумо ба он ҷо аз он тараф меоед,
Вале мо аз ин тараф меоем.
Шумо моро мебинед,
Мо шуморо мебинем.
Ва он гаҳ мо ба шумо нишон медиҳем, ки
Девро чӣ тавр мекушанд.

Сафир ин ҷавоби хаттиро гирифта меравад. Виштосп фармон медиҳад, ки дар кӯҳҳо оташи огоҳӣ (сигнал) афрӯхта, эълон кунанд, ки ҳамаи мардони аз ҳашт то ҳаштодсола ҷамъ шаванд. Лашкари бузурге бо филу аспу ароба ҷамъ мешавад. Ҳатто парандаҳо ба худ ҷой намеёфтанд. Подшоҳ фармон медиҳад, ки урдугоҳ зада, Ҷомоспи хирадмандро даъват кунанд ва ба ӯ мегӯяд:

Ту медонӣ,
Кай борон меборад.
Чанд қатра ба замин мечакад,
Ва чанд чакра ба болои чакра.
Кай алафҳо мешукуфанд,

Кадом гул рӯзона.
Кадомаш шабона.
Ту абрҳоро ҳам медонӣ,
Чӣ гуна обро мебарад.
Гӯй, ки фардо чӣ мешавад:
Аз писарон ва бародарон
Ки зинда мемонад, кӣ мемурад?

Ҷомосп ҷавоб медиҳад: «*Ман беҳтар, ки аз модар таваллуд намешудам, акнун ки таваллуд шудаам, беҳтар, ки дар ягон ҷойи дур мемурдам, то ки подшоҳ ба ман ин гуна саволро намедод, зеро ман дар ин бора ба ту чизе гуфтан намехоҳам*». Лекин подшоҳ бо илтиҷо розӣ мекунад, ки ба ин саволҳо ҷавоб диҳад. Хирадманд розӣ мешавад, вале илтимос мекунад, ки подшоҳ аскарони худро аз назди чодар ба андозаи якуним тири камон дур баранд. Он гоҳ Ҷомосп мегӯяд: «*Рӯзе аскарон задухӯрд мекунанд, бисёр модарон аз фарзандонашон маҳрум мешаванд, бисёр писарон бе падар мемонанд, бисёр бародарон бародаронашонро гум мекунанд, бисёр занон шавҳаронашонро аз даст медиҳанд... Ҷодугари Видрафш омада ба ҷанг медарояд ва бо макр Зарири сипаҳбади далерро мекушад ва аспи ӯро мебарад*». Виштасп ин суханонро шунида аз ҷой бармехезад ва ба Ҷомосп ҳуҷум карда мегӯяд:

Лаънат ба ту,
Ғуломи мурдори ҷодугарон!
Модари ту ҳам ҷодугар буд,
Падарат ҳам бутпараст буд.

Агар қасам ёд намекардам, ҳозир туро аз сар ҷудо месохтам. Аммо ҳаким оромона мегӯяд, ки ӯ ба тахташ бишинад, чунки он чизе ки бояд рӯй диҳад, рӯй медиҳад. Виштосп якравӣ мекунад. Аскарони ӯ омада мегӯянд, ки онҳо тайёр ҳастанд бо душманон муҳориба оғоз кунанд. Виштосп фармон медиҳад, ки қасри биринҷӣ созанд то ки дар вақти зарурат дар он ҷо пинҳон шаванд.

Ҷанг оғоз мешавад ва муҳорибаҳо хеле давом мекунанд. Лекин воқеаҳои ҷанг то ба охир нарасида матни он тамом мешавад, чунки давоми он то ба мо нарасидааст.

«Дарахти Асурик» (Осурӣ) чун яке аз намунаҳои адабиёти парфиягиҳо маълум мебошад. Ин китоб дар бораи

ҳаёт, маҳсулот, истеҳсолот ва рӯзгори давраҳои қадим маълумот медиҳад. Мувофиқи мазмуни он дарахте, ки дар Сурия месабзад, ба бузи гӯё мегӯяд: «Одамони одил ба дарахти баланд монанданд. Ман дар бисёр масъала аз ту афзалият дорам. Дар кишвари Хварнис[1] дарахте баробари ман нест, зеро вақте ки ман дубора ҳосил медиҳам, меваҳои маро шоҳ мехӯрад. Ман фарши заврақам. Ман бофтаи (асоси) заврақ. Аз ман қорӯбча месозанд, ки бо он хона ва ҳавлиро мерӯбанд. Аз ман ӯғурча карда, қав ва биринҷ мекӯбанд. Аз ман боддарои пуфкунандаи оташ месозанд. Ман қуроби (пайпоқи) деҳқонам. Ман як қуфт кафш (чӯбин) барои пойлучҳо мебошам. Аз ман арғамчин мебофанд, ки бо он пойи туро мебанданд. Аз ман таёқ (асо) месозанд, ки гардани туро «мебӯсад». Аз ман мехи чӯбин месозанд, ки ба он туро меовезанд. Вақте ки туро дар сих бирён мекунанд, ман шохҳои хушкам. Ман дар болои сари ҳокимон сояи тобистонам, ман қанди деҳқон, асали ҳоким, аз ман аслиҳа месозанд, ман қуттии доруи донишмандам, ки аз шаҳр ба шаҳр ва аз табиб ба табиб мебаранд. Ман лонаи парандагонам. Ман ба коркунони мондашуда соя меандозам, зеро дар замини тоза сабзидаам, одамони қадри маро дониста, ба муқобили ман кори бад (гуноҳ) намекунанд. Ман орзу мекунам, ки қараёни заррин биёяд, то ки мардумоне, ки май ва нони хӯрданӣ надоранд, меваҳои маро хӯранд, ки сарҳояш овезон аст».

Пас аз ин суханҳо буз бо дарахт ба мунозира мебарояд. Хулоса, аз муколамаи буз ва дарахт ифтихори меҳнаткашон аз ҳаёти хуб ба ҳаёти муфтхӯрон ва худписандон зид гузошта шудааст. Достон бо суханҳои ҳаҷвомез дар бораи зиндагии халқ нақл мекунад.

Дар забони паҳлавӣ низ адабиёти бадеӣ навишта шуда, бештар масъалаҳои панду ахлоқиро дар бар гирифтаанд. Яке аз чунин асарҳо «Андарзи Атурпата Маҳраспандон» мебошад, ки ба писараш Заратухшт бахшида шудааст. Ҳамчунин «Авёткори Ҷомоспик» (асри IV) асари пандномавӣ буда, дар он муколамаи Виштосп ва домоди Зардушт Ҷомосп оварда шудааст. Асари дигар тарҷумаи «Панҷатан-

[1] *Хварнис* — номи яке аз ҳафт кишвар дар «Авасто».

ра»-и ҳиндӣ («Калилаву Димна») буда, бо ташаббуси табиби сосониён Барзуи Нишопурӣ ба даст омадааст.

«Калила ва Димна» дар байни ҳикоятҳое, ки ба адабиёти форсу тоҷик аз мероси адабии халқҳои дигари Шарқ тарҷума шуда, дохил шудааст, машҳуртарин аст.

Дар сарчашмаҳои таърихии адабӣ ҳикоят мекунанд, ки ҳукмрони сулолаи Сосониён Хусрави Анӯшервон (531—579) шунидааст, ки дар кӯҳҳои Ҳинд гиёҳе меруёидааст, ки агар онро ба мурда диҳанд, зинда мешудааст. Анӯшервон Барзуя ном ҳакими худро ба Ҳинд мефиристад, то ки он гиёҳро ба даст орад. Барзуя ба Ҳиндустон меравад ва ҳарчанд ҷустуҷӯй мекунад, аммо аз ин гиёҳ асаре пайдо намешавад. Аз донишманди кӯҳансоли Ҳинд сирри ин «гиёҳи ҷонбахш»-ро мефаҳмад: гиёҳи ҷонбахш китоби «Калила ва Димна» будааст, ки онро донишмандони Ҳинд таълиф намудаанд. Суханҳои хирадмандона ва пандомӯзи ин китоб нодону бедонишро, ки чун мурдаанд, донову бино мекардааст. Барзуя ин асарро пайдо мекунад ва нусхае аз он бардошта ба Эрон, назди Анӯшервон меорад.

Ҳикояти «Калила ва Димна» таърихи қариб дуҳазорсола дорад ва дар муддати бист аср ба чандин забонҳо тарҷума ва таҳрир шудааст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки китоби «Калила ва Димна» дар асри X бо амри вазири донишманди Сомониён Абулфазли Балъамӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шуда ва аз рӯи ҳамин тарҷума Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин қиссаро ба шеър даровардааст.

Ҳамин тариқ, асарҳои зиёде, ки бо забонҳои гуногуни паҳлавӣ ва сосонӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон эҷод шуда буданд, ба ташаккули забони тоҷикӣ-дарӣ дар шакли забони адабии имрӯза замина гузоштаанд.

Дар замонҳои қадим дар давроне, ки ҳоло шеъри мумтози оламшумули форсӣ-тоҷикӣ ба вуҷуд наёмада буд, шоирони тоҷик ба лаҳҷаҳои маҳаллии худ эҷод мекарданд. Номи баъзеи онҳо ва намунаҳои ашъорашон дар манбаъҳо зикр шуда, то ба имрӯз омада расидаанд. Онҳо аз ҷумлаи аввалин сухансароёни халқҳои эронӣ мебошанд, ки дар асрҳои аввали ҳукмронии ислом ва ҷорӣ гардидани забони арабӣ дар ҳамаи риштаҳои илму адаб ба забони маҳаллии модарии худ сухан офарида, шеърҳо гуфтаанд. Ин иқдоми онҳо, ки

бешубҳа аз ҳисси ватанпарварӣ ба амал омадааст, ба пайдоиши назм ба забони форсии дарӣ (тоҷикии имрӯза) дар Хуросон ва Мовароуннаҳр замина гузошта буд.

Аз байни чунин сухангӯёне, ки баробари арабинависӣ ба эҷоди шеърҳо ба забони модарии худ низ даст задаанд, Абулянбағӣ Аббос бинни Тархон ном шоири Самарқанд низ будааст. Самарқандӣ будани ӯ на танҳо аз як шеъри боқӣ мондааш, балки аз номи падараш (Тархон) маълум мешавад. Номи ин шоир дар байни адабиётшиносон хуб маълум аст. Аз рӯи маълумоти манбаъҳои адабӣ Абулянбағӣ асосан шоири арабизабон буда, дар Бағдод — маркази хилофати араб дар дастгоҳи Бармакиён вазирони машҳури эронинажоди халифаҳои Аббосӣ хидмат мекардааст. Ду байте, ки ӯ ба забони модариаш гуфтааст, дар ин шаҳр эҷод шудааст.

Самарқанди қандманд,
Бад-инат кӣ афканд.
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хеҳӣ.

Равшан аст, ки ин шеър ба забони ҳамон давраи мардуми Самарқанд гуфта шудааст ва шеъри ватанпарвароная ст, ки аз тарафи як нафар фарзанди Самарқанд бо ҳиссиёти саршор аз дилсӯзӣ ва меҳру муҳаббат нисбати шаҳри худаш гуфта шудааст.

Хулоса, халқҳои сарзамини мо дорои фарҳанг ва адабиёти бой буда, шеърҳои дар замонҳои қадим эҷодшуда дар шакли суруд ва достонҳо то ба мо расидаанд. Ҳамчунин шоирон дертар аз мазмуни китобҳои қадимтарин дар асарҳои худ истифода бурда, беҳтарин намунаҳои достонҳои қаҳрамонӣ ва лирикӣ офаридаанд.

Пурсиш ва супориш

1. Дар бораи асари «Ёдгори Зарирон» чӣ медонед?
2. Мазмуни асарро нақл кунед.
3. «Дарахти Асурик» муколамаи чиҳоро дар бар гирифтааст?
4. Аз адабиёти қадимаи паҳлавӣ боз кадом асарҳо то ба имрӯз расидаанд?
5. Асоси асари «Калила ва Димна»-ро чӣ ташкил медиҳад?

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АСАРҲОИ ПАНДУ АХЛОҚӢ ВА ТАМСИЛӢ

Андешаву афкори ахлоқиву башардӯстӣ дар адабиёти бадеӣ бо роҳу равиши гуногун ифода мешавад ва яке аз онҳо ба тариқи панду андарз баён намудани онҳост.

Чунин ҳикмат ва андешаҳои ахлоқӣ саросари асарҳои шоирони классикро ташкил додаанд. Масалан, дар маснавиҳои Низомии Ганҷавӣ варақеро наметавон ёфт, ки он фарогири андарзе, ҳикмате ва ё мақолу зарбулмасали халқие набошад. Дар ин бора худи шоир таъкид намуда мегӯяд:

Зи панди бузургон набояд гузашт,
Суханро варақ дарнабояд навашт.
Ки чун озмуда шавад рӯзгор,
Ба ёдат ояд панди омӯзгор.

Василаи асосӣ ва хеле муносиби ифодаи афкору андешаи инсондӯстӣ тамсилу масал мебошад.

Панд — фикри ҳикматомез ва суфтае мебошад, ки аз умумияти таҷрибаи рӯзгор баромада, ба тарзи насиҳат ва маслиҳат дар шаклҳои шеър, ҳикоят ё ҷумлаҳо ифода гардидааст. Ахлоқ — маҷмӯи қоидаҳои рафтору кирдори барои умум пазируфташудаи инсон мебошад. Панду ахлоқ дар асарҳои намояндагони адабиёти классикии тоҷик хеле зиёд вомехӯрад. Онҳо панду насиҳат ва афкори ахлоқии худро бештар дар асарҳои пандномавии худ овардаанд, ки дар шакли назм ё наср навишта шудааст. Дар ин гуна асарҳо бо ибораҳои барҷаста ва ҳикоятҳои хурди пурмазмун пандҳои ахлоқӣ оварда шудаанд. Ба онҳо «Панднома»-и Фаридуддини Аттор, «Панднома»-и Луқмони Ҳакими афсонавӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомиро мисол овардан мумкин аст.

Яке аз суханварон ва мутафаккирони шинохта, ки асарҳояш саропо аз панду андарзҳо ва андешаҳои волои ахлоқӣ иборатанд,

Фаридуддини Аттор мебошад. Ӯ паёмҳои ахлоқии худро барои расидан ба рутбаи камоли инсонӣ воситаи асосӣ мешуморад.

Дурӯғу каж магӯ дар ҳеҷ роҳе,
Ки набвад з-ин бештар ҳаргиз гуноҳе.

* * *

Касеро имтиҳон нокарда сад бор,
Магардонаш бари худ соҳибасрор.

* * *

Макун ғайбат, мадеҳ беҳуда дашном,
Ки дар ҳасрат фурӯ монӣ саранҷом.

Тамсил калимаи арабӣ буда, маънои намуна овардан, мисол нишон додан аз асарҳои маънавиро дорад. Нависанда дар асар барои тасдиқ кардан, пурқувват ва равшанӣ андохтан ба фикри худ аз ягон воқеаю ҳодисаи зиндагӣ ё ягон сухани ҳикматомезу пандомӯз мисол меоварад. Масалан, дар байти зер Ҳофиз ибораи «Гул бе хор намешавад»-ро, ки зарбулмасал аст, моҳирона истифода кардааст:

Маншаи ҳикоёти тамсилии пандомӯз Шарқ аст. Гарчи ибдои ин навъи адабиро ба Изоп — бардаи юнонӣ нисбат додаанд, аммо ҳазорон сол пеш аз вай дар Мисру Ҳинд намунаҳое аз он вуҷуд доштааст. «Панчатандра» (Панҷ мавқеият барои доно шудан) қадимтарин маҷмӯаи ҳикоёти тамсилӣ дар адабиёти Ҳинд аст, ки баъдҳо бо номи «Калила ва Димна» ва «Достонҳои Бидпой» ба форсӣ ва арабӣ тарҷума шудааст.

Адабиёти тоҷик пур аз ҳикоёти тамсилии зебову гаронбаҳост. «Калила ва Димна»-и Насруллоҳи Муншӣ, «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, маснавиҳои Аттор, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва бисёре аз китобҳои ахлоқиву ирфонӣ саршор аз қиссаҳо ва нуктаҳои тамсилӣ аст.

Ҳофиз, аз боди хазон дар чамани даҳр маранҷ,
Фикри маъқул мафармо, гули бехор куҷост?

Дар адабиёти классикӣ тамсил дар назми фалсафию ахлоқӣ бисёртар истифода шуда, шоир барои пуртаъсир кардани панд, фикр ё нуқтаи назари худ ягон ҳикоятеро меовард. Чунин ҳикоятҳо дар асарҳои Саъдӣ, Низомии Ганҷавӣ, Румӣ, Саноӣ, Аттор хеле бисёранд.

ХИЗМАТИ ХИРСОНА

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

Як боғбон буд. Вай муддатҳо ба хелҳои зироату дарахтон машғул гардида, умри азизи худро дар бунёди боғу бӯстон сарф намуда буд. Ӯ боғи зебо ва пурмевае дошт. Боғбон на марги падарро медонист, на ғами фарзандро, рӯзгор ба танҳоӣ мегузаронд. Рӯзе аз ваҳшати танҳоӣ ба танг омада бағоят малул шуд.

Алқисса, аз олами танҳоӣ озурдахотир гашта, ба дашт рафт ва дар домани кӯҳе сайр менамуд. Иттифоқо, хирсе зиштсират, қабеҳсурат, нопоктинат низ ба сабаби танҳоӣ аз фарози кӯҳ рӯ ба нишеб ниҳода буд. Баробари мулоқот намудан аз ду тараф силсилаи муҳаббат дар ҳаракат омад ва дили боғбон ба сӯҳбати хирс моил гардид. Хирси нодида ишораҳои марди деҳқонро мушоҳида намуда, ба куллӣ вобастаи сӯҳбати ӯ шуд ва ба андак ишорате сар дар пайи ӯ ниҳода ба он боғи биҳиштосо даромад. Ба инъом ва ташрифи он меваҳои латиф дӯстӣ дар миёни онҳо маҳкамтар шуда, бехи ниҳоли муҳаббат дар замини дили ҳар як мустаҳкам гашт. Ҳаргаҳ ки боғбон аз ғояти сустӣ ва мондашавӣ дар сояе сар ба болини роҳат мениҳод, хирс аз рӯйи дилсӯзӣ ба сари болини ӯ нишаста, пашшаҳоро аз рӯи он меронд.

Рӯзе аз рӯзҳо боғбон ба одати ҳаррӯза дар сояи дарахте хобида буд. Магаси (пашшаи) бисёре ба рӯйи ӯ ҷамъ шуданд. Хирс ба магасронӣ машғул шуд. Вале ҳарчанд пашшаҳоро меронд, боз зиёдтар меомаданд ва ба сару рӯйи боғбон ҷамъ мешуданд. Хирс ошуфта шуда ва санге ба қадри бист ман бардошта, ба қасди он ки пашшаҳоро мекушам, ба рӯйи боғбони бечора зад. Пашшаҳо ба ҳар тараф париданд ва онҳоро осебе нарасид, аммо сари боғбон ба хок яксон шуд. Аз ин ҷо, бузургон гуфтаанд, ки ба ҳар ҳол душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст.

ҲИКОЯТ ДАР БОРАИ ПОДШОҲ ВА ЗАНБӮРИ АСАЛ

Дар мамлакати Чин подшоҳи адолатпарваре буд, ки ӯро Ҳумоюнфол мегуфтанд. Ӯ Ҳуҷастарой ном вазири донишманд ва соҳибтадбире дошт. Рӯзе шоҳу вазир бо лашкари бисёр ба азми шикор баромаданд ва рӯзи дароз дар дашту кӯҳсор аз ҷонварону ҳайвонот сайд намуданд. Ҳангоме ки шоҳ аз шикор фориғ шуд, лашкари худро ҷавоб дод ва бо вазиру чанд тан аз сипоҳиён ба тарафи шаҳр равона шуд.

Ҳаво ниҳоят гарм буд ва роҳ рафтан басо душвор омад. Ҳумоюнфол ба Ҳуҷастарой таклиф намуд, ки дар ин ҳавои гарм дар ягон ҷои соя каме истироҳат намуда, пас ба роҳ дароянд. Ҳуҷастарой ӯро ба домани кӯҳе, ки марғзори сабзу хуррам ва чашмасорони бешумор дошт, овард. Онҳо дар пеши чашмаҳо ва дар сояи дарахтҳо нишастанд ва аз ин манзараи дилрабои табиат лаззат гирифта истироҳат мекарданд.

Дар марғзор дарахти кӯҳнаи себ буд, ки аз нашъунамо бозмонда ва танаи ӯ аз мурури замон ва захми кирмон холӣ шуда буд. Дар ковокии ин дарахт занбӯрҳои асал хона сохта буданд ва пайваста дар атрофи он таку дав намуда, ба навбату тартиб даробуро мекарданд. Ҳумоюнфол, ки ин ҳолро пеш аз ин надида буд, чӣ будани ин занбӯрҳо ва сабаби таку дави онҳоро аз вазири худ пурсид.

Ҳуҷастарой ҷавоб дод:

— Ин занбӯрҳо гурӯҳеанд, ки манфиати бисёру зарари андак доранд. Онҳо подшоҳе доранд, ки ба ҷусса аз онҳо бузургтар аст ва ҳамаи онҳо ба ӯ сари итоат хам кардаанд. Ӯ барои идораи онҳо вазир, хоҷиб, дарбон, посбон ва нақиби лашкар таъин намудааст. Ҳар як аз ин занбӯрҳо барои худ аз мум хонаи шашкунҷае сохта, пас ба ҳукми султонашон аз хонаҳояшон берун меоянд. Амирашон мефармояд, ки онҳо тани худро ба ҳар чизи нопок олуда насозанд. Аз ин сабаб онҳо фақат болои гулу шукуфаҳои тоза нишаста, гардҳои онҳоро мехӯранд. Аз гарди гулу шукуфаҳо дар дохили онҳо шарбате ҳосил мешавад. Вақте ки ба хонаҳои худ меоянд, дарбонон онҳоро тафтиш мекунанд, агар ма-

бодо аз онҳо бӯи баде ояд, ҳамон замон онҳоро дупора карда мекушанд. Агар дарбонон тағофул кунанд ва дар ҳамин ҳол онҳоро ба хона роҳ диҳанд, подшоҳ аз ин бӯи бад хабардор шуда, ҳам он занбӯр ва ҳам он дарбонро мекушад. Агар фарзанди занбӯре аз занбӯрхонаи дигар ба хонаи онҳо даромаданӣ шавад, онро манъ мекунанд, агар гӯш накунад, ӯро низ ба қатл мерасонанд. Ривоят мекунанд, ки Ҷамшед тарзи давлатдории худро ба усули ҳамин занбӯрҳо сохта будааст.

Ҳумоюнфол аз ин суханони Ҳуҷастарой дар ҳайрат монда гуфт:

— Аҷаб дар он аст, ки бо вуҷуди сирати ҳайвонӣ дошта нашон якдигарро озор намедиҳанд ва ҳар чанд неш дошта бошанд ҳам, ҳосили он фақат шарбати нӯш аст. Мо дар байни одамон хилофи ин одатро мебинем, ки ҷамъе аз онҳо ба гурӯҳи дигаре зарар мерасонанд ва мехоҳанд, ки бунёди ҳамчун худро барандозанд.

Пас шоҳу вазир аз ахлоқи инсонӣ ва муносибати одамон бо ҳамдигар хеле сӯҳбатҳо карданд. Ҳуҷастарой дар ин фурсат ба шоҳ машварату насиҳат дод, ки кори давлатро ба чӣ тарз бояд бурд ва дар муомила ба раият ва зердастон чӣ гуна бояд буд...

Мазмун аз «Калила ва Димна»

Пурсиш ва супориш

1. Панду ахлоқ чист?
2. Асарҳои панду ахлоқӣ бо кадом мақсад навишта мешаванд?
3. Тамсилро шарҳ диҳед.
4. Кадом асарҳои панду ахлоқиро медонед?
5. Ҳикояти «Хизмати хирсона»-ро хонед. Оё дар он тамсил истифода шудааст? Хусусиятҳои панду ахлоқии онро номбар кунед.
6. Аз кадом ҷиҳат асари «Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ»-ро асари панду ахлоқӣ гуфтан мумкин аст?
7. Ҳикоятро дар барои подшоҳ ва занбӯри асал хонед ва хулосаҳои худро гӯед.

ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК



АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ (858 — 941)

Гар сарӣ ёбад ба олам кас
ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро ба сари он шоирон
зебад сарӣ.

Рашидии Самарқандӣ

Зиндагӣ шахсонеро бузург медорад, ки аз таҷрибаи ширину талхи рӯзгор баҳра бардошта, хулосаҳои муҳими ин таҷрибаро чун сабақ барои умум ташвиқ менамоянд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз зумраи чунин шахсоне аст, ки зиндагии сермазмун ва пур аз пастиву баландиро паси сар намуда, осори басо бою рангине пур аз панду насиҳати ибратомӯз боқӣ гузоштааст. Роҷеъ ба зиндагиномаи шоир, хусусан доир ба эҷодиёти вай маълумотҳои фаровонеро аз асарҳои таърихӣ, тазкираҳо ва инчунин аз ишораҳои шахсии ӯ дар эҷодиёташ ҷамъ овардан мумкин аст.

Олимон пеш аз он, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоири маъруф ба хулосае оянд, тамоми ашъори худи ӯ ва ҳамзамононаш, ҳамчунин осори муаррихон, ҷуғрофидонон ва саёҳатчиёни ҳамзамони ӯро пурра аз худ намудаанд. Дар асоси тадқиқотҳои онҳо маълум мешавад, ки Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Муҳаммади Рӯдакӣ соли 858 дар деҳаи зебоманзари Панҷрӯд, ки дар иҳотаи кӯҳҳои баланди наздикии шаҳри овозадори Самарқанд воқеъ аст, ба дунё омад. Аз ин ҷост, ки ӯ баъдтар бо нисбати Рӯдакии Самарқандӣ шӯҳрат пайдо кард.

Дар бораи айёми кӯдакии шоир маълумоти муфассал кам аст. Аз баъзе сарчашмаҳо маълум мешавад, ки давраи наврасии Рӯдакӣ дар худи зодгоҳаш гузаштааст. Истеъдоди баланди модарзодии вайро пай бурда, падару модар ба таҳсилаш таваҷҷӯҳи хос зоҳир намудаанд. Дар аксарияти тазкираҳо муаллифон таъкид кардаанд, ки Рӯдакӣ соҳиби

истеъдоди фавқулодда буда, дар синни ҳаштсолагӣ аллакай Қуръонро пурра аз ёд карда будааст. Муҳаммад Авфӣ дар ин бора чунин овардааст: «чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамоман ҳифз кард ва қироат биёмӯхт ва шеър гуфтан гирифт ва маъонии дақиқ мегуфт... Ва ӯро Офардигори таъоло овозе х(в)аш (яъне, хуш) ва савте дилкаш дода буд ва ба сабаби овоз дар мутрибӣ афтода буд ва аз Абулаббоси Бахтиёр, ки дар он санъат соҳибихтиёр буд, барбат биёмӯхт ва дар он моҳир шуд ва овозаи ӯ ба атрофу акнофи олам бирасид».

Дертар ӯ дар яке аз мадрасаҳои шаҳри Самарқанд таҳсил гирифта, аз асрори илмҳои замона огоҳии комил ба даст овардааст. Чун ӯ аз хурдӣ ба суруд ва мусиқӣ рағбати калон зоҳир намуда буд, ҳамин шавқ ва майли қатъӣ ӯро дар баробари табъи баланди шоирӣ бо мусиқидонӣ ва овози марғубу форам шӯҳрати шоиста додааст.

Баъди аз тарафи Исмоил бинни Аҳмади Сомонӣ ташкил шудани давлати мутамаркази ягонаи Сомониён бо даъвати яке аз вазирони фозил ва донишманд Абулфазли Балъамӣ Рӯдакӣ аз Самарқанд ба Бухоро рафтааст. Шоири ҷавон дар Бухоро ҳамчун надими амирон, маликушшуарои дарбори Сомониён ва устоди адибони замонаш маҳбубият пайдо карда, то давраи пирӣ дар хизмати онҳо будааст. Бинобар тазаккури шоирони он замон ва аз қавли худи шоир маълум мешавад, ки Рӯдакӣ ба хизмати дарбор камбағалу нодор омада, тадриҷан соҳиби мартаба, молу мулк ва шӯҳрат гардидааст. Аз дарбори Сомониён Рӯдакӣ на танҳо манфиати моддӣ, балки манфиати фаровони маънавӣ низ гирифтааст. Рӯдакӣ ҳамчун надими амирон онҳоро ҳамеша дар сафарҳои дарборӣ ҳамроҳӣ мекардааст.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» ном асараш дар бораи таърихи суруда шудани қасидаи машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва таъсири фавқулоддаи сухани шоир таъкид намудааст. Маълум мешавад, ки Наср ибни Аҳмад дар яке аз сафарҳояш ба Ҳирот муддати чор сол он ҷо мемонад, ки ин боиси нороҳатии лашкариёну ҳамроҳони амир мегардад. Ҳеҷ василае барои баргардонидани амир ба пойтахт кӯмак расонида наметавонад. Ниҳоят гурӯҳи

амалдорон ба Рӯдакӣ муроҷиат мекунанд ва ӯ суруди мазкурро бо оҳанги бастааш дар пардаи ушшоқ ҳангоми базм месарояд:

Бӯйи Ҷуйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме...

Суруд ба поён нарасида «амир чунон мунфаил гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ овард ва рӯй ба Бухоро ниҳод». Ин ҳодиса нишон медиҳад, ҳам устод Рӯдакӣ устоди волои сухан аст ва ҳам амир аз шеъру шеърфаҳмӣ орӣ нест.

Пас аз истилои арабҳо дар Аҷам Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аввалин шоири бузурге буд, ки бо забони тоҷикӣ шеър навиштааст. Эҷодиёти вай аз ҷиҳати нигориши забонӣ нарму равон буда, аз ҷиҳати маънӣ хеле пухтаанд. Рӯдакӣ аввалин касе буд, ки дар замони тираву фазои ғуборолуди фарҳангӣ тавонист аз тамоми назокату фасоҳати забони тоҷикии форсӣ истифода бурда, ба ин забон шеър офарад. Ба туфайли чунин заҳмату ғайрат Рӯдакӣ дар осмони фарҳанги форсу тоҷик ситораи тобон гардид.

Айёми пирӣ ҳам Рӯдакӣ дар ҳаёти пурҷӯшу хурӯши дарбор иштирок доштааст. Вале акнун таҳаввулоти сиёсии ҷомиа шоирро ба сахтию маҳрумиҳо, мӯҳтоҷию нокомиҳо мувоҷеҳ сохтаанд. Соли 938 дар Бухоро табаддулоти давлатӣ рӯй дода тарафдорони подшоҳ ва вазир Балъамӣ, ки аз вазифаҳои худ дур карда шуда буданд, ба ҷазои сахт гирифтор мешаванд. Дар рафти ин ҳодисаҳо Рӯдакӣ низ ба ҷазои сахт дучор гардида, ба чашмони ӯ мил кашида, ӯро якумрӣ ба нобиноӣ ҳукм мекунанд. Илова бар ин молу мулки шоир пурра мусодира мегардад.

Солҳои вопасини зиндагӣ мушкилтарин давраи ҳаёти шоир ба шумор меравад. Дӯстону ёрони бешумор аз вай канора ҷуста, ӯро танҳо мемонанд. Дар ин бора шоир чунин нигоштааст:

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад.
В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм,
Як қатраи об дар лабам кас накунад.

Шоири маъруф солҳои охири умри худро дар зодгоҳаш гузаронидааст. Маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пас аз се соли табаддулоти давлатӣ ва сустшавии пояҳои давлати бузургу марказонидашудаи Сомониён соли 941 дар синни 83-солагӣ аз олам чашм пӯшидааст.

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Гул бирезад, марезад аз вай бӯй...

Мероси адабӣ

Рӯдакӣ барҳақ поягузори шеъри тоҷик шинохта шудааст.

Аз рӯи гуфти муҳаққиқон устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз пуркортарину пурсамартарин шоирони олам низ будааст. Шеъри зерини Рашидии Самарқандӣ гувоҳи гуфтаҳои болоянд:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.
Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳам фузун ояд агар чунон ки бояд бишмарӣ.

Ашъори шоир басо доманадор буда, назм жанри асосии он мебошад. Ӯ қасида, маснавӣ, марсия, ғазал, рубоӣ ва қитъаҳои зиёде навиштааст. Вале, мутаассифона, аз он ганҷи азими сухан то ба замони мо танҳо наздик ба ҳазор байт шеър боқӣ мондааст. Қисме аз мероси адабии ӯ чун «Калила ва Димна», «Синдбоднома», «Даврони Офтоб», «Ароис уннафоис» то ба мо расидаанд. Асари машҳури ӯ «Калила ва Димна» мавзӯи панду ахлоқро дар бар гирифта, барои ворисони имрӯзаи шоир ҳамагӣ бештар аз 100 байти вай омада расидааст.

Эҷодиёти ӯ намунаи олии инъикоси воқеият аст. Ӯ дар шеърҳояш оммаи халқро мазлум, ғамгин, азобдида, гирёну дилхун, асири дасти давлатмандон тасвир намудааст. Зарурати омӯхтани илму адаб, равнақи фарҳанг ва такмилу тавсифи дониш низ дар асарҳои шоир мавқеи асосӣ доранд. Ақидаҳои тарбиявӣ ҳам эҷодиёти ӯро саропо фаро гирифтаанд. Аз ҷумла, Рӯдакӣ падаронеро, ки худ донишманду ба тақдири фарзанд бетафовутанд, сарзаниш карда

мегӯяд, ки онҳо бояд илми худро ба фарзандон ёд дода, дар тарбияи ворисони худ саҳми бештаре дошта бошанд ва донишҳои зарурии замонаашонро омӯзонанд:

Эй дареғо, ки хирадмандро,
Бошаду фарзанд хирадманд не
В-ар чи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не.

Панду ҳикматҳои Рӯдакӣ ахлоқи поку ҳамида, некӣ, зарурати омӯзишро фаро мегиранд. Нексириштӣ ва накӯкорӣ дар пандҳои хирадмандонаи шоир мавқеи хос касб мекунанд, ки дар ин бора ӯ гуфтааст:

Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.

Дӯстиву ваҳдат ҳам дар шеърҳои Рӯдакӣ чун мавзӯи муҳими зиндагӣ буда, баланд садо медиҳад:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар
Аз фироқи[1] дӯстони пурҳунар.

Рӯдакӣ аз панду андарз ба сифати василаи тарбияи шахс хеле устокорона истифода кардааст. Бояд гуфт, ки анъанаи панду андарзгӯӣ дар адабиёти форсу тоҷик таърихи қадимӣ дошта, ҳанӯз аз забонҳои форсии қадим ва паҳлавӣ суруда шудани як теъдод андарзномаҳо, аз қабили пандномаи «Бузургмеҳр», «Пандномаи Анӯшервон», «Хираднома»-ҳо маълум аст. Рӯдакӣ низ монанди «Офариннома»-и ҳамзамони худ Абӯшукури Балхӣ пандномаҳо навиштааст, ки мутаассифона то замони мо нарасидаанд. Як қатор абёти ҳикматомези боқимонда аз ҳамин қабил асарҳои шоир шаҳодат медиҳанд. Дар он байтҳои парешон андешаҳои ҷудогонаи ахлоқии шоир ифода ёфтаанд, ки матлаби асосии

[1] *Фироқ* — ҷудоӣ, дурӣ аз дӯстон.

онҳо ба корҳои некӯ ва ҳамида раҳнамун сохтани одамон мебошад.

Шоир ростиву росткориро, ки яке аз хислатҳои неки инсонӣ мебошад, тараннум менамояд. Ростиву росткорӣ ба кас хушиву нишот меорад, зеро инсони росткор ҳамеша омода буда, парешониву пушаймонӣ надорад.

Ҳар к-ӯ биравад рост, нишастааст ба шодӣ,
В-он к-ӯ наравад рост, ҳама мурда ҳамедиш.

Дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» шоир рехтани дандонҳои сафеду зебои худро ба тасвир овардааст. Ӯ тобиши дандонҳои худро ба чароғи тобон ва дурру марҷон ташбеҳ додааст.

Рӯдакиро чун соҳибқирони шоирӣ, устоди назми форсӣ-тоҷикӣ ба забон мегиранд. Ашъори Рӯдакӣ саросар дарси одобу хирад буда, лабрези панду насиҳатҳо мебошад. Ҳаёти шоири бузург, таҷрибаи рӯзгори ӯ, ашъори пуробуранги вай аҳамияти басо муҳими тарбиявӣ дорад ва омӯхтани он ҳама камолоти маънавии шахсро ривоҷ хоҳад бахшид.

Пурсиш ва супориш

1. Рӯдакӣ кай ва дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Давраи беҳтарини ҳаёти шоир дар кадом дарбор гузаштааст?
3. Воқеаҳои дар дарбори Сомониён ба вуқӯъ пайваста ба ҳаёти шоир чӣ гуна таъсир расонидаанд?
4. Асарҳои шоирро номбар кунед.
5. Мавзӯю мундариҷаи асарҳои Рӯдакӣ аз чӣ иборат аст?
6. Тарҷумаи ҳоли шоирро ба се қисм ҷудо кунед ва ба онҳо ном гузоред.
7. Байтҳои ба панду ахлоқ, дӯстӣ ва дониш бахшидашудаи шоирро аз ёд кунед.

ШИКОЯТ АЗ ПИРӢ

Маро бисуду[1] фурӯ рехт ҳарчӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло[2]-бал[3] чароғи тобон буд.
Сапеди симрада[4] буду дурр марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.
Яке намонд кунун з-он, ҳама бисуду бирехт,
Чӣ наҳс[5] буд?— Ҳамоно, ки наҳси Кайвон[6] буд!..
На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд? Ман-т бигӯям: қазои Яздон буд.
Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирди гардон аст,
Ҳамеша то бувад ойин-ш, гирдгардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад,
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Кӯҳан кунад ба замоне, ҳамоно куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.
Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.
Ҳаме чӣ донӣ? Эй моҳрӯи мушкинмӯй!
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон[7] буд...
Ба зулфи чавгон[8] нозаш ҳаме кунӣ ту бад-ӯ,
Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфчангон буд.
Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,
Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон[9] буд.
Чунонки хубӣ меҳмону дӯст буд азиз,

---

[1] *Судан (суда шудан)* — хӯрда шудан.
[2] *Ло* — не.
[3] *Бал* — балки.
[4] *Симрада* — рада (қатор)-и нуқра.
[5] *Наҳс* — бадӣ, зиштӣ.
[6] *Кайвон* — номи ситорае, ки гӯё бадбахтиро пешбинӣ мекардааст.
[7] *Сомон* — тартиб, низом, ороиш.
[8] *Зулфи чавгон* — зулфи каҷ.
[9] *Қатрон* — як моддаи сиёҳранг, ки аз баъзе дарахтони монанди сафедор ҳосил мекунанд.

Бишуд, ки бознаёмад, азиз меҳмон буд.
Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ — дар чашм,
Ба рӯйи ӯ дар чашмаш ҳамеша ҳайрон буд.
Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,
Нишоти ӯ ба фузун буду ғам ба нуқсон буд.
Ҳамехариду ҳамесохт бешумор дирам,
Ба шаҳр ҳар кӣ яке турки норпистон буд.
Басо канизаки некӯ, ки майл дошт бад-ӯ,
Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд.
Ба рӯз чунки наёраст шуд ба дидани ӯ,
Ниҳеби хоҷаи ӯ буду бими зиндон буд.
Набиди рӯшану овози хубу рӯйи латиф
Куҷо гарон буд, зи ман ҳамеша арзон буд.
Нишоти ӯ ба фузун буду ғам ба нуқсон буд...
Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ буд?
Дилам нишоту тарабро[1] фарохмайдон буд...
Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,
Нишони номаи мо мӯҳру шеър унвон буд.
Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.
Ҳамеша чашмам зи зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зи мардуми сухандон буд.
Ту Рӯдакиро, эй моҳрӯ, ҳамебинӣ,
Бад-он замона надидӣ, ки инчунин он буд.
Бад он замона надидӣ, ки дар ҷаҳон рафтӣ,
Сурудгӯён, гӯӣ ҳазордастон[2] буд.
Шуд он замон, ки ба ӯ унси родмардон буд[3],
Шуд он замона, ки ӯ пешкори[4] мирон буд.
Ҳамеша шеъри варо зи мулук девон аст,
Ҳамеша шеъри варо зи мулук девон буд.
Шуд он замон, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт[5]
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.

---

[1] *Нишоту тараб* — хушҳолу шод шудан.

[2] *Сурудгӯён, гӯӣ ҳазордастон буд* — яъне шеър мегуфт ва мисоли бул-бул месароид.

[3] *Унси родмардон буд* — яъне бо ҷавонмардон ёру улфат буд.

[4] *Пешкор* — шахси корогоҳ, мудир ё раиси махсуси коре.

[5] *Бинвашт* — тай кард, паҳн шуд.

БАҲОРИ ХУРРАМ

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тииб[1]
Бо сад ҳазор зинату ороиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил[2] ёфт шабоб[3] аз паи машиб[4].
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо — нақиб[5].
Наффот[6]— барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу[7] надидам чунин муҳиб.
Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.
Хуршедро зи абр диҳад рӯй гоҳ-гоҳ
Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб...
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯс ба ҳино шуда ҳазиб[8].
Булбул ҳаме бихонд дар шохсори бед,
Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб...

ХАНДАИ ЛОЛА

Бихандад лола бар саҳро,
Ба сони чеҳраи Лайло.
Бигиряд абр бар гардун,
Ба сони дидаи Маҷнун,
Зи оби ҷӯй ҳар соат,
Ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст, пиндорӣ,
Нигори ман рухи гулгун.

---

[1] *Тииб* — бӯйи хуш.
[2] *Бадил* — бадал.
[3] *Шабоб* — ҷавонӣ.
[4] *Машиб* — пирӣ, сафедшавии мӯ.
[5] *Нақиб* — дар ин ҷо ба маънии саркарда, сарлашкар.
[6] *Наффот* — нафтандӯз, оташандоз.
[7] *Хайл* — галаи аспҳо.
[8] *Ҳазиб* — баҳра, насиб.

ҲАР БОД, КИ АЗ СӮИ БУХОРО БА МАН ОЯД

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
З-ӯ бӯйи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯйӣ магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеҷ,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.
Эй турки камарбаста, чунонам зи фироқат,
Гӯянд қабои ту маро пираҳан ояд.
Ҳар шаб нигаронам ба Яман то ту бароӣ,
Зеро ки Суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.
Кӯшам, то бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,
То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.
Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,
Аввал суханам номи ту андар даҳан ояд.

Пурсиш ва супориш

1. Шеъри «Шикоят аз пирӣ»-ро хонед. Маънояшро нақл кунед.
2. Шеъри мазкурро бо маълумотҳои тарҷумаи ҳоли муаллиф муқоиса кунед.
3. Оё дар шеър ташбеҳ, муболиға ва тавсиф ҷой дорад?
4. Шеърро аз ёд кунед.
5. Шеъри «Баҳори хуррам» ба кадом манзараи табиат бахшида шудааст?
6. Фасли баҳорро шоир бо кадом рангҳо баён кардааст?
7. Мисраъи аввали шеъри «ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд»-ро маънидод кунед.

БӮИ ҶӮИ МӮЛИЁН...

(Порча аз ҳикояи таърихии Р. Ҳодизода)

Рӯдакӣ ҳар рӯз пас аз ношито сари сандаличаи хатнависӣ нишаста ба мутолиаи китоб машғул мешуд...

Соатҳо мегузашт, аммо Рӯдакӣ аз китоб сар намебардошт.

Вай дар саргармию машғулӣ ҳатто ба чодир дохил шудани се нафар аз бузургон ва муқаррабони амир —Абӯҷаъфар, Муҳаммад Солеҳ ва Тоҳири Балхиро нафаҳмида монд.

«Салом»-и онҳо Рӯдакиро дар як лаҳза аз сайру гашти дунёи дигар ба ин олами воқеӣ баргардонид. Вай зуд аз ҷой бархоста ҷавоби салом дод ва барои меҳмонони ғайричашмдошташ ҷой дуруст карда, онҳоро ба нишастан таклиф намуд.

Рӯдакӣ ду даст рӯйи сина гузошта изҳори хушнудӣ кард ва сипас коғазпораву дастнависҳои рӯйи сандалиро ғундошта, дар як гӯшаи чодир болои сандуқчаи зебои кандакории чӯбӣ гузошт. Вай кор мекарду аммо дар дилаш ҳайрон буд, ки ин се каси олимақом дар ин соати бемаҳал чаро ба чодири ӯ омадаанд.

— Шоир, рӯзҳои охир аз чодири худ кам мебароед, гумон кардем, мабод ки биморие рӯй дода бошад, — ба гап шурӯъ намуд Муҳаммад Солеҳ пас аз он ки Рӯдакӣ дар ҷойи худ нишаст.

— На, тандурустам, аммо боронҳои пай дар пай ва ин осмони ҳамеша тира касро дилтанг мекунад, ҳавсалае нест, ки аз чодир берун бароям. Дар ин соатҳо китобхонӣ машғулияти дилписандест.

Муҳаммад Солеҳ ба Тоҳир нигоҳе карда, ӯро гӯё ба сухан даъват намуд. Тоҳир сарашро як пойин андохту пас чашмони сиёҳи калон ва қариб дар зери абрӯ мондаи худро рост ба уде[1], ки дар чӯби чинор овезон буд, дӯхт. Абӯҷаъфар ҳамоно намехост, ки риштаи сухан канда шавад, шояд аз ин сабаб бошад, ки бе ҳеҷ зарурат:

— Рост мегӯед, шоир дар ин соатҳо кас намехоҳад аз чодири худ берун барояд, — гуфта монд.

— Ба ҷуз ин муддати сафар ҳам хеле тӯл кашид, ин зиндагии дур аз хонаву ҷо, аз зану фарзанд касро дилгир кард, — гуфт Муҳаммад Солеҳ...

— Магар амири мо ба ин зудӣ майли Бухоро надоранд? — пурсид Рӯдакӣ.

— Борҳо бо ишора суханро ба сари ин матлаб меовардем, аммо ҷониби амир ҳамеша ба гапҳои мо эътиборе

[1] *Уд* — асбоби навозандагӣ.

накарда, ба васфи боғу меваҳои Бодғис, ситоиши доғгоҳу[1] чарогоҳҳои Ҳирот мегузаранд.

— Оё хоҷа саъй накардаанд, ки ҳазрати амир ба сӯйи Бухоро моил бошанд? — ба Тоҳири Балхӣ рӯй овард Рӯдакӣ.

— Дар хилват аз амирамон пурсида будам, аммо он кас абрӯвон дар ҳам кашида чизе нагуфтанд...

— Обу ҳавои Бухоро, хосса дар баҳорон, аз табиати ин ҷо камӣ надорад. Зебоии Мӯлиён, ҳавои хуши он магар аз ин ҳаво бартар аст? — гуфт Рӯдакӣ.

— Оре, — ҷавоб дод Муҳаммад Солеҳ, — чӣ хуб буд, ки мо баҳорро дар Бухоро, дар пеши аёлу фарзанди худ гузаронида, пас дар гармии тобистон ба Самарқанд равем. Агар амир ба ин розӣ мешуданд, ҳама аз ин табоҳӣ ва дурии диёр наҷот меёфтем...

— Шоири гиромӣ, мо бандагон назди шумо ба ниёзе омадем ва аминем, ки моро ноумед нахоҳед кард, — ба сухан шурӯъ намуд Муҳаммад Солеҳ ва нигоҳи ризомандонаи Рӯдакиро дида, далертар шуда давом намуд. — Дар маҷлиси дигаре, ки амири кабир барпо хоҳанд кард, мо бо машварат хостем суханро аз Бухоро оғоз карда, он касро ба бозгашт моил намоем. Аммо кӯтоҳии суханони мо шояд матлабро ба даст наорад. Яқин аст, ки дар чунин соат мадиҳаю ғазалҳои пуробуранг ва хушоҳанги шумо ба дили мир бештар асар дорад. Шояд аз суханҳои пуртаъсиратон ҳамагӣ аз ин дармондагӣ раҳоӣ ёбем.

— Гумон намекунам, ки шеърҳои банда аз суханони хоҷагони гиромӣ дар назди Мирамон сангинтар ва гаронбаҳотар бошад, — гуфт Рӯдакӣ.

— Шоири мӯҳтарам, мо ба хубӣ медонем, ки на танҳо мартабаи шеър, ҳатто пояи эҳтироми шумо низ пеши амири мо ниҳоят бузург аст. Сухан, ки аз забони шумо баромад, ба мири мо яқинан таъсир хоҳад кард, — гуфт Тоҳири Балхӣ...

— Шоири мо эмин бошанд, ки дар адои ҳаққи хизматашон ҳарчи амир аз симу зар дирам диҳад, мо дучанд аз он зиёда бахшиш мекунем, — гуфт Абӯҷаъфар ба Тоҳири Балхӣ чашмак зада.

---

[1] *Доғгоҳ* — ҷое, ки ба аспон, хачирон, шутурон тамға мегузоштанд.

Рӯдакӣ бо чашмони оташбор ба Абӯҷаъфар нигоҳе карду бо табассуми киноямез гуфт:

— Хоҷаи ман, сухане, ки қимати он ба симу зар андоза карда мешавад, шеъре, ки ба умеди тиллову дирам гуфта мешавад, он таъсиреро надорад, ки шумо мехоҳед... Ёди Бухоро, ёди диёри азиз аз хирворҳои тилло гаронбаҳотар аст ва шояд ҳаминҳо ба дили ман рӯҳу қувваи бузурге бахшанду сухане аз ниҳонхонаи дил берун ояд ва ба қалби дигаре роҳ ёбад.

Дар ҷавоби Рӯдакӣ садое набаромад. Ин киноями тунди шоир онҳоро дар ҳолати ноҳинҷоре гузошт, аммо баробари ҳамин аз ишораи ризомандонаи Рӯдакӣ хурсандиашонро пинҳон карда наметавонистанд. Чашмони аз шодӣ дурахшони онҳо баробар ба Рӯдакӣ дӯхта шуданд.

— Ташаккур, устоди мӯҳтарам, — гуфт ниҳоят Муҳаммад Солеҳ, — аз ин илтифоти шумо аҳли Бухоро ва алалхусус вазири олиҷоҳ, ҳазрати Балъамӣ ниҳоят хурсанд хоҳанд шуд...

Ҳавои сарду нами чандрӯза ба ҷисми заифу бемори Наср таъсири бад кард. Сулфаи ӯ зиёд шуда, ҳарорати баданаш ҳам аз эътидол баромад ва аз ин сабаб чанд рӯз дар чодир дар як вазъияти танге ба сар бурд. Аз беморию танҳоӣ чунон дилтангу инҷиқ шуд, ки хидматгорон ҳама ба ҷон расиданд. Аммо дар давоми ду рӯзи охир ҳаво нағз шуду дар миҷози ӯ аломати хушҳолӣ пайдо гашт ва ба муқаррабони[1] худ бо нармӣ муомила мекард.

Имрӯз пагоҳӣ Муҳаммад Солеҳро ҷеғ зада оварданд ва ҳамроҳ бе дилтангию хӯрдагирӣ[2] ношито кард. Вақте ки Муҳаммад Солеҳ бо иҷозати Наср таъзимкунон аз пеши вай дур мешуд, амир ӯро аз роҳ бозгардонду фармуд, ки бегоҳӣ пас аз намози аср дар чодири ӯ ҷамъ оянд, то даме дилхушӣ кунанд. Таъкид намуд, ки Рӯдакӣ низ дар ин маҷлис ҳозир бошад.

Муҳаммад Солеҳ ин хабарро зуд ба Абӯҷаъфар расонд ва ҳар ду то бегоҳ бо маслиҳату машварат асбоби зиёфатро

---

[1] *Муқарраб**он*** — наздик (дар ин ҷо мансабдори наздики амир).

[2] *Хӯрдагирӣ* — айбҷӯйӣ, эродгирӣ.

ҳозир намуданд. Муҳаммад Солеҳ ин дафъа шахсан худаш Рӯдакиро даъват намуд.

Аҳли маҷлиси имрӯза аз ҳар дафъа дида камтар буд. Ғайр аз муқаррабони амир, Рӯдакӣ ва ровии[1] ӯ, боз се тан навозанда бо танбӯрӯ мусиқор ва найи худ нишаста буданд. Рӯдакӣ дар пешгоҳи чодир, дар паҳлӯи Муҳаммад Солеҳ ҷо гирифта буд. Вай бо уд ду-се таронаи хурди ошиқона хонду бештар ба созу оҳанги навозандагон гӯш медод...

Сӯҳбат хеле беробита ва бетартиб тӯл мекашид... Ҳанӯз акси садои пардаҳои охирини танбӯр паст нашуда буд, ки Рӯдакӣ аз ҷойи худ нимхез шуд, ду даст болои сина гузошт ва бо овози ҷарангдораш гуфт:

— Худойгоно[2], мо бандагон аз сарзамини паҳновари давлати амирамон дар ҳар гӯшаву каноре, ки бошем, дили мо дар Бухорост. Ба хубӣ медонем, ки бинои давлати бузурги амирамон дар Бухоро қарор ёфтааст... Чанд рӯз аз ин пеш дар ёди ин шаҳри азиз ва муборак, дар ёди ёрон ва дӯстони гиромӣ, ки интизори қадами малики олиҷоҳро мебаранд, банда мадиҳае гуфта будам. Агар дастур шавад, чанд байте аз он бисароям...

Рӯдакӣ удро ба даст гирифт ва дар ҳолате ки чашмонашро аз ҷуссаи наҳифи кӯзпушт ва сари поинандохтаи Наср намеканд, торҳои онро соз кард. Пас удро болои сина гузошту ба гӯшакҳои он нигоҳ карда, ба навохтан сар кард. Ҳама якбора хомӯш ва беҳаракат монданд. Танҳо аз вазиши шаббода болои чодир ба ҷунбиш омада, садои хиширхиширии он ба гӯш мерасид. Рӯдакӣ чашмонашро пӯшид, овози каме ларзон, вале ҷарангдори ӯ сарахбори пардаи ушшоқро гирифт...

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме...
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме,
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.

---

[1] *Ровӣ* — ривояткунанда, нақлкунанда, гӯянда, хонандаи шеър.

[2] *Худойгоно* — эй подшоҳи бузург.

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат меҳмон ояд ҳаме.

Пардаи охирини оҳанг тамом нашуда ва шунавандагони лолу мабҳут ҳанӯз таассуроти дили худро холӣ накарда буданд, ки якбора садои ҳой-ҳой гиристани Наср баланд шуд...

— Таҳсину офарин, шоири гиромӣ, — гуфт ӯ бо овози хирриӣ ва гиряолуд, — дили афгору пурдарди моро ба ёди Бухоро шод кардед, ба тани афсурдаи мо қувваи тоза додед... Таҳсин, офарин...

Наср ба Муҳаммад Солеҳ рӯй оварда:

— Пагоҳ ба тамоми ӯрдугоҳ[1] эълон кунед, рахти сафарро банданд, ҳар зудтар ба сӯи Бухоро ҳаракат кунем. Ба сӯи Бухоро, фаҳмидед, ба сӯи Бухоро! — чашмони Наср ба Рӯдакӣ нигаронида шуданд, — Бухоро, ... ташаккур... шоири мӯҳтарам. Ташаккур, аҳсант...

Пурсиш ва супориш

1. Амир дар куҷо буд ва бо чӣ кор машғул буд?
2. Абӯҷаъфар, Муҳаммад Солеҳ ва Тоҳири Балхӣ бо кадом мақсад назди шоир омаданд?
3. Аз муносибати шоир ва муқарработи амир чиро пай бурдед?
4. Оё Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ хоҳиши муқарработи амирро иҷро карда тавонист?
5. Шеъри ба бозгашт ба Бухоро бахшидаи шоирро аз ёд кунед ва мазмунашро шарҳ диҳед.

[1] *Ӯрдугоҳ* — майдони ҷамъшавии аскарону сарбозон.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ САНЪАТҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ: ТАШБЕҲ, ТАШХИС, ИСТИОРА ВА МУБОЛИҒА

Санъате, ки тавассути он ба вожа ва ибораҳо тобишҳои гуногуни маънавӣ дода мешавад, санъати тасвири бадеӣ номида мешавад. Санъати тасвири бадеӣ барои амиқтар ва пуртаъсир намудани мазмуни маънавии асар кӯмак мерасонад. Нависандагон ва шоирон ҳангоми тасвири воқеа ва баёни эҳсосу ҳаяҷон ба воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ рӯй меоваранд. Ташбеҳ, ташхис, истиора ва муболиға аз зумраи онҳост.

Ташбеҳ — маънои монанд карданро дошта, яке аз омилҳои муҳими санъати тасвири бадеӣ мебошад. Адиб барои он, ки ба хонанда бо ҳиссиёту ҳаяҷонаш бештар таъсир расонад ва фикрҳояшро равшану рехта баён намояд, тасвирҳои худро ба ягон ҳодисаи воқеӣ ё ҷисми ҳисшаванда шабоҳат медиҳад. Дар натиҷа ӯ метавонад бо як ибораи кӯтоҳ маънои бузургеро ифода намояд.

Дар назму наср эҷодкор гоҳо ба ашё ва ҳайвонот, ки дар асл нутқ ва дигар хислатҳои инсонӣ надоранд, хислатҳои одамиро нисбат медиҳанд. Дар ин маврид чизҳои беҷон, ҳайвонот ва парандаҳо мисли инсон бо ҳам муколама намуда, муҳокимаҳои амиқ ва пурмаънӣ пеш меронанд, монанди одам амал мекунанд. Ҳамин тариқ, нависанда ё шоир афкор ва эҳсоси худро бо роҳи хотирнишин ва шавқовар ба хонандаи худ мерасонад, ки чунин санъати тасвири бадеӣ ***ташхис*** ном дорад.

Истиора яке аз унсурҳои асосии санъати тасвири бадеӣ ва як намуди **маҷоз** аст. Дар асл истиора аз инкишофи ташбеҳ ҳосил мегардад. Истиора сифатҳои чиз ё ҳодисаеро дар асоси робитаҳои шабеҳии он хеле хуб ифода мекунад. Чунончи, агар ташбеҳшаванда зикр наёфта, фақат ташбеҳкунанда тасвир ёбад ва вазифаи ташбеҳшавандаро низ ба иҷро расонад, дар он сурат ташбеҳ ба истиора табдил меёбад. Масалан, дар ҷумлаи «Камбағалони бечора зери занҷири гарони асорати бой монда буданд»

ташбеҳ вуҷуд надорад. Дар ин ҷо ифодаи «занҷири гарони асорат» истиора аст.

Муболиға — низ яке аз санъатҳои тасвири бадеӣ аст. Ин воситаи тасвир бештар дар эҷодиёти шифоҳии халқ, афсонаҳо ва достонҳо, инчунин дар адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири тоҷик ба таври фаровон мавриди истифода аст. Нависанда ё шоир барои возеҳу равшан баён намудани ягон ҳодисаи зиндагӣ ё хислати инсонӣ ва барои тасвири таъсирнокию ҳиссу ҳаяҷон, образ ё воқеаи тасвирро аз аслаш зиёдтар нишон медиҳад. Чунин намуди тасвиреро, ки муҳоботро истифода мебарад, муболиға меноманд.

Пурсиш ва супориш

1. Санъати тасвири бадеӣ чист? Маънидод кунед.
2. Дар бораи ташбеҳ маълумот диҳед.
3. Кадом намуди тасвири бадеиро ташхис меноманд?
4. Истиора чист?
5. Муболиғаро маънидод кунед ва мисол ored.
6. Ҷиҳатҳои шабоҳат ва фарқияти ташбеҳ, ташхис, муболиға ва истиораро фаҳмонед.
7. Ба намудҳои санъати тасвири бадеӣ мисолҳо ored.
8. Ба ҷумлаҳои зерин аҳамият диҳед. Дар кадоми онҳо ташбеҳ, ташхис, истиора ва муболиға нишон дода шудаанд?
   а) Аз чашмони деви кӯҳпайкар барфу борон меборид.
   б) Рухсораҳои фарбеҳаки Шамсия аз шарм лолагун гашта буд.
   в) Гардани ӯ мисли кӯза дарозу борик буд.
   г) Нури чашмони модар— Сӯҳроб ҳоло дур аз деҳаи худ, дур аз Ватан дар шаҳрҳои бегона қути лоямут меҷуст.

АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ (934 — 1020)



Биноҳои обод гардад хароб
Зи борону аз тобиши Офтоб
Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

Абулқосим Фирдавсӣ яке аз шаҳсутунҳои адабиёти классикии тоҷику форс ва аз симоҳои шинохтаи адабиёти ҷаҳонӣ буда, суханварони минбаъда дар назди маҳорати шоир ва шаҳомати «Шоҳнома»-и ӯ сари саҷда фуруд оварда, дар сухан мақоми пайғамбариро барояш мансуб донистаанд:

Дар назм се тан паямбаронанд,
Ҳарчанд ки «ло набия баъдӣ».
Авсофу қасидаю ғазалро
Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

Аз шарҳи ҳоли шоир маълум мешавад, ки падари Фирдавсӣ аз зумраи шахсони сарватманд буда, ба фарзандаш имкон фароҳам овардааст, то ӯ дар айёми кӯдакӣ бо илмҳои замона шинос гардад.

Аз рӯи маълумоти Низомии Арӯзии Самарқандӣ падари Фирдавсӣ аз ашхоси давлатманд буда, ба табақаи деҳқонон мансубият доштааст. Вожаи «деҳқон» дар замони Фирдавсӣ ба маънои аъёну ашроф ё худ арбоби рустоиён ба истифода мерафтааст. Аз қиблагоҳаш ба Абулқосим дар зодгоҳи ӯ шаҳри Тӯс замин ва боғҳо низ мерос мондаанд.

Азбаски вазъи моддию маишии онҳо имкон медод, Фирдавсӣ ба таҳсили илм пардохт. Ба номи ӯ пайвастани унвони «ҳаким» намоёнгари фазлу дониши баркамоли ӯст. Махсусан, дар илмҳои таъриху адабиёти Арабу Аҷам, фал-

сафа ва забони паҳлавӣ устод буд. Роҷеъ ба ин ақида порчаҳо аз «Шоҳнома» шоҳид буда метавонад, ки гӯё аз забони дӯсти Фирдавсӣ оварда шудааст:

Набишта ман ин номаи паҳлавӣ,
Ба пеши ту орам, магар нашнавӣ.
Кушода забону ҷавонит ҳаст,
Сухан гуфтани паҳлавонит ҳаст.
Чу овард ин нома наздики ман,
Барафрӯхт ин хони торики ман.

Дар ҷои дигар низ чунин овардааст:

Басе ранҷ бурдам, басе гуфта хондам,
Зи гуфтори тозию[1] в-аз паҳлавӣ.

Фирдавсии ҷавон маҳз бо сабаби омӯзиши мукаммали илмҳои замон ва донистани забони форсии дарӣ (тоҷикӣ), паҳлавӣ ва арабӣ минбаъд унвони ифтихории «ҳаким»-ро соҳиб мешавад.

Фирдавсӣ аз овони ҷавонӣ ба шеъру шоирӣ рағбат дошт. Вай ғазалу қитъаву рубоӣ эҷод мекард.

Аммо беш аз ҳама ӯро гузаштаи асотириву таърихии халқ ба худ мекашид, зеро аз солҳои 40-уми асри X сар карда, Давлати Сомониён рӯ ба таназзул ниҳоду хавфи аз байн рафтани он афзудан гирифт. Воситае лозим буд, ки ин хавф наафзояд, балки мардум дар роҳи пойдории давлати марказӣ муттаҳид шаванд. Яке аз роҳҳо гирдоварӣ ва таҳрири асотири бостон буд ва чунин иқдомро ҳукуматдорони сомонӣ ва вилоёти онҳо ҷонибдорӣ мекарданд. Маҳз дар ҳамин давра ба вуҷуд омадани чандин «Шоҳнома»-ҳои манзуму мансур вобастаи вазъияту шароит буд.

Фирдавсӣ низ ба гирдовариву ба назм даровардани асотири бостон шуғл варзид. Донишмандон чанд достони «Шоҳнома»-ро ном бурдаанд, ки Фирдавсӣ пеш аз назми китоб чун достони алоҳида сурудааст. Ӯ пеш аз он ки бо матни «Шоҳнома»-и Мансури Абӯмансурӣ ошно шавад, якчанд достонҳои «Шоҳнома»-ро дар алоҳидагӣ ба назм даровардааст. Аз ин қабил достонҳои «Бежан ва Манижа»,

[1] *Тозӣ* — тоҷикӣ.

«Рустаму Сӯҳроб», «Рустам ва Аквондев»-ро номбар кардан мумкин аст.

Дар ин мавзӯъ Забеҳуллоҳ Сафо дар «Таърихи адабиёти Эрон» чунин овардааст: «Фирдавсӣ зоҳиран, дар овони қатли Дақиқӣ (солҳои 367—369 ҳичрӣ — 978—980 мелодӣ) ба назми достонҳои эронӣ саргарм буд, мисли достони «Бежан ва Гурозон», ки баъдҳо онҳоро дар «Шоҳнома»-и худ ғунҷонид ва гӯё ин корро ҳатто дар айни назми «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ ё баъд аз он низ идома медод ва достонҳои мунфариди дигареро монанди «Ахбори Рустам», достони «Рустаму Сӯҳроб», достони «Аквондев», достонҳо аз саргузашти Баҳроми Гӯрро ҷудогона ба назм дармеовард. Аммо таърихи назми ин достонҳо мушаххас нест ва танҳо баъзе аз онҳо дорои таърихи нисбатан равшан ва ошкорест. Масалан, достони Сиёвуш дар ҳудуди соли 387 ҳичрӣ (997 мелодӣ) суруда шуда ва назми достони «Нахчир кардани Рустам бо паҳлавонон дар шикоргоҳи Афросиёб» дар соли 389 ҳичрӣ (999 мелодӣ) шурӯъ шуд».

Бо мақсади такмил ва сайқали ҳунари эҷодии худ Фирдавсӣ роҳи пойтахти давлати Сомониён шаҳри Бухороро пеш мегирад. Маҳз хоҳиши ба анҷом расонидани асари «Шоҳнома», ки пештар аз ӯ Дақиқӣ оғоз карда буд, шоирро ба маркази илму адаби замон — Бухорои шариф ҳидоят карда буд.

Аз гуфтори Фирдавсӣ маълум мешавад, ки барои ба даст овардани «Шоҳнома»-и Дақиқӣ ӯ ба «Шоҳи ҷаҳон» рӯй овардааст:

Дили равшани ман чу баргашт аз ӯй,
Сӯи тахти шоҳӣ ҷаҳон кард рӯй.
Ки ин номаро даст пеш оварам,
Зи дафтар ба гуфтори хеш оварам.

Фирдавсӣ кадом сол ба назми «Шоҳнома» оғоз кардааст, маълум нест. Гурӯҳе аз олимон бар сари ин ақидаанд, ки Фирдавсӣ танҳо пас аз марги Дақиқӣ аз пайи кор афтодааст.

Гурӯҳи дигаре оғози назми «Шоҳнома»-ро дар 35—40 солагии Фирдавсӣ (солҳои 970—975) ва дақиқан соли 975 медонанд.

Фирдавсӣ баъд аз марги Дақиқӣ шабе ӯро дар хоб дида, ҳазор байти ӯро аз «Гуштоспнома» ёфта, ба «Шоҳнома» шомил кардааст.

Вай дар оғози кор, ба сабаби дороии худ ва пуштибониву мадади дӯстон, бидуни ғаму ташвиши рӯзгор, бо шавқу ҳаваси тамом ба назми «Шоҳнома» пардохт, зеро теғи порсияш буранда буд.

Аммо оҳиста-оҳиста ҳам дороии худаш ба охир расиду ҳам дӯстон қисме аз байн рафтанд ва қисме имкони моддиро надоштанд, ки шоир ба душвориҳои зиёди молӣ гирифтор омад:

Ва дигар ки ганҷам вафодор нест,
Ҳамон ранҷро кас харидор нест.

Зиёда аз ин, дар он замон расм буд, ки ҳар як асари адабӣ ё илмӣ маҳз ба туфайли хонадони умарову вузаро ва салотин шӯҳрат меёфт ва ба соҳибаш обрӯю дороӣ меовард.

Мутаассифона, ҳангоми хатми «Шоҳнома» чунин хонадоне вуҷуд надошт. Амирони сомонӣ, ки шуаррову удабо ва уламоро таҳти ҳимоят мегирифтанд, бо ҷангу ҷидолҳои хонагиву берунӣ овора буданд ва ғами илму адаб ба дилашон намегунҷид. Дигар шахсони ба ин гуна ганҷ мувофиқ низ набуданд. Танҳо дӯстдорони шеъру адаб порчаҳоеро аз назми худи шоир рӯйнавис карда мегирифтанд, аммо ҳама ройгону муфт. Баъзе дӯстони шоир амсоли Алии Дайламӣ, Ҳуяйи Қутайба ва Абӯдулаф ба дастгирии моддии шоир каме расида метавонистанд:

Дар ин нома аз номдорони шаҳр,
Алӣ Дайламу Бӯдулафрост баҳр.
Наёмад ҷуз аҳсанташон баҳраам.
Бикафт андар аҳсанташон заҳраам
Ҳуяйи Қутайба-ст аз озодагон,
Ки аз ман нахоҳад сухан ройгон[1].
Наям огаҳ аз аслу фазъи хароҷ,
Ҳаме ғалтам андар миёни давоҷ.

[1] *Ройгон* — муфт.

Фирдавсӣ интизорӣ мекашид, то шахси сазовор барои «Шоҳнома» падид ояд. Дар синни 63-солагии шоир писари ӯ аз олам гузашта, зарбаи ҷонкоҳе ба ҷисми нотавони шоир падид овард.

Ин ҳодиса ба соли 999 рост меояд. Ҳамчунин дар ин сол хонадони сомонӣ аз сари қудрат барафтод ва Маҳмуди Ғазнавӣ бар сари тахт нишаст.

Вале акнун барои ҷомаи амал пӯшидани нияти неки шоир вазъият имкон намедод. Зеро дарбори Сомониён дучори фитнаву бозиҳои дарборӣ гардида, ҷангҳои дохилӣ дар ҳудуди давлат авҷ гирифта буданд. Фирдавсӣ, ки аз ҷиҳати моддӣ тангдастӣ мекашид, бо машварати чанде дӯстонаш аҳд кард, то таълифи «Шоҳнома»-ро ба поён расонда, онро ба Султон Маҳмуд пешниҳод намояд.

Фирдавсӣ дар интихоби шахси арзанда барои «Шоҳнома» саросема набуд. Ӯ гуфтору муносибати Султон Маҳмудро солҳои 970—1030 омӯхта, бо атрофиёни ӯ робита ҷуст. Бародари Маҳмуд — Наср ва вазири ӯ Фазл ибни Аҳмад, ки ному мадҳашон дар «Шоҳнома» зикр ёфтааст, ба шоир бо некхоҳӣ муомила карда, аз суханони ҳакимонаи ӯ баҳраҳо мебардоштанд ва аз ёрии моддӣ ба ӯ даст намекашиданд.

Гумон меравад, ки бо ташвиқу тарғиби ин ду шахс Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба Султон Маҳмуд бубахшид. Ӯ нусхаи аввали китобро аз нав таҳрир намуда, ба ҳар ҷоҳар ҷои он мадҳи Султон Маҳмудро ворид сохт.

Ин таҳрир соли 1010—1011 ба анҷом расид. Вазорати Маҳмуд ҳанӯз дар дасти Фазл ибни Аҳмад буд. Вай соли 402 (1012) ҳабс шуд ва баъд аз ду сол ба қатл расид. Ҷои ӯро Ҳасани Маймандӣ гирифт, ки бо вазири собиқ душманӣ дошт. Ин тағйирот дар дарбор ба тақдири «Шоҳнома» бетаъсир намонд. Зиёда аз ин дар матни «Шоҳнома» вазири собиқ — Фазл ибни Аҳмад сутуда мешуд:

Яке фарш густурда шуд дар ҷаҳон,
Ки ҳаргиз нишонаш нагардад ниҳон.
Куҷо фаршро маснаду марқад аст,
Нишастангаҳи Фазл ибн Аҳмад аст...
Зи дастури фарзонаи додгар,
Пароканда ранҷи ман омад ба сар.

Вазир Ҳасани Маймандӣ бо сабаби рақиби вазири собиқ буданаш, Фирдавсиро дастгирӣ накард. Фирдавсӣ таҳрири нави «Шоҳнома»-ро, ки шоистаи тақдим ба Султон Маҳмуд бошад, дар чанд ҷилд ба Ғазнин фиристод.

«Шоҳнома» ба ихтиёри Маҳмуд расид, вале мавриди писанд қарор нагирифт.

Пеш аз ҳама, «Шоҳнома», ки саросар аз бузургдошти гузаштаи асотириву таърихии Эрону эрониён иборат буд, ба ғуломзодае чун Маҳмуд писанд афтода наметавонист. Маҳмуд мехост, ки шоирон дар бораи ӯ ва кишваркушоиҳояш «Маҳмуднома» нависанду хонанд. Аз рӯи ривояте Султон Маҳмуд баъд аз шунидани «Шоҳнома» гуфт:

«Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам. Ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст!

Абулқосими Фирдавсӣ гуфт:

«Зиндагонии худованд дароз бод! Надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки худои таоло хештанро ҳеҷ бандае чун Рустам дигар наёфарид».

Инчунин, Султон Маҳмуд, ки табиатан ҷангҷӯ ва ғосиб буд, ӯро ба адлу дод хондан, ҳусни таваҷҷӯҳ доштан ба шӯришгароне чун Коваю Маздак ва дини зардуштӣ хилофи пиндорҳои Маҳмуд буданд.

Фирдавсӣ гумон дошт, ки Султон Маҳмуд заҳмати 30—35 солаи ӯро, ки тамоми дороӣ ва қуввату дармони ӯро гирифта буд, қадр мекунад ва бо ин мақсад дар бахши «Андар ситоиши Султон Маҳмуд» менависад:

Бипайвастам ин номаи бостон,
Писандида аз дафтари ростон.
Ки то рӯзи пирӣ маро бар диҳад,
Бузургиву динору афсар диҳад.
Бипайвастам ин нома бар номи ӯй,
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯй.
Ки бошад ба пирӣ маро дастгир,
Худованди шамшеру тоҷу сарир.

Гурӯҳе аз олимон яке аз сабабҳои ба султон Маҳмуд писанд наомадани «Шоҳнома»-ро дар мухолифоти мазҳабии онон, яъне мазҳаби сунниро пайравӣ кардани Маҳмуд ва пайрави мазҳаби шиа будани Фирдавсӣ мебинанд.

Вале, сабаби аз ҳама асосӣ пеш аз ҳама дар ситоиши гузаштаи пурифтихори Эрон ва инчунин дар дасисаи дарбориён аст.

Оқибат, Султон Маҳмуд аз кардаи худ пушаймон мешавад ва ба номи Фирдавсӣ бахшиши зиёд мефиристад. Вале, дар ин муддат Фирдавсӣ аз олам чашм мепӯшад (соли 1020) ва ӯро дар боғи падараш ба хок месупоранд. Ҳоло ба рӯи мазори ӯ мақбараи зебо бунёд карда, ҳайкалашро гузоштаанд. Он ҷо ба зиёратгоҳи мардуми бедордил ва «Шоҳнома»-хон табдил ёфтааст.

Фирдавсӣ сарфи назар аз ҳама сахтии рӯзгор, таъқибот ва камбағаливу бори гарони пирӣ бузургии рӯҳ ва ҳиммати волои худро аз даст надода будааст. Ҳамеша бо матонат ва қатъият кору зиндагӣ кардан фазилати хоси ин марди наҷиб будааст. Бо вуҷуди азобҳои оворагардӣ, сарсониву парешонӣ ва ранҷи чандинсола, ӯ аз ҳарисӣ, пастиву худпарастӣ ҳазар мекардааст. Шоир табиатан халқпарвар, ватандӯст ва инсондӯст будааст.

Дар бораи дертар аз муносибати худ нисбати шоир пушаймон гаштани Султон Маҳмуд ривоятҳои гуногуне вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар яке аз чунин ривоятҳо омадааст:

ҲАДЯИ СУЛТОН БА ФИРДАВСӢ

Моҳ сипарӣ шуд ё сол Султон Маҳмудро ба яке аз амирон ихтилоф афтод. Хост он амирро таҳдид кунад. Вазирро гуфт:

— Чӣ бинвисам?

Вазир гуфт:

— Ҳамон, ки Фирдавсӣ гуфтааст:

Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб,
Ману гурзу майдону Афросиёб!

Султон бо шунидани ин байт ба ёди Фирдавсӣ афтод ва аз амали худ пушаймон шуд.

Рӯзи дигар дастур дод шаст ҳазор мисқол[1] тилло барои Фирдавсӣ бифиристанд. Ҳадяи Султон Маҳмуд вақте аз

[1] *Мисқол — миқёси вазн, ки ба 4,68 грамм баробар аст.*

як дарвозаи шаҳр вориди Тӯс шуд, тобути Фирдавсиро аз дарвозаи дигари шаҳр ба берун мебурданд.

Одамони Султон ҳадяро назди духтари Фирдавсӣ бурданд. Он духтар аз қабули ҳадя баъд аз фавти падар худдорӣ кард. Ногузир назди хоҳари Фирдавсӣ бурданд. Ӯ гуфт:

— Бо баҳои он, чунон ки орзуи Фирдавсӣ буд, садди[1] Тӯсро бисозанд!

* * *

Ҳамин тавр, Абулқосим Фирдавсӣ бо асари бузургу бетакрори худ дар дили тамоми ҳаводорони шеъри форсии тоҷик маъвои ҷовид гирифта, беш аз ҳазор сол аст, ки барои мардум зиндаёд мондааст. То ба имрӯз «Шоҳнома» дар адабиёти на танҳо халқи мо, балки дар адабиёти дигар халқҳои ҷаҳон низ эътибори худро афзуда, аҳамияти худро ғанитар гардонидааст. Онро ҳама хурду калон дӯст медоранд ва аз он силсила байтҳо аз ёд намуда, дар мавридҳои нишонрас барои ифодаи афкори худ истифода мебаранд.

Фирдавсӣ зиёда аз сӣ соли умри худро ба таълифи шоҳасари худ «Шоҳнома» бахшидааст, ки он 60 ҳазор байт — 120 ҳазор мисраъро дар бар мегирад. Ӯ достонҳои қадимтарин ва ривоятҳои гуногуни таърихии халқро ҷамъ карда, ба риштаи назм кашидааст. Ғояи асосии «Шоҳнома» мубориза барои озодӣ, хушбахтӣ ва осудагии халқ, ғалабаи некӣ аз болои бадӣ, дониш аз болои ҷаҳолат, мубориза барои истиқлолият ва давлати ягонаву мутамарказ мебошад.

Пурсиш ва супориш

1. Мақсади Фирдавсӣ аз рафтан ба Бухоро чӣ буд?
2. Дар бораи таърихи таълиф ва тақдири «Шоҳнома» ҳарф занед.
3. Чаро Султон Маҳмуд «Шоҳнома»-ро напазируфт?
4. Ривоятро дар бораи Фирдавсӣ хонда, мазмунашро гӯед. Оё Шумо боз дар бораи Фирдавсӣ чизе шунидаед?
5. Дар навиштани «Шоҳнома» муаллиф аз кадом сарчашмаҳо истифода бурдааст?

[1] *Садд — девор, девори қалъа, девори шаҳр.*

Достони «Рустам ва Сӯҳроб»

Яке аз достонҳои баландмазмуни «Шоҳнома» достони «Рустам ва Сӯҳроб» мебошад.

Достон аз он оғоз меёбад, ки паҳлавони номдору овозадор Рустам ҷониби Тӯрон ба шикор роҳ пеш мегирад. Ӯ чун ҳамеша савори аспи худ Рахш ба сафар мебаромад. Рустам ба наздикии яке аз шаҳрҳои Тӯрон Самангон наздик шуда, гӯрҳои[1] зиёдеро мебинад. Якеро шикор мекунад ва гулхане афрӯхта онро бирён менамояд. Рахшро ба марғзор сар медиҳад ва зини онро таги сар монда хобаш мебарад.

Аз хоб хеста назди худ Рахшро намебинад. Онро саворагони раҳгузари тӯронӣ каманд зада бо худ бурда буданд. Рустам изи аспи худро ёфта ба ҷустуҷӯи он мебарояд.

Вақте ки ба наздики шаҳри Самангон мерасад, мири он шаҳр ӯро бо хушнудӣ пазироӣ мекунад. Рустам дар бораи аз пайи аспи худ то ба ин шаҳр омаданашро нақл мекунад. Шоҳ хоҳиш мекунад, ки осуда шавад ва ин ҷо бимонад ва рӯзи дигар Рахшро ҳатман пайдо мекунанд. Рустам чунин пешниҳодро бо хушӣ мепазирад.

Нисфи шаб духтари моҳлиқои шоҳи Самангон Таҳмина назди Рустам даромада, орзуи деринаи худро изҳор мекунад. «Агар маро шоистаи худат донӣ, ман азони туям. Орзу дорам, ки офаридгор аз ту ба ман фарзанде ато кунад, ки ба зӯру тавоноӣ монанди ту бошад ва монанди ту дар ҷаҳон ном барорад» — мегӯяд ӯ. Рӯзи дигар Рустам духтари шоҳи Самангон Таҳминаро хостгорӣ мекунад.Ҷашни арӯсии бошукӯҳе меороянд. Пас аз як шаби арӯсӣ Рустам аз шаҳр меравад. Пеш аз рафтанаш бозубандеро, ки гавҳар дошт, аз бозуяш бароварда ба Таҳмина медиҳад ва мегӯяд: «—Инро нигоҳ дор. Агар фарзанди мо духтар омад, инро ба гесӯяш бидӯз ва агар писар ёфтӣ, дар бозуяш бубанд, то нишоне аз падар дошта бошанд».

Пас аз нӯҳ моҳ Таҳмина писараке, ки ба чеҳра монанди падар буд, таваллуд мекунад. Ӯро Сӯҳроб ном медиҳанд. Дар якмоҳагӣ ӯ чун бачаи яксола, дар панҷсолагӣ ба навҷавон монанд буд, дар даҳсолагӣ китфу бозуи ҷавонӣ расида ва зӯри паҳлавонон дошт.

---

[1] *Гӯр* — гӯрхар, хари ваҳшӣ.

Сӯҳроб бе падар дар оғӯши модар, бобо ва дояҳо парвариш меёфт. Сӯҳроб дар Тӯронзамин мезист, Рустам дар Зобулистони дур. Рустам Афросиёб ном душмане дошт. Аз бими он, ки мабодо Афросиёб хабар наёбад, ки Рустам дар Тӯронзамин фарзанде дорад, Таҳмина ба Сӯҳроб дар бораи падараш чизе намегуфт. Лекин рӯзе Сӯҳроб аз назди ёрони ҳамбозии худ оташин баргашта ба тундӣ аз модараш мепурсад: «—Бигӯ, аз нажоди киам ман? Падарам кист?»

Таҳмина дигар ин розро пинҳон карда натавониста, писари Рустами Дастон будани ӯро мегӯяд. Ҳамчунин Рустам вақти таваллуд шудани Сӯҳроб ба Таҳмина нома, се пора ёқут ва се ҳамён зар фиристода буд, ки онро низ ба Сӯҳроб нишон медиҳад.

«Бингар, инак паём аз падарат ва инҳо ҳадяи ӯянд ба ману ту. Аммо зинҳор ту ин розро пинҳон бидор, ки мабодо Афросиёб огоҳӣ ёбад: вай ки аз падарат зарбаҳо хӯрда ва шикаст ёфта буд, душмани хунии ӯст, агар туро бишносад, мабод ки интиқоми падаратро аз ту гирифтанӣ шавад» — мегӯяд Таҳмина ба писараш.

Пас аз чанде Сӯҳроб ба худ азм мекунад: «То Рустам дар ҷаҳон ҳаст ва чун ман фарзанде дорад, чаро Афросиёбу Кайковус бояд подшоҳӣ кунанд? Ҷаҳонпаҳлавоне чун Рустам дар Зобулистон нишинаду Кайковуси камхирад бар тахти Эрон? Ё ки Афросиёби ношуди бадкин бар тахти Тӯрон? На, ба ин ҳол созиш кардан раво нест. Ман аз далерони Тӯронзамин сипоҳе гирд меоварам ва ба Эрон метозам, Ковусро сарнагун мекунам, падарамро меёбам ва бар тахти шоҳаншоҳии Эрон мешинонам, сипас ба Тӯронзамин лашкар мекашам, Афросиёбро аз тахт бармеандозам ва ин кишварро низ мулки Рустами Дастон мегардонам. То хуршеду моҳ ҳастанд, чаро бояд ситорагон сарварӣ кунанд?».

Сӯҳроб аввало ба худ асп интихоб мекунад, сипас силоҳ гирд меоварад ва бо ёрии бобояш шоҳи Самангон тамоми лавозимоти ҷангро муҳайё месозад.

Ба подшоҳи Тӯрон Афросиёб низ хабар мерасад, ки Рустам дар Самангон писаре доштааст мисли худ паҳлавон, вале дар бораи падараш чизе намедонад ва ӯро надидааст. Афросиёб роҳи ҳиларо пеш мегирад. Ӯ сипоҳдорони

худро ҷеғ мезанад ва мегӯяд: «Хуб аст, ки Сӯҳроб падарашро намешиносад, аз ин бояд истифода бурд. Шояд ин наррашер душмани хунии ман Рустамро аз пой барандозад. Шумо бо сипоҳ назди Сӯҳроб биравед ва ӯро ёрӣ кунеду ҳамроҳаш ба Эрон равон шавед. Он ҷо коре кунед, ки Сӯҳроб падарашро нашиносаду бо сипоҳи Эрон ба ҷанг дарояд».

Ҳангоми гусел кардани Сӯҳроб Таҳмина ба бозуи писараш пораи гавҳареро, ки Рустам ба ӯ дода буд, баста мемонад. Жандаразм, ки бародари Таҳмина буд, низ ҳамроҳи ӯ роҳӣ мешавад. Таҳмина аз додари худ илтимос мекунад, ки Рустамро ба Сӯҳроб нишон диҳад. Лашкари Сӯҳроб ҷониби Эрон ҳаракат мекунад. Эрониён дар сарҳадди шимоли шарқии кишвари худ қалъае доштаанд, ки Дижи Сапед ном доштааст. Ду дижбони делер Ҳаҷир ва Гуждаҳам аз болои қалъа истода пай мебаранд, ки сипоҳе сӯйи онҳо меояд. Байни ҷанговарони Дижи Сапед ва сипоҳиёни Сӯҳроб ҷанг оғоз мешавад. Ҳаҷир ба Сӯҳроб асир меафтад. Гуждаҳам ба шоҳ Ковус нома мефиристад: «Шоҳаншоҳо, аз Тӯрон сипоҳе далеру ҷангҷӯй ба қасди Эрон омад. Солори сипоҳ навҷавони хуршедталъатест, ки замона чун ӯ шерафкану лашкаршиканеро ба ёд надорад».

Шоҳ номаи Гуждаҳамро хонда хавотир мешавад. Бо бузургони дарбор маслиҳат карда ба хулоса меоянд, ки бояд ба назди Рустам паҳлавонеро гусел карда, ба муқобили ҷавонпаҳлавон Рустамро равона кунанд.

Паҳлавон Гевро бо нома назди Рустам мефиристанд. Рустам номаро хонда ба фикр меравад, ки он паҳлавон кӣ бошад. Пас аз чор рӯз ӯ бо сипоҳиёни худ сӯйи Эроншаҳр равон мешавад.

Рустам бо Ковус сӯйи Дижи Сапед лашкар мекашад.

Диже буд к-аш хондандӣ Сапед,
Бад-он диж буд эрониёнро умед.
Нигаҳбони диж размдида Ҳаҷир,
Ки бо зӯру дил буду бо гурзу тир.
Ҳанӯз он замон Гуждаҳам хурд буд,
Ба хурдӣ гароянду гурд буд.
Яке духтараш буд гурду савор,
Баландешу гарданкашу номдор.

Роҳи Рустам ба Албурзкӯҳ аз болои вилоятҳое мегузашт, ки дар забти душман буда ва дар онҳо дастаҳои лашкари Афросиёб тохту тоз доштанд.

Дар рафти набард Жандаразм ҳалок мегардад. Тамоми хаёлу андешаи Сӯҳроб дар ёфтани Рустам буд. Пас аз кушта шудани Жандаразм дар лашкари тӯрониён касе набуд, ки Рустамро шиносаду ба Сӯҳроб нишон диҳад.

Ба хотири вай Хаҷир мерасад, ки дар Дижи Сапед бандӣ буд. Лекин Хаҷир низ асли воқеаро аз ӯ пинҳон мекунад.

Сӯҳроб ба муқобили лашкари Кайковус ба разм мебарояд. Рустам низ Рахши худро маҳмиз мезанад ва гурз дар даст ба муқобили лашкари Сӯҳроб мебарояд.

Ҳангоми задухӯрд Рустам ва Сӯҳроб бо ҳам вомехӯранд. Бо дидани Рустам дар дили Сӯҳроб меҳри падараш ба ҷунбиш меояд ва мепурсад: «Эй паҳлавон, аз ту як чиз мепурсам, хоҳишмандам ба ростӣ посух бидеҳ ва маро шод бикун. Ту кистӣ? Аз кадом нажодӣ? Ба гумонам, ту Рустамӣ...»

Лекин Рустам рӯ ба сӯйи дигар мегардонад ва писарашро нашинохта мегӯяд: «На, ман Рустам нестам. Рустам паҳлавони бузургест ва ман як нафар ҷанговари хурд».

Ҳар ду паҳлавон дар водии фарохе се рӯз ҷанг мекунанд. Ҳар ду паҳлавон чун шерони жаён ба ҳамдигар дармеафтанд. Оқибат Рустам Сӯҳробро дар ҳалқаи бозуи пӯлодини худ фишурда ба замин мезанад ва теғашро аз камар кашида ба ҷигари фарзандаш мезанад.

Сӯҳроб оҳе мекашад ва сӯйи падараш нигоҳ карда мегӯяд: «Оқибат хунамро рехтӣ. Гуноҳи ту нест, замона чунин мехост... Дареғо, ки падарро наёфта аз ҷаҳон рафтам. Модарам нишонаҳои падарамро гуфта буд. Ӯро меҷустам, дар орзуи дидори падар умрам ба сар омад. Акнун ин орзуро ба хок мебарам. Аммо ту аз дасти падарам амон нахоҳӣ ёфт. Агарчи моҳӣ шавӣ ва дар об равӣ, ё чун шаб дар сиёҳӣ пинҳон гардӣ, ё ки ситора шавӣ ва ба сипеҳр бароӣ, падарам туро меёбад ва кини маро аз ту меситонад. Охир аз ин номдорон касе хабар ба Рустам хоҳад бурд, ки Сӯҳроб туро меҷуст ва аммо хирасаре ба ханҷар синаи ӯро дарид ва писарат ба хорӣ дар хок рафтааст».

Ҳуш аз сари Рустам мепарад. Сӯҳробро ба оғӯш гирифта дод мезанад: «Номи Рустам аз миёни ҷанговарон гум бод! — Бигӯ, аз вай чӣ нишон дорӣ? Рустам манам, дас-

там бурида бод, ки ба теғ хуни фарзандамро рехтам». Сӯҳроб, ки ҳоло ҷон надода буд, чашм мекушояд ва нолон мегӯяд: «Пас чаро номи худро аз ман пинҳон доштӣ, падар? Гаштаву баргашта ному нажодатро пурсидам, як зарра меҳри падарӣ дар дилат наҷунбид...» Сӯҳроб хоҳиш мекунад, ки Рустам ҷавшанашро кушода мӯҳраи модараш додаро бубинад. «Дареғо, ки пас аз бекор шудан ба кор омад» — мегӯяд ӯ.

Рустам ҷавшанро кушода дар бозуи ӯ нишонаи худро мебинад ва фиғон меандозад. Сӯҳроб охирин бор бо чашмони пуроб ба Рустам менигараду ҷон медиҳад.

Пурсиш ва супориш

1. Бо мазмуни достони «Рустам ва Сӯҳроб» шинос шавед.
2. Бигӯед, ки дар ин достон образи некӣ ва бадӣ дар симои киҳо таҷассум гардидааст?
3. Шакли бо шеър таълифёфтаи достони «Рустам ва Сӯҳроб»-ро мустақилона мутолиа кунед. Калимаҳои душворфаҳмашро ба дафтари луғат навишта, аз худ намоед.
4. Муқоиса кунед, ки оё забони шеърҳои «Шоҳнома» аз забони имрӯзаи тоҷикӣ фарқе дорад?

РАЗМИ СӮҲРОБ БО ГУРДОФАРИД

Чу огоҳ шуд духтари Гаждаҳам,
Ки солори он анҷуман гашт кам.
Ғамин гашту барзад хурӯше ба дард,
Баровард аз дил яке боди сард.
Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг-андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг-андарун кас надид.
Чунон нангаш омад зи кори Ҳаҷир,
Ки шуд лолабаргаш ба кирдори хир.
Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои диранг.
Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарки румӣ гиреҳ.
Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андар омад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард,
Ки гурдон кадоманду солор кист?
Зи размоварон ҷангро ёр кист?
Ки бар ман яке озмунро ба ҷанг,
Бигардад ба сони диловар наҳанг.
Зи ҷанговарон лашкари сарфароз,
Мар ӯро наёмад касе пеш боз.
Чу Сӯҳроби шеравжан ӯро бидид,
Бихандиду лабро ба дандон газид.
Чунин гуфт, к-омад дигарбора гӯр
Ба доми худованди шамшеру зӯр.
Бипӯшид хафтону бар сар ниҳод,
Яке тарки чинӣ ба кирдори бод.
Биёмад дамон пеши Гурдофарид,

Чу духти камандафкан ӯро бидид.
Камонро ба зеҳ карду бикшод бар,
Набуд мурғро пеши тираш гузар.
Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.
Нигаҳ кард Сӯҳробу омад-ш нанг,
Барошуфту тез андаромад ба ҷанг.
Сипар бар сар оварду бинҳод рӯй,
Ба наздики он духтари ҷангҷӯй...
Инон баргироиду бардошт асп,
Биёмад ба кирдори озаргушасп.
Ба даст андарун найзаи ҷонситон,
Паси пушти худ кардаш он гаҳ синон.
Бизад бар камарбанди Гурдофарид,
Зиреҳ бар танаш як ба як бардарид.
Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Ки чавгон зи бод андар ояд бар ӯй.
Чу бар зин бипечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид.
Бизад, найзаи ӯ ба ду ним кард,
Нишаст аз бари зину бархост гард.
Ба овард бо ӯ писанда набуд,
Битобид аз ӯ рӯю баргашт зуд.
Сипаҳбад инон аждаҳоро супурд,
Ба хашм аз ҷаҳон равшаноӣ бибурд.
Чу омад хурӯшон ба танг-андараш,
Биҷунбиду бардошт хӯд аз сараш.
Раҳо шуд зи банди зиреҳ мӯи ӯй.
Дурафшон чу хуршед шуд рӯи ӯй.
Бидонист Сӯҳроб, к-ӯ духтар аст,
Сари мӯи ӯ аз дури афсар аст.
Шигифт омадаш, гуфт аз эронсипоҳ
Чунин духтар ояд ба овардгоҳ.
Саворони ҷангӣ ба рӯзи набард,
Ҳамоно ба абр андароранд гард.
Зи фитрок букшод печон каманд,
Бияндохт, омад миёнаш ба банд.
Бад-ӯ гуфт, к-«аз ман раҳоӣ маҷӯй,

Чаро ҷангҷӯӣ ту, эй моҳрӯй?
Наёмад ба домам ба сони ту гӯр,
Зи чангам раҳоӣ наёбӣ, машӯр!»
Кушодаш рух он гоҳ Гурдофарид,
Мар онро ҷуз ин ҳеҷ чора надид.
Бад-ӯ рӯй бинмуду гуфт,— «Эй далер,
Миёни далерон ба кирдори шер.
Ду лашкар назора бар ин ҷанги мо,
Бад-ин гурзу шамшеру оҳанги мо.
Кунун ман кушода чунин рӯю мӯй,
Сипоҳ аз ту гардад пур аз гуфтугӯй,
Ки бо духтаре ӯ ба дашти набард,
Бад-ин сон ба абр андароварад гард.
Набояд, ки чандин диранг оварад,
К-аз ин разм бар хеш нанг оварад.
Ниҳонӣ бисозем беҳтар бувад,
Хирад доштан кори меҳтар бувад.
Зи баҳри ман оҳу зи ҳар сӯ махоҳ,
Миёни ду саф баркашида сипоҳ!
Кунун лашкару диж ба фармони туст,
Набояд бад-ин оштӣ ҷанг ҷуст.
Дижу ганҷу дижбон саросар турост,
Чу оӣ чунон, к-ат муроду ҳавост».
Чу рухсор бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушшоб бикшуд уннобро.
Яке бӯстон буд андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.
Ду чашмаш гавазну ду абру камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.
Бад-ӯ гуфт:— «З-ин гуфта акнун магард,
Ки дидӣ маро рӯзгори набард.
Бад-он бораи диж дил-андар мабанд,
Ки он нест бартар зи чархи баланд.
Ба пой оварад захми кӯполи ман,
Наронад касе найза бар ёли ман».
Инонро бупечид Гурдофарид,
Саманди сарафроз бар диж кашид.
Ҳаме рафт Сӯҳроб бо ӯ ба ҳам,

Бихандид бисёр Гурдофарид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.

Биёмад ба даргоҳи диж Гаждаҳам.
Дари диж кушоданду Гурдофарид—
Тани хаставу баста дар диж кашид.
Дари диж бубастанду ғамгин шуданд,
Пур аз ғам дилу дида хунин шуданд.
Аз озори Гурдофариду Хаҷир—
Пур аз дард буданд барнову пир...
Бигуфташ, ки: — «Эй некдил, шерзан,
Пур аз ғам буд аз ту дили анҷуман.
Ки ҳам разм ҷустӣ, ҳам афсуну ранг,
Наёмад зи кори ту бар дуда нанг.
Сипос аз худованди чархи баланд,
Ки н-омад ба ҷонат зи душман газанд».
Бихандид бисёр Гурдофарид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.
Чу Сӯҳробро дид бар пушти зин,
Чунин гуфт, к: — «Эй гурди Тӯронзамин!
Чаро ранҷа гаштӣ чунин, бозгард,
Ҳам аз омадан, ҳам зи дашти набард»
Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к: «Эй хубчеҳр,
Ба тоҷу ба тахту ба моҳу ба меҳр!
Ки ин бора бо хок паст оварам,
Туро, эй ситамгар, ба даст оварам!
Чу бечора гардию печон шавӣ,
Зи гуфтори ҳарза пушаймон шавӣ.
Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд,
Чу гардуни гардон кулоҳат рабуд.
Куҷо рафт паймон, ки кардӣ падид?!»
Чу бишнид гуфтор Гурдофарид,
Бихандиду он гаҳ ба афсун гуфт,
Ки «Туркон зи Эрон наёбанд ҷуфт.
Чунин рафт: рӯзӣ набудат зи ман,
Бад-ин дард ғамгин макун хештан!
Ҳамоно ки ту худ зи туркон наӣ,
Ки ҷуз б-офарини бузургон наӣ.
Бад-ин зӯру ин бозуву китфу ёл,
Надорӣ кас аз паҳлавонон ҳамол.
Валекин чу огоҳӣ ояд ба шоҳ,

Ки овард гурде зи тӯронсипоҳ,
Шаҳаншоҳу Рустам биҷунбад зи ҷой,
Шумо бо Таҳамтан надоред пой.
Намонад яке зинда аз лашкарат,
Надонам чӣ ояд зи бад бар сарат?
Дареғ оядам, к-ин чунин ёлу суфт
Ҳаме аз палангон бибояд нуҳуфт...
Туро беҳтар ояд, ки фармон кунӣ,
Рухи номвар сӯи Тӯрон кунӣ».
Чу бишнид Сӯҳроб нанг омадаш,
Ки осон ҳаме диж ба чанг омадаш.
Ба зери диж андар яке ҷой буд,
Куҷо диж, бад-он ҷой барпой буд.
Ба тороҷ дод он ҳама буму руст,
Ба якборагӣ дасти бадро бишуст.
Чунин гуфт, к: — «Имрӯз бегоҳ гашт,
Зи пайкори мо даст кӯтоҳ гашт.
Барорем шабгир аз ин бора гард,
Ниҳем андар ин ҷой шӯри набард»
Чу гуфт ин, инонро битобиду рафт,
Сӯи ҷои худ роҳро баргирафт.

Пурсиш ва супориш

1. Гурдофарид кист? Сӯҳроб бо ӯ кай шинос шуд?
2. Муколамаи байни Сӯҳроб ва Гурдофаридро маънидод кунед.
3. Вохӯрии ҳар ду ҷавон бо чӣ анҷомид?
4. Байти *«Дареғ оядам, к-ин чунин ёлу суфт,*
   Ҳаме аз палангон бибояд нуҳуфт...»-ро маънидод кунед.
5. Дижи Сафед чӣ гуна ҷой буд?
6. Сӯҳроб чӣ гуна рафтор кард?
7. Суханҳои Сӯҳробро аз достон ёфта хонед.
8. Дар достони мазкур кадом хислатҳои инсондӯстонаи Сӯҳроб тасвир шудааст?

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ЖАНРИ ҲАМОСА ВА ҲАМОСАИ МИЛЛӢ-ҚАҲРАМОНӢ

Ҳамоса яке аз жанрҳои адабӣ буда, достон, масал, ривоят, афсона ва дигар намудҳои эҷодиётро дар бар мегирад. Ҳамоса шакли тағйирёфтаи эпос мебошад. Ҳамосаро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1. Ҳамосаҳое, ки аз тарафи халқ эҷод шудаанд. Аз замонҳои қадим ҳамосаҳои халқӣ хеле маъмул буданд. Гӯяндагони ин гуна ҳамосаҳо дар бораи задухӯрд, низоъ, моҷароҳои дар он даврaҳо вуҷуддошта сухан карда, шуҷоатмандии қаҳрамонҳои худро тавсиф менамуданд.

2. Ҳамосаҳое, ки эҷоди ин ё он муаллиф — нависанда ё шоир аст. Муаллифи ин гуна ҳамосаҳо низ саргузашти як ё якчанд нафарро ҳикоя карда, муомилаи якеро ба дигаре, хислатҳо ва фикру зикри онҳоро баён менамуданд. Қисми зиёди асарҳои дар жанри ҳамоса навишташуда (роман, повест, ҳикоя) дар шакли наср буда, масал ҳам дар шакли наср ва ҳам дар шакли назм навишта шуда, достон бошад, бо назм эҷод мегардад.

Достонҳои калони халқие, ки дар бораи қаҳрамонони афсонавӣ ва корнамоиҳои ҷангии онҳо сухан мекунанд, ҳамосаи **миллӣ-қаҳрамонӣ** ном доранд. Ба ин гуна достонҳо достони халқии тоҷикӣ «Гӯрӯғлӣ», достони халқии ӯзбекӣ «Алпомиш», достони халқии ҳиндӣ «Маҳобхорат», достони халқии арманӣ «Довуди сосунӣ», достони халқии қирғизӣ «Манас» мисол шуда метавонанд.

Намунаи барҷастаттарини жанри ҳамосаи миллӣ-қаҳрамонӣ дар адабиёти тоҷик «Шоҳнома» мебошад. Фирдавсӣ дар адабиёти тоҷик бо номи ҳамосасаро машҳур шудааст.

Ҳамосаҳои миллӣ-қаҳрамонӣ бештар то асри XI машҳур буданд. Дар адабиёти муосир ҳамоса дар шакли роман, повест (қисса), ҳикоя, достон, афсона вомехӯрад.

Пурсиш ва супориш

1. Дар бораи ҳамоса маълумот диҳед.
2. Чаро ҳамосаи миллӣ-қаҳрамонӣ меноманд?
3. Дар адабиёти тоҷик киро ҳамчун ҳамосасарои машҳур мешиносанд?
4. Дар замони мо ҳамоса дар кадом шакл вомехӯрад?

АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО
(980 — 1037)



Аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

Тарҷумаи ҳоли ин марди бузургвор шаҳодат медиҳад, ки падари Абӯалӣ аз мардуми Балх буда, ба Бухоро кӯчида омада будааст. Ӯ ба корҳои девон машғул шуда, аз деҳаи Афшонаи Бухоро модари Абӯалӣ — Ситорабонуро ба занӣ гирифтааст. Сипас соли 980 Ҳусейн (номи аслии Абӯалӣ) ба дунё меояд. Ин навзоди нектолеъ дертар бо лақаби Авитсена (Абӯ Сино) саросари ҷаҳон маълуму машҳур гардида, дар илму фарҳанги ҷаҳонӣ аз худ осори безаволе боқӣ гузоштааст, ки боиси сарфарозӣ ва сарбаландиву ифтихори ҳамаи ҳамватанону ҳаммиллатонаш гаштааст.

Қисми зиёди тарҷумаи ҳоли Абӯалӣ ибни Сино аз нақли худи ӯ ба ҳамзамононаш ва навиштаҳояш ба мо маълум аст. Ӯ чунин навишта буд: «*...Падарам дар он ҷо модарамро ба занӣ гирифт ва ман дар он ҷо ба ҷаҳон омадам. Ва сипас бародарам зоида шуд. Сипас ба Бухоро мунтақил шудем. Ва барои ман омӯзгори Қуръон ва омӯзгори адаб овард. Ва ба даҳсолагӣ расидам ва Қуръон ва бисёре аз адаб барои ман фароҳам шуда буд, то ҷое, ки аз ман дар шигифт бударанд...*

Сипас маро ба марде роҳнамоӣ карданд, ки сабзавот мефурӯхт ва ҳисоби Ҳиндро медонист, фиристод, то аз ӯ таълим гирам. Сипас Абӯабдуллоҳи Нотилӣ ба Бухоро омад ва ӯ даъвои фалсафадонӣ мекард.

Падарам вайро ба умеди он ки ман аз ӯ таълим гирам, дар ҳавлиамон ҷой дод. Ва ман пеш аз он ки вай биёяд,

машғул ба фиқҳ ва рафтуомад барои он кор дар назди Исмоили Зоҳид будам ва аз беҳтарин ҷӯяндагони ин роҳ будам...».

Дар ҳамон солҳо Бухоро қароргоҳи аҳли савод ва маърифат будааст. Абӯалӣ хеле барвақт ба илму фарҳанг рағбат пайдо карда, боиси хурсандӣ ва сарфарозии падару модараш мегардад. Дар хонаи устодаш Абдуллоҳ, ки он ҷо як гурӯҳ олим ва донишмандон ҷамъ меомаданд, сари мавзӯъҳои гуногуни илму адаб баҳсу мунозираҳо сурат мегирифтааст. Абӯалӣ низ дар ин баҳсҳо иштирок мекардааст. Дар ин бора ӯ чунин навиштааст: «*Ман аксар вақтҳо ба мубоҳисаҳое, ки дар байни онҳо дар мегирифт, гӯш медодам, он чӣ, ки онҳо мегуфтанд, дарк мекардам, лекин дили ман ба онҳо қарор намегирифт*».

Ҳамин тариқ, дар андак вақт Абӯалӣ қариб тамоми илмҳои замонаашро фаро гирифта, дар айни ба балоғат расиданаш шавқу ҳаваси ӯ нисбат ба илми тиб фузунтар мегардад. Дар ин хусус вай афзудааст: «*Пас аз он ба фаро гирифтани илми тиб рағбат кардам ва китоб ва асарҳои фаровонеро дар ин илм мутолиа намудам, то он ки донистам, ин илм аз илмҳои мушкил нест ва дар андак муддате онро фаро гирифтам ва дар он чунон вуқуф пайдо кардам, ки бисёрии табибон ба пеши ман ба омӯхтани ин фан меомаданд. Кам-кам ба муолиҷаи беморон пардохтам ва аз ин роҳ таҷрибаҳои фаровон омӯхтам*».

Абӯалӣ ҳамеша дар ҷустуҷӯи китоб мегашт. Барои ба даст овардани китоби ба худаш даркорӣ ба ҳар кӯю дар сар халонд. Дере нагузашта обрӯю эътибори ӯ баланд шуд. Ӯро аҳли илму фазл эҳтиром мекардагӣ шуданд. Маҳорати аҷиби вай дар ташхиси бемориҳо шоёни таъриф шуда буд. Ана дар ҳамин давра ҳодисае рӯй дод, ки барои оянда и Абӯалӣ тасодуфи хушбахтона буд. Подшоҳи Сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур ба беморие дучор гардид. Табибони дарбор ҳеҷ илоҷи муолиҷаи онро наёфтанд. Боре дар яке аз машварати табибон сухан дар бораи Абӯалӣ рафт, ки овозаи ташхисгузорӣ ва муолиҷаи ӯро ҳама таъриф мекарданд.

Дар ин бора ба амир арз карданд. Бо фармони амир Абӯалиро ба дарбор даъват намуданд. Ӯ дар машварати табибон иштирок карда, бо доруҳое, ки то ҳол доданд,

шинос шуд, сонӣ, тарзи муолиҷаи наверо пешниҳод кард. Бар асари ин муолиҷа амир дар муддати кӯтоҳ шифо ёфт.

Амир, ки аз муолиҷаи табиби ҷавон хеле ризоманд гардида буд, аз ӯ пурсид: «Аз ман чӣ хоҳишу таманно дорӣ? Шарм надошта гӯй».

Абӯалии ҷавон аз ӯ чизе дархост накард, танҳо хоҳиш намуд, ки ӯро ба китобхонаи дарбор роҳ диҳанд. Ҳамин тариқ, ӯ ба орзуи деринаи худ — китобхонӣ расид. Акнун аз пагоҳӣ то бегоҳ рӯзи ӯ дар китобхона мегузашт. «*Маро ба китобхонаи шоҳ бурданд,* — мегӯяд Сино. — *Китобхонае дидам, бисёр васеъ ва калон, дорои хонаҳои зиёд. Дар ҳар хона сандуқҳои зиёд меистоданд, китобҳоро бо назму тартиб дар онҳо чида буданд. Ҳар хонае ба як навъ китоб махсус буд. Хонае ба китобҳои арабӣ ва шеър, хонаи дигар китобҳои оид ба фиқҳ, ҳамчунин ҳар хона ба китобҳои як соҳаи махсуси илм таҳсис дода шуда буд. Ин китобхона феҳрасте дошт, ки онро хондам ва он чӣ эҳтиёҷ доштам, аз он феҳраст интихоб кардам ва ба мутолиаи онҳо пардохтам.*

Дар ин китобхона китобҳои бисёре дидам, ки номи онҳоро то он рӯзгор аз касе нашунида будам ва худам низ то он ҳангом монанди он китобҳоро надида будам ва аз он баъд ҳам надидам.

Он китобҳоро хондам ва аз онҳо баҳраманд шудам ва мақоми ҳар як донишмандро дарёфтам».

Шӯҳрати Абӯалӣ рӯз аз рӯз меафзуд. Ӯро дар тамоми Мовароуннаҳр, Хуросон ва Гургон чун олими зирак ва табиби доно шинохтанд. Абӯалӣ пайваста меҳнат мекард: «*Шаб то рӯз хоб намерафтам ва рӯз то шаб намеосудам ва ҷуз фаро гирифтани он улум ба кори дигаре намепардохтам. Ҳар гоҳ ки дар мутолиа ба мушкиле бармехӯрдам, ки аз ҳалли он оҷиз мешудам, ба масҷид мерафтам ва намоз мегузоштам ва ҳалли он мушкилро аз мабдаъи кулл мехостам... Шаб ба хона бармегаштам ва чароғ меафрӯхтам ва ба хондани китобҳо ва навиштани мавзӯот идома медодам... Ба хондани китобҳо идома медодам ва бисёр воқеъ мешуд, ки чун ба хоб мерафтам, ҳамон масъалаҳои илмиро ба хоб медидам ва бисёре аз масъалаҳои мушкил дар хоб барои ман ҳал мегардид. Пайваста бар ин амали*

худ идома медодам, то ин ки дар тамоми илмҳо мустаҳкам шудам ва бар он чӣ имкони инсонӣ бошад, воқиф гардидам ва он чӣ дар он рӯзгор фаро гирифтам, ҳанӯз бидуни каму кост онҳоро ба ёд дорам. Дар мантиқ, тиббиёт ва риёзиёт он чӣ буд, омӯхтам ва ин илмҳоро чандон фаро гирифтам, ки то имрӯз чизе бар он фарогирифтаҳо афзуда нашудааст».

Лекин дертар бар асари таҳдиди қувваҳои таҷовузкор — Қарохониён ва Ғазнавиён ба давлати Сомониён ва вафоти Нӯҳ ин таҳдид бо истило анҷом ёфт. Баъди ин воқеаҳо сарсонию сафарҳои пурхатари Абӯалӣ оғоз меёбанд ва то ба охири умри ӯ тӯл мекашанд.

Сино, ки ходими давлатии Сомониён буда, ҷонибдори хонадони онҳо ба шумор мерафт, ҳамчун шахси ватанпарвар ва тарафдори истиқлоли миллӣ, олими тараққипарвару донишманди илмҳои дунявӣ ба таъқибот дучор мешавад.

Ӯ маҷбур мешавад, ки аз Бухоро фирор кунад. Вай аввал ба Хоразм, ба дарбори Алӣ ибни Маъмун, ки ҷонибдори Давлати Сомониён буд, ба илму олимон ҳусни таваҷҷӯҳ дошт, меравад. Сино дар ин кишвар бо олимони намоён Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯнасри Ироқ, Суҳайли Масеҳӣ, Абулхайри Хаммор шинос мешавад. Аввал ба Хоразм меравад ва қариб дувоздаҳ сол дар Хоразм зиндагӣ мекунад. Ин оромию осоиштагӣ низ дер давом намекунад. Султон Маҳмуд аз ҳокими Хоразм талаб мекунад, ки олимонашро барои хизмат ба Ғазна, ба дарбори Султон фиристад. Ибни Сино ин таклифро рад намуда, барои аз хашми Султон Маҳмуд раҳоӣ ёфтан ба Гургон рӯй меорад. Баъд аз ин дар ҳаёти Ибни Сино сарсониҳои зиёде рух доданд.

Аз он ҷо ба Гургон (Ҷурҷон) сафар мекунад, аз он ҷо ба Рай, Ҳамадон, сонӣ Исфаҳон меравад. Дар Исфаҳон ба шаҳр душманон ҳуҷум мекунанд ва дар қатори дигарон хонаи Синоро низ тохта, тамоми ашёи хона, китобҳо, дастнависҳои шайхро ғорат мекунанд. Абӯалӣ аз Исфаҳон гурехта, ба Ҳамадон роҳ пеш мегирад.

Дар Ҳамадон ӯ ҳокими он шаҳр Шамсуддавла (997—1012)-ро аз бемории сахти меъда муолиҷа карда, ба вазифаи вазир таъин шуд.

Бо дасисаи душманонаш ӯ аз вазирӣ истефоъ медиҳад, бештар ба корҳои илмӣ шуғл меварзад. Маҳз дар ҳамин давра бо хоҳиши шогирдаш Абӯубайд ба таълифи китоби бисёрҷилдаи «Китобушшифо» шурӯъ менамояд.

Бо вуҷуди ин дасисаи душманон идома меёфт. Онҳо ин дафъа Ибни Синоро ба ҷосусӣ (ки гуё бо ҳокими Исфаҳон Алоуддавла (1007—1041) робитаи хаттӣ дорад), айбдор карда дар натиҷа Самоуддавла ӯро зиндонӣ мегардонад.

Абуалӣ ибни Сино дар зиндон қиссаи фалсафии «Ҳай бинни Яқзон» ва асари илмии «Ал-ҳидоёт»-ро менависад.

Аллоуддавла Ҳамадонро забт мекунад, Синоро аз зиндон озод намуда, аз сари нав ба вазирӣ таъин менамояд. Ҳар ҳафта маҷлисҳои илмӣ баргузор мегардид, ки Сино дар атрофи муаммоҳои гуногун баҳсу мунозираҳо созмон медод. Ӯ асари машҳури худ «Донишнома»-ро дар ҳамин давра навишта ба номи Алоуддавла мебахшад.

Писари Султон Маҳмуд — Султон Масъуд (1030—1041) Исфаҳонро забт намуд. Ибни Сино маҷбур мешуд, ки дар пинҳонӣ умр ба сар барад. Ӯ китоби худ «Китобулинсоф»-ро дар бист ҷилд дар ҳамин гуна вазъият навиштааст.

Дар саргардониҳою сафарҳо ӯ сахт бемор мешавад ва шояд дар ҳамин маврид ӯ рубоии машҳури худро сароидааст:

Аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал.
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал,
Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

Чӣ хеле ки яке аз ҳамзамононаш мегӯяд китоби «Шифо» ба маризии ӯ шифо набахшид ва китоби «Наҷот» ӯро аз марг наҷот надод. Ӯ дар синни 57 солагӣ вафот кард ва ӯро дар шаҳри Ҳамадон дафн намуданд. Ҳамин тавр, ин нобиғаи бузург то ба қуллаҳои баланди илмҳои ҷаҳонӣ расида, бармаҳал вафот кард. Ҳоло дар ҷойи қабри ӯ оромгоҳи шоистае афрохтаанд.

Бо қарори ЮНЕСКО соли 1980 ҳазорумин соли тавалludи олими қомусӣ, файласуфи ҷаҳоншумул, донишманди бузурги тиб Ҳусайн бинни Абдуллоҳ Абӯалӣ ибни Сино (Авитсенна) дар тамоми мамлакатҳои дунё ҷашн гирифта шуд.

Пурсиш ва супориш

1. Абӯалӣ ибни Сино дар куҷо таваллуд шудааст?
2. Дар бораи омӯзиши Қуръон ва дигар илмҳои замонааш ӯ чӣ навиштааст?
3. Абӯалӣ чӣ гуна ба китобхонаи дарбор роҳ ёфт?
4. Кадом сифатҳои Сино барои дар оянда шӯҳрат ёфтани ӯ сабаб шуданд?
5. Чӣ водор сохт, ки Абӯалӣ тарки Ватан карда, сарсону саргардон шавад?

Мероси адабӣ

Шумораи асарҳои Абӯалӣ ибни Сино хеле зиёд буда, аз рӯйи баъзе тахминҳо он ба 456, бо дигар тахмин зиёда аз 200, аз рӯйи тахмини сеюм онҳоро ба 77 ном бурдаанд, ки чанде аз онҳо 20 ҷилдӣ, 18 ҷилдӣ, 10 ҷилдӣ мебошад.

Қисми зиёди асарҳои Сино бо забони арабӣ, ки дар он давра забони илм ба шумор мерафт, навишта шуда, 23 ном асари ӯ ба забони форсӣ-дарӣ эҷод шудааст. Асарҳои машҳуртарини ӯ «Китобушшифо», «Наҷот» (дар фалсафа), «Алқонун фитибб», дар соҳаи тиб, «Аладвияталқалбия» (давоҳои касалии дил), «Китобалинсоф», «Алҳайвон», «Аннабот», «Алмухтасар аласғар» (доир ба мантиқ) ба шумор мераванд, ки ба фанҳои гуногун бахшида шудаанд. Аз ин сабаб ӯро олими қомусӣ меноманд.

Абӯалӣ ибни Сино, ки забони арабиро ба дараҷаи аъло медонист, дар ин забон қасидаҳои шево низ иншо мекард. Лекин қисми зиёди шеърҳои ӯ ба забони тоҷикӣ навишта шуда, аз онҳо маълум мешавад, ки ӯ забони тоҷикиро бо тамоми фасоҳату нафосати он фаро гирифта будааст. Ӯ рубоию қитъаҳо ва асари худ «Донишнома»-ро ба забони тоҷикӣ навиштааст. Ғайр аз ин, 23 асари ӯ низ бо забони тоҷикӣ таълиф ёфтаанд.

Қисми зиёди эҷодиёти ӯ гувоҳи зиндагии пурфоҷиаи ӯ мебошанд. Аз ҷумла, мутаассибони динӣ ба ҳар гуна илму дониш душманӣ мекарданд. Аз ҷумла онҳо олими бузургро кофир хонда, санги маломат бар ӯ мерехтанд. Дар ин бора Сино бо рубоии зарифонаи худ ҷавоби шоиста додааст:

Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон ононанд,
Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

Зиндагии пурошӯб, нооромии Сино ӯро маҷбур сохта буданд, ки ҳамеша роҳ паймояд. Дар пеши ӯ ҳанӯз норавшаниҳо зиёд буданд. Дар ин бора ӯ чунин навиштааст:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор Хуршед битофт,
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.

Дар ҷойи дигар ӯ аз ҷустуҷӯҳои пайдарҳами худ қонеъ нашуда, умри инсониро барои фаро гирифтани ҳамаи донишҳо кам шуморида чунин гуфтааст:

Дар парда сухан набуд, ки маълум нашуд,
Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.
Дар маърифатат чу нек фикре кардам,
Маълумам бишуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.

Рубоиҳои Сино аз табъи баланди шоирона ва донишу заковати баландаш хабар медиҳанд. Аз мазмуни бисёрии онҳо ҳасби ҳоли олим ва зиндагии нооромии ӯро дарк намудан мумкин аст.

Э кош, бидонистаме, кистаме,
Саргашта ба олам аз паи чистаме?
Гар муқбилам[1], осудаю хуш зистаме,
Варна ба ҳазор дида бигристаме.

Куфре чу мане гизофу осон набувад,
Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир,
Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст,
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст.

Дар рубоӣ ва қитъаҳои худ Сино аз васоити тасвири бадеӣ, амсоли ташбеҳ, истиора, тазоду киноя истифода

[1] *Муқбил* — боиқбол, хушбахт.

кардааст. Дар рубоӣ, ки намуна оварда шуд, зулф ба афъӣ, лаб ба лаълу зумуррад, қаду боло ба кӯҳу камар монанд шуда, лаъл истиораи лаб аст.

Ҳамчунин таносуби сухан дар истифодаи вожаи «афъӣ» ва «кӯҳу камар» воқеъ гардидааст.

Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун шоир пеш аз ҳама дар мавзӯи ишқи поки инсонӣ шеър гуфтааст:

Зулфи ту чу афъӣ паи шарр мегардад,
Донӣ паси пуштат зи чӣ бармегардад?
Чун дид, ки лаъли ту зумуррад дорад,
Афъӣ шуду дар кӯҳу камар мегардад.

Дар қитъаи зерин низ Сино ҳиссиёти поки инсониро тасвир намудааст:

Хаста гардидам зи мижгоне, ки мебошад, сиҳат,
Ҳам касал созанд онҳо, ҳам парасторӣ яқин.
Лутф бар ман кун висолатрову хушбахтам намой.
Медиҳад табдил ҷавҳарро араз баъзан чунин.

Сино дар ин рубоии худ ваҳдати умумро дар ягонагии ҳақ, ҷаҳон, аҷноси малоика, аҷрому аносиру маволид мебинад ва исбот кардан мехоҳад, ки дар ин ҷаҳон ҳама чиз вобастаи ҳақ аст ва берун аз иродати ӯ чизе вуҷуд дошта наметавонад.

Дар рубоии дигари худ ӯ ба лутфу иноятӣ худо умед мебандад ва орзу менамояд, ки худованд зоти бузург аст ва аз тамоми гуноҳони бандааш гузашта ӯро авф менамояд, ки дар натиҷа «карда чу нокарда» ва «нокарда чу карда» қабул мешавад.

Моем ба лутфи ҳақ тавалло карда,
В- аз неку бади хеш табарро карда
Он ҷо, ки иноятӣ ту бошад, бошад
Нокарда чу карда, карда чун нокарда.

Баъзе ашхос ба фалсафаю афкори Шайхурраис дуруст сарфаҳм нарафта, ӯро ба кофирӣ айбдор мекарданд Сино бар зидди ин гуна ашхос, ки моҳияти аслии мусулмониро худ дуруст намефаҳмиданд, чунин иброз медорад:

Куфри чу мане газофу осон набувад ,
Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.

Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир,
Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.

Пас, Абӯалӣ ибни Сино дар шеъру шоирӣ ва насри адабӣ низ мақоми барҷаста дошта, маҳорати бузурги ӯ на танҳо дар таълифи осори илмию фалсафӣ, балки дар таълифи назму наср низ назаррас аст. Ӯ чун донандаи хуби забон ва адабиёти араб, дар пайравии услуби нависандагони араб, амсоли Ибни Амид, Соҳиб ва Собӣ асар таълиф намуд. ҳангоми дар зиндон буданаш рисолаҳои фалсафии «Ҳай ибни Яқзон» ва «Рисолатуттайр»-ро менависад. Дар баъзе асарҳои насрии Ибни Сино равиши махсус ба назар мерасад.

Чун зиндагиномаи олим, шоир, файласуф рангоранг ва пур аз воқеаҳои ҷолиби ҳаётӣ аст, дар бораи ӯ афсонаву ривоятҳои зиёде навишта шудаанд. Ғайр аз ривоятҳои халқӣ қисми зиёди ҳамзамонон, таърихчиён, аҳли адаб низ дар бораи ӯ нақлу ривоятҳо овардаанд, ки аз машҳури асрҳо ва маҳбуби наслҳо будани Сино дарак медиҳанд.

МУРДАРО ЗИНДА КАРДАНИ ТАБИБ

Рӯзе табиби машҳур — Ибни Сино аз назди қабристоне мегузашт. Дид, ки гурӯҳи одамон ҷамъ шуда мурдаеро ба хок месупоранд. Ибни Сино наздик шуд ва хам шуда ба рӯйи мурда нигоҳ карда гуфт:

— Эй мардум, шумо чӣ кор мекунед? Чаро одами зиндаро ба хок месупоред!?

Одамон ҳайрон шуданд ва даъво карданд, ки ин одам чӣ тавр метавонад зинда бошад, ки дирӯз боз мурда. Ибни Сино хоҳиш кард, ки мурдаро ба хонаи ӯ биёранд. Табиби донишманд дили мурдаро молиш додан гирифт. Баъди чанде дил ба кор сар кард ва он мард шифо ёфта, зиндагиашро давом додан гирифт.

ТАБИБИИ АБӮАЛӢ СИНО

Абӯалӣ Сино дар Бухоро табобатхона доштааст. Ҳар касе, ки касал шавад, пешоби худро ба шиша андохта меовардаасту номи худро нависонда, дар рафчаи табобатхона монда мерафтааст. Баъд Абӯалӣ Сино дар вақтҳои муайян бо

ҳамроҳи шогирди худ гардиш карда, пешобҳоро як-як аз назар мегузарондааст ва дарди ҳар касро аз рӯйи пешобаш муайян карда, давои онро мегуфтааст, шогирдаш навишта гирифта, ба бемор медодааст. Аксари беморҳо сиҳат мешудаанд.

Як муллои бухорӣ, ки ҳамеша Абӯалӣ Синоро кофир гуфта, ӯро наҳ зада мегаштаасту ба донишмандию ҳакимии вай бовар намекардааст, халқи авомро фиреб медиҳад гуфта, ташвиқот мебурдааст. Рӯзе ҳамон муллои бухорӣ ба хизматгораш фармудааст, ки пешоби модаговашро ба шиша андохта, гирифта биёрад. Хизматгор ин фармони муллоро ба ҷо овардааст. Худи мулло пешоби говашро ба табобатхонаи Абӯалӣ Сино бурда мондаасту аммо номи хизматгорашро навиштааст.

Рӯзи дуюм Абӯалӣ Сино бо ҳамроҳи шогирдаш ҳарӯза барин пешобҳоро як-як аз назар гузаронида, давои ҳар як беморро гуфтан гирифтааст. Вақте ки навбат ба пешоби мулло овардагӣ расидааст, Абӯалӣ Сино андаке истода фикр кардаасту баъд гуфтааст:

— Ба соҳиби ин гӯед, ки модаговашро нағз парвариш кунад, кунҷораю тарит диҳад, фарбеҳ ва сершир мешавад.

Шогирди Абӯалӣ Сино ин суханҳои муаллимашро навишта, ба зери шишаи муллои бухорӣ мондааст. Баъд мулло омада, коғазчаро хондаасту ба зери пойи Абӯалӣ Сино сар мондааст.

ҚУВВАИ ЧАШМИ АБӮАЛӢ СИНО

Абӯалӣ Сино дар дасти подшоҳ дурбинро дида, пурсидааст:

— Ин барои чӣ даркор аст?

Подшоҳ гуфтааст:

— Бо ин чизи дар чор фарсанг роҳ истодаро дида метавонӣ.

Абӯалӣ бе дурбин нигоҳ карда гуфтааст:

— Дар чор фарсанг саворе меояд. Вай ширинӣ мехӯрад.

Подшоҳ пурсидааст:

— Аз куҷо донистӣ, ки ширинӣ мехӯрад?

Абӯалӣ гуфтааст:

— Дар атрофи даҳони вай магасҳо мепаранд.

Рӯзе Абӯалӣ ибни Сино бо чашмони пур аз оташи ҳаяҷон, посбононро ба ҳар тараф тела дода, ба назди шоҳ Маҳмуд даромад ва таъзим карда гуфт:

— Амир, ганҷинаи ҳикмат сӯхта истодааст. Ба сарбозон фармон диҳед, то ин ки сӯхторро хомӯш кунанд.

— Ту кистӣ? — пурсид Маҳмуд.

— Табиб, Абӯалӣ ибни Сино... Ҳар дақиқа ғанимат аст! Бузургтарин хазинаи олам нобуд мешавад!

— Ту ҳамон табибӣ, ки подшоҳи Бухороро табобат кардӣ?

— Бале. Илтиҷо мекунам, таъхир накунед, амир!

— Мо таърифи туро бисёр шунидаем, аммо гумон накарда будем, ки ту ин қадар ҷавонӣ...

ҲИКОЯТ ДАР БОРАИ АБӮАЛӢ

Сотим Улуғзода

Дар он таърих, ки Абӯалӣ Сино аз Ҳамадон бигрехт ва мутаваҷҷеҳи Бағдод шуд, чун ба Бағдод расид, бар канори Шатт мардаке ҳангомае гирифта буду адвия мефурӯхт ва даъвои табибӣ мекард. Ӯ замоне он ҷо ба тафарруҷ[1] истод. Зане қорураи[1] беморе бозовард. Ӯ дар он ҷо нигоҳ карду гуфт:

— Ин бемор ҷуҳудест? Боз нигоҳ кард, гуфт:

— Ту хидматгори ин беморӣ?

Гуфт: — Оре.

Боз нигоҳ кард, гуфт:

— Хонаи ин бемор аз тарафи машриқ аст?

Гуфт: — Оре.

Гуфт: — Дирӯз мост[3] хӯрдааст?

Гуфт: — Оре.

Мардум аз илми ӯ тааҷҷуб бинмуданд ва Абӯалӣ ҳайрат овард. Чандон таваққуф кард, ки ӯ аз кор фориғ шуд. Пеш рафт, гуфт:

— Инҳоро аз куҷо маълум кардӣ?

Гуфт:

— Аз он ҷо, ки туро шинохтам, ки ту Абӯалиӣ.

---

[1] *Тафарруҷ* — сайру гашт, саёҳат, тамошо.

[2] *Қорура* — анализ.

[3] *Мост* — ҷурғот.

Гуфт:

— Ин мушкилтар!

Чун иллоҳ[1], кард, гуфт:

— Он зан чун он қорура ба ман намуд, ғубор бар остинаш дидам, донистам хидматгори касе бошад ва чун яҳуд хидмати мусулмон накунад, донистам, ки ходимаи ин кас бошад ва пораи мост бар ҷомаи ӯ чакида дидам, донистам, ки дар он хона мост хӯрдаанд ва қадре ба бемор дода бошанд ва хонаҳои яҳудон аз тарафи машриқ аст, донистам, ки хонаи ӯ низ он ҷо бошад.

Гуфт:

— Инҳо мусаллам. Маро чун шинохтӣ?

Гуфт:

— Имрӯз хабар расид, ки Абӯалӣ аз Алоуддавла гурехтааст. Донистам, ки ин ин ҷо ояд ва донистам, ки хилоф аз ту касеро зеҳн бад-ин бозӣ нарасад, ки ман кардам.

ҚУВВАИ ҲОФИЗАИ АБӮАЛӢ

Абӯалӣ Сино дар вақти гурезагиаш ба Исфаҳон рафтааст. Ҳамроҳи худ ҳеҷ гуна китобе надоштааст. Талабагон ва олимон аз вай хоҳиш кардаанд, ки китоби «Қонун»-ро барои хондан ба онҳо бидиҳад. Абӯалӣ гуфтааст, ки ҳеҷ гуна китоб надорад, вале «Қонун»-ро аз ёд гуфтааст ва онҳо навишта гирифтаанд. Баъд аз он китоби «Қонун»-ро ёфта, навиштаи худро бо он муқоиса кардаанд, ки ҳеҷ фарқе надоштааст.

ОТАШ БУРДАНИ БАЧА

Рӯзе Абӯалӣ барои коре ба назди дӯконе рафт. Дар он ҷо ӯ дид, ки кӯдаки хурдсоле ба назди соҳиби дӯкон омада гуфт:

— Устодам маро фиристод, то барояш оташ бубарам.

Бача дар даст барои бурдани оташ чизе надошт. Дӯкондор дар ҳайрат монда пурсид:

— Оташро чӣ тавр мебарӣ, ки зарфе наовардӣ?

Бача ба кафи дасти худ хокистар рехт, ба болои он лахчаҳои оташро гузошт ва равон шуд.

---

[1] *Илҳоҳ* — илтимосу илтиҷо кардан

Дӯкондор гуфт:

— Эй фарзанд, ту хеле зирак будаӣ. Агар роҳи донишро пеш гирӣ, донишманди машҳур мешавӣ.

Бача гуфт:

— Монанди ман дар ин шаҳр бачаҳо зиёданд, аммо мо шароити таҳсил надорем.

Абӯалӣ аз заковати бача тааҷҷуб кард ва орзуманд шуд, ки шояд рӯзе расад, ки ҳамаи бачагон аз роҳи дониш баҳравар шаванд.

Ҳамин орзуи Сино ҳоло ҷомаи амал пӯшид.

ҲИКОЯТ

Сотим Улуғзода

...Яке аз ақрабои Қобуси Вашмгирро, ки подшоҳи Гургон буд, оризае (ранҷе) падид омад ва табибон ба муолиҷати ӯ бархостанду ҷаҳд карданд ва ҳадде тамом намуданд, иллат ба шифо напайваст. Ва Қобусро азим дар он дилбастагӣ буд, то яке аз ходимон Қобусро гуфт, ки дар фалон корвонсарой ҷавоне омадааст, азим табиб ва бағоят муборакдаст ва чанд кас бар дасти ӯ шифо ёфт. Қобус фармуд, ки ӯро талаб кунед ва ба сари бемор баред, то муолиҷат кунад, ки даст аз даст муборактар бувад.

Пас Абӯалиро талаб карданд ва ба сари бемор бурданд. Ҷавоне дид бағоят хубрӯй ва мутаносибаъзо, хат (ишқ) асар карда ва зор афтода. Пас, биншаст ва набзи ӯ бигрифту тафсира бихост ва бидид. Пас гуфт: «Маро марде мебояд, ки ғуруфот (хонаҳо) ва маҳаллоти Гургонро ҳама шиносад». Биёварданду гуфтанд: «Инак».

Абӯалӣ даст ба набзи бемор ниҳоду гуфт: «Баргӯй ва маҳаллатҳои Гургонро номбар деҳ». Он кас оғоз карду номи маҳаллатҳоро гуфтан гирифт, то расид ба маҳаллате, ки набзи бемор дар он ҳолат ҳаракате ғариб кард. Пас Абӯалӣ гуфт: «Аз ин маҳаллат кӯйҳо номбар кун». Он кас бардод, то расид ба номи кӯе, ки он ҳаракати ғариб такрор кард.

Пас, Абӯалӣ гуфт: «Касе мебояд, ки дар ин кӯй ҳама саройҳоро бидонад». Биёварданд ва саройҳоро бардодан гирифт, то расид бад-он сарое, ки ин ҳаракат бозомад. Абӯалӣ

гуфт: «Акнун касе мебояд, ки номҳои аҳли сарой батамом донад ва бардиҳад». Биёварданд. Бардодан гирифт, то омад ба номе, ки ҳамон ҳаракат ҳодис шуд.

Он гаҳ Абӯалӣ гуфт: «Тамом шуд». Пас рӯй ба мӯътамадони Қобус карду гуфт: «Ин ҷавон дар фалон маҳаллат ва дар фалон кӯй ва дар фалон сарой бар духтаре фалон ва фалон ном ошиқ аст. Ва доруи ӯ висоли он духтар аст ва муолиҷати ӯ дидори ӯ бошад».

Пас бемор гӯш дошта буд ва ҳарчӣ хоҷа Абӯалӣ мегуфт, мешунид. Аз шарм сар дар ҷомаи хоб кашид.

Чун истилоъ (тафтиш) карданд, ҳамчунон буд, ки хоҷа Абӯалӣ гуфта буд...

Аз «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ

Пурсиш ва супориш

1. Кадом асарҳои Синоро медонед?
2. Сабаби олими қомусӣ номида шудани Сино дар чист?
3. Олим дар кадом забонҳо эҷод кардааст?
4. Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Сино аз чӣ иборат аст?
5. Намунаҳои осори Синоро таҳлил ва аз ёд кунед.
6. Оё Шумо гуфта метавонед, ки шеъру рубоиҳои ӯ ба шеърҳои кадом шоирҳои номии форсу тоҷик аз ҷиҳати мазмун ва сабк монанданд? Мустақилона таҳлил кунед.
7. Ривоят ва афсонаҳоро дар бораи рӯзгори Сино хонда, таҳлил кунед.

НУКТАҲО АЗ «ПИРӮЗИНОМА»

Дар рӯзгори Анӯшервони одил ҳеҷ чиз аз ҳикмат азиztар набуда ва ҳакимони он аср ҳама эътиқодманд ва парҳезкор будаанд.

Як рӯз Нӯшервон Бузургмеҳрро талаб карду гуфт:

— Мехоҳам сухане чанд муфид, лафз — гуфтор андак, маънии бисёр ҷамъ созӣ, чунон ки дар дунё.. судманд бошад.

Бузургмеҳр як сол мӯҳлат хост ва ин суханонро ҷамъ кард ва «Зафарнома» ном ниҳод ва ба назди Анӯшервон бурд. Ӯро хуш омад ва шаҳреро ба мулкҳои хусусии ӯ илова кард ва фармуд, ки ин суханонро бо оби зар навиштанд. Доим бо худаш онҳоро нигоҳ медошт ва бисёр ба мутолиаи ин китоб вақти худро сарф менамуд.

Бузургмеҳр забон ба сухан кушоду гуфт:

— Аз устоди худ мепурсидам ва ӯ ҷавоб мегуфт:

Гуфтам:

— Эй устод, аз худо... чӣ хоҳам, ки ҳамаи некӯиҳо хоста бошам?

Гуфт:

— Се чиз: тандурустию эминӣ ва тавонгарӣ.

Гуфтам:

— Корҳо ба кӣ супорам?

Гуфт:

— Ба он кас, ки хештан шоиста бошад.

Гуфтам:

— Аз кӣ эмин бошам?

Гуфт:

— Аз дӯсте, ки ҳасадхӯр набошад.

Гуфтам:

— Чӣ чиз аст, ки биҳиштро сазовор бошад?

Гуфт:

— Илм омӯхтану ба ҷавонӣ ба кори ҳақ машғул будан.

Гуфтам:

— Кадом айб аст, ки наздики мардум мӯътабар намояд?

Гуфт:

— Ҳунари худ гуфтан.

Гуфтам:

— Чун дӯсти ношоиста падид ояд, чӣ гуна аз вай бибояд бурид.

Гуфт:

— Ба се чиз: ба зиёрataш — диданаш кам рафтан, аз ҳолаш напурсидан ва аз вай ҳоҷат нахостан.

Гуфтам:

— Корҳо ба кӯшиш вобаста аст ё ба қазо — тақдир?

Гуфт:

Кӯшиш қазоро сабаб аст.

Гуфтам:

— Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ некӯтар?

Гуфт:

— Аз ҷавонон шарму далерӣ ва аз пирон донишу оҳистагӣ.

Гуфтам:

— Ҳазар аз кӣ бояд кард, то растагор бошам?

Гуфт:

—Аз мардуми чоплус — хушомадгӯи фиребанда ва хасис, ки тавонгар шуда бошад.

Гуфтам:

— Сахӣ кист?

Гуфт:

— Он кас, ки саховат кунаду дилшод шавад.

Гуфтам:

— Чӣ чиз аст, ки мардум ҷӯянду касе онро ба тамомӣ наёфтааст?

Гуфт:

Се чиз: тандурустию шодӣ ва дӯсти мухлис.

Гуфтам:

— Некӯӣ беҳтар ё аз бадӣ дур будан?

Гуфт:

— Аз бадӣ дур будан ҳамаи некӯиҳост.

Гуфтам:

— Ҳеҷ ҳунар бошад, ки айб шавад?

Гуфт:

— Саховате, ки ба миннат бувад.

Гуфтам:

— Чӣ чиз аст, ки донишро бияфзояд?

Гуфт:

— Ростӣ!

Гуфтам:

— Чӣ чиз аст, ки ба далерӣ нишон аст?

Гуфт:

— Авф кардан, чун қодир шавӣ...

Гуфтам:

— Аз корҳои мардум кадом зиёнкортар аст?

Гуфт:

— Он айб, ки аз мардум пӯшида набошад.

Гуфтам:

— Аз зиндагонӣ кадом соат зоеътар аст?

Гуфт:

— Он соат, ки некӯӣ дар ҳаққи касе тавонад кард ва накунад.

Гуфтам:

— Аз дармонҳо кадом дармонро хор набояд дошт?

Гуфт:

— Се: аввал..., дуюм — фармони оқилон, сеюм — фармони падару модар.

Гуфтам:

— Беҳтарин зиндагонӣ чист?

Гуфт:

— Фароғат ва эминӣ.

Гуфтам:

— Бартарини марг чист?

Гуфт:

— Муфлисӣ.

Гуфтам:

— Чӣ беҳтар?

Гуфт:

— Хушнудии ҳақ...

Гуфтам:

— Чӣ чиз аст, ки мавaддат — дӯстиро хароб кунад?

Гуфт:

— Чаҳор чиз: бузургонро бахилӣ, донишмандонро уҷб — худписандӣ, занонро бешармӣ ва мардонро дурӯғ гуфтан.

Гуфтам:

— Чӣ чиз аст, ки кори мардумро хароб кунад?

Гуфт:

— Сутудани — таърифи ситамкорон.

Гуфтам:

— Дунё ба чӣ дартавон ёфт?

Гуфт:

— Ба фарҳангсипосдорӣ — эҳтироми дониш.

Гуфтам:

— Чӣ кунам, ки бар табиб ҳоҷат набошад?

Гуфт:

— Кам хӯрдану кам хоб рафтану кам гуфтан.

Гуфтам:

Аз мардумон кӣ оқилтар аст?

Гуфт:

Он кӣ кам гӯяду беш шунавад ва бисёр донад.

Гуфтам:

— Хорӣ аз чист?

Гуфт:

— Аз коҳилӣ — танбалию фасод — бадахлоқӣ.

Гуфтам:

— Ранҷ аз чист?

Гуфт:

Аз танҳоӣ.

Гуфтам:

— Чист, ки ҳамият — номусро барад?

Гуфт:

— Тамаъ.

Гуфтам:

— Дар ҷаҳон чӣ нектар аст?

Гуфт:

— Тавозӯъ — хоксории беминнат ва саховат, на аз баҳри мукофот.

Гуфтам:

— Дар ҷаҳон чӣ зишттар аст?

Гуфт:

— Ду чиз: тундӣ аз подшоҳон ва бахилӣ аз тавонгарон.

Гуфтам:

— Асли тавозӯъ чист?

Гуфт:

— Рӯй тоза доштан ва ба охир аз худ хуш будан.

Гуфтам:

— Тадбир аз кӣ пурсам?

Гуфт:

— Аз он кас, ки се фазилат дар вай бошад: — покию муҳаббати некон ва дониши тамом.

Гуфтам:

— Некӯӣ ба чанд чиз тамом шавад?

Гуфт:

— Ба тавозӯи — хоксории бетавқеъ — ҳукм ва саховати беминнат ва хидмати бе талаби мукофот.

Гуфтам:

— Чист, ки мардумон ӯро бад-он дӯст доранд?

Гуфт:

— Се чиз: дар муомила ситам накардан ва дурӯғ нагуфтан ва бо забон касеро наранҷондан.

Гуфтам:

— Агар илм омӯзам, чӣ ёбам?

Гуфт:

— Агар хурд бошӣ, бузургу номдор гардӣ, агар муфлис — камбағал бошӣ, тавонгар гардӣ ва агар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ.

Гуфтам:

— Мол аз баҳри чӣ бошад?

Гуфт:

— То ҳаққи мардум аз гардани хеш бигзорӣ ва захира аз барои падару модар бифиристӣ... ва душманро дӯст гардонӣ ва бо дӯсту душман мувосо кунӣ.

Гуфтам:

— Ҳеҷ чиз набошад, ки нахӯранду танро суд дорад?

Гуфт:

— Сӯҳбати некон ва дидори ёру ҷомаи нарм ва ҳаммоми мӯътадил ва бӯи хуш.



НОСИРИ ХУСРАВИ ҚУБОДИЁНӢ (1004 — 1088)

Хирад беҳтар бувад аз зар, ки дорӣ,
Ки дар зар кас набинад ҳушёрӣ.

Яке аз симоҳои барҷастаи илму адаби асри XI Носири Хусрави Қубодиёнӣ 20 августи (19 сентябри) соли 1004 дар Қубодиён ном мавзеи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида ба дунё кушодааст. Падари ӯ кишоварз буда, фарзанди худро бо илмҳои онвақта, аз қабили адабиёт, тиб, мусиқӣ, фалсафа, илоҳиёт шинос кардааст.

Носири Хусрав чанд гоҳе баъд аз мутолиаву омӯзиши пояҳои асосии илму адаби давр ва ниёгонаш ба корҳои давлатӣ камар мебандад. Валекин бедодиҳои золимони турки ғазнавӣ ва абгору нопадид шудани қасри орзуҳои ба дил парварда, нолаву фиғони мардуми зери пои асбони ғосибон афтода, даҳри абри сиёҳ фарогирифта ӯро водор мекунад, ки ин ҳама кору борро тарк намуда, баҳри ёфтани ришатаи адлу адолат ва хушбахтиҳои олами инсон ба сафар барояд.

Дар ин бора ӯ чунин нигоштааст:

Чанд гардӣ гирди он бар тамаъи ҷоҳу мол,
К-аз тамаъ ҳаргиз наёбӣ чиз ҷуз дарду бало.
Гарчи муш аз осиё бисёр дорад фоида,
Бегумон рӯзе фурӯ кубад сарашро осиё.

Носири Хусрав айёми ҷавониро ғанимат дониста, ҳама вақт авқоти рӯзгорро бо донишомӯзӣ сарф кардааст. Вай на танҳо асосҳои илму адаб, фалсафаи Машриқзаминро

азхуд менамояд, балки шохаҳои гуногуни диниро меомӯзад.

Носири Хусрав дар давоми ҳафт соли сафари худ Эронзамин, Арманистон, Осиёи Сағир, Ҳалаб, Тароблис, Шом, Суриё, Фаластин, Ҷазиратулараб, Миср, Тунис ва дигар давлатҳоро пиёдаву савора мегардад.

Дар рафти сафарҳо ӯ бо урфу одат, фикру ақида, фарҳанги хоссаи ин давлатҳо шинос шуда, бо файласуфон, олимон ва носирону аҳли сиёсати он ҷойҳо шинос мешавад. Натиҷаи ин сафари ӯ китоби «Сафарнома» мебошад, ки дар он дидаву шунидаашро ба риштаи тасвир кашидааст. Ин асар бар хилофи анъанаи онвақта ба касе бахшида нашуда ва касеро мадҳ намекунад.

Олим ва шоир Носири Хусрав ҳангоми мусофирататаш ба Миср бо расму оин ва мазҳаби султонҳои фотимии Миср, ки пайравони исмоилия буданд, шинос шуда, худ низ пайрави ин тариқат мегардад.

Шоир ба тарзи зиндагии ашрофони давраш нафрат мепарварад. Вай ҳаёти пурайшу ишрате, ки истеъдод ва қобилияти инсонро фалаҷ намуда, касро ба ҷонвари истеъмолкунанда табдил медод, ҳуҷум оварда, ҳатто дар қасидааш ҳаёти бемаънии ононро бо ситеза чунин баён мекунад:

Бар аҳли Хуросон фарох шуд кор,
Имрӯз, ки Иблис мизбон аст.
В-аз мутрибу руду набид ин ҷо
Пайваста ҳама рӯз корвон аст.
В-аз хубғуломон ҳама Хуросон
Чун буткадаи Ҳинду Чинситон аст.
Зи рӯду суруд аст гӯши султон,
Зеро ки Туғонхонаш меҳмон аст.
Мутриб ҳаме афғон кунад, ки «май хӯр,
Эй шоҳ, ки ин ҷашни хусравон аст!»

Ӯ ба ватани худ бо орзуву умеди зиёд ва дар дил бо ҳазорон нақшаҳо баргашта буд, то ки дар натиҷаи татбиқи онҳо то андозае ҳоли мардумро беҳ намояд.

Носири Хусрав ба Балх баргашта, ба таблиғоти исмоилия мепардозад. Пайравони ӯ зиёд гашта, обрӯи ӯ рӯз то рӯз баланд мешавад. Пас аз Балх Носири Хусрав дар Мо-

зандарон, Сиистон, Хатлон фаъолияти худро давом дода, ба таъқиботи сахти рӯҳониёни мутаассиб гирифтор мешавад. Барои раҳоӣ ёфтан аз марг ӯ дар деҳаи Юмгони кӯҳсори Бадахшон паноҳ ёфта, то охири ҳаёташ дар он ҷо зиндагонӣ мекунад.

Дар ин бора ӯ бо сӯзу гудоз чунин навиштааст:

Оқилонро дар ҷаҳон ҷое намонд,
Ҷуз, ки дар кӯҳсорҳои Шомихот.

Мақсад аз Бадахшонро ихтиёр кардани шоир дар он буд, ки барои эҷод кардану ташвиқоту тарғиботи тариқаташ имконияте бошад. Гарчанде дар аввал ба тангдастӣ гирифтор шуда, азоби моддиву рӯҳӣ кашида бошад ҳам, мутафаккири аз таъқибу таҳдид наҷотёфта аз нав қомат рост карда, аз нав ба фаъолияти эҷодии худ камар мебандад. Ӯ бо маърифати худ Юмгонро ба макони илму адаб табдил дода чунин навиштааст:

Ҳамчу хуршеди мунаввар суханам пайдост,
Гар бифарсуда тан аз чашми ту пинҳонам.
Нур гирад дилат аз ҳикмати мун чун Моҳ,
Ки дилатро ман Хуршеди дурахшонам.
Кони илму хираду ҳикмат Юмгон аст,
То ман марди хирдаманд ба Юмгонам.

Тамоми умри Носири Хусрав дар азобу шиканҷа сипарӣ гаштааст. Лекин ӯ муборизи ҳаёт буда, баҳри тарбияи инсон хизмат кардааст. Ӯ ягонагии оину кеш ва мазҳабу тариқатро сабабгори иттиҳоди халқ медонист.

Мероси адабӣ

Эҷодиёти шоири файласуф Носири Хусрав доманадор аст. Ӯ аз масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сар карда, то ба фалсафаи коинот ва илоҳиёт суханронӣ кардааст.

Аз асарҳои Носири Хусрав то ба имрӯз «Сафарнома», «Девони ашъор», маснавиҳои «Рӯшноинома», «Саодатнома», «Ваҷҳи дин», «Зодулмусофирин», «Гузориш ва раҳоиш», «Ҷомеъ улҳикматайн», «Хон улихвон» боқӣ мондаанд.

«Сафарнома»-и Носири Хусрав яке аз беҳтарин асарҳои мутафаккири халқи тоҷик Абӯмуиниддин Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1003—1068) буда, ӯ ҳафт сол ба тарафҳои Мисру Мадина ва Макка сафар карда, дидаву шунидаҳояшро дар ин асар тасвир кардааст. Ин сафари Носири Хусрав аз 16-уми октябри соли 1045 то 23 октябри соли 1052 давом карда будааст. Нависанда бештар дар бораи ободонии шаҳрҳо, роҳҳо, хулқу хӯи мардуми шаҳрҳои гуногун ва урфу одати онҳо маълумот дода, мулоқотҳои худро бо мардони илму адаб тасвир мекунад.

«Сафарнома» натиҷаи сафарҳои дуру дарози ӯ, шиносоӣ бо мазҳабу дини оини халқҳои дигар, тарафҳои неку бади хислатҳои одамӣ мебошад. Он пандномаест, ки насиҳатҳои эшонро дар бораи саховатпешагӣ, саодат, зиндагонӣ, марҳамат, ғурур дар бар мегирад. «Сафарнома» дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик мавқеи бузург дорад.

«Ҷомеъ улҳикматайн» асари намоёни фалсафии муаллиф мебошад. Худи мутафаккир таъкид намудааст, ки ин асарро барои халқаш иншо кардааст ва ҳамчунин барои авлодоне, ки дар давру замонҳои баъдина меоянд. Ӯ менависад: «Ва ҳарчанд, ки имрӯз ба замини Хуросон ва Машриқ ҳосиби комил нест, чун маро бар ҳалли он мушкилот даст буд, он китобро тасниф кардам мар ояндагон халқро ба замони оянда»

Маълум мешавад, ки Носири Хусрав ду девони шеърӣ доштааст, ки яке бо забони арабӣ ва дигаре бо забони тоҷикӣ. Девони арабии ӯ то замони мо нарасидааст. Дар девони тоҷикии ӯ маълумотҳои тарҷумаиҳолии ӯ хеле зиёд аст. Абдураҳмони Ҷомӣ ба санъати шеърнависии Носири Хусрав баҳо дода, чунин гуфтааст: «... дар саноати шеър моҳир буд ва дар фунуни ҳикмат комил».

Асарҳои Носири Хусрав «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» гуфторҳоро дар бораи рӯҳи инсонӣ, ботин, шарафи инсонӣ, қобилияти камолёбии инсон, маърифат, дӯстӣ ва дигар намудҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар бар мегиранд. Ин асарҳо сар то сар панду ахлоқианд. Чунончи, дар сатрҳои зерин ӯ дӯстиро чунин изҳор кардааст:

Зи нодон дӯстӣ ҳаргиз наҷӯяд,
Куҷо душман касе чун дӯст гӯяд?
Набошад дӯст ҷуз оинаи дӯст,
Ба ҷону дил ҳама ину ҳама ӯст.

Дар боби «Ишорат ба шарафи инсонӣ»-и манзумаи «Рӯшноинома» шоир инсонро ба дарахти мевадор нисбат дода чунин менигорад:

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.
Дигар ҳастанд ҳамчун баргу мо бар,
Туфайли мо шуданд инҳо саросар.
Шараф дорад дарахт аз мевадорӣ,
Набошад к-ӯ намонад барқароре.
Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро,
Шараф дорад чунон к-аз ақл моро.
Наёбад марди ҷоҳил дар ҷаҳон ком,
Надорад таъму лаззат меваи хом...

Носири Хусрав чун шоир зулми аҳли дарбориён ва дигар бесару сомониҳои замонаашро бо чашмони худ дида, ҷафои онро чашидааст. Ӯ дар асарҳои худ ин иллатҳои замона, дурӯягии рӯҳониён, золимии дарбориёнро танқид карда, дар бораи зарурати омӯзиши илм, маърифатпарварӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ сухан мекунад. Носири Хусрав деҳқонону ҳунармандонро мадҳ карда, нафрати худро нисбат ба золимон дар шеърҳояш баён кардааст.

Пурсиш ва супориш

1. Сарнавишти Носири Хусрав аз кадом воқеаҳо оғоз ёфтааст?
2. Китоби «Сафарнома» ба кадом воқеаҳо бахшида шудааст? Аҳамияти ин асар дар чист?
3. Дар бораи ба мазҳаби исмоилия рӯй ниҳодани Носири Хусрав нақл кунед.
4. Солҳои охири ҳаёти Носири Хусравро бо солҳои охири ҳаёти Фирдавсӣ ва Рӯдакию Сино муқоиса кунед. Хулосаҳои худро ба дафтари адабиёт нависед.
4. Чаро Носири Хусрав дӯстро оинаи дӯст номидааст?
5. Асарҳои Носири Хусравро номбар кунед. Мазмуну мундариҷаи асарҳои ӯро кадом масъалаҳо ташкил медиҳад?
6. Харитаи сафарҳои Носири Хусравро кашед.

СИФАТИ ШАҲРИ МИСР ВА ВИЛОЯТАШ

(Аз «Сафарнома»)

Оби Нил аз миёни ҷанубу мағриб меояд ва ба Миср мегузарад ва ба дарёи Рум меравад. Ва оби Нил чун зиёдат мешавад ду бор, чандон мешавад, ки Ҷайҳун ба Тирмиз. Ва ин об аз вилояти Нуба мегузарад ва ба Миср меояд. Ва вилояти Нуба кӯҳистон аст ва чун ба саҳро расад, вилояти Миср аст. Ва сарҳадаш, ки аввал он ҷо расад, Ассувон мегӯянд, то он ҷо сесад фарсанг[1] бошад. Ва бар лаби об ҳама шаҳрҳо ва вилоятҳост. Ва он вилоятро Саидулаъло мегӯянд ва чун киштӣ ба шаҳри Ассувон расад, аз он ҷо барнагузарад, чӣ об аз дараҳои танг берун меояд ва тез меравад. Ва аз он болотар сӯи ҷануб вилояти Нуба аст ва подшоҳи он замин дигар аст. Ва мардуми он ҷо сиёҳпӯст бошанд ва дини эшон тарсоӣ[2] бошад. Ва бозаргонон[3] он ҷо раванд ва мӯҳра[4] ва шона[5] ва буссад[6] баранд ва аз он ҷо барда ованд ва ба Миср барда ё нубӣ бошад ё румӣ. Ва дидам, ки аз Нуба гандум ва арзан оварда буданд, ҳар ду сиёҳ буд. Ва гӯянд натавонистаанд, ки манбаи оби Нилро ба ҳақиқат бидонанд ва шунидам, ки султони Миср кас фиристод, то яксола роҳ бар канори Нил рафта ва тафаҳҳус[7] карданд, ҳеҷ кас ҳақиқати он надонист, илло он ки гуфтанд, ки «Аз ҷануб аз кӯҳе меояд, ки онро Хабал-ул-қамар гӯянд». Ва чун офтоб ба сари саратон равад, оби Нил зиёдат шудан гирад, аз он ҷо ки ба зимистон, ки қарор дорад, бист ашр[8] боло гирад, чунонки ба тадриҷ[9]

---

[1] *Фарсанг* — фарсах, масофаи муайянест, ки тақрибан ба 6 км баробар аст.

[2] *Тарсо* — исавӣ, насронӣ, пайрави дини Исо.

[3] *Бозаргон* — савдогар, тоҷир.

[4] *Мӯҳра* — донаи шоҳмот, нард ва ғ., 4. асбоби сайқалдиҳии коғаз баъд аз оҳор додан.

[5] *Шона* — асбоби махсуси дандор, ки ба он мӯйро ҳамвор мекунанд ва ба тартиб медароранд.

[6] *Буссад* — марҷон.

[7] *Тафаҳҳус* — тафтиш кардан, ҷустуҷӯ кардан.

[8] *Ашр* — даҳ.

[9] *Тадриҷ* — оҳиста-оҳиста ҳаракат кардан, дараҷа ба дараҷа боло ё пеш рафтан.

рӯз ба рӯз меафзояд. Ва ба шаҳри Миср миқёсҳо[1] ва нишонҳо[2] сохтаанд.

Ва омиле бошад, ба ҳазор динор маишат, ки ҳофизи он бошад, ки чанд меафзояд ва аз он рӯз, ки зиёдат шудан гирад, мунодиён[3] ба шаҳр андар фиристад, ки эзид субҳонаҳу ва таоло имрӯз дар Нил чандин зиёдат гардонид ва ҳар рӯз чандин асбаъ[4] зиёдат шуд ва чун як гази тамом мешавад, он вақт башорат мезананд ва шодӣ мекунанд, то ҳаждаҳ ашр барояд ва он ҳаждаҳ ашр маъҳуд[5] аст. Яъне ҳар вақт, ки аз ин камтар бувад, нуқсон гӯянд ва садоқат диҳад ва назирҳо кунанд ва андӯҳу ғам хӯранд, чун ин миқдор беш шавад, шодиҳо кунанд ва хуррамиҳо намоянд ва то ҳаждаҳ газ[6] боло наравад, хироҷи[7] султон бар раият[8] наниҳанд. Ва аз Нил ҷӯйҳо бисёр буридаанд ва ба атроф ронда ва аз он ҷо ҷӯйҳои кӯчак баргирифтаанд, яъне аз он анҳор. Ва бар он деҳҳо ва вилоятҳост ва дӯлобаҳо[9] сохтаанд, чандон ки ҳаср ва қиёси он душвор бошад. ҳама деҳҳои вилояти Миср бар сари баландиҳо ва талҳо бошад. Ва ба вақти зиёдати Нил ҳамаи он вилоят дар зери об бошад, деҳҳо аз ин сабаб бар баландиҳо сохтаанд, то ғарқ нашавад. Ва аз ҳар деҳе ба деҳе дигар ба заврақ равад ва аз сари вилоят то охираш сакарӣ сохтаанд ва хок ки мардум аз сари он сакар раванд, яъне аз ҷониби Нил. Ва ҳар сол даҳ ҳазор динори мағрибӣ аз хизонаи султон ба дасти омиле мӯътамад бифиристад, то он иморат тоза кунанд. Ва мардуми он вилоят ҳама ашғоли зарурии худро тартиб карда бошанд он чаҳор моҳ, ки замини эшон дар зери об бошад. Ва дар саводи он ҷо ва

---

[1] *Миқёсҳо* — андоза, ченкунӣ, паймоиш.

[2] *Нишон* — 1. аломат, асар. 2. хабар, дарак. 3. нақши по. 4. ҳадаф нишонаи тир. 5. аломати ҷангӣ, мас. байроқ ва ғ. 6. мақсад, ният. 7. фармон, амр. 8. тарз, тавр.

[3] *Мунодӣ* — ҷарчӣ.

[4] *Асбаъ* — 1. ангушт. 2. ченаки дарозӣ ба миқдори 3, 125 см.

[5] *Маъҳуд* — аҳду паймон карда шуда, бо аҳду паймон муайян ва мукарраршуда.

[6] *Газ* — олати чӯбӣ ва ё оҳании ченкунии масофа, матоъ ва ғайра, ки дарозиаш 91,5 см мебошад.

[7] *Хироҷ* — андоз аз замин ва маҳсули замин; андози сарона

[8] *Раият* — оммаи халқ, деҳқонон.

[9] *Дӯлоба* — чархаи обкашӣ аз чоҳ ва ҷӯй, ҷиғир.

рустоҳош ҳар кас чандон нон пазад, ки чаҳор моҳ кифофи[1] вай бошад ва хушк кунанд, то зиёд нашавад ва қоидаи об чунон аст, ки аз рӯзи ибтидо чиҳил рӯз меафзояд, то ҳаждаҳ арш боло гирад ва баъд аз он чиҳил рӯзи дигар барқарор бимонад, ҳеҷ зиёд ва кам нашавад ва баъд аз он ба тадриҷ[2] рӯй ба нуқсон ниҳад, ба чиҳил рӯзи дигар то он мақом расад, ки зимистон буда бошад. Ва чун об кам омадан гирад, мардум бар паи он мераванд ва он чӣ хушк мешавад, зироате, ки хоҳанд мекунанд. Ва ҳама заръи[3] эшон[4] сайфӣ[5] ва шатавӣ[6] ба он кеш[7] бошад ва ҳеҷ оби дигар нахоҳад. Ва шаҳри Миср миёни Нил ва дарёст ва Нил аз ҷануб меояд ва рӯй ба шимол меравад ва дар дарё мерезад.

Ва аз Миср то Искандария сӣ фарсанг гиранд. Ва Искандария дар лаби дарёи Рум ва канори Нил аст. Ва аз он ҷо мева бисёр ба Миср ованд ба киштӣ. Ва он ҷо манорает, ки ман дидам, ободон буд ба Искандария. Ва он ҷо, яъне бар он манора ойинае ҳарроқа[8] сохта буданд, ки ҳар киштии румиён, ки аз Истанбул меомадӣ, чун ба муқобилаи он расидӣ, оташе аз он ойина афтодӣ ва бисӯхтӣ. Ва румиён бисёр ҷидду ҷаҳд карданд ва ҳилаҳо намуданд ва кас фиристоданд ва он ойина бишикастанд. Ба рӯзгори ҳоким — султони Миср марде наздики ӯ омада буд, қабул карда, ки он ойинаро некӯ боз кунад, чунонки ба аввал буд. Ҳоким гуфта буд: ҳоҷат нест, ки ин соат худи румиён ҳар сол зару мол мефиристанд ва розианд, ки лашкари мо наздики эшон биравад ва сар ба сар писанда[9] аст. Ва Искандарияро оби хӯрданӣ аз борон бошад. Ва дар ҳама саҳрои Искандария аз он амудҳои[10] сангин, ки сифати он

---

[1] *Кифоф* — он миқдор хӯрок, ки ба инсон кифоя бошад, он чи ки каму зиёд набуда, ба қадри ҳоҷат аст; хӯроки рӯзмарра, рӯзӣ.

[2] *Тадриҷ* — оҳиста-оҳиста ҳаракат кардан.

[3] *Заръ* — кишт, зироат.

[4] *Эшон* — онҳо

[5] *Сайф* — тобистон

[6] *Шатавӣ* — зимистон, мавсими зимистон

[7] *Кеш* — мазҳаб, дин, оин; рафтор, одоб, расму одат.

[8] *Ҳарроқа* — олати оташзанӣ, оташзананда; киштие, ки аз он бар душман нафти сӯзон ва моддаҳои оташин меандохтаанд.

[9] *Писанда* — ақбул, маъқул, нек,хуб, нағз

[10] *Амуд* — сутуни хайма; сутун.

муқаддам афтода бошад. Ва он дарё ҳамчунон мекашад то Қайравон. Ва аз Миср то Қайравон саду панҷоҳ фарсанг бошад. Ва Қайравон вилоятест, шаҳри муаззамаш[1] Силҷимоса аст, ки ба чаҳор фарсангии дарёст, шаҳри бузург бар саҳро ниҳода ва борӯи[2] маҳкам дорад ва дар паҳлӯи он Маҳдия аст, ки Маҳдӣ аз фарзандони амиралмӯъминини Ҳусайн биннии Алӣ разияллоҳу таоло анҳумо сохтааст баъд аз он ки Мағриб ва Андалус гирифта буд ва бад-ин таърих ба дасти султони Миср буд. Ва он ҷо барф борад, валекин пой нагирад. Ва дарё аз Андалус бар дасти рост сӯи шимол боз гардад. Ва миёни Мисру Андалус ҳазор фарсанг аст. Ва ҳама мусулмонист. Ва Андалус вилояте бузург аст ва кӯҳистон аст, барф борад ва ях бандад, мардумонаш сапедпӯст ва сурхмӯй бошанд ва бештар гурбачашм бошанд, ҳамчун суқлобиён ва зери дарёи Рум аст, чунонки дарё эшонро машриқӣ бошад. Ва чун аз Андалус ба дасти рост раванд сӯи шимол ҳамчунон лаб-лаби дарё ба Рум пайвандад. Ва аз Андалус ба Fур ва ба Рум бисёр раванд. Ва агар хоҳанд ба киштӣ ва дарё ба Қустантания тавон шудан, валекин халиҷҳои бисёр бувад, ҳар як дувисту[3] сесад фарсанг арз, ки натавон гузаштан, илло[4] ба киштӣ. Ва муқаррар аз мардуми сиқа[5] шунидам, ки даври ин дарё чаҳор ҳазор фарсанг аст. Ва шохе аз он дарё ба торикӣ даршудааст, чунонки гӯянд, сари он шох ҳамеша фасурда[6] бошад, аз он сабаб, ки офтоб он ҷо намерасад. Ва яке аз он ҷазоир, ки дар он дарёст, Сақаллия аст, ки аз Миср киштӣ ба бист рӯз он ҷо расад ва дигар ҷазоир бисёр аст. Ва гуфтанд Сақаллия бар ҳаштод фарсанг дар ҳаштод фарсанг аст ва ҳам султони Мисррост ва ҳар сол киштӣ ояд ва моли он ҷо ба Миср оварад ва аз он ҷо катони[7] борик ованд ва тафсил-

---

[1] *Муаззамаш* — азим ва бузург шумурдашуда.

[2] *Бору* — девори қалъа ва ҳисор.

[3] *Дувист* — шакли қадимии дусад.

[4] *Илло* — ғайр аз, ба ҷуз, магар, магар ин ки.

[5] *Сиқа* — мӯътамад, марди шоёни бовар.

[6] *Фасурда* — андӯҳгин, ғамнок.

[7] *Катон* — гиёҳи соқадарозе, ки аз соқаҳояш барои бофтани матоъҳои катони ресмон ва аз донааш равған ҳосил мекунанд, зағир. 2. суфи канабӣ.

ҳои[1] ба олам бошад, ки яке аз он ба Миср даҳ динори мағрибӣ арзад.

Аз Миср чун ба ҷониби машриқ раванд, ба дарёи Қулзум расанд ва Қулзум шаҳрест бар канори дарё, ки аз Миср то он ҷо сӣ фарсанг аст. Ва ин дарё шохест аз дарёи муҳит, ки аз Адан шикофта сӯи шимол равад ва чун ба Қулзум расад, мулоқӣ[2] шавад ва гусаста[3]. Ва гӯянд, арзи ин халиҷ дувист фарсанг аст. Миёни халиҷ[4] ва Миср кӯҳ ва биёбон аст, ки дар он ҳеҷ обу набот нест ва ҳар кӣ аз Миср ба Макка хоҳад шуд, сӯи машриқ бояд шудан. Чун ба Қулзум расад, ду роҳ бошад: яке бар хушкӣ ва яке бар об. Он чӣ ба роҳи хушк меравад, ба понздаҳ рӯз ба Макка равад ва он биёбонест, ки сесад фарсанг бошад ва бештар қофилаи[5] Миср бад-он роҳ равад ва агар ба роҳи дарё раванд, бист рӯз раванд ба Хор. Ва Хор шаҳракест аз замини Ҳиҷоз бар лаби дарё, ки аз Хор то Мадинаи расул саллалоҳи-алайҳивассалом серӯза роҳ аст ва аз Мадина ба Макка сад фарсанг аст ва агар касе аз Хор бигузарад ва ҳамчунон ба дарё равад, ба соҳили Яман равад ва аз он ҷо ба савоҳили[6] Адан расад ва агар бигузарад, ба Ҳиндустон кашад ва ҳамчунон то Чин биравад ва агар аз Адан сӯи ҷануб равад, ки майл сӯи мағриб шавад, ба Зангибор ва Ҳабаша равад ва шарҳи он ба ҷои худ гуфта шавад.

Пурсиш ва супориш

1. Саргузашти Носири Хусрав чӣ аҳамияти таърихӣ ва ахлоқӣ доштааст?
2. Оиди сафарҳои шоир фикрҳоятонро баён кунед.
3. Калимаҳои душворфаҳмро ба дафтари луғататон нависта, маънои онро шарҳ диҳед.

---

[1] *Тафсил* — фасл — фасл кардан, қисм — қисм кардан; ба таври муфассал баён кардан

[2] *Мулоқӣ* — мулоқоткунанда, вохӯранда, вохӯрикунанда

[3] *Гусаста* — аз ҳам канда шудан, пора шудан

[4] *Халиҷ* — шохоби баҳр, шохоба

[5] *Қофила* — корвон

[6] *Савоҳил* — соҳил

[7] *Дуруштустухон* — тануман, бузургҷусса; қавиҳайкал; дабардӯққӣ, бесулақай.

ДАР БАЁНИ ЗИНДАГОНӢ

Дурӯза умр дар дунёи фонӣ,
Накӯ кун хӯю хулқу зиндагонӣ.
Ба ҳар коре сари ришта нигаҳ дор,
Инон якборагӣ аз даст магзор.
Ба ҳар коре, ки хоҳӣ сохт мадхал
Нигаҳ кун охири кораш дар аввал.
Мабош эмин за ҳар роҳею гоҳе,
Ки душман барканад кӯҳе ба коҳе.
Ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ дар шуданро,
Назар кун ҷои берун омаданро,
Махусб, арчӣ ба хобат майл бошад,
Ки ҳар ҷо раҳгузари сайл бошад.

ДАР БАЁНИ РАФИҚ

Дило, ёре талаб, гар метавонӣ,
Чунон ёре, ки бар вай ҷон фишонӣ.
Кадомин дӯст, к-ӯ бо дӯст нозад,
Чу кор афтад ба ҷон ҷонро бибозад.
Хунук, он кас бувад ёри хирадманд,
Ки битвонад кушуд аз пойи ту банд.
Надорад ин чунин як дӯст ёре,
Ки аз дил бартавон бардошт боре.
Туро гар ёфт шуд, моро хабар кун,
Дигар раҳ ин ҳикоят мухтасар кун.
Чу ёбӣ дӯсте, сахташ нигаҳ дор,
Ба сустӣ доманаш аз даст магзор.
Бибояд қарн кардан зиндагонӣ,
Ки сарду гарми касро боздонӣ.

На бар ҳазл асту бодӣ кори ёрӣ,
На ёр аст он ки дорад саргаронӣ.
На ёранд, бал фаровон бор бошанд,
На ҳар кас, ёри хони ёр бошанд.

ДАР НЕКӢ Ё БАЁНИ НАСИҲАТ

Дило, пандам ниюушу дил дар ӯ банд,
Зи ту тавба, зи пирони кӯҳан панд.
Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз орад табоҳӣ.
Макун коре, ки аз нангу надомат
Сияҳрӯӣ шавад андар қиёмат.
Макун аз ҳоли мискинон фаромӯш,
Чу дорӣ мояе дар донишу ҳуш.
Даруни мустамандон шод медор,
Зи рӯзи баргузашта ёд медор.
Чу дар некӣ ризои кирдигор аст,
Беҳ аз некӣ, назар кун, то чӣ кор аст?
Чу аз сӯҳбат кунад дар нафс таъсир,
Ба сӯҳбат дӯстони мӯътабар гир.
Дилатро рост кун, гар росткорӣ,
Ки ҳаст аз росткорӣ ростагорӣ.
Фузун хоҳӣ бақо, дилҳо маёзор,
Ки доим дар амон бошад камозор.
Зи омӯзандае маънӣ фаро гир,
Зи некӣ, гар бадат ояд, маро гир.

ДАР КАМОЗОРӢ

Фузун хоҳӣ бақо— дилҳо маёзор,
Ки доим дерзӣ[1] бошад камозор...
Мабар бар кас ҳасад, гар молдор аст —
Ки ту ранҷурию ӯ шодгор аст.
Ҳамеша некхоҳи мардумон бош!

[1] *Дерзӣ* — дарозумр.

Ба некӣ кӯш в-он гаҳ дар амон бош!
Чу бад хоҳӣ ба кас, аз ғам бикоҳӣ,
Набинӣ ҳеҷ бад, гар некхоҳӣ!
Мадад деҳ, то ки ҳақ ёри ту бошад,
Ҳама олам мададгори ту бошад.
Мурувват нест, ар афтодагоне
Ба раҳ бинию худ маркаб биронӣ.
Зи некон бош, андар некӯӣ кӯш!
Макун некии кас аз дил фаромӯш!
Ба некон умр созу барг хоҳад
Бадонро халқи олам марг хоҳад.

ДАР САНЪАТВАРОН[1]

Беҳ аз сонеъ[2] ба гетӣ муқбиле[3] нест,
Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.
Ба рӯз андар пайи сомони хеш аст,
Чу шаб дар хона шуд— султони хеш аст.
Хӯрад бешу кам он моя, ки хоҳад,
Ба рӯз афзояд, он-ч аз вай бимонад.
Ба бозу ҳосил орад қути фарзанд,
Хӯрад хуш бо аёлу хешу пайванд.
Расад сад баркат аз касби ҳалолаш,
Биафзояд Худо дар касбу молаш.
Чу шаб шуд, хуфт эмин дар шаби тор,
Чу рӯз ояд, равад боз аз пайи кор.
Ба тоат то зи мустақбал[4] ба мозӣ[5]
Худо розӣ аз ӯ, ҳам халқ розӣ.

ДАР ҲАҚҚИ КАШОВАРЗОН Ё ДАР БАЁНИ ДЕҲҚОНӢ

Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу[6] тайрро[7] рӯзирасон аст.

---

[1] *Санъатварон* — косиб, аҳли ҳунар.
[2] *Сонеъ* — косиб, ҳунарманд.
[3] *Муқбил* — соҳибиқбол, хушбахт
[4] *Мустақбал* — оянда.
[5] *Мозӣ* — гузашта.
[6] *Ваҳш* — ҳайвони ваҳшӣ.
[7] *Тайр* — паранда.
[8] *Сутур* — ҳайвони саворӣ ва боркашонӣ.

Зи сонеъ ройгон нафъе нахезад,
Зи деҳқон оқибат чизе бирезад.
Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Ки хористон аз ӯ чун бӯстон аст.
Аз ин беҳ бо бани Одам чӣ кор аст?
К-аз Одам ин нишоне ёдгор аст.
Ба роҳат аз даҳоқин мурғу мӯранд,
Ҳама гар одамию гар сутуранд[8].
Ба коранду ҳама мардони коранд,
Арақ резанду қути халқ коранд.
Калиди ризқу қисмат сахт дар мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ дар даҳ ангушт.
Ба дунё оқилона тухм киштанд,
Ба уқбо ҷумла дар боғи биҳиштанд.
Агар деҳқон чунон бояд, ки шояд,
Сабук гӯй аз малоик даррабояд.
Агар ҷӯёи қаҳти нон набудӣ,
Касе дар пояи деҳқон набуӣ.

ДАР БАЁНИ ДӮСТӢ

Чу хоҳӣ кард бо кас душманӣ соз,
Маяфкан дӯстӣ бо ӯ дар оғоз.
Фикандан дӯстӣ бо кас салим аст,
Ба сар бурдан вафо кори азим аст.
Маранҷон кас, махоҳаш узр аз пас,
Ки бадкорӣ бувад озурдани кас.
Ки ранҷондани кас ҳаст осон,
Ба даст оварданаш душвор, медон...
Чу натвонӣ илоҷи дарди кас кард,
Маяфзо аз ҷафояш дард бо дард.
Синони давр ба дарвеш кам зан,
Чу марҳам менадорӣ, неш кам зан!
Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош,
Набояд дев будан, одамӣ бош!

1. Дар шеъри «Дар баёни рафиқ» чунин байт омадааст: «Бибояд қарн кардан зиндагонӣ, ки сарду гарми касро боздонӣ». Калимаи «қарн» дар ин ҷо ба кадом маъно омадааст? Оё он боз маънои дигарро низ ифода карда метавонад?
2. Аз шеъри «Дар баёни рафиқ» муайян кунед, ки аз рӯйи кадом хислатҳо рафиқро мешиносанд.
3. Дар шеъри «Дар некӣ»-и Носири Хусрав гуфта шудааст, ки «Агар ту хештанро бад нахоҳӣ, макун коре ки боз ояд табоҳӣ». Дар ин ҷо калимаи табоҳ дар маънои бадӣ, нохушӣ омадааст, пас маънои умумии байт чист?
4. Дар шеъри «Дар камозорӣ» чунин байт омадааст: «Фузун хоҳӣ бақо — дилҳо маёзор, Ки доим дер зӣ бошад камозор». Маълум мешавад, ки калимаи «дерзӣ» маънои дарозумриро доштааст, пас чаро дарозумр ҳамеша камозор мешудааст?
5. Дар шеъри «Дар ҳаққи санъатварон» кадом хусусиятҳои неки санъатварон, яъне ҳунармандон ба риштаи тасвир кашида шудааст? Чаро шоир ҳунармандро санъатвар номидааст?
6. Муайян кунед, ки ин шеърҳо маснавиянд ё қитъа, нақшаи қофиябандии онҳоро муайян кунед.
7. Яке аз шеърҳои Носири Хусравро аз ёд кунед.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ЖАНРИ САФАРНОМА

Жанри сафарнома дар эҷодиёти бисёр шоирону нависандагон вомехӯрад. Асарҳои дар ин жанр навишташуда маълумотро дар бораи қайду хотироти ҳаррӯзаи сафар, чизҳои дидаву шунидаи муаллиф дар бар мегирад. Асосан ин гуна асарҳо сужети муайяну ягона надоранд. Маълумоту хотироти сафар дар асар мувофиқи тартиби санаҳои ба шаҳру вилояте расидани муаллиф пайи ҳам ё ба таври пароканда ҷойгир карда мешаванд.

Сафарномаҳо дорои қимати на танҳо бадеӣ, балки таърихӣ ва ҷуғрофӣ низ мебошанд. Аз рӯйи сафарномаҳо дар бораи таърихи ин ё он вилоят, шахсони таърихӣ ё воқеаҳои муҳими замона маълумот гирифтан мумкин аст.

Дар сафарномаҳо ҳасби ҳоли худи муаллиф ва шахсони дигари таърихӣ, роҳҳо, ёдгориҳои таърихӣ, урфу одатҳои халқҳо, мусоҳибаҳои муаллиф бо уламову удабои ин сарзаминҳо тасвир мешаванд. Баъзе аз сафарномаҳо дар бораи шаҳру музофотҳои кишварҳои мухталиф, мавқеи ҷуғрофӣ, обу ҳаво, молу меваҳо, ободонии ин сарзаминҳо, маводи тиҷоратӣ низ сухан мекунанд.

Носири Хусрав дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин шахсе ба шумор меравад, ки асари худро дар жанри сафарнома навиштааст. Қайди хотироти сафарии ӯ аз 5 марти соли 1046 то 23 октябри соли 1052-ро фаро гирифтааст. Ӯ дар муддати сафари худ 17 ҳазор километр роҳро тай карда, шаҳру вилоятҳои Шарқи Миёнаву Наздикро омӯхтааст. Мушоҳидаҳои муаллиф ҳаққонӣ ва беғаразона тасвир шуда, дар охири китобаш ӯ чунин овардааст: «*Ва дар ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам. Ва баъзе, ки бар ривоятҳо шунидам, агар дар он ҷо хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд ва муахазату накӯҳиш накунанд*».

Бояд қайд кард, ки дар шиносоӣ бо тарҷимаи ҳол ва осори Абӯалӣ ибни Сино асари тарҷумаҳолии худи ӯ низ аҳамияти калон доранд. Асари ӯ бо номи «Саргузашт», ки то замони мо дар ду нусха омада расидааст, аз ҳамдигар хеле кам фарқ мекунанд.

Омӯзиши ин сарчашмаи муҳим саргузашти Абӯалӣ ибни Синоро ба ду қисм — ҳаёт ва фаъолияти Сино то соли 1012, яъне то омаданаш ба Гургон ва фаъолияти минбаъдаи олим то охири умри ӯ (то соли 1037). Қисми аввали саргузашти Ибни Синоро то соли 1012 худи муаллиф навиштааст. Қисми дуюмашро аз соли 1012 то 1037 шогирди Сино Абӯубайди Ҷузҷонӣ, ки ҳамеша бо ӯ ҳамроҳу ҳаммаслак буд, навиштааст.

«Саргузашт», ки низ ба жанри «Сафарнома» шомил аст, дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абӯалӣ ибни Сино чун мавқеи муҳим дорад.

Ба олам ба чашми ибрат нигаристан ва аз халқҳои пешрафтаи дунё омӯхтан, ки яке аз ғояҳои асосии маърифатпарварии Шарқ ҳисоб меёбад, дар эҷодиёти Аҳмади Дониш низ жанри сафарномаи хосси адабиёти маърифатпарвариро ба вуҷуд оварда буд. Нависанда дар сафарномаҳои худ ба воситаи тасвири шиносоии хеш бо ҳаёти мамлакатҳои пешрафта ва чизҳои ибратбахши дар он ҷойҳо дидааш бедор кардани фикри ҳамватанон, кушодани чашми онҳоро мақсади худ қарор дода буд.

Дар адабиёти охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX низ як силсила сафарномаҳо навишта шуданд. Аз ҷумлаи онҳо «Савонеҳ улмасолик ва фаросих улмамолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, адиби маъруфи маърифатпарваре, ки бисёр мамлакатҳои Шарқу Ғарбро дида ва аз ҷумла дар Эрон дар инқилоби машрута иштироки фаъол дошт, «Баёноти сайёҳи Ҳиндӣ»-и Абдурауфи Фитрат, «Саёҳатнома»-и Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, инчунин сафарномаи хаёлии Сайидаҳмади Аҷзиро бо номи «Миръоти ибрат» мисол овардан мумкин аст. Ин адибони бузурги маърифатпарвар афкору андешаҳои тараққихоҳонаи худро асосан дар ҳамин сафарномаҳо иброз доштаанд.

Жанри сафарнома дертар хеле маъмул гардидааст. Дар адабиёти муосир низ жанри сафарнома дар шаклҳои гуногун вомехӯрад.

Пурсиш ва супориш

1. Мавзӯи асосии жанри сафарнома аз чӣ иборат аст?
2. Аз сафарномаҳо дар бораи кадом масъалаҳо маълумот гирифтан мумкин аст?

УМАРИ ХАЙЁМ
(1040 — 1123)



Онон, ки куҳан буванду онон,
ки наванд,
Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.
В-ин мулки ҷаҳон ба кас
намонад ҷовид,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

Яке аз нобиғагони илму адаби форсӣ, ки дар рушди фарҳангу тамаддуни умумибашарӣ нақши босазое гузоштааст, шоир ва олими барҷастаи охири асри XI ва аввали асри XII Ғиёсуддин Абулфатҳ Умар Ибни Иброҳим Хайёми Нишопурӣ мебошад. Номи аслии ӯ Абулфатҳ Умар бинни Иброҳим буда, Хайём лақаби ӯ ба шумор меравад. Ин лақаб ба ӯ аз падараш гузаштааст, ки касбу кори ӯ хаймадӯзӣ будааст.

Муҳаққиқон дар бораи ҳаёти Умари Хайём аз асарҳои худаш ва ҳамасронаш, инчунин аз асарҳои муаллифоне, ки дар давраҳои ба ӯ наздик зиндагонӣ мекарданд, маълумот гирифтаанд. Яке аз алломаҳои машҳури тоҷик Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки худро шогирди Хайём шуморидааст, низ дар бораи вохӯрдани худ бо Хайём дар Балх маълумот медиҳад. Аз рӯйи маълумотҳои гуногун маълум мешавад, ки ҷавонӣ ва таҳсили илмии ӯ дар Нишопур гузашта, кулли илмҳои замонааш, аз қабили ҳандаса, тиб, фалсафа, риёзиёт, адабиётро ба хубӣ аз худ карда будааст.

Ба мисли дигар олимон ҳаёти Умари Хайём низ ба сахтӣ гузаштааст. Ӯ дар асари «Рисолаи ҷабр» дар бораи бад будани аҳволи худ гуфта, лозим донистааст, ки ба муқобили ҷоҳилон ва мутаассибони дин мубориза барад. Дар бораи ин мақсади худ ва ба омӯзиши алҷабр майл доштанаш Хайём навиштааст: «*Аммо ба сабаби мухолифате, ки бо он*

гардишҳои замон мамониат мерасонид, ба ман мумкин нашуд, ки ба таҳсили ин хабар машғул шавам ва дар бораи он ба таври доимӣ фикр намоям. Ва мо инқирози аҳли илмро аз сар гузаронидем, фақат як гурӯҳи камшумори ҷафои зиёд дида боқӣ мондааст... Ва аксар донишмандтарошони замони мо ҳақро бо дурӯғ мепӯшонанд ва дар дониш аз ҳадди фиреб ва худнамоӣ намегузаранд ва ҳамин қадаре аз илмҳо ки медонанд, фақат ба ғаразҳои пасти маишатии худ сарф мекунанд. Ва агар бинанд, ки касе дар талаби ҳақ барҷаста бошад, ростиро афзал донад ва дар радди дурӯғу фиреб кӯшида дар тарки риёкорӣ ва ҳила ҷаҳд намояд, ӯро ҳақорат ва тамасхур кунанд».

Хайём ба Самарқанд низ мусофират кардааст. Соли 1066 чун падари Умари Хайём дунёи фониро тарк мегӯяд, маҷрои зиндагӣ ҷавони ҳаждаҳсоларо ба сафари Хуросону Мовароуннаҳр ҳидоят мекунад.

Чанде баъд аз сафарҳо ӯ дар Самарқанд ба хизмати қозии шаҳр Абӯтоҳир Абдураҳмон ибни Алоқ медарояд ва дар пеш бурдани корҳои илмии ӯ кӯмак мерасонад. Гарчанде вазъи ӯ дар Самарқанд хеле пешрав будааст, орзуи ватан ба ӯ роҳ намедиҳад, ки дар ин шаҳр муқим бимонад. Ин буд, ки ӯ баъди як сол боз сафари диёри хеш мекунад ва ба Нишопур бозмегардад.

Ӯ дар шаҳри Самарқанд «Рисолаи ҷабр»-ро, ки хулосаҳои дар он овардашударо математикҳои Аврупо танҳо баъди 5—6 аср кашф карда тавонистанд, навиштааст. Ҳамчунин аз маълумотҳои таърихӣ маълум мешавад, ки ҳокими Бухоро Ҳоқон Шамсулмулуки Қарохонӣ низ Хайёмро, ки дар Мовароуннаҳр шӯҳрати калон пайдо карда буд, хостааст ба дарбори худ ҷалб намояд. Хайём ба таклифи ӯ розӣ нашуда, дар Исфаҳон вазифаи сардори расадхонаро қабул мекунад ва бо ҳамроҳии мунаҷҷимон ва риёзидонони машҳур ба ислоҳи тақвим (календар) шурӯъ мекунад. Дар панҷ соли кори пуршиддат бо сардории Хайём тақвими нав ҷорӣ карда мешавад, ки он бо номи «Тақвими ҷалолӣ» шӯҳрат пайдо кардааст.

Умари Хайём ҳаждаҳ сол дар Исфаҳон бо корҳои илмию тадқиқотӣ машғул мешавад. Соли 1092 баъди ба қатл расонида шудани Низомулмулк ном вазири донишманди Маликшоҳи Салҷуқӣ дар мамлакат фитнаҳои сиёсӣ сар

мезанад. Бар асари ин гуна фитнаҳо бинои расадхона оташ зада шуда, кормандони он ба ҳар тараф мегурезад. Умари Хайём низ то соли 1297 дар Исфаҳон сарсону саргардон гашта, баъд ба сафари ҳаҷ мебарояд ва дар мамлакатҳои Араб чанде зиндагонӣ мекунад. Солҳои охирини ҳаёташ Умари Хайём ба Нишопур бозмегардад ва чоруми декабри соли 1131 дар зодгоҳи худ аз олам чашм мепӯшад.

Хайём Абӯалӣ ибни Синоро хеле ҳурмат мекард ва ӯро устоди худ мехонд. Аз маълумотҳои Байҳақӣ маълум мешавад, ки охирин китобе, ки Хайём дар арафаи вафоташ хонда истода буд, «Китоб ушшифо»-и Ибни Сино будааст.

Умари Хайём на танҳо симои барҷастатарини адабиёти халқи тоҷик, балки яке аз машҳуртарин намояндагони маданияти ҷаҳонӣ мебошад. Ӯро ҷаҳониён ҳамчун риёзидон, файласуф, тарҷумон, мунаҷҷим ва шоири машҳур мешиносанд.

Мероси адабӣ

То имрӯз ба мо танҳо асари ӯ «Наврӯзнома» ва шеърҳояш ба забонҳои тоҷикиву арабӣ боқӣ мондаанд.

Қисми зиёди рубоиҳои Хайём файласуфона навишта шудаанд. Ин таронаҳои дар зоҳир хурдҳаҷм, вале сермағз ҳамаи масъалаҳои муҳим ва торики фалсафиро, ки дар назар асрорангез менамоянд, дар бар мегиранд. Рубоиёти Хайём тарҷумони шиканҷаҳои рӯҳии инсон аст. Фарёдҳои ӯ инъикоси дардҳо, изтиробҳо, тарсҳо, умедҳо ва орзуҳои ҳазорҳо насли одамӣ аст. Ӯ дар бораи инсон бо муҳаббат сухан меронад.

Эй кош, ки ҷойи орамидан будӣ,
Ё ин раҳи дурро расидан будӣ,
Кош аз пайи сад ҳазор сол аз дили хок,
Чун сабза умеди бардамидан будӣ.

* * *

Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме:
Гамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме.

Хайём тарҷумони шиканҷаҳои рӯҳӣ шудааст. Фарёдҳои ӯ инъикоси дардҳо, изтиробҳо, тарсҳо, умедҳо ва орзуҳои ҳазорҳо насли одамӣ аст.

Хайём ҳаракат кардааст, ки дар рубоиҳояш бо забони содаву равон мушкилот ва муаммоҳоро ба осонӣ ҳал кунад. Ӯ зери хандаҳои асабонӣ масъалаҳои динӣ ва фалсафиро баён мекунад ва роҳи ҳалли онҳоро меҷӯяд.

Аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз
Бозомадае ку, ки хабар пурсем боз?
Зинҳор, дар ин дуроҳаи озу ниёз
Чизе нагузорӣ, ки намеоӣ боз.

Хайём шоир ва файласуфи тараққипарвар буда, қувваи ақл, маърифат ва кашфшавандагии қонунҳои табиатро ҳамеша таъкид мекард. Рубоиҳои Хайём сода, табиӣ ва ба забони дилчаспи адабӣ навишта шуда, ҳар касро шефтаи оҳангу ташбеҳоти гуногуни зебои худ менамояд ва яке аз барҷастатарин намунаҳои шеъри шакарбори форсӣ ба шумор меравад.

Хайём тавассути маънигузорӣ ва мазмунсозӣ дар рубоиёти худ инсонро ба шинохти ҳаёти воқеӣ даъват мекунад ва ҷонибдори он аст, ки ин умри кӯтоҳу даргузари худро ғанимат донад ва сарфи амалҳои нек гардонад:

Тарсам, ки чу баъд аз ин ба олам нарасем,
Бо ҳамнафасон низ фароҳам нарасем.
Ин дам, ки дар ӯем, ғанимат шумурем,
Шояд, ки ба зиндагӣ дар он дам нарасем.

Чунин тарзи маънигузорӣ ва мазмунофарӣ талаботи айёми Хайём буда, омезиши илму адабиёт ва пайванди он чунин муҳити эҷодиро барои суханварон созгор гардонид. Хайём ҳамчун ҳаким ва донишманди давру замони худ ин рисолатро ба хубӣ бар дӯш гирифта дар назди таърихи инсоният нақши носутурданӣ ва босазое тавассути рубоиёту осори дигари илмиву адабӣ боқӣ гузошта тавонист.

Рубоиёти Хайём то имрӯз сарчашмаи ҳазорон баҳсу мунозираҳо ва фарзияву бардоштҳои илмӣ буда, омӯзиши мукаммали осори илмиву адабии ин марди хирадро минбаъд талаб мекунад.

Дар шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани рубоиёти Умари Хайём хизмати шоир ва мутарҷими англис Эдуард Фитсҷеролд хеле бузург аст. Эдуард Фитсҷеролд соли 1859 дар Лондон 101 рубоии Хайёмро ба забони англисӣ тарҷума ва нашр намуд. Он маҷмӯа роҳ ба сӯи Аврупо кушод. Аз ин баъд рубоиёти Хайём дар Амрикову Ҷопон, Олмону Ҳинд, Чину Фаронса, Мамолики Араб чоп шудаанд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо баъд аз соли 1889 то соли 1926 рубоиёти Умари Хайём дар Англия, Ҳиндустон ва Амрико 152 маротиба ба забони англисӣ чоп гардид. Соли 1895 дар Бостон ва Лондон феҳристи нашрҳои рубоиёт ва адабиёт оид ба Умари Хайём чоп шудааст, ки аз 250 саҳифа иборат аст. Аз ин санадҳо худ маълум мегардад, ки шӯҳрати ҷаҳонии Хайём чӣ гуна будааст. Шӯҳрати оламгири ӯро бештар рубоиёташ таъмин намудаанд. Аз ин рӯ месазад, ки Умари Хайёмро чун шоири номвар баргузинем.

Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме.
Ғамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме,
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме.

Хайём дар адабиёти ҷаҳонӣ бештар ба воситаи рубоиҳои баландмазмуни худ ҷовидон гаштааст. Шеърҳои ӯро ба забонҳои гуногун тарҷума карда, то ба имрӯз замзама мекунанд.

Пурсиш ва супориш

1. Хайём ба кадом фанҳо шавқу рағбат дошт?
2. Шоир дар байти «Ё ин роҳи дурро расидан будӣ» кадом маъноро дар назар доштааст?
3. Дар байти «Аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз, Бозомадае ку, ки хабар пурсем боз?» киноя аз чист?
4. Умари Хайём дар ҷаҳон бо кадом ҷиҳатҳояш машҳур шудааст?

НАМУНА АЗ ОСОР

РУБОИЁТ

Рӯзе, ки гузаштааст, аз ӯ ёд макун,
Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.
Бар н-омадаву гузашта бунёд макун,
Ҳолӣ хуш бошу умр бар бод макун.

Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист? Бигӯй!
В-он кас, ки гунаҳ накард, чун зист? Бигӯй!
Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас фарқ миёни ману ту чист? Бигӯй!

Абр омаду боз ба сари сабза гирист,
Бе бодаи арғувон намебояд зист,
Ин сабза, ки имрӯз тамошогаҳи мост,
То сабзаи хоки мо тамошогаҳи кист?

То дар тани туст устухону рагу пай,
Аз хонаи тақдир манеҳ берун пай:
Гардан манеҳ, ар хасм бувад Рустами Зол,
Миннат макаш, ар дӯст бувад Ҳотами Той.

Эй чарх, чӣ шуд, хасисро чиз диҳӣ,
Гармобаву осиёву даҳлез диҳӣ,
Озода ба нони шаб гаравгон биниҳад,
Бояд, ки бар ончунон фалак тез диҳӣ!

Пурсиш ва супориш

1. Аз шеъри аввали ҳамин саҳифа маълум мешавад, ки зиндагӣ барои Хайём қиматбаҳотарин сармоя аст. Пас онро чӣ гуна гузаронидан лозим будааст?
2. Аз кадом шеъри Хайём маълумоти ҳасбиҳолӣ гирифтан мумкин аст?
3. Аз намунаи шеърҳои овардашуда муайян кунед, ки онҳо чӣ гуна умумият доранд?

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ СОХТ ВА ВАЗНИ РУБОИЮ ДУБАЙТӢ ВА ФАРҚИ ОНҲО

Рубоӣ гуфта, шакли шеъриеро меноманд, ки аз чор мисраъ иборат буда, онро ду байт ташкил медиҳад. Бинобар ин баъзан барғалат рубоиро дубайтӣ низ меноманд. Рубоӣ аз ҷиҳати шакл аз се мисраи ҳамқофия ва як мисраи беқофия иборат мебошад. Мисол:

Гар бар фалакам даст будӣ чун **яздон**,
Бардоштаме ман ин фалакро зи **миён**,
В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,
К-озода ба коми дил расидӣ **осон**.

Рубоӣ дар вазни **ҳазаҷи мусаммани ахрам ё ахраб** навишта мешавад. Қофиябандии рубоӣ дар шаклҳои а, а, а, а ва а а б а аст. Рубоӣ ба мусиқӣ ва оҳанг ҳамбастагӣ дошта, асосан мавзӯъҳои панду ахлоқиро дар бар мегирад.

Рубоие, ки ҳар чаҳор мисрааш бо ҳам ҳам қофия буда, дар шакли а, а, а, а меояд, *рубоии тарона* меноманд.

Бино ба қавли устод С.Айнӣ рубоӣ аз «душвортарини шаклҳои шеъри тоҷик ба шумор меравад». Бузургтарин рубоисаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар фаъолияти адабӣ ва ҳунари эҷоди шеър ба жанри рубоӣ дилбастагии махсусе зоҳир намуда буд. Ӯ теъдоди хеле зиёди рубоиётро ба вуҷуд овардааст. Инак, рубоии зайлро мутола кунед:

Дар раҳгузари бод чароғе, ки турост,
Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки турост.
Бӯи ҷигари сӯхта олам бигрифт,
Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоғе, ки турост.

Ин рубоии шоир мақоми басо олӣ дошта, дар он консепсияи инсон васеъ ба мулоҳиза ва муҳокима гирифта шудааст.

Дар батни модар ибтидо гирифта бо таслим кардан, яъне то интиҳои умри одамизод, ҳамин хатти сайри зиндагии навъи

башар бо ибораи «раҳгузари бод» манзур гардонида мешавад. Инсон ҳамчун олами сағир (микрокосм) дар ин олами кабир (макрокосм) ба нисбати чароғест, яъне фарди фикркунанда аст. Шоир аз ҳамон тоифаи ғафлатзадагон дар биму ҳарос аст, ки дар муддати умри хеш ягон амали ибратбахшу мондагор содир накардаанд. Ҳамон тоифаи мардуме, ки барои дар таърих гузоштани номи худ дар ғафлат монда, ҷидду ҷаҳд накардаанд, димоғсӯхта шудаанд ва оҳу афғони таассуфомезашон саросари ҷаҳонро фаро гирифтааст; агар оҳу вовайло, афсӯсу надомати ин қабил мардум ва ё бандагони худо то ба шуури одамони дигар рафта нарасида бошад, ҳайфи чунин димоғу машом аст...

Яъне, рубоии мазкур аз ҷиҳати фалсафӣ, тамоюли ахлоқию андарзӣ хеле қавӣ буда, дар он мулоҳизаҳои ҷиддӣ оиди хештаншиносӣ баён карда шудаанд.

Дар адабиёти тоҷик аввалин рубоисаро Абӯабдуллои Рӯдакӣ буда, Умари Хайём ин жанри шеъриро ба дараҷаи аъло расонидааст.

Дубайтӣ шеъре мебошад, ки аз ду байт (чор мисраъ) иборат мебошад. Он аз тарона, ки маҳсули давраи пеш аз ислом аст, сарчашма гирифтааст. Дубайтӣ асосан мавзӯъҳои ишқӣ, ахлоқӣ, ирфониро дар бар мегирад. Дар дубайтӣ мисраъ вазифаи муайян дорад:

мисраи аввал муқаддима буда, оғози фикри дар шеър баёншаванда мебошад;

мисраи дуюм диққати шахсро ба мақсади ифодашуда ҷалб мекунад;

мисраи сеюм мақсади дар байти аввал ифодаёфтаро хотирасон карда, онро тасдиқ ё инкор мекунад;

мисраи чорум мақсад ва фикри дар дубайтӣ баёншавандаро ҷамъбаст мекунад.

Қофиябандии дубайтӣ асосан а а б а буда, бо а а б б ва а б в б низ эҷод мешавад.

Барои дилкушодон даҳр танг аст,
Барои шишадилҳо даҳр санг аст.
Барои чашмтангон умр мол аст,
Барои кинадорон сулҳ ҷанг аст.

Аз ҷиҳати вазн рубоӣ аз дубайтӣ фарқ мекунад. Дубайтӣ дар вазни **ҳазаҷ (мусаддаси маҳзуф ё мақсур)** гуфта мешавад.

Ҳар як мисраи вазни ҳазаҷи мусаддас аз се рукн иборат аст (мафоилун, мафоилун, фаўлун) ва ҳар як мисраи ҳазаҷи мусамман аз чор рукн, яъне (мафўлу, мафойлун; мафойлу, фаъўл) ташкил меёбад.

Пурсиш ва супориш

1. Рубоӣ чист?
2. Аз ҷиҳати сохт рубоӣ чӣ гуна аст?
3. Чаро дубайтӣ мегўянд?
4. Рубоӣ аз дубайтӣ чӣ гуна фарқ дорад?
5. Вазни рубоӣ ва дубайтиро мустақилона омўзед. Фарқияти вазни ҳазаҷ (мусаммани ахрам ва ахраб) аз вазни ҳазаҷ (мусаддаси маҳзуф ё мақсур) дар чист? Маълумоти ба даст овардаатонро ба дафтари адабиёт қайд кунед.
6. Вазифаҳои мисраъро номбар кунед.
7. Мавзўъ ва мундариҷаи рубоӣ ва дубайтиҳо аз чӣ иборат аст?
8. Муайн кунед, ки шеъри мазкур рубоӣ аст ё дубайтӣ:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо будӣ ба Канъон хуштар.

9. Байтҳои зерини Абўабдулло Рўдакиро хонед. Ба рубоӣ ё дубайтӣ тааллуқ доштани онро муайян кунед.

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рўйи дўстон.

* * *

Ҳар кӣ н-омўхт аз гузашти рўзгор,
Низ н-омўзад зи ҳеҷ омўзгор.

* * *

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

10. Рубоӣ ва дубайтиҳои халқии дар маҳалли Шумо эҷодшударо муайян кунед. Онҳоро ба дафтари адабиёт нависед.

УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС (1026 — 1069)

Амир Унсурулмаолии Кайковус ибни Вушмагир бинни Қобус яке аз шоҳзодагони хонадони Зиёрӣ ба шумор меравад, ки дар Эрони Шимолӣ зистаанд. Бобо ва падари Унсурулмаолӣ одамони маърифатнок буда, фарзанди худро аз тамоми донишҳои замона баҳраманд гардонидаанд.

Ӯ тақрибан дар солҳои бистуми асри XI дар ноҳияи Кӯҳистон (шимоли Эрон) таваллуд ёфтааст. Мутаассифона солҳои зиндагонӣ ва соли вафоти ӯ ба мо маълум нест.

Баъзе маълумотҳои муҳимро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ӯ аз «Қобуснома» («Насиҳатнома») ёфтан мумкин аст. Ин маълумотҳо аз тарбияи хуб гирифтани Кайковус далолат медиҳанд. Аз хурдсолӣ падар барои Унсурулмаолӣ донишмандони фанҳои гуногун ва ҳунармандонро ҷамъ оварда, ӯро тарбияи ҳаматарафа додааст. Ин сабаб шуд, ки дертар худи Унсурулмаолӣ баҳри писари худ Гелоншоҳ насиҳатномае тартиб диҳад, ки бо номи «Қобуснома» ё «Насиҳатнома» машҳур аст.

Кайковус ғайр аз касби илм ва ҳунаромӯзӣ сайру саёҳатҳои бисёре намуда, аз мактаби ҳаёт сабақҳои ибратбахш гирифтааст. Касби илму ҳунар ва таҷрибаи рӯзгор барои навиштани «Қобуснома» маводҳои фаровон фароҳам овардааст.

«Қобуснома» аз чиҳилу чор боб иборат буда, доир ба масъалаҳо ва ҳунарҳои гуногуни ҳаёт ва манфиату зарари онҳо сухан мекунад.

Мазмуни асосии ин асарро панду андарзҳо дар бораи адаб, омӯзиши рӯзгор, ранҷ кашидан, шинохтани ҳаққи падару модар, дурӣ кашидан аз дӯстони бадкирдор, тартиби таом хӯрдан, андеша, гуфтору рафтори шоиста ва

дигар масоилҳои одобу рафторро дар бар мегирад. Дар он ҷоҳилӣ, фиребгарӣ, худписандӣ, бадкинагӣ, бухлу ҳасуд, зулму ситам ба риштаи танқид кашида шуда, ростиву некӯкорӣ, ҷавонмардию саховатпешагӣ барин фазилатҳои неки инсонӣ талқин карда мешавад.

«Қобуснома» бо забони соддаву фасеҳи тоҷикӣ навишта шуда, насиҳатҳои он басо пурмазмунанд. Солҳои зиёд аст, ки панду насиҳатҳои гуҳаррези ин марди оқил раҳнамои зиндагии чандин насли одамӣ шудааст. Он ба ҳашт забон —англисӣ, немисӣ, франсузӣ, русӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, арабӣ ва тоторӣ тарҷума шудааст.

Қобуснома 930 сол муқаддам аз рӯи талаботи зиндагии ҳамон давру замон навишта шудааст. Аз ин рӯ, як қатор андешаҳои Кайковус ба талаботҳои ахлоқу одоби имрӯзаи мо мувофиқ наомаданаш мумкин аст. Бо вуҷуди ин, «Қобуснома» бешубҳа асари пурқимматтарини панду ахлоқӣ ба шумор рафта, дар замони мо низ арзиши худро гум накардааст.

Пурсиш ва супориш

1. Кайковус кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?
2. Сабаби навишта шудани «Қобуснома» дар чист?
3. «Қобуснома» кадом масъалаҳоро дарбар мегирад?

АНДАР ШИНОХТАНИ ҲАҚҚИ ПАДАР ВА МОДАР

Бидон, эй писар, ки... аз мӯъҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст сабаби будани[1] худро ҳурмат доштан ва тафаққуд кардан[2] ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд[3] кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст. То нагӯӣ, ки падару модарро бар ман чӣ ҳақ аст, ки эшонро ғараз шаҳват буд, на мақсуд ман будам. Ва он фарзандро, ки мудом хирад раҳнамуни ӯ бувад, аз ҳақ ва меҳри падару модар холӣ набошад...

Нигар, эй писар, ки ранҷи дили падару модар нахоҳӣ ва хор надорӣ... Ҳаққи модару падар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хирад ва мардумӣ бингар... Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир[4] бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси асли некӣ набошад, некии фаръро[5] ҳам ҳақ надонад. Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бувад ва ту низ хирагии хеш маҷӯй ва бо падару модари хеш чунон бош, ки аз фарзандони хеш тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд, зеро ки он, ки аз ту ояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз вай зодӣ. Ва масали одамӣ ҳамчун мева аст ва модару падар ҳамчун дарахт, ҳар чанд дарахтро тааҳҳуди беш кунӣ, мева аз вай накӯтар ва беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмат дорӣ ва озарм[6], дуо ва офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва мустаҷобтар бувад... ва ба хушнудии эшон наздиктар бошӣ...

Ва нигар аз баҳри мерос марги модару падар нахоҳӣ, ки бе марги модару падар он чӣ рӯзии туст, ба ту расад...

---

[1] *Сабаби будан* — ба маънои падару модар омадааст.

[2] *Тафаққуд кардан* — яъне парастории ва ғамхорӣ зоҳир намудан.

[3] *Тааҳҳуд* — ба маънои нигаҳбонӣ омадааст.

[4] *Муқассир* — бадкор.

[5] *Фаръ* — яъне дуюмдараҷа.

[6] *Озарм* — шарму ҳаё, яъне эҳтиром.

Агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад беҳтар аз тавонгарии мол бувад, чӣ ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад натвон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан. Пас агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хиради беҳунар чун тане бувад беҷома ва шахсе бесурат, ки гуфтаанд:

«Ал-адаби сурат-ул-ақла»[1].

АНДАР ПЕШӢ ҶУСТАН ДАР СУХАНДОНӢ

Эй писар, бояд, ки мардум сухандон ва сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар сухани рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештанро ба рост гуфтан маъруф кун, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд бипазиранд ва ҳар чӣ рост гӯй, валек рости ба дурӯғ монандро магӯй, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он рост номақбул.

Пас аз рост гуфтани номақбул парҳез кун, то чунон наяфтад, ки маро бо Амир Бассувори Fозии Шопур бинал-фазл... афтод.

ҲИКОЯТ:

Бидон, эй писар, ки ман ба рӯзгори Амир Бассувор он сол, ки аз ҳаҷ боз омадам, ба ғазо рафтам ба Ганҷа, ки ғазои Ҳиндустон бисёр карда будам. Хостам, ки ғазои Рум низ карда шавад ва Амир Буссавор подшоҳи бузург буд ва марде побарҷой ва хирадманд ва шоистаю одил ва шуҷоъ ва мутакаллум ва покдину пешбин, чунон ки маликони сутуда бошанд. Ҳама ҷид будӣ беҳазл. Чун маро бидид, бисёр ҳашмат кард ва бо ман дар сухан омад ва аз ҳар навъе ҳамегуфт ва ман ҳамешунудам ва ҷавоб ҳамедодам. Суханҳои ман ӯро писандида омад. Бо ман бисёр карорматҳо кард ва нагузошт, ки бозгардам. Аз бас эҳсонҳо, ки мекард бо ман, ман низ дил бинҳодам ва чанд сол ба Ганҷа муқим шудам ва пайваста ба таому шароб дар гардад. Ва даъвокунандаи

[1]Адаб нишонаи хирад аст.

бемаънӣ мабош ва на дар ҳама даъвиҳо бурҳон камтар шинос ва даъво бештар. Ва ба илме, ки надонӣ, даъво макун ва аз он илм нон маталаб, ки ғарази худ аз он илм ва ҳунар ба ҳосил натавонӣ кардан, ки маълуми ту набошад ва ба чизе, ки надонӣ ба ҳеҷ нарасӣ.

ҲИКОЯТ:

Шунидам, ки ба рӯзгори Хусрав зане пеши Бузарҷмеҳр омад ва аз вай масъалае бипурсид. Магар андар он вақт Бузарҷмеҳр сари он сухан надошт.

— Гуфт: «Эй зан, ин ки ту мепурсӣ, ман он надонам». Зан гуфт: «Пас агар ту ин надонӣ, неъмати худойгони мо ба чӣ мехӯрӣ?» Бузарҷмеҳр гуфт: «Бад-он чиз, ки донам, диҳад ва малик маро бад-он чиз, ки надонам, чизе надиҳад. Ва агар бовар надорӣ, биё ва аз малик бипурс, то худ бад-он, ки надонам маро малик чизе ҳамедиҳад, ё на?».

Пас ту, эй писар, сухангӯй бош, на ёвагӯй, ки ёва гуфтан дуввум девонагӣ бошад ва бо ҳар кӣ сухан гӯӣ, бинигар, то сухани туро харидор ҳаст ё не. Агар муштарии чарб ёбӣ ҳамефурӯш ва агарна он сухан бигузор ва он гӯй, ки ӯро хуш ояд, то харидори ту бошад. Валекин бо мардумон мардум бош ва бо одамиён одамӣ, ки мардум дигар аст одамӣ дигар.

Ва ҳар кӣ аз хоби ғафлат бедор шуд, бо халқ чунин зияд, ки ман гуфтам ва то тавонӣ аз сухан гуфтан ва шунавидан нуфур машав, ки мардум аз сухан шунидан сухангӯй шаванд. Далел бар он ки агар кӯдакеро аз модар ҷудо кунанд ва дар зери замин баранд ва шир ҳамедиҳанд ва ҳам он ҷо мепарваранд ва модару доя бо вай сухан нагӯянд ва нанавозанд ва сухани кас нашунавад, чун бузург шавад, гунг бувад, то ба рӯзгор ҳамешунавад ва ҳамеомӯзад, он гоҳ гӯё шавад. Далели дигар, ҳар кӣ аз модар кар зояд, лол бувад. Набинӣ, ки лолон кар бошанд?

Пас суханҳо бишунав ва ёд гир ва қабул кун, хосса, суханҳои панд аз гуфтаҳои мулук ва ҳукамо. Ва гуфтаанд, ки панди ҳукамо ва мулук шунавидан дидаи хирад равшан кунад, ки сурмаву тӯтиёи чашми хирад ҳикмат аст. Пас он қавлро, ки гуфтам ба гӯши дил бояд шунавидан ва эътиқод кардан ва аз ин суханҳо андар ин вақт чанд сухани нағзу нуктаҳои бадеъ ёд омад, аз қавли Нӯшервони одил, малики мулуки Аҷам ва андар ин китоб ёд кар-

дам, то ту низ бихонӣ ва бидонӣ ва ёд гирӣ ва кор бандӣ, ки кор бастани ин суханҳо ва пандҳои он подшоҳ моро воҷибтар бошад, ки мо аз тухмаи он мулукем.

ҲИКОЯТ:

Шунидам, ки рӯзе Шиблӣ дар масҷиде рафт, ки ду ракъат намоз хонад ва замоне биосояд. Дар масҷид кӯдакони дабиристон буданд. Вақти нон хӯрдани кӯдакон буд. Нон ҳамехӯрданд. Ба иттифоқ ду кӯдак наздики Шиблӣ нишаста буданд. Яке писари тавонгаре буд ва дигар писари дарвеше. Дар занбили он тавонгарзода ҳалво буд ва дар занбили он дарвешзода нони хушк. Тавонгарзода ҳалво ҳамехӯрду дарвешзода аз ӯ ҳамехост.

— Агар мехоҳӣ, ки туро ҳалво диҳам, саги ман бош.

Ин кӯдак гуфт.

— Ман саги туам.

Тавонгарзода гуфт:

— Бонги саг кун.

Он дарвешзодаи бечора дуто шуда бонги саг ҳамекард, то пораи ҳалво бад-ӯ дод.

Шиблӣ дар эшон назора ҳамекарду мегирист. Муридон пурсиданд, ки бо шайх чӣ афтод, ки гирён шуда. Гуфт:

— Нигоҳ кунед, ки тамаъ мардумро ба чӣ мерасонад. Агар чунон будӣ, ки он кӯдак ба нони тиҳии хеш қаноат кардӣ ва тамаи ҳалвои ӯ надоштӣ, ӯро саги ҳамчу худе набоистӣ будан.

Пурсиш ва супориш

1. Унсурулмаолии Кайковус «Насиҳатнома»-и худро ба кӣ бахшидааст?
2. Чаро «Қобуснома» ё «Насиҳатнома» арзиши баланд дорад?
3. Чаро муаллиф адабро нишонаи хирад медонад?
4. Ибораи «маликони сутуда»-ро аз луғат пайдо карда, маъноашро шарҳ диҳед.
5. Ҷумлаи «Ба илме, ки надонӣ, даъво макун ва аз он илм нон маталаб»-ро маънидод кунед.
6. Сухангӯй бош на ёфтагӯйро чӣ гуна маънидод мекунед? Ёфтагӯён киҳоянд?
7. Нависанда фикри аз сухан шунидан сухангӯй шуданро бо кадом далел исбот кардааст?

НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
(1141 — 1209)

Ҳам ҳунарманд ҳам ҷаҳондида,
Ҳам ба чашми ҷаҳон писандида.
Аз ҳунармандиям навозад бахт,
Беҳунар кай расад ба тоҷу тахт.

Ҳаким Низомии Ганҷавӣ аз бузургтарин устодони каломеъ бадеъ маҳсуб ёфта, дар шаҳри Ганҷаи диёри зеботанзари Озарбойҷон дида ба дунё кушодааст. Номи аслии ӯ Илёс буда, Низомӣ тахаллуси шоирии ӯ мебошад. Аз рӯйи сарчашмаҳои таърихӣ олимон муайян кардаанд, ки аҷдоди падарии Низомӣ муқими Эрон будаанд. Низомӣ аз хурдсолӣ бе падару модар монда, тағояш ӯро ба воя расонидааст. Ин марди ғамхор ҷиянашро на танҳо парастории кард, балки ӯро хононда соҳиби маълумоти хуб гардонид. Низомӣ дар муддати кӯтоҳ таърих, ҷуғрофия, мантиқ ва адабиётро аз худ карда, ба омӯзиши илмҳои табиӣ — тиб ва ситорашиносӣ пардохт.

Ӯ донишандӯзии худро дар ҷавонӣ қайд карда, дар бораи кашф кардани асрори илмҳои гуногун таъкид кардааст:

Ба бозӣ набурдам ҷавонӣ ба сар,
Ки шуғле дигар буд ҷуз хобу х(в)ар.
Нахуфтам шабе шод бар бистаре,
Ки накшодам он шаб зи дониш даре.

Аз ин сабаб буд, ки Низомӣ ҳоло дар ҷавонӣ куррашакл будани Заминро медонист ва аз риёзиёт, табииёт хабардору табиби ҳозиқ низ буд.

Дар баробари ин, ӯ аз мероси адабии Юнони қадим, хати паҳлавӣ, осори адабӣ ва илмии давраи хилофат, таъ-

рихи Кавказ, одобу рафтори пайравони дини насронию яҳудӣ ва адабиёти форсу тоҷик хуб огоҳ буд.

Низомӣ тамоми умри худро дар Ганҷа гузаронидааст Он замонҳо шаҳри Ганҷа яке аз шаҳрҳои ривоҷёфта, дорои қалъаҳои мустаҳкам, мадрасаву кӯшкҳо будааст. Аз ин сабаб, дар асри XII адибон ва донишмандон ба ин ҷо рӯ овардаанд. Низомӣ борҳо ба хизмати дарборӣ даъват шуда буд, лекин ӯ мутеъгӣ, хушомадгӯӣ ва тамаллуқкориро нахоста, чунин гуфтааст:

Бигзор маоши подшоҳӣ,
К-оворагӣ оварад сипоҳӣ,
Аз сӯҳбати подшаҳ бипарҳез,
Чун пунбаи хушк аз оташи тез.

Мероси адабии Низомиро ғазал, рубоӣ, қасида, қитъа ва достонҳои «Хамса» ташкил менамоянд. Аз ҷиҳати мавзӯъ ва ғоя ин асарҳо гуногун буда, ҳар яке дар даврaҳои ҷудогонаи фаъолияти шоир мақому мартабаи хоса дорад.

Аз чандсолагӣ ба шеъргӯӣ пардохтани шоир маълум нест, аммо ҳанӯз дар овони ҷавонӣ эҷодиёти худро бо сурудани ашъори ғиноӣ оғоз намудани ӯ маълум аст. Аввал ғазалиёту рубоӣ гуфта, баъд қитъаю қасида гуфтааст. Дар қасидаи Низомӣ осоре аз мадҳ мавҷуд нест. Ҷои онро панду андарз ишғол кардааст. Қитъаоти шоир низ бештар дар ҳамин мавзӯъ суруда шудаанд. Рубоиёти Низомӣ чандон зиёд нестанд. Аксари онҳо ошиқона буда, ҷо-ҷо ақоиди иҷтимоии хешро низ ҷой додааст.

Бахши бештари мероси боқимодаи Низомиро ғазал ташкил менамояд. Тамоми тазкиранависон дар пояи баланди санъат қарор ёфтани ғазалҳои Низомиро гӯшрас кардаанд. Ғазалҳои Низомӣ аз лиҳози шаклу мазмун, аз ҷиҳати маъниву сабк ва аз ҳайси саноеи бадеӣ аз ҷараёни умумии инкишофи ғазали маъмулӣ хориҷ мешаванд. Дар созмони ғазал Низомӣ низ мисли бисёр муосирони худ, ки ғазал эҷод кардаанд, аз хамирмояи ишқ истифода бурда, барои расидан ба ин матлаб дар ин роҳ сабру тоқат, кӯшиши расидан ба васл ва амсоли онро ба қалам медиҳад.

Ба иттифоқи аксари муҳаққиқон Низомӣ дар инкишофи ғазал хидмати чашмгир накардааст. Истеъдоди ӯ маҳз

дар сурудани достонҳояш нашъунамо пазируфта, мақоми шоирии ӯро муайян кардааст.

Низомӣ табъи баланди шоирӣ дошта, дертар дар достонсароӣ маъруф гашт. Ӯ барои барқарор шудани адлу инсоф, дӯстию рафоқат тамоми умри худро бахшидааст. Низомӣ писари яккаву ягонае дошт бо номи Муҳаммад. Бахшида ба писари худ ӯ насиҳатҳои зиёде навиштааст, ки ганҷинаи афкори ахлоқӣ ба шумор меравад.

Ёдгории ҷовидона ва беҳамтои Низомӣ «Хамса» мебошад. «Хамса»-и бегазанди ӯ ҳамчун шаҳкории фарҳанги дунё эътироф шудааст. Ин суханвари тавоно ва хирадманду доно бо табъи саршору маҳорати баланд ва истеъдоди зотиву забони фасеҳ ба эҷоди адабӣ бо камоли Аиддият нигаристааст. Ин асари ӯ дорои мӯҳтавои гуногуни иҷтимоӣ буда, бо тасвирҳои ишқи пок, манзараҳои назаррабои табиат, суханони ҳакимона, таркибу ибороту нағзу дилнишин, истифодаи санъатҳои зиёди лафзиву маънавӣ ва пеш аз ҳама ташбеҳу истиороти латифу воқеӣ эҷод гардидааст.

Ин асари Низомӣ панҷ маснавии пурҳикматро дар бар гирифтааст, бинобар онро «Панҷ ганҷ» низ мегӯянд.

Низомӣ дар «Хамса» афкори панду насиҳатии худро на дар шакли таъкидоти хушку холӣ, балки бо мисолҳои ибратбахши зиндагӣ, нақлу ривоят ва афсонаву қиссаҳои дилнишин, ҳикоят, тасвири ҳодисаҳои табиат тасдиқ кардааст.

Маснавии якуми «Хамса» «Махзан уласрор» ном дошта, бо забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст. Ин асар мавзӯи ягона надорад. Бобҳои он ба офарида шудани олам, ситоиши сухан, ҳастӣ, ишқ, адолат, усули мамлакатдорӣ, некӣ, саховат, сабр, инсонигарӣ ва ғ. бахшида шудаанд. Дар ҳар қисми он ҳикоятҳои аҷоибу ғароиб оварда шудаанд.

Маснавии дуюм «Хусрав ва Ширин» ва маснавии сеюм «Лайлӣ ва Маҷнун» ном дорад. Достон ё маснавии чоруми ин асари панҷгона «Ҳафт пайкар» ном дошта, дар бораи саргузашти Баҳроми Гур сухан мекунад. Ин асар бо номи «Баҳромнома» низ машҳур аст. Достони охирини

«Хамса»-и Низомӣ «Искандарнома» мебошад. Достон дар бораи саргузашти Искандари Мақдунӣ буда, аз замони кӯдакӣ то ҷавонию лашкаркашиҳои Искандар нақл мекунад.

Низомии Ганҷавӣ дар ҳамаи маснавиҳои «Хамса», бахусус дар «Искандарнома», хотирнишон менамояд, ки суханҳои хубу суфтаҳои марғуби ӯ ба осонӣ ба даст наомада, балки он ҳама натиҷаи дониши зиёду андешаҳои амиқ, заҳмати пайваста, машаққатҳову ҷоннисориҳои ӯст:

Бад-ин дилфиребӣ суханҳои бикр
Ба сахтӣ тавон зодан аз роҳи фикр.
Сухан гуфтани бикр ҷон суфтан аст,
На ҳар кас сазои сухан гуфтан аст.

Шоир дурӯғро фасод мешуморад, аз қадри инсон некномӣ, хулқу одоби ҳамида, покиву ҷуду карам, адолату дод, аҳду вафо, муҳаббати пок бо дилгармӣ андеша меронад. Ӯ панд медиҳад:

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ дар дарбандӣ.

Ҳадафи Низомии Ганҷавӣ аз навиштани «Хамса» афсонапардозиву ишқномонависӣ набуда, балки нишон додани сабақҳои таърих ба ҳамзамонон ва панду андарз додан ба инсон аст. Ҳамин ҳадафи амиқ сабаб бар он шудааст, ки саросари маснавиҳои «Хамса» ҳикмат ва андешаҳои ахлоқӣ мебошад.

Дар маснавиҳои Низомии Ганҷавӣ варақеро наметавон ёфт, ки он фарогири андарзе, ҳикмате ва ё мақолу зарбулмасали халқие набошад. Ва ҳатто дарунмояи ин ё он маснавӣ ҷанбаи ахлоқӣ надошта бошад ҳам, мебинем, ки вобаста ба равишу воқеаҳои тасвирёфта симоҳои барҷастаи маснавиҳои шоири мутафаккир паёмҳои ахлоқиро бозгӯ намудаанд.

ДАР БОБИ СУХАН ВА СУХАНВАРОН

Ёдгоре, к-аз одамизод аст,
Сухан аст, он дигар ҳама бод аст.
Бингар аз ҳар чӣ офарид Худой,
То аз ӯ ҷуз сухан чӣ монд ба ҷой?

* * *

Ҷунбиши аввал, ки қалам баргирифт,
Ҳарфи нахустин зи сухан даргирифт.
Бе сухан овозаи олам набуд,
Ин ҳама гуфтанду сухан кам набуд.

* * *

Шеър туро сердонишӣ диҳад,
Салтанати мулки маъонӣ диҳад.
Шеър барорад ба амирет ном,
К-ашшуарои умаро алкалом.

* * *

Сухан гавҳар шуду гӯянда ғаввос,
Ба сахтӣ дар каф ояд гавҳари хос.
Зи гавҳар гуфтан устодон ҳаросанд,
Ки қиматмандии гавҳар шиносанд.

* * *

Сухан бисёр донӣ андаке кун,
Якеро сад макун, садро яке кун.
Чу об аз эътидол афзун ниҳад гом,
Зи серобӣ ба ғарқ орад саранҷом.
Чу хун дар тан зи одат беш гардад,
Сазои гӯшмоли неш гардад.

ДАР БОБИ ИЛМУ АДАБ ВА ҲУНАР

Ҳар кӣ дар ӯ ҷавҳари доноияст,
Бар ҳама кореш тавоноияст.
Банди фалакро кӣ тавонад гушод,
Он ки бар ӯ пой тавонад ниҳод?!

* * *

Ҳар кӣ з-омӯхтан надорад нанг,
Гул барорад зи холру лаъл аз санг.
В?он ки дониш набошадаш рӯзӣ,
Нанг дорад зи донишомӯзӣ.

* * *

Илмро хозини амал карданд,
Мушкили коинот ҳал карданд.

* * *

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

* * *

Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

* * *

Ақли ту пирест фаромӯшкор,
То зи ту ёд орад, ёдаш биёр!

АЗ «МАХЗАН УЛАСРОР»

Достони пиразан бо Султон Санҷар

Пиразанеро ситаме даргирифт,
Даст заду домани Санҷар гирифт.
К-эй малик, озарми[1] ту кам дидаам,
В-аз ту ҳамасола ситам дидаам.
Шаҳнаи[2] маст омада дар кӯи ман,
Зад лагаде чанд фарорӯи ман.
Бегонаҳ аз хона ба рӯям кашид,
Мӯйкашон дар сари кӯям нашид.
Дар ситамобод забонам ниҳод.
Мӯҳри ситам бар дари хонам ниҳод.
Гуфт: «Фалон нимшаб, эй кӯжпушт,[3]
Бар сари кӯи ту фалонро кӣ кушт?!»
Хонаи ман ҷуст, ки хунӣ куҷост?
Эй шаҳ, аз ин беш забунӣ куҷост?
Шаҳна бувад маст, ки он хун кунад,
Арбада[4] бо пиразане чун кунад?
Ратлзанон[5] дахли вилоят баранд,
Пиразанонро ба ҷиноят баранд.
Он кӣ дар ин зулм назар доштаст,
Ситри[6] ману адли ту бардоштаст.
Кӯфта шуд синаи маҷрӯҳи ман,
Ҳеҷ намонд аз ману аз рӯҳи ман,
Гар надиҳӣ доди ман, эй шаҳриёр,
Бо ту равад рӯзи шумор ин шумор.
Доварию дод намебинамат,
В-аз ситам озод намебинамат.
Аз маликон қуввату ёрӣ расад,
Аз ту ба мо бин, ки чӣ хорӣ расад,
Моли ятимон ситадан[7] кор нест,
Бигзар, аз ин, одати аҳрор нест.
Бар палаи пиразанон раҳ мазан,

---

[1] *Озарм* — ба маънии инсоф.
[2] *Шаҳна* — миршаб.
[3] *Кужпушт* — хамида.
[4] *Арбада* — бадмастӣ, бадхулқӣ.
[5] *Ратлзанон* — паймонапаймоён, майхорагон.
[6] *Ситр* — парда.
[7] *Ситадан* — гирифтан.

Шарм бидор аз палаи[1] пиразан.
Бандаиву даъвии шоҳӣ кунӣ,
Шоҳ наӣ, чунки табоҳӣ кунӣ.
Шоҳ, ки тартиби вилоят кунад,
Ҳукми раият бар риоят кунад.
То ҳама сар ба хати фармон ниҳанд,
Дӯстияш дар дилу дар ҷон ниҳанд.
Оламеро зеру забар кардаӣ,
То тӯӣ, охир чӣ ҳунар кардаӣ?
Давлати туркон, ки баландӣ гирифт,
Мамлакат аз дод писанде гирифт.
Чунки ту бедодгарӣ парварӣ,
Турк наӣ, ҳиндуи ғоратгарӣ!
Маскани шаҳрӣ зи ту вайрона шуд,
Хирмани деҳқон зи ту бе дона шуд.
З-омадани марг шуморе бикун,
Мерасадат даст, ҳисоре бикун.
Адли ту қандили шабафрӯзи туст,
Мӯниси фардои ту имрӯзи туст.
Пирзанонро ба сухан шод дор,
В-ин сухан аз пирзане ёд дор.
Даст бидор аз сари бечорагон,
То нахӯрӣ ё саҷи[2] ғамхорагон.
Чанд занӣ тир ба ҳар гӯшае,
Ғофилӣ аз тӯшаи бетӯшае.
Фатҳи ҷаҳонро ту калид омадӣ,
Н-аз паи бедод падид омадӣ...
Расми заифон ба ту нозиш бувад,
Расми ту бояд, ки навозиш бувад.
Гӯш ба дарюзаи[3] анфос дор,
Гӯшанишине ду-серо пос дор.»
Санҷаре, к-иқлими Хуросон гирифт,
Кард зиён, к-ин сухан осон гирифт.
Дод дар ин давр барандохтаст,
Дар пари симурғ ватан сохтаст.
Шарм дар ин торами азрақ[4] намонд,

---

[1] *Пала* — матои кам, ашёи ночиз, мӯи сар.

[2] *Ё саҷ* — тири пайкондор, киноя аз тири оҳи бечорагон..

[3] *Дарюза* — ба дардҳо рафта овоз додан, чизеро талабидан, касеро ё чизеро ҷустуҷӯ кардан, гадоӣ.

[4] *Торами азрақ* — гунбади нилгун, осмони кабуд.

Об дар ин хоки муаллақ намонд.
Хез, Низомӣ, зи ҳад афзун гирӣ,
Бар дили хунобшуда хун гирӣ.

ДОСТОНИ ПИРИ ХИШТЗАН

Дар тарафи Шом яке пир буд,
Чун парӣ аз халқ тарафгир буд.
Пираҳани худ зи гиё бофтӣ,
Хишт задӣ, рӯзӣ аз он ёфтӣ.
Теғзанон чун сипар андохтанд,
Дар лаҳад он хишт сипар сохтанд.
Ҳар кӣ ҷуз он хишт ниқобаш набуд,
Гарчи гунаҳ дошт, азобаш набуд.
Пир яке рӯз дар ин кору бор
Кор фаропеш, дарафзуд кор.
Омад аз он ҷо, ки қазо соз кард,
Хубҷавоне сухан оғоз кард,
«К-ин чӣ забунию чӣ афкандагист?
Коҳу гил ин пешаи харбандагист.
Хез, мазан бар сипари хок теғ,
К-аз ту надоранд яке нон дареғ.
Қолаби ин хишт дар оташ фикан,
Хишти нав аз қолаби дигар бизан.
Чанд кулӯхе ба такаллуф[1] кунӣ?
Дар гилу обе чӣ тасарруф кунӣ?
Хештан аз ҷумлаи пирон шумор,
Кори ҷавонон ба ҷавонон гузор».
Пир бад-ӯ гуфт: «Ҷавонӣ макун,
Даргузар аз кору гаронӣ макун.
Хиштзанӣ пешаи пирон бувад,
Боркашӣ кори асирон бувад.
Даст бад-ин пеша кашидам, ки ҳаст,
То накашам пеши ту як рӯз даст.
Дасткаши кас наям аз баҳри ганҷ,
Дасткаше мехӯрам аз дастранҷ.
Аз паи ин ризқ ваболам[2] макун,
Гар на чунин аст, ҳалолам макун».

[1] *Такаллуф* — азоб, ранҷ.
[2] *Вабол* — сахтӣ, азоб.

Аз сухани пири маломатгараш
Гирён-гирён бигузашт аз бараш.
Пири бад-ин васф ҷаҳондида буд,
К-аз паи ин кор писандида буд...

Пурсиш ва супориш

1. Низомии Ганҷавӣ бештар дар кадом жанри адабӣ эҷод кардааст?
2. «Хамса» чист? Асарҳои «Хамса»-и Низомии Ганҷавиро номбар кунед.
3. «Достони пиразан бо Султон Санҷар»-ро хонед. Бигӯед, ки аз гуфтаҳои пиразан чӣ фаҳмидед?
4. Шоир бо байти зерин чӣ гуфтан мехоҳад?

«Бандаиву даъвии шоҳӣ кунӣ,
Шоҳ нағ, чунки табоҳӣ кунӣ».

5. Шоҳ аз гуфтаҳои пиразан ба чӣ хулоса омад?
6. Дар достони мазкур сухан дар бораи шоҳи кадом мамлакат меравад?
7. Дар «Достони пири хиштзан» ҷавон ба пири хиштзан бо кадом суханон муроҷиат мекунад?
8. Байтҳоеро, ки дар он ҷавоби пир омадааст, муайян карда, мустақилона таҳлил кунед.

Достони «Хусрав ва Ширин»

Достони мазкур соли 1184 мелодӣ навишта шудааст:

Гузашта понсаду панҷоҳу сӣ сол,
Назад бар хатти хубон кас чунин хол.

Воқеаҳои достон дар Эрони қадим ва Арманистон мегузаранд. Достони «Хусрав ва Ширин» асари ишқӣ буда, хислатҳои барҷастаи одамиро таҷассум мекунанд. Мувофиқи мазмуни он бо тарбияи Хусрави Парвез ном писари подшоҳи Сосониҳо чанд доя машғул мешавад. Аз шашсолагӣ омӯзгор тарбияи ӯро ба ӯҳда гирифта, илми адаб ва ҳарб, ҳисобу фалсафаро ёд мегирад. Дар ҳаждаҳсолагӣ ҷавони зираку ҷасур ва далеру боақл мешавад.

Баъд аз таҳсили илмҳо ӯ бо маишат ва сайру гашт машғул гардид. Хусрав Шопур ном надими ҷаҳондидае дошт.

Надиме хос будаш ном Шопур,
Ҷаҳон гашта зи Мағриб то Лаҳовур.
Зи наққошӣ ба Монӣ мужда дода,
Ба рассомӣ— дар Уқлидас ёд кушода.

Боре ӯ ба Хусрав нақл мекунад, ки дар мулки Арман шоҳзане ҳаст, ки Ширин ном духтари додараш дар ҳусну ҷамол нотакрор аст.

Маҳ аз хубеш худро хол хонда,
Шаб аз холаш китоби фол хонда...
Рухаш насрину бӯяш низ насрин,
Лабаш ширину номаш низ Ширин.

Аз ин нақли Шопур Хусрав ба Ширин ғоибона ошиқ мешавад ва сабру қарорро аз даст дода, сӯйи Арманистон мешитобад.

Шопур ба Арманистон рафта, ҷойи иқомати Ширинро пайдо мекунад ва сурати Хусравро кашида, ба дарахти сари роҳи Ширин часпонида мемонад. Вақти аз шикор бозгаштан чашми Ширин ба расм меафтад. Канизакон бо гумони он, ки мабодо Ширин суратро дида, ошиқ шуда намонад, манзили худро дигар мекунанд. Шопур манзили нави онҳоро ёфта, боз ҳамон кори худро такрор мекунад. Духтарон боз суратро нест карда, ҳамроҳи малика ҷойи дигар мекӯчанд. Сурат боз пайдо мешавад. Ширин ин дафъа мафтуни тамошои сурат шуда, илоҷе меҷӯяд, ки шахси дар сурат бударо ёбад ва сирри онро фаҳмад. Ниҳоят, Шопур худро нишон дода, кӣ будани Хусрав ва ошиқи ғоибонаи Ширин будани ӯро гуфта медиҳад. Бо маслиҳати Шопур Ширин аммааш — Меҳинбонуро партофта, барои дидани Хусрав мешитобад.

Хусрав дар ин миён тангаи пӯлодин сикка зада буд. Аз ин падараш огоҳ шуда, ӯро ҷазо доданӣ мешавад. Хусрав сӯйи мулки Арман роҳ ба гурез мениҳад. Дар роҳ Хусрав Ширинро нохост ҳангоми оббозӣ дида мемонад. Вале онҳо ҳамдигарро намешиносанд. Ширин ба Мадоин мерасаду Хусрав ба Арманистон.

Хусрав аз ба Мадоин рафтани Ширин огоҳ меёбад ва Шопурро барои овардани ӯ мефиристонад. Ногоҳ хабар меояд, ки падари ӯро куштаанд. Хусрав боз Ширинро на-

дида, худ низ ба Мадоин мегардад ва ба тахти падар мешинад. Ӯ подшоҳиро бо адолат ва инсоф оғоз мекунад. Вале, дере нагузашта бо ишрат машғул шуда, Ширинро низ аз хотир мебарорад.

Яке аз мухолифони падари ӯ Баҳроми Чӯбина ба муқобили Хусрав исён мебардорад. Хусрав ба Арманистон мегурезад ва дар яке аз шикоргоҳҳо бо Ширин боз вомехӯрад.

Аммаи Ширин ӯро огоҳӣ мекунад, ки ҳушёр бошад ва аввал он ҷавонро санҷида бинад. Ширин розӣ мешавад. Боре дар сабзазори шикоргоҳ шере ба онҳо ҳамла меорад. Хусрав онро зада пӯст меканад. Ширин ба Хусрав шарт мегузорад, ки аввал тахти падарашро гирад, сонӣ ба висоли ӯ мерасад. Хусрав барои иҷрои шарт сӯйи Рум меравад. Подшоҳи Рум духтарашро ба занӣ дода, бо лашкари зиёде ӯро гусел мекунад. Хусрав тахти худро аз дасти Баҳроми Чӯбина кашида мегирад.

Дар ин миён аммаи Ширин Меҳинбону аз олам чашм мепӯшад. Ширин шоҳигарии Арманро ба даст мегирад.

Чу бар Ширин муқаррар гашт шоҳӣ,
Фурӯғи мулк бар маҳ шуд зи моҳӣ.
Ба инсофаш раият шод гаштанд,
Ҳама зиндониён озод гаштанд.
Зи мазлумони олам ҷавр бардошт,
Ҳама оини ҷавр аз давр бардошт.
Зи ҳар дарвозае бардошт боҷе,
Наҷуст аз ҳеҷ деҳқоне хироҷе.
Мусаллам кард шаҳру русторо,
Ки беҳтар дошт аз дунё дуоро.
Зи адлаш боз бо теҳӯ шуда хеш,
Ба як ҷо об хӯрда гург бо меш...
Дар он як сол, к-ӯ фармондеҳӣ кард,
На мурғе, балки мӯреро наёзард.

Ширин дар ғами ҳиҷрони Хусрав дармонашро аз даст медиҳад. Ӯ тахтро баъд аз як сол ба мавлое супурда, сӯйи Мадоин раҳсипор мешавад.

Вале, Хусрав аз тарси занаш ба назди Ширин намеояд. Ширин дар беруни шаҳр дар қасре ҷой мегирад, ки хушку

беоб буд. Ӯ ба ғайр аз шири гӯсфандон ғизои дигаре намехӯрд.

Аз ин огоҳ ёфта Шопур маслиҳат медиҳад, ки Фарҳоди кӯҳканро ованд.

Даромад Кӯҳкан монанди кӯҳе,
К-аз ӯ омад халоиқро шукӯҳе.
Чу як пил аз ситабрию баландӣ,
Ба миқдори ду пилаш зӯрмандӣ.

Ба Фарҳод супориш медиҳанд, ки аз кӯҳҳои баланд ба қаср ҷӯй гузаронад, то ин ки шир бо ин ҷӯйи сангин ба қасри Ширин ҷорӣ шавад.

Чунон тартиб кард аз санг ҷӯе,
Ки дар дарзаш намеғунҷид мӯе.
Агар сад кӯҳ бояд канд пӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.

Дар ин миён хабари марги Баҳроми Чӯбина меояд. Хусрав ба ин муносибат базми бошукӯҳе меороя. Баъди базм аз занаш хоҳиш мекунад, ки Ширинро орад. Вале зани ӯ, ки Марям ном дошт, хоҳиши ӯро қатъиян рад мекунад.

Хусрав ба Шопур фармон медиҳад, ки Ширинро пинҳонӣ оранд. Вале Ширин ин таклифро ба худ таҳқир шуморида розӣ намешавад.

Фарҳоди кӯҳкан ошиқи шайдои Ширин мегардад. Вай дар муддати як моҳ ҷӯйро канда, дар охири он ҳавз месозад. Ширин аз кори Фарҳод хурсанд шуда, ба ӯ гавҳари шабчароғ тӯҳфа мекунад. Фарҳод онро таги пойи Ширин партофта сӯйи саҳро роҳ пеш мегирад. Ӯ дар гирди қасри Ширин шабро рӯз карда мегардад.

Аз ишқи Фарҳод Хусрав огоҳӣ ёфта, бо алами рашк Фарҳодро бо зару зевар розӣ кардани мешавад, ки аз муҳаббати худ даст кашад. Фарҳод рад мекунад. Муколамаи онҳо чунин ранг мегирад:

Нахустин бор гуфташ: «К-аз куҷоӣ?»
Бигуфт: «Аз дори мулки ошноӣ».
Бигуфт: «Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?»
Бигуфт: «Андӯҳ харанду ҷон фурӯшанд».

Бигуфто: «Ҷонфурӯшӣ аз адаб нест».
Бигуфт: «Аз ишқбозон ин аҷаб нест».
Бигуфт: «Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?»
Бигуфт: «Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон».
Бигуфто: «Ишқи Ширин бар ту чун аст?»
Бигуфт: «Аз ҷони ширинам фузун аст!...»
Бигуфто: «Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?»
Бигуфт: «Он гаҳ, ки бошам хуфта дар хок...»
Бигуфт: «Аз дил ҷудо кун ишқи Ширин».
Бигуфто: «Чун зиям бе ҷони ширин?»
Бигуфт: «Ӯ они ман шуд, з-ӯ макун ёд».
Бигуфт: «Ин кай кунад бечора Фарҳод?»
Бигуфт: «Ар ман кунам дар вай нигоҳе?»
Бигуфт: «Офоқро сӯзам ба оҳе!»
Чу оҷиз гашт Хусрав дар ҷавобаш,
Наёмад беш пурсидан савобаш.
Ба ёрон гуфт, к-аз хокию обӣ,
Надидам кас бад-ин ҳозирҷавобӣ.

Пас, Хусрав ҳиларо пеш гирифта ба Фарҳод ваъда медиҳад, ки агар аз кӯҳи Бесутун роҳ кушояд, ба ӯ Ширинро хоҳад дод. Фарҳод ба кор оғоз мекунад. Дар дили кӯҳ болои санги хоро сурати Ширинро мекашад. Ин кори ӯ ба ҳама ҷо овоза мешавад. Рӯзе Ширин ба дидани ӯ меравад, вале аспаш дар роҳ ба беморӣ гирифтор мешавад. Фарҳод Ширинро рӯйи даст бардошта, то ба қасраш бурда мерасонад. Аз ин рафтор Хусрав хабар ёфта, ба ӯ бардурӯғ хабар мерасонад, ки Ширин мурд. Фарҳод ин хабарро шунида ҷон медиҳад. Ширин бо ашкони шашқатор Фарҳодро ба хок месупорад. Хусрав ба Ширин номаи таъзиятии киноямез мефиристад.

Дар ин ҳангом зани Хусрав Марям низ аз олам чашм мепӯшад. Ба хотири Хусрав боз Ширин меояд. Ширин ба ӯ мактуби таънаомезе менависад. Хусрав аз мактуби Ширин ранҷида, ба ҷустуҷӯи ёри дигар меафтад. Ӯ Шакар ном духтари зебои исфаҳониро ба занӣ мегирад. Вале ишқи Ширин ҳамеша ба дилаш ғулғула меандохт.

Дар охир Хусрав ва Ширин ба васли ҳамдигар муяссар мешаванд. Мамлакат бо адлу инсоф машҳур мешавад.

Вале, Хусрав аз Марям писаре дошт бо номи Шерӯя. Ин писар аз нӯҳсолагиаш ба модарандари худ Ширин ошиқ

мешавад. Ӯ падарашро кушта, Ширинро ба занӣ мехоҳад. Ширин дар назди ӯ се шарт мегузорад. Ин шартҳоро Шерӯя иҷро мекунад, вале Ширин ба сари қабри шавҳараш омада худро бо ханҷар зада мекушад.

Ширин дар достон ҳамчун зани боақлу ботадбир, сиёсатмадор, дорои хислатҳои неки инсонӣ тасвир ёфтааст. Қобили қайд аст, ки тавассути афкори худ Ширин Хусравро низ тарбия менамояд. Аз ин лиҳоз, симои Ширин тимсоли занони соҳибтадбир ва сиёсатмадор аст.

Низомӣ Хусравро дар ибтидо ҳамчун шахси айшпараст ва нисбат ба кори халқ бепарво нишон додааст. Натиҷаи ин гуна беаҳамиятӣ буд, ки ӯ тоҷу тахти худро аз даст медиҳад ва маҳз бо тақозои Ширин ва пофишориҳои ӯ аз сари нав подшоҳи кишвар мешавад. Дар роҳи расидан ба висоли Ширин бо ҳама воситаҳо мубориза мебарад, ҳатто ба қатл расонидани Фарҳод низ барои вай гаронӣ намекунад. Аз ҷиноятӣ ӯ сари мӯе андеша намекунад. Хусрав дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти кишвари худ на ба халқ, балки ба подшоҳи Рум муроҷиат мекунад ва бо ин сабаб вобастагии худро ба давлати Рум ба вуҷуд меорад. Ба занӣ гирифтани Марям, тавлиди Шерӯя ва оқибат падарро ба қатл расонидани ӯ аз мукофоти амал барои Хусрав аст. Ин достон аҳамияти бузурги ахлоқӣ ва тарбиявӣ дорад.

Низомии Ганҷавӣ ба нерӯи шеър ва сухан боварии тамом дошт. Бо шеъри худ ӯ ба муқобили иллатҳои замона, яъне нобаробарии иҷтимоӣ, ҷабру зулм, бесаводӣ баромад кардааст. Дар шеъри ӯ бухлу ҳасад, фиребгарӣ ва дурӯғгӯӣ, ваъдахилофӣ, ҳаромкорӣ, худписандӣ барин фазилатҳои бади инсонӣ танқид ва таҳқир шудаанд. Худи ӯ ба шеърҳояш чунин баҳо додааст:

Теғ зи алмоси забон сохтам,
Ҳар кӣ пас омад, сараш андохтам.
Теғи Низомӣ, ки сарандоз шуд,
Кунд нашуд, гарчи кӯҳансоз шуд.

Теғи суханони Низомӣ то ба имрӯз кунд нашудааст. Он ба нафъи инсоният, барои ҳифозати покии ахлоқ ва олами нафосат хизмат мекунад. Бинобар ин шеъри ӯро на танҳо дар Шарқ, балки дар тамоми ҷаҳон мардуми нажод-

ҳои гуногун мутолиа мекунанд, аз ҳикматҳои пурмағзи он баҳра мебардоранд. Асарҳои ӯ ба забонҳои гуногун, аз ҷумла ба туркӣ, ӯзбекӣ, русӣ, озарбойҷонӣ, арабӣ, гурҷӣ, арманӣ, ҷопонӣ, англисӣ тарҷума шудаанд.

Баъд аз сари Низомии Ганҷавӣ анъанаи хамсанависиро намояндагони гуногуни адабиёти ҳинд, араб ва турк низ идома доданд. Пайрави аввалини хамсанависӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ ба шумор меравад, ки дар пайравӣ ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ достони «Ширин ва Хусрав»-ро навиштааст. Ҳотифӣ, Самад Вурғун, Нозим Ҳикмат аз ҷумлаи пайравони Низомии Ганҷавӣ мебошанд.

Дар асрҳои минбаъда дар мавзӯи ишқи Хусрав ва Ширин ва Фарҳоду Ширин достонҳои зиёде ба табъ расидаанд. Дар адабиёти туркизабон низ дар пайравӣ ба «Хамса» Алишер Навоӣ, дар пайравӣ ба достонҳои алоҳидаи ӯ Қутб, Фузулӣ, Андалеб эҷод кардаанд. Ин гуна пайравони адабиро дар адабиётшиносӣ *назирасароӣ* ё *ҷавобнависӣ* мегӯянд.

Низомӣ ба тарбияи ҷавонон аҳамияти беандоза медод. Дар шеърҳояш фаро гирифтани илму дониш ва касбу ҳунарро талқин мекард. Аз ҷумла, ӯ чунин панд медиҳад:

Чу дарё бармазан мавҷе, ки дорӣ,
Мапар болотар аз авҷе, ки дорӣ.
Ба қадри шуғли худ бояд задан лоф,
Ки зардӯзӣ надонад буриёбоф.

Пурсиш ва супориш

1. Қаҳрамонҳои асосии достони «Хусрав ва Ширин» киҳоянд?
2. Симои кадом қаҳрамони асар дорои хислатҳои зерин аст: зебогии сурат ва сират, покӣ, садоқату вафодорӣ нисбат ба маҳбуб, дурандешӣ.
3. Дар симои кадом қаҳрамони асар чунин хислатҳо намоён мешаванд: кӯтоҳандешӣ, бетадбирӣ, сустиродагӣ, бевафоӣ нисбат ба маҳбуба.
4. Шоир бо суханони «дар дарзаш намеғунҷид мӯе» чиро дар назар дорад?
5. Теғи суханони Низомӣ ба чӣ нигаронида шудааст?
6. Дар бораи аҳамияти «Хамса» ва мавқеи он дар ашъори шоирони Шарқ нақл кунед.

АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ (1253 — 1325)



Ноз аз илму ҳунар бояд,
на аз аслу насаб,
Гарчи беасл аст олим, ҳам
ба гавҳар бартар аст.

Рашидии Самарқандӣ

Яминуддин Абулҳасан Амир Хусрав ибни Амир Сайфиддин Маҳмуди Деҳлавӣ дар шаҳрчаи Патёл, ки онро Мӯъминобод низ мегуфтанд, таваллуд шудааст. Ин шаҳрча дар соҳили дарёи Ганг, ки аз Деҳлӣ на он қадар дур аст, воқеъ буд.

Амир Хусрав давраи шӯҳрат ва камолоти худро дар Деҳлӣ гузаронида, тахаллуси Деҳлавиро гирифтааст. Падари Амир Хусрав аслан аз қабилаи туркони Кеш буда, ҳанӯз дар овони бачагии Яминуддин дар яке аз муҳорибаҳо ҳалок гардидааст. Модари Хусрави Деҳлавӣ, ки аз аҳли ҳинд буд, низ барвақт аз олам чашм мепӯшад. Амир Хусравро бобояш ба тарбия гирифта, дар мактаб ва мадраса хондааст. Дар мадраса ӯ дониши қомусӣ гирифта, аз адабиёт, илми ҳарб, мусиқӣ ва хаттотӣ воқиф мегардад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ аз сермаҳсултарин муаллифони форсу тоҷик ба шумор меравад. Хусрав аз 7—8 солагӣ ба шеъргӯӣ оғоз намуда, аллакай дар синни 12-солагӣ шсърҳои пухта гуфтааст. Дар шеърҳои аввалинаш Султонӣ тахаллус доштааст. Ӯ на танҳо ба забони форсӣ, балки дар айни ҳол ба забони ҳиндӣ низ асар эҷод кардааст. Дар забони форсӣ Хусрави Деҳлавӣ ҳам бо назм ва ҳам бо наср таълифот дорад ва то замони мо аз ӯ осори зиёд омада расидааст. Худи Амир Хусрав осорашро аз чорсад ҳазор байт бештар аз панҷсад ҳазор байт камтар муайян кардааст. Дар замони ҳукмронии шоҳзодагони темурӣ кӯшиш намуданд,

ки тамоми осори Амир Хусрави Деҳлавиро ҷамъ кунанд, аммо пас аз ҷамъоварӣ боз нусхае аз девони ашъорашро пайдо карданд, ки аксари ғазалу қасоиди он нав буд, пас ба ин натиҷа расиданд, ки ҳамаи эҷодиёти Хусравро дар як ҷо ҷамъ намудан кори номумкин будааст.

Дертар баъди пурра азхуд намудани забону адабиёти араб, шинос шудан бо қиссаву афсонаҳои ҳиндӣ, забони мардуми маҳаллӣ ва эҷоди шеър дар пайравӣ бо бузургтарин намояндагони адабиёти форсу тоҷик ӯ дар бистсолагӣ чун олим ва шоир шӯҳрат бароварда, ба хизмати дарбор кашида мешавад. Гарчанде аҳволи моддии ӯ дар дарбор беҳтар шуда бошад ҳам, лекин ҷангу ҷидолҳои шоҳон ва истисмори феодалӣ, зиёд шудани андоз, ривоҷи судхӯрӣ ба эҷодиёти ӯ бетаъсир намондааст. Дар ҷанги зидди муғулҳо Амир Хусрави Деҳлавӣ асир афтида, баъди азобу шиканҷаҳои зиёд ба шаҳрчаи Патёли худ бозмегардад. Дертар ӯ боз ба хизмати дарбор баргашта, зиёда аз панҷоҳ сол хизмат мекунад.

Амир Хусрав аз синни ҳаштсолагӣ ба шеъргӯӣ оғоз кардааст. Далели ин суханҳо воқеаи аҷоибе мебошад, ки ҳангоми туфулияти Амир Хусрав рӯй додааст. «Дар ҳангоми туфулияти шогирд рӯзе аз истеъдоди шоирии ӯ устод пеши меҳмонони худ таъриф мекунад. Ҳозирон таърифи ӯро муболиға мешуморанд. Устод дар сари даъвои худ меистад. Хоҷа Изуддидин ӯро дар гуфтани шеър имтиҳон мекунад ва ба ӯ чаҳор калимаи ба ҳам номарбут — «мӯ», «байза», «тир» ва «харбуза»-ро медиҳад, ки бадеҳатан бо истифодаи онҳо шеър созад. Амир Хусрав филфавр мегӯяд:

Ҳар мӯ, ки ба зулфи сияҳи он санам аст,
Сад байзаи анбарин дар он мӯй зам аст.
Чун тир дон, мадон рост дилашро, зеро
Чун харбуза дандон-ш даруни шикам аст.

Ҳозирон ангушти ҳайрат мегазанд, зеро гӯяндаи шеър аз ҳашт сол беш надошт».

Ҳамин тавр, шоир аз оғози кӯдакӣ то ба синни 72-солагӣ эҷод кардааст. Ӯ оилаи хубе дошта, серфарзанд будааст. Барои фарзандони худ ӯ панду насиҳатҳои зиёде навиштааст. Аз ҷумла, чунин овардааст:

Дарахте шав, ки аз худ мева резад,
На мева, к-аз дарахташ ном хезад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ шеърҳои зиёди ошиқона ва орифона эҷод кардааст. Ӯ маснавию қасида ва ғазалҳои зиёде низ дорад. Асарҳои ӯро ҳамчун маҳсули синну соли муайян ба чунин тартиб ҷой додан мумкин аст:

«Тӯҳфа туссиғар» — дар синни 15—19 солагӣ навиштааст.

«Васат улҳаёт» — дар синни 19—33 солагӣ навишта шудааст.

«Ғуррат улкамол» — дар 34—40 солагӣ эҷод шудааст.

«Бақияи нақия» то 65 солагии ӯ иншо шуда, **«Ниҳоят улкамол»** ашъори солҳои охири зиндагонии ӯро дар бар мегирад. Агар Амир Хусрав 72 сол умр дида бошад, эҷодиёти ӯ 60 соли умрашро фаро гирифтааст. Худи Амир Хусрав дар ин бора чунин шаҳодат медиҳад: «*дар он сиғаи син, ки дандон меафтод, сухан мегуфтам ва гавҳар аз даҳонам мерехт*». Яъне ӯ пеш аз даҳсолагӣ ба шеъргӯӣ оғоз карда нашро баён кардааст.

Амир Хусрав дар пайравӣ ба Низомӣ асари панҷгона ё «Хамса» низ навиштааст, ки аз панҷ достон иборат аст: «Матлаъ уланвор», «Ширин ва Хусрав», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Ойинаи Искандарӣ» ва «Ҳашт биҳишт».

Шеърҳои ӯ дар шакли қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва тарҷеъбанд эҷод шудаанд. Махсусан, саҳми Амир Хусрав дар инкишофи ғазал дар пояи баланд меистад. Ғазалҳояшро ӯ бо сӯзи дил ва шавқу рағбати том иншо кардааст. Дар он истиораву ташбеҳу тазод зиёд буда, ба ғазали ӯ ҷаззобияту дилнишинӣ ато кардаанд.

Яке аз асарҳои машҳур, ки низ ба Амир Хусрави Деҳлавӣ нисбат дода шудааст, «Қиссаи чор дарвеш» мебошад. Ин китоб бо унвони «Китоби чаҳор дарвеш» ва «Қиссаи чаҳор дарвеши форсӣ» маъруф аст. Муаллифони феҳристҳо, дар ҳақиқат, ба қалами Хусрави Деҳлавӣ тааллуқ доштани онро зикр накардаанд, вале дар ҳангоми тавсифи нусхаҳои «Қиссаи чор дарвеши форсӣ» қайд кардаанд, ки

онро ба Хусрав нисбат медиҳанд. Инчунин дар муқаддимаи китоб гуфта мешавад, ки гӯё асари мазкурро Хусрави Деҳлавӣ дар ҳангоми бемор будани муршиди худ Низомуддин Авлиё таълиф менамуд ва ба ӯ мехонд. Низомуддин сиҳат шуда, ин дуо менамудааст, ки «Ё раб, ҳар кас, ки ин қиссаро бихонад ё бишнавад, аз иллати амроз наҷот ёбад».

Осори адабии пуразриш ва гуногуншаклу мухталифмазмуни Амир Хусрави Деҳлавӣ боиси барқарор гардидани пояи адабиёти форсизабони Ҳиндустон ва боз ҳам бештар инкишоф ёфтани он гардидааст. Ӯ дар иникшофи адабиёти халқҳои Шибҳи Қораи Ҳинд қиссаи калон гузошта, аз ҷиҳати мавзӯъ ва шаклу услуб ба адабиёти форсизабони он диёр тозагиҳои зиёде ворид кардааст.

Навовариҳои ӯ дар қитъа, рубоӣ, тарҷеъбанду таркиббанд равшан ба назар мерасад. Ӯ нахустин шоирест, ки дар шакли рубоӣ «Шаҳрошӯб» гуфтааст.

Шаҳрошӯбҳои ӯ мазмуни васфӣ дошта, дар таърифи аҳли касбу ҳунар суруда шудаанд. Яке аз шаҳрошӯбҳои ӯ, ки ба кафшгар бахшида шудааст, чунин мазмун дорад:

Эй кафшгар, аз ман дилу дин хост макун,
Маҳро зи ҷамоли хеш дар кост макун.
Бар кафш занӣ дирафшу ҷонам дӯзӣ,
Ҷон мебиравад ту кафшро рост макун.

Навпардозии дигари ӯ дар рубоии мустазоду муаммодор, инчунин мустаҳкам намудани робитаи мантиқии байтҳои рубоӣ зоҳир гаштааст. Адабиётшиноси ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ таъкид менамояд, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ мухтареи[1] ҳафт санъати нави бадеӣ будааст. Дар осори ӯ нахустин унсурҳои сабки ҳиндӣ ба назар мерасад. Нуфузи эҷодиёти ӯ дар инкишофи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то андозае бузург аст, ки бидуни омӯзиши эҷодиёти ӯ баъзе падидаҳои адабии таърихи адабиёти моро дарк намудан имконнопазир аст.

Адабиётшиносони зиёде дар ҳаққи Хусрави Деҳлавӣ фикрҳои худро иброз намудаанд. Яке аз онҳо муҳаққиқи

[1] *Мухтареъ* — созмондиҳанда, ихтироъкунанда.

Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ доир ба манзалати Амир Хусрав нигоштааст: «Фирдавсӣ, Саъдӣ, Анварӣ, Ҳофиз, Урфӣ, Назирӣ, бешубҳа ҳомии иқлими сухананд, лекин ҳудуди ҳукумати ҳар як аз онҳо маҳдуд ба иқлими хос буда ва аз он таҷовуз намекунанд. Фирдавсӣ аз маснавӣ ҷилавтар наметавонад биравад, Саъдӣ даст ба қасида натавонад зад, Анварӣ ба маснавӣ ва ғазал ошно нест, Ҳофиз, Урфӣ, Назирӣ аз доираи ғазал наметавонанд қадаме ба хориҷ бардоранд, лекин дар ҷаҳонгирии Хусрав ғазал, маснавӣ, қасида, рубоӣ ҳамагӣ дохил мебошанд».

Пайваста бо ин суханон Амир Хисрав дар саросари ҷаҳон бо номи Саъдии Ҳинд низ шӯҳрат пайдо кардааст. Чунки қисми зиёди шеърҳои ӯ дар пайравӣ ба шеърҳои Саъдӣ иншо шуда, панду андарзӣ мебошанд.

ҒАЗАЛҲО

Чӣ доғҳост, ки бар синаи фигорам нест,
Чӣ дардҳост, ки дар ҷони беқарорам нест.

Дилам зи кӯшиш хун гашту коми дил нарасид,
Чӣ суд дорад кӯшиш, чу бахт ёрам нест.

Ба хоки кӯй бисозам, чу хосони дӯст наям,
Бар остона бимирам, чу беш борам нест.

Хушам ба давлати хорию мулки танҳоӣ,
Ки илтифот касеро ба рӯзгорам нест.

Нафас ба охирам омад, аз он даҳон сухане,
Ки баҳри кӯйи адам ҳеҷ ёдгорам нест.

Маломаташ расад аз хунам, ин ҳамекушадам,
В-агарна бим зи шамшери обдорам нест.

Зи баски дар дили Хусрав саворияш биншаст,
Ба умр ба як нафасе низ беғуборам нест.

* * *

Дили моро зи дасти ғам амон нест,
Нишони шодмонӣ дар ҷаҳон нест.

Ҷаҳон пурошнову ман ба ғам ғарқ,
Магар дарёи меҳнатро карон нест?!

Агар кас як замон дар умр хуш буд,
Маро андар ҳама умр он замон нест,

Фалакро даъвии меҳр аст, лекин
Гувоҳӣ медиҳад дил, к-он гумон нест.

* * *

Ғам махӯр, эй дил, ки боз айёми шодӣ ҳам расад,
Ҳар куҷо дардест, онро оқибат марҳам расад.

Дар миёни одамию он чӣ мақсуди вай аст,
Гар бувад садсола раҳ, чун вақт шуд, як дам расад.

Гову харро аз ғаму шодии олам баҳра нест,
Хос баҳри одам аст, ар шодию ар ғам расад.

Нисбати Одам дуруст он гаҳ шавад бо одамӣ,
К-он чӣ бар Одам расад, он бар банӣ Одам расад.

Пурсиш ва супориш

1. Амир Хусрав шеъргӯиро аз кадом вақт оғоз кардааст?
2. Асарҳои Амир Хусрави Деҳлавиро номбар кунед. Онҳоро аз рӯйи кадом хусусиятҳояшон тақсим кардаанд?
3. Шеърҳои Амир Хусрав дар кадом шакл эҷод шудаанд?
4. Чаро шоир мегӯяд, ки «Дилам зи кӯшиш хун гашту коми дил нарасид, Чӣ суд дорад кӯшиш, чу бахт ёрам нест». Ӯ бо кадом суханонаш сабабҳои рӯҳафтодагиашро баён кардааст?
5. Аз ғазалҳои шоир байтеро пайдо кунед, ки дар он сухан дар бораи ба ҳар дард вуҷуд доштани марҳам меравад.
6. Оё Шумо низ бадеҳатан шеър гуфта метавонед? Машқ карда бинед.

НАМУНА АЗ ОСОР

Яке аз достонҳои машҳури Амир Хусрави Деҳлавӣ «Дувалронӣ ва Хизрхон» мебошад, ки соли 1306 таълиф ёфтааст. Ин асар дар бораи фоҷиаи ишқи мусулмонписар Хизрхон ва духтари зебои ҳинду Дувалронӣ сухан мекунад. Мувофиқи мазмуни достон Хизрхон писари султон буда, Дувалронӣ духтари оддии ба асир афтода мебошад.

Амир Хусрав дар асари мазкури худ бузургии ишқ ва пойдории онро ба риштаи тасвир кашида, дар баробари ин нобаробариҳои иҷтимоии вуҷуддоштаро танқид мекунад. Бо ин асар Амир Хусрав ғояи ягонагии ҳиндуҳо ва мусулмононро тарғиб намуда, дӯстӣ ва иттифоқи пайравони ойину мазҳабҳои гуногунро дастгирӣ мекунад.

Дар достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» духтари ҳинду ва мусулмонписар ойину мазҳабро як сӯ гузошта, ишқи худро аз ҳама боло мегузоранд. Вале ишқи онҳо ба тарзи фоҷиа ба фарҷом мерасад.

Амир Хусрав дар бораи ҳусну малоҳати духтарони ҳинду, матоъҳо, табиати зебо ва хониши мурғони вай бо шавқу ҳавас сухан карда, образи қаҳрамонҳои асосии худ Дувалронӣ ва Хизрхонро моҳирона ба риштаи тасвир кашидааст.

ИТОБНОМАИ ДУВАЛРОНӢ БА ХИЗРХОН

(*Порча аз достон*)

Пас аз дебочаи номи илоҳӣ,
Ки орояд сапедию сиёҳӣ;
Зи андӯҳи ҷудоӣ қисса ронда,
Ба рӯйи нома хуни дил фишонда.
Ба нӯки хома хорида сари реш,

Ҷигарҳо рехта берун зи ҳад беш,
Ки эй ёри вафодори ҷафокор,
Ҷафо бо ман вафоят бо дигар ёр.
Ҷафое, к-аз ваям шуд банди ҷон суст,
Вафои умр медонам чу аз туст.
Ту бо ёри дигар гашта вафокӯш,
Хаёлат аз вафо бо ман ҳамоғӯш.
Вафоро гар намедонӣ шуморе,
Биёмӯз аз хаёли хеш боре.
Вале бо ман ту кай пайванд хоҳӣ?
Ки ҳам шоҳиву ҳам фарзанди шоҳӣ.
На зуд ояд ба сӯҳбат сарфарозе,
На дар дом афтад осон шоҳбозе.
Ману шабҳову фарёди ҷигарсӯз,
Шаби худро зи оҳи худ кунам рӯз.
На шомамро чароғи ошноӣ,
На субҳамро умеди равшаноӣ.
На давлат соя андозад бар ин мӯр,
На он бозӯ, ки бо давлат кунам зӯр.
Ту дар бурҷи шараф, ман дар ва болат,
Ту дар хоби хушу ман дар хаёлат.
Ту шабҳо рӯ ниҳӣ бар рӯи гулфом,
Маро бистар мағелон зери андом.
Туро дар оинарӯён назар тез,
Маро оина дидан низ парҳез.
Туро сад сурмакаш ҳар шаб дар оғӯш,
Маро худ сурма аз наргис фаромӯш.
Ту чавгон баркашӣ гаҳ сабзу гаҳ зард,
Наёрам ман ба абрӯ васмае кард.
Ту ҳар ҷониб камандандоз бар сайд,
Маро по аз каманди хеш дар қайд.
Ту дар маҷлис нишинӣ шоду хуррам,
Ман андар кунҷи деворе хӯрам ғам.
Ту дар бӯстон, гулу гулзор дар пеш,
Маро дар баставу девор дар пеш.
Ту хуш май хӯрӣ бо бахти муқбил,
Хӯрам ман ҳам, вале хунобаи дил.
Ба бонги чангу най ту маҷлисорой,
Ман андар базми ғам ноланда чун ной.

Амир Хусрави Деҳлавӣ бо эҷодиёти худ обрӯю эътибори адабиёти форсу тоҷикро дар Ҳиндустон баланд бардоштааст. Ба туфайли эҷодиёти доманадор ва забардасти ин шоир дар замони ӯ ва дертар шоирони ҳинду ё урду низ ба забони форсӣ-дарӣ рӯй оварда, шеър эҷод мекарданд. Дар натиҷа, дар адабиёти форсу тоҷик сабки ҳиндӣ ба миён омада, дар оянда рушду камол меёбад, ки он низ яке аз натиҷаҳои беҳтарини омезиши фарҳанги ду миллат мебошад.

Имрӯз низ боиси ифтихор аст, ки доираи адабӣ ҳам дар Ҳиндустону ҳам дар Покистон ба забони форсӣ-дарӣ эҷод мекунад. Амир Хусрави Деҳлавиро дар ҳақиқат, поягузори адабиёти форсу тоҷик дар Ҳиндустон номидан мумкин аст. Чуноне ки худи шоир суханро ёдгори ҷовидон ҳисобида чунин гуфтааст:

Накӯтар чиз андар шеър ном аст,
Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳӣ,
Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,
Вале Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе.

Пурсиш ва супориш

1. Дар бораи мазмуни достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» нақл кунед.
2. Дар достон дӯстии кадом халқҳо тараннум карда мешавад?
3. Аз кадом байтҳои достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» муайян кардан мумкин аст, ки Хизрхон писари шоҳ аст.
4. Бо байти «Ту шабҳо рӯ ниҳӣ ба рӯйи гулфом, Маро бистар мағелон зери андом» Дувалронӣ чӣ гуфтан мехоҳад?
5. Шеърро бо диққат хонда бароед. Бо суханони худ гуфта диҳед, ки Дувалронӣ ба Хизрхон чӣ мегӯяд?

НАЗИРА, ТАЗМИН ВА ТАТАББӮЪ

Назира калимаи арабӣ буда, шеъре мебошад, ки дар тақлид ва пайравии шеъри ягон шоири гузашта ё муосир навишта шудааст. Он шиор аз ҷиҳати қофияву радиф, мазмун ва нишонаҳои зоҳирӣ ба асари аввалӣ шабоҳат дорад.

Тазмин низ калимаи арабӣ буда, маънои пазироидан, касеро дар паноҳи худ гирифтанро дорад. Яъне, шоир аз шеъри шоири дигар ягон мисраъ ва ё байташро гирифта, дар пайравии он шеъри худро эҷод мекунад. Дар ин гуна шеър низ вазну қофия ва мазмуну шакл мисли шеъри аввалӣ нигоҳ дошта мешавад.

Татаббӯъ низ калимаи арабӣ буда, маънои пайравӣ кардан, тобеъ шуданро дорад. Он ба назира монандӣ дошта, дар гузашта хеле васеъ истифода мегардид.

Назира ва тазмин аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар назира шоир ҳам аз рӯйи вазну қофия ва ҳам аз ҷиҳати шаклу мазмун ба асари аввала пайравӣ мекунад. Дар тазмин бошад, танҳо дар асоси байт ё мисрае шеъри худро эҷод мекунад.

Назиранависиро бештар дар эҷодиёти шоирони асрҳои XI—XII вохӯрдан мумкин аст. Масалан, дар асоси «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ё «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ як қатор асарҳое эҷод шудаанд, ки ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати вазн ба ҳам монанданд. Назирагӯӣ бештар дар қасида, рубоӣ, ғазал, қитъа вомехӯрад.

Тазмин анъанаи машҳури адабӣ мебошад, ки шоирон имрӯз ҳам аз он васеъ истифода мебаранд. Ҳофизи Шерозӣ дар шеърҳои худ тазминро хеле бисёр истифода мекард. Ӯ қисми зиёди осори ҷавобияи худро ба ғазалҳои Ҳоҷуи Кирмонӣ ва Салмони Совачӣ татаббӯъ баста, баробари истифода аз вазну қофияи он ғазалҳои нави пуразиш офаридааст.

Кай барканам дил аз рухи ҷонон, ки меҳри ӯ,
Бо шир дар дил омаду бо ҷон бадар шавад.

Ишқи ту дар вуҷудаму меҳри ту дар дилам,
Бо шир дар бадан шуду бо ҷон бадар шавад.

САЪДИИ ШЕРОЗӢ (1204 — 1292)

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор...



Саъдии Шерозӣ дар шаҳри Шерози Эрон таваллуд шудааст. Саъдӣ аз хурдсолӣ бепадар монда будааст, ки аз мисраъҳои зерини ӯ маълум мешавад:

Маро бошад аз дарди тифлон хабар,
Ки дар тифлӣ аз сар бирафтам падар.

Доир ба даврони тифлӣ, падари ғамхору меҳрубон дошта нашунин ишора дорад:

Ман он гаҳ сари тоҷвар доштам,
Ки сар дар канори падар доштам.
Агар дар вуҷудам нишастӣ магас,
Парешон шудӣ хотири чанд кас.

Ӯро амакҳояш ба тарбияи худ гирифта, донишомӯзии ӯро таъмин кардаанд. Саъдӣ таҳсилро дар мактаб, сипас дар мадрасаи машҳуртарини Бағдод бо номи Низомия давом додааст:

Маро дар Низомия идрор буд,
Шабу рӯз талқину такрор буд.

Баъзе лаҳзаҳои ҳаёти Шайх Саъдӣ дар асоси омӯзиши осори адабии ӯ муайян гардидааст. Аз ҷумла, аз суханони Шайх Саъдӣ маълум мегардад, ки хонаводаи ӯ аҳли зиёӣ буда, аз ҷумлаи донишмандони замон маҳсуб мешудаанд:

Ҳама қиблаи ман олимони дин,
Маро муаллими ишқи ту шоирӣ омӯхт.

Мадрасаи «Низомия» дар Бағдод хеле машҳур буда, дар он устодони забардаст ва олимони машҳури замон дарс мегуфтанд. Дар китобхонаи мадраса 200 000 ҷилд китобҳои қаламӣ маҳфуз буд ва дар сатҳи мадраса мулоқоту вазъгӯӣ ва баҳсҳои зиёд доир мегардид.

Шайх Саъдӣ илмҳои замони худ — забони арабӣ, калом, фасоҳату балоғат, ҳадис, фиқҳ, тафсир, таърих, тасаввуфро ба дараҷаи олӣ аз худ намуда, санъати воизиро омӯхт. Бо орифи номии замони худ Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ ҳамсӯҳбат ва минбаъд шогирди ӯ шуда, ба тасаввуф майл кард.

Солҳои 1215—1216 Шайх Саъдӣ ба сафар баромада, ба нияти ҳаҷ ба давлатҳои гуногун рафта аз ҷумла, ба халқҳои дунё ва урфу одати эшон шинос мегардид, таҷриба меандӯхт. Аз ҷониби дигар, Шайх Саъдӣ аксар маврид бо вазъгӯӣ машғул мешуд, байни мардум илму дониш, хислатҳои неки инсонӣ, одаму одамгарӣ, сулҳу сафо ва дӯстию осоиштагиро тарғиб менамуд.

Сафари Шайх Саъдӣ 40 сол идома меёбад.

Тамоми умри шоир дар байни мардуми оддии меҳнаткаш гузаштааст. Ӯ аз як шаҳр ба дигараш, аз як деҳа ба дигар деҳа сафар карда, ҳаёти дарвешона мебурд. Бештарини ин роҳҳоро ӯ пиёда тай карда, дар байни халқ даврахо ороста насиҳат медод, шеърҳои пурҳикмат хонда, диққати онҳоро ба худ мекашид. Ӯ аз Осиёи Сағир, Барбария, Ҳабашистон, Миср, Димишқ, Арабистон, Эрон то ба Ҳиндустону Кошғар сафарҳои дуру дароз карда, ҳатто аз халиҷи Форс ба баҳри Уммон, баҳрҳои Ҳинд ва Миёназамин низ баромадааст.

Шайх Саъдӣ умри дароз дид. Таърихи фавти ӯро санадҳо 9-декабри соли 1292 нишон медиҳанд. Ӯро дар мавзеи Мусаллои Шероз ба хок месупоранд ва оромгоҳи ӯ имрӯз зиёратгоҳи мардуми соҳибдилу соҳибмаърифат аст.

Пас аз бозгашт ба Шероз ӯ асарҳои беҳтарини худ «Бӯстон» ва «Гулистон»-ро таълиф кардааст. Дар бораи таълиф шудани «Гулистон» худи Саъдӣ чунин навиштааст: «*Як шаб тааммули айёми гузашта мекардам ва бар умри*

талафкарда таассуф мехӯрдам ва санги сарочаи дилро ба алмоси оби дида месуфтам... Баъд аз тааммули ин маънӣ маслиҳат он дидам, ки дар нишемани узлат нишинам, домани сӯҳбат фаро худ чинам ва дафтар аз гуфтаҳои парешон бишӯям ва минбаъд парешон нагӯям».

Дар «Гулистон» ӯ ба масъалаҳои таълиму тарбия бобҳои алоҳида бахшида, таъкид мекунад, ки одамон ба фарзандони худ бояд ғайр аз одоб касбу ҳунарро низ ёд диҳанд. «Гулистон» чун китоби хирадмандона ва ибратомӯз дар саросари ҷаҳон шӯҳрат пайдо кардааст. Он дар тамоми Шарқи Наздик яке аз мӯътабартарин китобҳо ба шумор рафта, дар мактабҳо чун китоби дарсӣ омӯхта мешуд. Ин китобро чун ҳамроз, ҳамсафар ва маслиҳатгар эъзоз мекарданд. Мегӯянд, ки дар қадим агар дар хонаводае чаҳор дона китоб мавҷуд бошад, яке аз онҳо ҳатман «Гулистон» будааст.

«Гулистон»-и Саъдӣ аз ҳикоятҳои хурд-хурди пурмазмун иборат аст. Шоир воқеаҳои дида ва ё шунидаашро, ки ибратомӯзанд, ба риштаи тасвир кашида, дар шакли ҳикоят ва шеър овардааст. «Гулистон» соли 1258 навишта шуда, аз ҳашт боб иборат аст: «Дар сирати подшоҳон», «Дар ахлоқи дарвешон», «Дар фазилати қаноат», «Дар фавоиди хомӯшӣ», «Дар ишқ ва ҷавонӣ», «Дар заъф ва пирӣ», «Дар таъсири тарбият», «Дар одоби сӯҳбат».

Саъдӣ одамонро ба мағрур нашудан аз дарёфти молу сарват, накардани бадгӯиву бадкорӣ, наварзидани бухлу ҳасад даъват менамояд. Шоир дурӣ ҷустан аз ин хислатҳои бад ва пеша кардани қаноатро яке аз шартҳои зиндагонии осоишта ва озодонаи инсон меҳисобад.

Ин андешаву афкори ахлоқии ӯ дар ҳикояте аз боби «Дар одоби сӯҳбат» равшану возеҳ нишон дода шуда, дар замони мо низ аҳамияти тарбиявии худро гум накардааст:

«Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол!

Оқилеро пурсиданд:

— Некбахт кисту бадбахт чист?

Гуфт:

— Некбахт он, ки хӯрду кишт ва бадбахт он, ки мурду ҳишт!»

Инсоне, ки Саъдии Шерозӣ мавриди ситоиш қарор дода орзуву омол, эҳсосу андеша ва ангезиҳои олами ботинии ӯро ифода намудааст, хаёливу тадриҷӣ набуда, пеш аз ҳама, намоёнгари мардуми оддиву меҳнаткаш мебошад, ки тамоми ғаму андӯҳ, ҷабру зулми замона ба сари онҳо бор шудааст.

Дар ҷои дигаре чунин омадааст: «Ранҷуреро гуфтанд:

— Дилат чӣ мехоҳад?

Гуфт:

— Он ки дилам чизе нахоҳад.

Меъда чу пур гашту шикамдард хост,
Суд надорад ҳама асбоби рост.»

Бештар аз 700 сол аст, ки наслҳои форсизабон ин китобро меомӯзанд. Афкору ақоид ва андешаҳои башардӯстонаи Саъдӣ имрӯз ҳам барои тарбияи маънавии инсоният, пойдор гардонидани сулҳ, таъмин намудани иттифоқу иттиҳоди халқу миллатҳои сайёраи мо хидмат мекунад.

Асари дигари саршор аз панду насиҳатҳои гуҳаррези Саъдӣ «Бӯстон» мебошад. Дар бораи сабаби назми ин китоби худ ӯ дар муқаддимаи асараш «Бӯстон» чунин гуфтааст:

Ба дил гуфтам аз Миср қанд оваранд,
Бари дӯстон армуғонӣ баранд.
Маро гар тиҳӣ буд аз он қанд даст,
Суханҳои ширинтар аз қанд ҳаст.

«Бӯстон» аз даҳ боб иборат буда, он низ чун асари тарбиявӣ аз паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ сухан мекунад. Бобҳои он ба адлу рой ва тадбири ҷаҳондорӣ, ба эҳсон, ишқ, тавозӯъ, ризо, қаноат, тарбият, шукр, тавба бахшида шудааст.

Ҳар ду асари номбаршуда дурдонаҳои нотакрори маънавият ба шумор рафта, ақидаҳои насиҳатомез ва инсонпарваронаи онҳо то ба имрӯз накҳату бӯйи худро гум накарда, боз ба чандин насли одамӣ хизмат хоҳанд кард.

Аҳамияти асарҳои Саъдӣ

Дар эҷодиёти Саъдӣ санъати саҷъ мақоми арзанда дорад. Наср бо навъҳои худ фарқ мекунад. Насри муқаррариро *орӣ* меноманд, насри оҳангнокро *мураҷҷаҳ* ва насри ҳамвазну қофиядорро *мусаҷҷаъ*. Саъдии Шерозӣ аз ҷумлаи шоироне мебошад, ки дар насри мусаҷҷаъ эҷод кардааст. Хусусияти хоси насри мусаҷҷаъ ин бо калимаю таъбирҳои ҳамвазну ҳамқофия навишта шудани асар мебошад. «Гулистон»-и Саъдӣ айнан бо ҳамин равия навишта шудааст.

Масалан, чунин омадааст: «Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд» ё дар ҷойи дигар «Аз нафспарвар ҳунарварӣ наёяду беҳунар сарвариро нашояд».

Афкори пандомӯзи ин марди ҷаҳондида ва гармию сардии рӯзгорро чашида дар таълиму тарбияи авлод аҳамияти калон дорад. Чӣ хеле ки худи Саъдӣ мегӯяд: «Бартарии одам аз чорпоён ақлнокии вай аст».

Саъдӣ тарафдори таълиму тарбияи фарзандон буд. Ӯ бузургии инсонро танҳо дар ақл ва дониши ӯ медид.

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарру тиллост,
Ки ҳар куҷо, ки равад, қадру қиматаш донанд.
Бузургзодаи нодон ба шаҳраво монад,
Ки дар диёри ғарибаш ба ҳеҷ настонанд.

Асарҳои Саъдӣ дар ташаккули маънавият ва маърифати инсонӣ аҳамияти калон доранд. Ӯ муаллими ахлоқ буд ва пеш аз ҳама, инсонро ҳаматарафа тарбиядида дидан мехост.

Мазан бетааммул ба гуфтор дам,
Накӯ гӯй, гар дер гӯӣ, чӣ ғам?
Бияндешу он гаҳ баровар нафас,
В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд: «Бас!»

Саъдӣ шахси ҷаҳондида буд. Ӯро мададгори пирон, тарбиятгари авлод, инсонпарвар, адолатҷӯй номидан мумкин аст. Беҳуда нест, ки дар пештоқи даромадгоҳи Созмони Миллали Муттаҳид абёти зерини Саъдиро дар тарҷума ба забонҳои гуногун ҷой додаанд:

Оромгоҳи Саъдӣ (Саъдия)

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Пурсиш ва супориш

1. Саъдӣ кадом намуди санъатро бештар истифода бурдааст?
2. Аз китоби «Гулистон» мисолҳои дигареро ёбед, ки дар он санъати саҷъ истифода шуда бошад.
3. Чаро асарҳои Саъдӣ аҳамияти маърифатӣ доранд?
4. Мустақилона дар мавзӯи «Панду ахлоқ дар эҷодиёти Саъдӣ» маърӯза тайёр кунед. Дар он худи шумо кӯшиш ба харҷ диҳед, ки санъати мусаҷҷаъро истифода баред.

НАМУНА АЗ ОСОР

ДУОИ ДАРВЕШ ҲАҶҶОҶРО[1]

Дарвеше дар Бағдод падид омад. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро хабар карданд. Бихондашу гуфт:

— Дуои хайре бар ман бикун!

(Дарвеш) *гуфт:*

— Худоё, ҷонаш бистон![2]

(Ҳаҷҷоҷ) *гуфт:*

— Аз баҳри худо ин чӣ дуост?

(Дарвеш) *гуфт:*

— Ин дуои хайр аст туро ва ҷумлаи мусулмононро!

Эй забардасти зердастозор,
Гарм то кай бимонад ин бозор?
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ?
Мурданат беҳ, ки мардум озорӣ!

ДАР АХЛОҚИ ДАРВЕШОН

Дузде ба хонаи порсое даромад, чандон ки ҷуст, чизе наёфт, дилтанг шуд. Порсо хабар шуд. Гилеме, ки бар он хуфта буд, дар роҳи дузд андохт, то маҳрум нашавад.

Шунидам, ки мардони роҳи худо,
Дили душманонро накарданд танг.
Туро кай муяссар шавад ин мақом,
Ки бо дӯстонат хилоф асту ҷанг.

Мавaддати[3] аҳли сафо чи дар рӯю чи дар қафо, на чунон, ки аз пасат айб гиранду пешат миранд.

---

[1] *Ҳаҷҷоҷ* — номи яке аз амирони араб, ки дар золимӣ шӯҳрат ёфтааст.

[2] Яъне ҷонашро бигир.

[3] *Мавaддат* — дӯстӣ.

Дар баробар[1] чу гӯсфанди салим[2],
Дар қафо ҳамчу гурги мардумхор.

* * *

Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд,
Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд.

ҲИКОЯТ

Дарвешеро зарурате пеш омад. Гилеме аз хонаи ёре бидуздид. Ҳоким фармуд, то дасташ бибуранд. Соҳиби гилем шафоат кард, ки ман ӯро биҳил[3] кардам. Гуфто: «ба шафоати ту ҳадди шаръ[4] фурӯ нагузорам». Гуфт: «Рост гуфтӣ, лекин ҳар ки аз моли вақф чизе бидуздад, қатъи ядаш[5] лозим наояд. Ҳар чи дарвешонрост, вақфи мӯҳтоҷон аст». Ҳоким даст аз ӯ бидошт ва маломат кардан гирифт, ки «ҷаҳон бар ту танг омада буд, ки дуздӣ накардӣ, илло аз хонаи чунин ёре?» Гуфт: Эй худованд, нашунидаӣ, ки гуфтаанд: «Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб!»

Чун ба сахтӣ дарбимонӣ тан ба аҷз андар мадеҳ,
Душманонро пӯст баркан, дӯстонро пӯстин!

ДУ БАРОДАР

Ду бародар буданд: яке хидмати султон кардӣ ва дигаре ба зӯри бозу нон хӯрдӣ.

Боре тавонгар дарвешро гуфт:

— Эй бародар, чаро хидмати султон накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ.

Бародари фақир ҷавоб дод:

— Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд:

— «Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан».

---

[1] *Дар баробар* — дар рӯ ба рӯ.
[2] *Салим* — беозор
[3] *Биҳил* — ҳалол.
[4] *Ҳадди шаръ* — ҷазои шаръӣ.
[5] *Қатъи яд* — буридани даст.

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

ҲИКОЯТ

Якеро дӯсте буд, ки амали девон кардӣ. Муддате иттифоқи мулоқот наяфтод. Касе гуфт: «Фалонро дер шуд, ки надидӣ?» Гуфт: «Ман ӯро нахоҳам, ки бубинам». Қазоро яке аз касони ӯ ҳозир буд, гуфт: «Чӣ хато кардааст, ки малулӣ[1] аз дидани ӯ?» Гуфт: «Ҳеҷ малоле нест, аммо дӯстони девониро вақте тавон дид, ки маъзул[2] бошанд ва маро роҳати хеш дар ранҷи ӯ набояд».

Дар бузургиву доругири амал,
З-ошноён фароғате[3] доранд.
Рӯзи дармондагиву маъзулӣ[4],
Дарди дил пеши дӯстон оранд.

ҲИКОЯТ

Дарвеше муҷаррад[5] ба гӯшаи саҳрое нишаста буд. Подшоҳе бар ӯ бигузашт. Дарвеш аз он ҷо, ки фароғи мулки қаноат аст, сар бар наёварду илтифот накард. Султон аз он ҷо, ки сатвати[6] салтанат аст, биранҷиду гуфт: «Ин тоифаи хирқапӯшон[7] бар мисоли ҳайвонанд ва аҳлияту одамият надоранд». Вазир наздикаш омаду гуфт: «Эй ҷавонмард! Султони рӯйи замин бар ту гузар кард, чаро хидмате накардӣ ва шарти адаб ба ҷо наёвардӣ? Гуфт: «Султонро бигӯй, таваққуи[8] хидмат аз касе дор, ки таваққуи неъмат аз ту дорад ва дигар бидон, ки мулук[9] аз баҳри поси раиятанд, раият аз баҳри тоати[10] мулук!

---

[1] *Малулӣ* — дилгиршуда.
[2] *Маъзул* — аз кор гирифташуда, бекор кардашуда.
[3] *Фароғат* — дар ин ҷо ба маънои бепарвоӣ.
[4] *Маъзулӣ* — бекоршавӣ.
[5] *Муҷаррад* — танҳо.
[6] *Сатват* — ҳайбат, иқтидор.
[7] *Хирқапӯшон* — дарвешон
[8] *Таваққуъ* — умед, чашмдошт.
[9] *Мулук* — подшоҳон.
[10] *Тоат* — дар ин ҷо ба маънои парастиш.

Подшаҳ посбони дарвеш аст,
Гарчи ромиш[1] ба фарри[2] давлати ӯст.
Гӯспанд аз барои чӯпон нест,
Балки чӯпон барои хидмати ӯст.

Маликро гуфти дарвеш устувор омад[3]. Гуфт: «Чизе аз ман бихоҳ!» Гуфт: «Он ҳамехоҳам, ки дигар бора заҳмати ман надиҳӣ». Гуфт: «Маро панде бидеҳ». Гуфт:

Дарёб[4] кунун, ки неъматат ҳаст ба даст,
К-ин давлату мулк меравад даст ба даст!

ДУ ДАРВЕШ

Ду дарвеши хуросонӣ мулозими сӯҳбати якдигар сафар карданд. Яке заиф буд, ки ҳар ба ду шаб ифтор кардӣ ва дигаре қавӣ, ки рӯзе се бор хӯрдӣ. Қазоро бар дари шаҳре ба тӯҳмати ҷосусӣ гирифтор омаданд. Ҳардуро ба хонае карданду ба гил баровардand. Баъд аз ду ҳафта маълум шуд, ки бегуноҳанд. Қавиро диданд мурда ва заиф ҷон ба саломат бурда. Дар ин аҷаб монданд.

Ҳакиме гуфт:

— Хилофи ин аҷаб будӣ. Он яке бисёрхор буд, тоқати бенавоӣ наёвард, ба сахтӣ ҳалок шуд. Ва ин дигар хештандор буд, лоҷарам бар одати хештан сабр кард ва саломат бимонд.

Чу кам хӯрдан табиат шуд касеро,
Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад.
Ва гар танпарвар аст андар фарохӣ,
Чу тангӣ бинад, аз сахтӣ бимирад.

ПОДШОҲ ВА ҒУЛОМ

Подшоҳе бо ғуломи аҷамӣ дар киштӣ нишаст ва ғулом дигар дарёро надида буд ва меҳнати киштӣ наёзмуда. Гир-

[1] *Ромиш* — роҳат, фароғат.
[2] *Фар (р)* — шаъну шавкат.
[3] Яъне маъқул шуд.
[4] *Дарёб* — дастгирӣ кун, ёрӣ деҳ.

яву зорӣ дарниҳод ва ларза бар андомаш уфтод. Чандон ки мулотифат карданд, ором намегирифт ва айши малик аз ӯ мунаҳҳас[1] буд.

Чора надонистанд. Ҳакиме дар он киштӣ буд, маликро гуфт:

— Агар фармон диҳӣ, ман ӯро ба тариқе хомӯш гардонам? Гуфт:

— Ғояти лутфу карам бошад.

Бифармуд, то ғулом бар дарё андохтанд. Боре чанд ғӯта хӯрд. Мӯяш гирифтанд ва пеши киштӣ оварданд. Ба ду даст дар суккони киштӣ овехт. Чун баромад, ба гӯшае биншаст ва ором ёфт.

Маликро аҷаб омад, ҳакимро пурсид:

— Дар ин чӣ ҳикмат буд?

Гуфто:

— Зи аввал меҳнати ғарқа шудан ночашида буд ва қадри саломати киштӣ намедонист. Ҳамчунин қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд.

Эй сер, туро нони ҷавин хуш нанамояд,
Маъшуқи ман аст, он ки ба наздики ту зишт аст.
Ҳурони биҳиштиро дӯзах бувад аъроф,
Аз дӯзахиён пурс, ки аъроф биҳишт аст.

Фарқ аст миёни он, ки ёраш дар бар,
То он ки ду чашми интизораш бар дар.

Пурсиш ва супориш

1. Натиҷаи сайру сафарҳои Саъдӣ кадом асарҳо мебошад?
2. Дар бораи таълифи китоби «Гулистон» Саъдӣ чӣ гуфтааст?
3. Бигӯед, ки чаро дарвеш Ҳаҷҷоҷро чунин дуо кардааст?
4. Байти «Дар баробар чу гӯсфанди салим, Дар қафо ҳамчу гурги мардумхор»-ро маънидод кунед. Шоир дар ҳикояти худ киро гурги мардумхор номидааст?
5. Барои чӣ яке аз бародарон аз хизмати султон даст кашидааст?
6. Бигӯед, ки чаро дарвеш ба султон ҷавоби тунд додааст? Оё ӯ аз рӯи одоб рафтор кардааст?

ҲИКОЯТ

Дарвеше муҷаррад ба гӯшае нишаста буд. Подшоҳе бар ӯ бигузашт. Дарвеш аз он ҷо ки фароғи мулки қаноат аст, сар наёварда ва илтифот накард. Султон аз он ҷо ки сатвати салтанат аст, биранҷид ва гуфт:

— Ин тоифаи хирқапӯшон амсоли ҳайвонанд ва аҳлияту одамият надоранд.

Вазир наздикаш омаду гуфт:

— Эй ҷавонмард, султони рӯи замин бар ту гузар кард, чаро хидмате накардӣ ва шарти адаб ба ҷой наёвардӣ?

Гуфт:

— Султонро бигӯй, таваққуи хидмат аз касе дор, ки таваққуи неъмат аз ту дорад ва дигар бидон, ки мулук аз баҳри поси раиятанд, на раият аз баҳри тоати мулук.

Подшаҳ посбони дарвеш аст,
Гарчи ромиш ба фарри давлати ӯст.

Гӯсфанд аз барои чӯпон нест,
Балки чӯпон барои хидмати ӯст.

* * *

Яке имрӯз комрон бинӣ,
Дигареро дил аз муҷоҳада реш.
Фарқи шоҳию бандагӣ бархост,
Чун қазои набишта омад пеш.
Гар касе хоки мурда боз кунад,
Нанамояд тавонгару дарвеш.

Маликро гуфти дарвеш устувор омад.

Гуфт:

— Аз ман таманно бикун.

Гуфт:

— Он ҳамехоҳам, ки дигарбора заҳмати ман надиҳӣ.

Гуфт:

— Маро панде бидеҳ.

Гуфт:

— Дарёб кунун, ки неъматат ҳаст ба даст,
К-ин давлату мулк меравад даст ба даст.

ҲИКОЯТ

Якеро дӯсте буд, ки амали девон кардӣ, муддате иттифоқи мулоқот наяфтод. Касе гуфт:

— Фалонро дер шуд, ки надидӣ?

Гуфт:

— Ман ӯро нахоҳам, ки бубинам.

Қазоро яке аз касони ӯ ҳозир буд, гуфт:

— Чӣ хато кардааст, ки малулӣ аз дидани ӯ?

Гуфт:

— Ҳеҷ малоле нест, аммо дӯстони девониро вақте тавон дид, ки маъзул бошанд ва маро роҳати хеш дар ранҷи ӯ набояд.

Дар бузургию доругири амал
З-ошноён фароғате доранд.
Рӯзи дармондагию маъзулӣ
Дарди дил пеши дӯстон оранд.

ҲИКОЯТ

Яке аз шуаро пеши амири дуздон рафт ва саное бар ӯ бигуфт. Фармуд, то ҷома аз ӯ баркананд ва аз деҳ бадар кунанд. Мискин бараҳна ба сармо ҳамерафт, сагон дар қафои вай афтоданд. Хост, то санге бардорад ва сагонро дафъ кунад, дар замин ях гирифта буд, оҷиз шуд. Гуфт:

— Ин чӣ ҳаромзода мардумонанд, сагро кушодаанду сангро баста.

Амир аз ғурфа бидид ва бишунид ва бихандиду гуфт:

— Эй ҳаким, аз ман чизе бихоҳ!

Гуфт:

— Ҷомаи худ мехоҳам, агар инъом фармоӣ!

Разийно мин наволика би-р-раҳил — яъне аз атои ту ба кӯч карданат хурсандем.

Умедвор бувад одамӣ ба хайри касон,
Маро ба хайри ту уммед нест, шар марасон!

Солори дуздонро бар ӯ раҳмат омад ва ҷома боз фармуд ва қабопӯстине бар ӯ мазид карду дираме чанд.

ЭЙ СОРБОН!

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад!
Он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад!

Ман мондаам маҳҷур[1] аз ӯ, бечораю ранҷур[2] аз ӯ,
Гӯӣ[3], ки неше дур аз ӯ[4] бар устухонам меравад.

Гуфтам ба найрангу фусун пинҳон кунам рози дарун,
Пинҳон наемонад, ки хун бар остонам меравад!

Бигзашт ёри саркашам, бигзошт айши нохушам,
Чун миҷмаре[5] пуроташам в-аз сар духонам[6] меравад.

Бо ин ҳама бедоди ӯ, в-ин аҳди бебунёди ӯ,
Дар сина дорам ёди ӯ то бар забонам меравад!

Гуфтам: бигирям, то ибил чун хар фурӯ монад ба гил
В-ин низ натвонам, ки дил бо корвонам меравад.

Маҳмил бидор, эй сорбон, тундӣ макун бо корвон,
К-аз ишқи он сарви равон гӯӣ равонам меравад!

Боз ою бар чашмам нишин, эй дилфиреби нозанин,
К-ошӯбу ғавғо аз Замин бар осмонам меравад!

Шаб то саҳар менағнавам[1] в-андарзи[2] кас менашнавам,
Ин раҳ на қосид[3] меравам, к-аз каф инонам[4] меравад.

Сабр аз висоли ёри ман, баргаштан аз дилдори ман,
Гарчи набошад кори ман, ҳам кор аз онам меравад.

Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,
Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.

Саъдӣ, фиғон аз дасти мо лоиқ набуд, эй бевафо!
Тоқат намеорам ҷафо, кор аз фиғонам меравад!

---

[1] *Маҳҷур* — дур, ҷудо.
[2] *Ранҷур* — озурдахотир.
[3] *Гӯӣ* — гӯё, гумон мекунӣ.
[4] *Дур аз ӯ* — яъне, дур бод ин неш аз ӯ (аз маҳбубаи ман).
[5] *Миҷмар* — зарфе, ки дар он чизҳои хушбӯйдиҳанда дуд мекунанд.
[6] *Духон* — дуд.

* * *

Ба бозувони тавонову қуввати сари даст
Хатост панҷаи мискини нотавон бишкаст.
Битарсад он, ки бар афтодагон набахшояд,
Ки гар зи пой дарояд, касаш нагирад даст.
Ҳар он кӣ тухми бадӣ кишту чашми некӣ дошт,
Димоғи беҳуда пухту хаёли ботил баст.
Зи гӯш пунба бурун ору доди халқ бидеҳ,
В-агар ту менадиҳӣ дод, рӯзе доде ҳаст!

ИЛМ БО АМАЛ ФОИДАОВАР АСТ

Даъво макун, ки бартарам аз дигарон ба илм
Чун кибр кардӣ, аз ҳама нодон фурӯтарӣ!
Аз ман бигӯй олими тафсиргӯйро:
Гар дар амал накӯшӣ, ту, нодон муфассарӣ.
Бори дарахти илм надонам ба ҷуз амал,
Бо илм агар амал накунӣ, шохи бебарӣ.
Илм одамият асту ҷавонмардиву адаб,
Варна доде ба сурати инсон мусавварӣ.
Мардон ба саъю ранҷ ба ҷое расидаанд,
Ту беҳунар куҷо расӣ, ар нафспарварӣ.
Умре, ки меравад ба ҳама мол, ҷаҳд кун,
То дар ризои эзидӣ бичӯ ба сар барӣ.

Пурсиш ва супориш

1. Чаро Саъдиро пайғамбари ғазал меноманд?
2. Шоир дар байти якум дилситон гуфта киро номидааст?
3. Бо байти «Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан, Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад» оё муболиға мавҷуд аст?
4. Ғазали «Эй сорбон»-ро аз ёд кунед ва калимаҳои нофаҳмояшро ба дафтари адабиёт нависед.

---

[1] *Менағнавам* — осуда хоб намекунам.
[2] *Андарз* — насиҳат, панд.
[3] *Қосид* — қасдан.
[4] *Инон* — лаҷом, дар ин ҷо ба маънои ихтиёр.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҒАЗАЛ, СОХТ, МАВЗӮЪ, МУНДАРИҶА, ЗАБОН ВА УСЛУБИ ОН

Ғазал аз калимаи арабии дӯст доштан гирифта шуда, порчаи шеърие мебошад, ки вазн ва қофияи якхела дорад. Худи истилоҳи «ғазал» ба адабиёти тоҷик аз адабиёти араб омадааст. Ғазал одатан аз 5 то 12 байтро дар бар мегирад.

Дар ғазал ҳатман бояд қофияҳои мисраи дуввуми байтҳои дигар ба матлаъ мувофиқ ояд, яъне чунин қофиябандӣ шавад: аа, аб, ав, аг...

Дар адабиёти тоҷик ғазал аз шеъру таронаҳои ишқӣ ва халқӣ маҷроъ гирифтааст.

Шумораи байтҳои ғазалҳои пешина он қадар зиёд набуда, онҳо танҳо ба лирикаи ишқӣ мансуб буданд. Барои намуна ба ғазалиёти Саъдӣ муроҷиат мекунем.

Сарви баланд бин, ки чӣ рафтор мекунад?
Шӯхи шакардаҳон, ки чӣ гуфтор мекунад?

Девона мекунад дили соҳибтамизро,
Ҳар гаҳ, ки илтифот паривор мекунад.

Он чашми маст бин, ки ба шӯхиву дилбарӣ,
Қасди ҳалоки мардуми ҳушёр мекунад.

Оҳиста-оҳиста миқдори байтҳои ғазал зиёд шуда, маънои панду ахлоқиро низ таҷассум кардаанд. Дар ғазали Ҳофиз дӯстӣ чунин тараннум шудааст:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Чу меҳмони хароботӣ баиззат бош бо риндон,
Ки дарди сар кашӣ, ҷоно гарат, мастӣ хумор орад.

Шаби сӯҳбат ғанимат дон, ки баъд аз рӯзгори мо,
Басе гардиш кунад гардун, басе лайлу наҳор орад.

Сайидои Насафӣ ба ғазал мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсиро низ дохил карда, шумораи байтҳои ғазалро то ба 27 расонидааст.

Ғазал шеъре мебошад, ки ба воситаи он шоир ҳиссиёти лирикии аз табиату ҷамъият гирифтаи худ ва муносибаташро нисбати онон баён мекунад.

Моҳ чун чеҳраи зебои ту нест,
Мушк чун зулфи сумансои ту нест...

Кардам аз дидаву дил ҷои туро,
Гарчи худ дидаву дил ҷои ту нест.

Чӣ диҳӣ ваъдаи фардо, ки маро,
Дил ба он ваъдаи фардои ту нест.

Синаи кас нашиносам ба ҷаҳон,
Ки дар он сина таманнои ту нест.

Дар ғазал ташбеҳ ва тавсиф чун воситаи тасвир васеъ истифода шуда, аз ҷиҳати мазмун сода, аз ҷиҳати оҳангнокӣ ба сурудҳои мусиқавии халқӣ монанд аст.

Аз ғазал муаллифи онро муайян кардан мумкин аст. Одатан муаллиф номи худро дар байти охирин меорад. Масалан:

Ғазал гуфтиву дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак иқболи Сурайёро.

Пурсиш ва супориш

1. Ғазал чист?
2. Ғазали зерини Ҳофиз кадом мавзӯъро инъикос кардааст?

   Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, худоро,
   Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд, ошкоро.

3. Аз ин мақтаи ғазал ба кӣ тааллуқ доштани онро муайян кунед:

   Бад-ин назме, ки кардӣ дар маориф Ҷавҳарӣ иншо,



ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ (1207 — 1273)

Хуш хиромон меравӣ, эй хони хон,
бе ман марав,
Эй ҳаёти дӯстон, дар бӯстон бе
ман марав,
Эй фалак, бе ман магарду эй қамар
бе ман матоб,
Эй замин, бе ман мабошу эй замон
бе ман марав.

Ҷалолиддини Румӣ дар оилаи олим ва фозил Баҳоваддин Валад дар Балх таваллуд шудааст. Номи аслии ӯ Муҳаммад буда, ҳамчун Мавлоно Румӣ шӯҳрат пайдо кардааст.

Аз сарчашмаҳо маълум мешавад, ки гузаштагони ӯ ҳама аз Хуросон будаанд. Падараш Баҳоуддин Валад бинни Валад (543—628) яке аз олимони машҳури замони худ буда, Султонулуламо унвон доштааст. Ӯро дар Балх бо номи Валад мешинохтаанд ва марде хушсухан будааст ва дар маҷлисҳо сухан гуфта, дар байни мардуми Балх обрӯи хеле бузург доштааст. Бо сабаби низоъҳои мазҳабӣ ва сиёсие, ки байни Баҳоуддин Валад ва Муҳаммад Хоразмшоҳ ихтилофот рӯй медиҳад, дар соли 1212 аз Балх оилаи Баҳоуддин ба мусофират рӯй меорад.

Баҳоуддин Валад байни солҳои 614—618 (вақте ки Ҷалолуддин тақрибан панҷсола буд) бо мақсади зиёрати Каъба ба сафар мебарояд, дар шаҳри Нишопур ба дидори ориф ва шоири маъруф Шайх Фаридаддуни Аттор мушарраф мегардад. Дар ин сафар Ҷалолиддин низ ба падараш ҳамроҳӣ мекард, байни ӯ ва Аттор сӯҳбате доир мегардад. Аттор ба Мавлавӣ маснавии худ «Асрорнома»-ро тақдим мекунад.

Ҳамин тавр, оилаи Ҷалолиддин аз Балх ба Макка, сипас ба Димишқ ва Ҳалаб (мадрасаи «Ҳалавия») сафар мекунанд. Соли 1220 онҳо аз Арманистон ба Туркия кӯчида, давоми ҳафт сол дар ҳамин ҷо мемонанд.

Дертар аз он сабаб, ки ӯ умри худро дар Рум (Туркияи имрӯза) гузаронида, дар он ҷо обрӯю эътибор пайдо кардааст, ба ӯ лақаби Румиро додаанд.

Аз хурдсолӣ Ҷалолиддин дар назди падараш илм омӯхта, дар мадрасаҳои калонтарини Бағдод, Ҳалаб ва шаҳрҳои дигар низ таҳсил гирифтааст. Шаҳрҳои Бағдод ва Димишқ он вақтҳо марказҳои бузургтарини илму адаб ба шумор мерафтанд. Дар мадрасаҳои ин шаҳрҳо Ҷалолиддин аз олим ва файласуфони он замона илм омӯхтааст.

Дар шаҳри Қуния ӯ бо дарвеше шинос мешавад, ки Шамси Табрезӣ ном дошта, соҳиби обрӯю эҳтироми зиёде будааст. Се сол ӯ бо ин шахс гӯё сӯҳбат карда, аз ҳама канора ҷустааст.

Соли 1244 дарвеши номӣ Шамсуддини Табрезӣ ба Қуния меояд ва байни ӯву Мавлавӣ дӯстию ҳамнишинӣ оғоз меёбад. Пас аз мулоқот бо Шамси Табрезӣ Мавлавӣ тамоман дигаргун шуд. Минбарро тарк кард ва ба ошиқе шайдо ва ба ринде оламсӯз мубаддал гашт.

Меҳру алоқаи Мавлавӣ ба Шамси Табрезӣ ба ҳадде буд, ки онро то поёни умр фаромӯш накард ва тамоми ашъори худро бо номи ӯ бунёд кард.

Пеш аз шиносоии Ҷаллолидини Румӣ бо Шамси Табрезӣ, ӯ ба шеъру шоирӣ сару кор надошт. Баъди сӯҳбатҳои бардавому унс гирифтан бо ин шахси соҳибиродаву фозил дар вуҷуди ӯ табаддулоти бузурге рӯй медиҳад. Ин марди наҷибро, ки озодӣ ва эҳсосоти инсонӣ, пеш аз ҳама озодии ботиниро муҳимтарин мешуморид, бо тамоми ҳастияш мепарастад. Баъди марги Шамси Табрезӣ Ҷалолиддини Румӣ номи устод ва пешвои рӯҳониашро дар асарҳояш боқӣ мегузорад ва девони ғазалиёт ва қасидаҳои худро девони Шамси Табрезӣ ном мениҳад.

Мероси адабӣ

Осори адабии ин марди наҷибу хирадмандро ҳам наср ва ҳам назм ташкил медиҳад. Аз байни асарҳои ӯ «Маснавии маънавӣ», «Девони Кабир» ва «Куллиёти Шамс» ба ӯ обрӯи беназире овардаанд. Ин асарҳо аз ғазалу қасида ва рубоиҳо иборат мебошанд.

Бузургдошти инсон, тараннуми қадру манзалати навъи башар мағз андар мағзи шеърҳои Румиро ташкил меди-

ҳанд. Чакидаҳои қалами сеҳрангез ва хаёлоти осмонии ин адиби мумтоз маҳбуби форсизабонон ва ҷаҳониён аст.

«Девони Кабир» аз ғазалиётҳое иборат мебошад, ки ишқи пурҷӯшу хурӯши инсониро тараннум менамоянд. Дар ғазалиётҳои ӯ ҳаяҷон ва ҳисси саршори ишқи инсонӣ хеле самимӣ ва таъсирбахшанд.

Ривояте мавҷуд аст, ки гӯё Малик Шамсиддини Ҳиндӣ ном малики мулки Шероз номае ба воситаи аъзаб-ул-калом ба шайх Саъдӣ фиристода хоҳиш намудааст, ки ғазале ғариб, ки дорои маънии аҷиб бошад, фиристонад, то ғизои ҷони худ созад.

Шайх Саъдӣ ғазали Мавлоноро, ки дар он айём ба Шероз бурда будаанд, навиштааст:

Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,
Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?...

Ва дар охири нома навиштааст, ки *«дар иқлими Рум подшоҳе муборакқадам пайдо шудааст, ки ин ҳадя аз ӯст. Аз ин беҳтар ғазал нагуфтаанд ва низ нахоҳанд гуфтан. Маро ҳаваси он аст, ки ба зиёрати он султон ба диёри Рум равам ва Румро бар хоки пойи ӯ бимолам...»*

Асари дигаре, ки ба ӯ шӯҳрати оламшумул овардааст, «Маснавии маънавӣ»-и ӯ мебошад. Дар асоси ҷаҳонбинии васеи худ ӯ ғояҳои хеле пешқадами замонаашро тасвир кардааст. Ин асар фикрҳои фалсафӣ ва ахлоқии адибро таҷассум кардааст. Ӯ тавонистааст, ки мавзӯъҳои мавҷудаи замонаро нисбат ба гузаштагонаш муфассалтар тадқиқ кунад.

«Маснавии маънавӣ» маъруфтарин маснавии забони форсист, ки ҷанбаи асосии он китобҳои муқаддаси динӣ аст. Дар ҳақиқат, ин асар аз лиҳози оғозу анҷом, назми хосае, ки шарҳу тафсири махсусро талаб дорад, аз лиҳози услуби арзи матолиб ва роҳу расми тамсил ба китобҳои муқаддас шабоҳат дорад.

Дар «Маснавӣ» асосан робитаи инсон бо Худо тасвир мешавад. Дар он Паёмбар ҳамеша меҳрубону ғамхор тасвир шудааст. Ба аёдати яке аз соҳибагони бемор рафтани ӯро ба қалам дода, манфиатҳои он аёдатро шоир чунин таъкид менамояд:

Аз саҳоба хоҷае бемор шуд,
В-андар он бемориаш чун тор шуд.
Мустафо омад аёдат сӯйи ӯ,
Чун ҳама лутфу карам буд хӯйи ӯ.
Дар аёдат рафтани ту фоида-ст,
Фоида он боз бо ту омада-ст.

Аёдати Паёмбар ба бемор рӯҳи тоза бахшида, умри дубора ато мекунад. Бояд таъкид намуд, ки саропои «Маснавии маънавӣ» аз ҳикоятҳо доир ба лаҳзаҳои гуногуни рӯзгори Муҳаммад иборат буда, ҳар кадом хислатҳои наҷиби ӯро равшан мекунад.

Румӣ масъалаҳои басо мушкили назарӣ, фалсафӣ ва сӯфиёнаро хеле сода, бо усули муқоиса ва тамсил фаҳмонида додааст. Дар «Маснавии маънавӣ»-и худ Румӣ аз латифаҳо, афсонаҳо, ривоятҳои халқҳои Шарқ моҳирона истифода кардааст.

Илова бар тасвиру тавсиф ва ситоишу бузургдошти инсони комил дар осори Ҷалолуддини Румӣ роҳу василаҳои ташаккули инсон, таълиму тарбияи ӯ ҳам ба қалам омадаст. Яке аз чунин василаҳо панду андарз аст, ки дар фарҳанги мардуми ориёӣ суннати бостонӣ дорад.

Панду андарзҳои ҳакимонаву орифонаи Мавлоно, ки бештар аз Қуръони маҷиду ҳадисҳои набавӣ сарчашма мегиранд, дарвоқеъ дурдонаҳои маънавӣ буда, барои ҳар як фарди ҷомеа новобаст аз дину мазҳаб, ирқу нажод, забону миллат муассиру судманд мебошанд.

Ҷалолиддини Румӣ ду асари наҷиб низ дорад — «Фиҳ мо-фиҳ» ва «Макотиб». Асари якум фикрҳои сӯфиёна ва фалсафии ӯро дар бар мегиранд, асари дуюм мукотибаҳои Румӣ ба шахсони ҷудогона мебошад.

Пурсиш ва супориш

1. Чаро ба шоир лақаби Румӣ додаанд?
2. Ихлоси Ҷалолиддини Румӣ ба Шамси Табрезӣ ӯро ба кадом роҳ ҳидоят намуд?
3. Мазмун ва мундариҷаи осори Ҷалолиддин Румиро номбар кунед.
4. Кадом асарҳои Румӣ назмиянд?

БАЧАИ РӮИ БОМ

Радий Фиш

Дар дашту ҳомун, гирду атрофи шаҳри Балх қариби ғуруб хуршеди арғувонии зимистон ба муқобили боди сард қиём менамуд.

Ҷалолиддин болои боми хокпӯш дастонашро ба остини фарачи васеъ ва то буҷулаки пой дарозаш андохта, ду оринҷашро бо ду кафаш дошта, ба қофилаи одамон, ки мӯрчаосо, ба қавли доноён, ду ҳазор сол ҳамчунин омадшуд доштаанд, назора менамуд. Шаҳри Балх борҳо бо дасти ғосибон ба хок яксон шуда, аз бун барканда гаштааст, вале ҳоло чуноне буд, ҳамон тавр пуршӯр, гуногунзабон ва боҳашамат қомат афрохтааст...

Бача дар болои бом аз сармо ба худ печид ва пушт ба бод гардонд. Бурҷи аз хишти хом бардоштаи дарвозаи Навбаҳор дар шафақи офтоби мағриб гулханосо медурахшид: чуноне имрӯз падари ӯ дар масҷиди ҷомеъ башорат дод, мебоист ҳамин дарвозаҳо зарбаи нахустро дучор мегаштанд.

Ҳафтаҳое, аз бозе ки манзили падар ва боғу токзорони меҳри модар ба байъ монда шуд, мудом издиҳом ба ҳавлӣ даробаро мекарданд. Насибахонум, дояи падар, дар ҳавлии дарун, азбаски қиблагоҳ наҳвагариро қатъан манъ намуд, сиришкашро хомӯшона фурӯ хӯрда, гилему бӯрёҳо, болишту саҷҷодаҳоро рахт мебаст, лаълиҳои биринҷӣ, тос, кӯза ва шамъдонҳоро сомон менамуд. Толибилмон ва муридони падар бо бозоргонон харидуфурӯш менамуданд, сорбонону қофилаҳоро киро мекарданд. Авзоъ пурташвиш буд — таку дави зиёд ва дар ҳамчунин вақт фаши сайидон, ки худро аз авлоди пайғамбар метарошанд, боли чӯҷабараквор сабз ҷило медоданд. Сайидбурҳониддин, халифаи падар, марди аспрӯй, болобаланд ва лоғар, ки барҳақ ба паррандаи лошахӯре монанд буд, вақти кутуби осмониро қироат мекард, ё худ оёт тиловат менамуд, андарзи падаршро мешунид, ё фарзандонашро таълим медод, — ҳамаи ин корҳоро бо ҷидду ҷаҳди тамом ба сомон мерасонд.

Қиблагоҳ худ китобҳоро сара мекард: маҷмӯи ҳадисҳо аз сират ва кирдори пайғамбар, муҷалладоти осори фуқаҳо,

девони Мутанаббӣ, Саноӣ, Аттор ва расоили алломаҳо Ғазолию ал-Хоразмӣ, ки бо хати настаълиқ, бо дасти хаттотони Балх — уммулмадоини Хуросон, Ҳирот, Хоразм, Самарқанду Нишопур, Табрезу Димишқ Наҷаф, алқисса дар кулли олами тамаддуни муслимин тансих гаштаанд. Фарҳанги дар ҷилдҳои чарму чӯб ва заринмуқоваҳо фароҳам омада, ки ба чандин насли воизон ва уламои Балх тааллуқ доштанд ва аз авлод ба авлоде ирс мондааст, аз радифи кафи дасти дорчинранги ӯ мегузашт.

Сайидбурҳониддин рафи китобҳоро бо эъзоз бағал зада, ба ҳавлича мебурду андаруни сардоба, дар рӯи намади густурда мегузошт.

Аввал зери маҷнунбеди лаби сардоба китобҳоро ба пӯсти хом мепечонданд, ки аз селобаҳои кӯҳсор, агар пеш оянд, гузуштан аз рутубат ва ё гармсери биёбонҳо авроқаш осеб набинад. Бӯғчаҳои чоргӯшаи китобҳои ба сони дарзаҳои пахта, вале чор баробар аз он сангинтар, даҳ уштурро бор буд, бо вуҷуди ин падар китоб сара мекард.

Ҷалолиддин бо бародар аз дунболи Сайид меомаданд ва диданд, ки дар пеши падар китобе боз ва он китоб ба лавҳ гузоштаю бузургвор мар онро гӯё мсҳаф бошад, саҷда овардааст, вараққоро бо эҳтирому навозишкорона сафҳа мезанад, лабонаш оҳиста меҷунбанд, ҳамчунон сарашро алвонҷ медиҳаду чашмонаш ба девор дӯхта шуда...

Ҷалолиддин дар овони охир ҳолати сурури музтариболударо аз сар мегузаронд, ки ба риҳлати дурудароз мебарояд, мамолики ноошно, шаҳр ва салтанатҳоро мебинад, аз ҳамин хотир саҷдаи падар, ки ба ҷуз парвардигор, ба касею чизе сар фуруд намеовард, ба дилаш коргар нашуд.

Ҳанӯз писари дувоздаҳсола талхии ғурбатро начашида буд.

Алҳол танҳо дар болои боми падар истода шаҳри ба шафақи мағриб гулханосо ғарқро медид ва дар дилаш андӯҳи сӯзони ноошное нуфуз менамуд...

АЗ «ДЕВОНИ КАБИР»

ҒАЗАЛИЁТ

Эй ёри ман, эй ёри ман, эй ёри безинҳори ман,
Эй ҳаҷри ту дилсӯзи ман, эй лутфи ту ғамхори ман.

Чун Юсуфӣ дар дилбарӣ, оиву ҷӯӣ Муштарӣ,
То оташе андар занӣ дар Мисру дар бозори ман.

Эй дар замин моро қамар, эй нимишаб моро саҳар,
Андар хатар моро сипар, эй абри шаккарбори ман.

Хуш меравӣ дар ҷони ман, чун мекунӣ дармони ман,
Эй дину эй имони ман, эй баҳри гавҳарбори ман.

Ҳам мӯнису ғамхори ман, ҳам давлати хандони ман,
Валлаҳ, ки садчандони ман, як даст аз бисёри ман.

Эй шабравонро машъала, девонагонро силсила,
Эй манзили ҳар қофила, эй қофиласолори ман.

Ҳам раҳзанӣ, ҳам раҳбарӣ, ҳам Моҳиву ҳам Муштарӣ,
Ҳам ин сарӣ, ҳам он сарӣ ҳам, ганҷи истизҳори ман.

Эй ҷони ман, эй ҷони ман, султони ман, султони ман.
Дарёи бепоёни ман, болотар аз пиндори ман.

Эй хоки ту афлоки ман, эй заҳри ту тарёки ман,
Завқи дили ғамноки ман, шавқи ҳама асрори ман.

Гӯяд: биё, шарҳе бигӯ? Гӯям: чӣ гӯям пеши ту?
Гӯяд: биё, ҳила мачӯ, эй бандаи таррори ман!

Гӯям, ки ганҷи шойгон, гӯяд: бале бе ройгон,
Ҷон гӯяму он гаҳ: Чӣ ҷон гӯям сабук кун бори ман.

Ҳар ҷо ки шере меравад, пешаш сияҳгӯше равад,
Эй тан, сияҳгӯшӣ магар ё шеъри маънидори ман?

Бингар сияҳгӯши маро, бар шер тавре мезанад,
Тавфе кунед, эй ошиқон, бар Каъбаи асрори ман.

Хомӯш кун, гар партави анвори Шамсиддин бувад,
Ҳам зинати анвори дил, ҳам равнақи аброри ман.

* * *

Манигар ранҷу балоро, бинигар ишқу валоро,
Манигар ҷавру ҷафоро, бинигар сад нигаронро!

Ғамро лутф лақаб кун, зи ғаму дард тарб кун,
Ҳам аз ин хуб талаб кун фарачу амну амонро!

Биталаб амну амонро, бигузин гӯшагиронро,
Бишунав роҳдиҳонро, макушо роҳи даҳонро!

* * *

Кибру такаббур бигузору бигир
Дар ивази кибр ту чунин кибриё.

Пок шав аз хешу ҳама хок шав,
То ки зи хоки ту бирӯяд гиё.

В-ар чу гиё хушк шавӣ хуш бисӯз,
То ки зи сӯзи ту фурӯзад зиё.

В-ар шавӣ аз сӯз чу хокистаре,
Бошад хокистари ту кимиё.

* * *

Ташна нахуспид магар андаке,
Ташна куҷо, хоби гарон аз куҷо?
Чун к-бихуспад ба хоб об дид,
Ё лаби ҷӯ, ё ки сабӯ, ё сақо.

* * *

Дило, назди касе биншин, ки ӯ аз дил хабар дорад.
Ба зери он дарахте рав, ки ӯ гулҳои тар дорад.
Дар ин бозори атторон марав ҳар сӯ чу бекорон,
Ба дуккони касе биншин, ки дар дуккон шакар дорад.
Тарозу гар надорӣ, пас туро зӯӯ раҳ занад ҳар кас,
Яке қалбе биёрояд, ту пиндорӣ, ки зар дорад.
Туро бар дар нишонад ӯ ба таррорӣ, ки меоям,
Ту маншин мунтазир бар дар, ки он хона ду дар дорад!
Ба ҳар деге, ки меҷӯшад, маёвар косаву маншин,
Ба ҳар деге, ки меҷӯшад, дарун чизе дигар дорад.
На ҳар килке шакар дорад, на ҳар заре забар дорад,
На ҳар чашме назар дорад, на ҳар баҳре гуҳар дорад.

* * *

Он шахсе, ки мурданист фардо,
Имрӯз чаро ҷафо намояд?!
Чизе, ки ба худ намеписандад,
Он бар дигаре чӣ озмояд?!
Аз хашм махой ҳеҷ касро,
То хашми Худо туро нахояд.
Бархез зи қасди хуни халқон
То бар сари ту фурӯ наояд.

* * *

Нори хандон боғро хандон кунад,
Сӯҳбати мардонат аз мардон кунад,
Гар ту санги сахраву мармар шавӣ,
Чун ба соҳибдил расӣ, гавҳар шавӣ.
Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,
Дил мадеҳ илло ба меҳри дилхушон.
Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.

* * *

Шукри неъмат, хуштар аз неъмат бувад,
Шукрбора кай сӯйи неъмат равад?

Шукри ҷони неъмату неъмат чу пӯст,
З-он ки шукр орад туро то кӯйи дӯст.
Неъмат орад ғафлату шукр интибоҳ,
Сайди неъмат кун ба доми шукри шоҳ.
Неъмати шукрат кунад пурчашму мир,
То кунӣ сад неъмат исори фақир.
Сер нӯшӣ аз таъомунуқли Ҳақ,
То равад аз шикамхориву дақ.

* * *

Ин сухан дар сина дахли мағзҳост,
Дар хамӯшӣ мағзи ҷонро сад намост.
Чун биёмад дар забон, шуд харҷи мағз,
Харҷ кам кун, то бимонад мағзи мағз.
Марди камгӯяндаро фикр аст зафт,
Қишри гуфтан чун фузун шуд, мағз рафт.
Пӯст афзун буд, лоғар буд мағз,
Пӯст лоғар шуд, чу комил гашту нағз.

АЗ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

ҲИКОЯТИ ХОНА ҶУСТАНИ ҒАРИБЕ

Як ғарибе хона меҷуст аз шитоб,
Дӯсте бурдаш сӯйи хона(и) хароб.
Гуфт ӯ: «Инро агар сақфе будӣ,
Паҳлӯи ман мар-туро маскан шудӣ.
Ҳам иёли ту биёсудӣ, агар
Дар миёна доштӣ ҳуҷра(и) дигар.
В-ар расидӣ меҳмон рӯзе туро,
Ҳам биёсудӣ, агар будет ҷо.
Кош, ки маъмур[1] будӣ ин саро,
Хонаи ту будӣ ин маъмури мо».
Гуфт: «Оре, паҳлӯи ёрон хуш аст,
Лек, эй ҷон, дар «агар» натвон нашаст».

[1] *Маъмур* — обод.

ҚИССАИ КӮДАКЕ, КИ ДАР ПЕШИ ТОБУТИ ПАДАР МЕНОЛИД ВА СУХАНИ ҶӮҲӢ

Кӯдаке дар пеши тобути падар
Зор менолид, бармекӯфт сар:
«К-эй падар, охир, куҷоят мебаранд,
То туро дар зери хоке биспуранд.
Мебарандат хонаи тангу заҳир[1],
Не дар ӯ қолию не фаршу ҳасир[2].
Не чароғе дар шабу не рӯз нон,
Не дар он бӯйи таому не нишон.
Не дараш маъмур, не сақфу на бом,
Не дар ӯ баҳри зиёе[3], ҳеҷ ҷом[4].
Не дар он аз баҳри меҳмон оби чоҳ,
Не яке ҳамсоя, к-ӯ бошад паноҳ.
Ҷисми ту, ки бӯсагоҳи халқ буд,
Чун шавад дар хонаи кӯру кабуд[5].
Хонаи безинҳору ҷойи танг,
К-андарон не рӯй мемонад, на ранг».
З-ин насақ авсофи хона мешумурд,
В-аз ду дида ашки хунин мефушурд.
Гуфт Ҷӯҳӣ[6] бо падар: «Эй арҷманд,
Воллоҳ, инро хонаи мо мебаранд».
Гуфт Ҷӯҳиро падар: «Аблаҳ машав»,
Гуфт: «Эй бобо, нишониҳо шунав.
Ин нишониҳо, ки гуфт ӯ як ба як,
Хонаи морост бе тазвиру шак.
Не ҳасиру не чароғу не таом,
Не дараш маъмуру не сақфу на бом».

ПАНДУ АНДАРЗҲО

Дона чун андар замин пинҳон шавад,
Сирри ӯ сарсабзии бӯстон шавад.
Зарру нуқра гар набудандӣ ниҳон,
Парвариш кай ёфтандӣ зери кон?

---

[1] *Заҳир* — нохуш.
[2] *Ҳасир* — бӯрё.
[3] *Зиё* — равшанӣ.
[4] *Ҷом* — шиша, оина.
[5] *Кӯру кабуд* — тангу тор.

* * *

Ваъдаҳо бошад ҳақиқӣ, дилпазир,
Ваъдаҳо бошад маҷозӣ, тосагир.
Ваъдаи аҳли карам ганҷи равон,
Ваъдаи ноаҳл шуд ранҷи равон.

* * *

То зи заҳру аз шакар дарнагзарӣ,
Кай ту аз гулзори ваҳдат бӯ барӣ?
Охир одамзодаӣ, ай нохалаф,
Чанд пиндорӣ ту пастиро шараф?

* * *

Ин сухан чун пӯсту маънӣ мағз дон,
Ин сухан чун нағшу маънӣ ҳамчу ҷон.
Пӯст бошад мағзи бадро айбпӯш,
Мағзи некӯро зи ғайрат ғайбпӯш.

Пурсиш ва супориш

1. Ғазали шоирро хонда бароед. Калимаҳои душворфаҳмро ба дафтари адабиёт нависед.
2. Ғазалро бо ёрии омӯзгор ва ҳамсинфонатон таҳлил кунед.
3. Муколамаи ғариб ва дӯсташро бо суханони худ нақл кунед.
4. Писари Ҷӯҳӣ ба падар дар бораи куҷо бурдани тобут чӣ гуфт?

УБАЙДИ ЗОКОНӢ (1270 — 1370)

Номи Убайд кай равад зи ёди аҳли дил?
Чун гуфтаҳои ӯ ёдгори ӯст.

Гузаштагони Убайди Зоконӣ аз Арабистон ба Эрон кӯчида, дар Зокон ном маҳалли Қазвин муқим шудаанд. Убайди Зоконӣ соли 1280 (шояд 1270 бошад) дар оилаи вазири собиқ таваллуд шудааст. Ӯ таҳсили ибтидоиро дар худи Зокон гирифта, сипас мадрасаро дар Бағдод хондааст.

Вале дар давраи Убайди Зоконӣ ҳаводорони илму адабиёт кам буданд. Инро ҳамзамони Убайди Зоконӣ Ҳофиз низ таъкид кардааст. Бинобар он, вақте соли 1329 Убайди Зоконӣ китоберо дар мавзӯи панду ҳикмат тайёр карда, ба дарбори султон мебарад, онро қабул намекунанд.

Чунин рафтори аҳли дарбор ва умуман муносибати манфии муҳити дарбор Убайдро водор мекунад, ки асарҳои танқидӣ ва ҳаҷвӣ нависад.

Тақрибан солҳои 1341 Убайди Зоконӣ аз Бағдод ба Шероз меояд ва ба кори дарбор мепардозад. Солҳои хизматаш дар дарбор шумораи асарҳои ҳаҷвии ӯ камтар шуда, танҳо латифаҳои ӯ ба чашм мерасанд, ки шояд барои хурсанд кардани табъи шоҳ эҷод шуда бошанд.

Солҳои хизмати дарбории Убайд нисбатан осуда буданд. Лекин дере нагузашта дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ ва ба сари тахти Шероз омадани ҳокими Кирмон Муборизиддин ибни Муҳаммад Убайд маҷбур мешавад, ки Шерозро тарк кунад. Дар ин давра ватани ӯ Қазвин низ дар зери оташи муборизаҳои байнихудӣ буд, бинобар ин Убайди Зоконӣ сӯи Ироқ ва Бағдод роҳ пеш мегирад.

Дар Бағдод ӯро хуш намепазиранд ва «гадои Бағдод», «сару по бараҳнаи Шероз» гӯён таҳқир мекарданд. Убайд дер тоқат карда натавониста, аз Бағдод боз ба Шероз меравад. Дар бораи солҳои охири зиндагии шоир маълумоте нест. Убайди Зоконӣ соли 1370 аз олам чашм пӯшидааст.

Мероси адабии ин шоир ва нависандаи моҳир ҳаҷман зиёд нест, аммо мазмунан хеле бой аст.

Убайди Зоконӣ асарҳои худро дар шаклҳои гуногун — ҳам назм ва ҳам наср эҷод кардааст. Мероси адабии ӯ аз «Наводируламсол», рисолаи «Ахлоқулашроф», «Сад панд», «Даҳ фасл», «Дилкушо», «Ришнома», достони «Ушшоқнома», «Мушу Гурба», «Фолномаи буруҷ», «Фолномаи вуҳуш ва туюр», қасидаву ғазал, қитъаву рубоиҳои зиёде иборат аст.

Рисолаи «Ахлоқулашроф» солҳои 1339—40 эҷод шуда, мулоҳизаҳои танқидиро дар бораи нуқтаи назари гузаштагон ва муосиронаш дар бар мегирад. Асари мазкур дорои аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ буда, ҷаҳолатпарастӣ, фармонфармоии синфи ҳокимро аз забони гузаштагон зери танқид мегирад. Дар он муҳокимаҳои шоир бо шеърҳои форсӣ-тоҷикӣ ва ҳадисҳои бо забони арабӣ овардашуда тасдиқ мегарданд.

Нависанда латифаҳои дилнишини халқиро дар асарҳояш истифода бурда, худ низ латифаҳои ҳаҷвомез иншо кардааст. Рисолаи «Дилкушо» ном маҷмӯаи ӯ аз ҳикоячаҳои хандаовар, ки расвоӣ, бемаънигӣ ва камбудиҳои ондавраинаи ҷамъиятро зери танқид мегирад, иборат аст. Дар ин асар низ ахлоқу одоби табақаҳои ҳукмрон, зулму истибдод ва хислатҳои ношоистаи байни мардум вуҷуддошта, аз қабили дуздӣ, порахӯрӣ, фисқу фасод бо ҳазлу мутоиба ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудааст. Асар бо ду забон — тоҷикӣ ва арабӣ таълиф ёфтааст.

Достони «Мушу Гурба» воқеаи солҳои 1335—1370-ро дар бар мегирад, ки задухӯрдҳои дохила дар авҷ буд ва онро шоир дар либоси тамсил ифода намудааст.

Сарсухани хурди достон аз чунин байтҳо оғоз меёбанд:

Агар дорӣ ту ақлу донишу ҳуш,
Биё, бишнав ҳадиси «Гурбаву Муш».

Бихонам аз бароят достоне,
Ки дар маънои он ҳайрон бимонӣ...

Ба адиби фуқаропарвари ҷасур муяссар шудааст, ки аз мавқеи мардумӣ истода, паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ, қашшоқиву бенавоии мардум ва дабдабаву бемаънигии синфи ҳукмронро танқид намояд.

Рисолаи «Даҳ фасл» ба тариқи наср навишта шудааст. Чӣ хеле, ки аз номи асар маълум аст, он аз даҳ фасл иборат мебошад. Дар ин асар фикри нависанда дар шакли луғат ва эзоҳи он оварда шудааст. Дар эзоҳи луғат нависанда тарзи ифодаи киноявиро пеш гирифтааст.

Рисолаи «Сад панд» наср аст. Дар ин асар фикрҳо дар шакли масал, мақол баён шудаанд. Миқдори ин гуна мақолҳо садто аст. Тарзи баёни асар маҷозӣ (киноя ва пичинг) аст.

Ғазалҳо, қитъаҳо, рубоиҳо, тарҷеъбанд, қасидаҳо асарҳои манзуми ӯ буда, дар давоми тамоми эҷодиёти шоир навишта шудааст. Убайди Зоконӣ чӣ дар шакли қасидаҳои мадҳия ва чӣ дар шакли ғазал маҳорати баланд дорад ва дар эҷодиёти ӯ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Ғазалҳо ва қитъаҳои ӯ дорои мазмуни иҷтимоии баланд буда, инъикоскунандаи садоқат, муҳаббати пок, ҳаётдӯстӣ ва ақидаҳои зиддизамонӣ мебошад. Равияи ҳаматарафа ва инкишофёфта ва ба камолрасидаи Убайд ҳаҷв аст. Ҳаҷви Убайди Зоконӣ қувваи тез таъсиркунанда дошта, шакли кӯтоҳ ва бою равшан дорад. Он бо кушодани нуқсонҳои ҷамъият нақши беназир бозидааст.

Пурсиш ва супориш

1. Чӣ водор сохтааст, ки Убайди Зоконӣ ба ҳаҷв ва танқид даст занад?
2. Асарҳои Убайди Зоконӣ дар назм навишта шудаанд ё наср?
3. Убайди Зоконӣ дар асараш «Ахлоқулашроф» тасдиқи фикрҳои худро бо кадом забонҳо овардааст?
4. Хусусияти хоси асарҳои Убайди Зокониро номбар кунед.

ҲЕҶ МУРҒЕ АЗ ЛАКЛАК ЗИРАКТАР НЕСТ

Талҳакро (номи қаҳрамони фолклорӣ, мисли Афандӣ) бо муҳиме пеши Хоразмшоҳ фиристоданд. Муддате он ҷо бимонд. Магар Хоразмшоҳ риояте, чунон ки ӯ мехост, намекард. Рӯзе пеши Хоразмшоҳ ҳикояти мурғон ва хосияти ҳар яке мегуфтанд.

Талҳак гуфт:

— Ҳеҷ мурғе аз лаклак зиракtар нест.

Гуфтанд:

— Аз чӣ донӣ?

Гуфт:

— Аз баҳри он ки ҳаргиз ба Хоразм намеояд.

ХЕШОВАНДОН МЕБОЯД БА ТАЪЗИЯИ ШУМО ОЯНД

Дарвеше ба дари хонае расид, пораи ноне бихост. Духтараке дар хона буд, гуфт:

— Нест.

(Дарвеш) гуфт:

— Чӯбе деҳ.

Гуфт:

— Нест.

Гуфт:

— Пораи намак.

Гуфт:

— Нест.

Гуфт:

— Кӯзаи об.

Гуфт:

— Нест.

Гуфт:

— Модарат куҷост?

— Ба таъзияти хешовандон рафтааст.

Гуфт:

— Чунон ки ман ҳоли хонаи шумо мебинам, хешовандони дигар мебояд, ки ба таъзияи шумо оянд.

ХУДОВАНД ИН ДУЗДРО МЕШИНОСАД

Дари хонаи Ҳаҷӣ бидуздиданд. Ӯ бирафт ва дари масҷиде барканд ва ба хона мебурд. Гуфтанд:

— Чаро дари масҷид баркандаӣ?

Гуфт:

— Дари хонаи ман дуздидаанд ва худованд ин дуздро мешиносад. Дуздро ба ман супорад ва дари хонаи худ боз ситонад.

САҲВ ДАР КӮЗА БОШАД

Туркмоне бо яке даъво дошт. Кӯза пур гаҷ кард ва порае равған бар сар гудохт ва аз баҳри қозӣ ришват бурд. Қозӣ бистуд ва тарафи туркмон гирифт ва воқеа чунонки хотири ӯ мехост, охир кард ва мактубе мусаҷҷал[1] ба туркмон дод. Баъд аз ҳафтае қазияи[2] равған маълум кард. Туркмонро бихост, ки «дар он мактуб саҳве ҳаст, биёр то ислоҳ кунам». Туркмон гуфт: «Дар мактуби ман ҳеҷ саҳве нест. Агар саҳве бошад, дар кӯза бошад».

АЪРОБӢ ВА ХАЛИФА

Аъробиро пеши халифа бурданд. Ӯро дид бар тахт нишаста ва дигарон дар зер истода. Гуфт:

— Ассалому алайкум ё оллоҳ!

Халифа гуфт:

— Ман оллоҳ нестам.

Гуфт:

— Ё Ҷабраил!

Гуфт:

— Ман Ҷабраил нестам.

Гуфт:

— Оллоҳ нестӣ, Ҷабраил нестӣ, пас чаро бар он боло рафта танҳо нишастаӣ? Ту низ дар зер ой ва дар миёни мардумон биншин.

---

[1] *Мусаҷҷал* — мӯҳру имзошуда.

[2] *Қазия* — кор, воқеа.

САГ ДАР МАСҶИД

Мавлоно Шарафиддин бар дари масҷиде мегузашт. Ходими масҷид сагеро дар масҷид печида буд ва мезад. Саг фарёд мекард. Мавлоно дари масҷид бикушод, саг бадар ҷаст. Ходим бо Мавлоно итоб кард.

Мавлоно гуфт:

— Эй ёр, маъзур дор, ки саг ақл надорад ва аз беақлӣ дар масҷид меояд. Мо, ки ақл дорем, ҳаргиз моро дар масҷид мебинӣ?

ДАРВЕШ ДАР ДЕҲА

Дарвеше ба дари деҳе расид. Ҷамъе кадхудоёнро дид он ҷо нишаста. Гуфт:

— Маро чизе бидиҳед, вагарна ба Худо, бо ин деҳ ҳамон бикунам, ки бо он деҳи дигар кардам. Эшон битарсиданд. Гуфтанд: «Мабодо, ки соҳире[1] ё валие бошад, ки аз ӯ харобӣ ба деҳи мо расад». Он чӣ хост, бидоданд. Баъд аз он пурсиданд, ки:

— Ту бо он деҳ чӣ кардӣ?

Гуфт:

— Он ҷо суоле кардам, чизе надоданд, ба ин ҷо омадам. Агар шумо чизе намедодед, ин деҳро низ раҳо мекардам ва ба деҳе дигар мерафтам.

ҚАЛАНДАР ВА ТАБИБ

Қаландаре набз ба табиб дод. Пурсид, ки:

— Маро чӣ ранҷест?

Гуфт:

— Туро ранҷи гуруснагист.

Ва ӯро ба ҳариса меҳмон кард. Қаландар чунон сер шуд, гуфт:

— Дар лангари[2] мо даҳ ёри дигар ҳамин ранҷ доранд.

ҲИКОЯТИ ҚАЗВИНӢ

Қазвиние пеши табиб рафту гуфт:

— Мӯйи ришам дард мекунад.

---

[1] *Соҳир* — сеҳркунанда, ҷодугар.

[2] *Лангар* — бошишгоҳи дарвешон.

Пурсид, ки:

— Чӣ хӯрдаӣ?

Гуфт:

— Нону ях.

Гуфт:

— Бирав бимир, ки на дардат ба дарди одамӣ мемонаду на хӯрокат!

ГАНДУМ

Шахсе ба дӯсте гуфт:

— Панҷоҳ ман гандум доштам. То маро хабар шуд, мушон тамом хӯрда буданд.

Ӯ гуфт:

— Ман низ панҷоҳ ман гандум доштам. То мушонро хабар шуд, ман тамом хӯрда будам.

ҲИКОЯТ

Рӯбоҳро пурсиданд, ки дар гурехтан аз саг чанд ҳила донӣ?

Гуфт: Аз сад фузун бошад, аммо накӯтар аз он ҳама ин, ки ману ӯро бо якдигар иттифоқи дидор наяфтад.

ҲИКОЯТ

Марде ба ҳиндувонафурӯше гузашт, ки бонг мекард:

Ин ҳамчун хурмову асал аст ва ширинтар аз шакар аст!

Мард ӯро гуфт: Маро беморест, ки ӯро ҳиндувонаи туруш илоҷ аст. Аз ин миён яке туруш ҷудо кун.

Гуфт: Бихару бибар ва бонги ман мангар, ки тамоми инҳо аз сирко туруштар бошад.

ҲИКОЯТ

Шахсе меҳмонеро дар зерхона хобонд, нимашаб садои хандаи вайро дар болохона шунид. Пурсид, ки:

— Дар он ҷо чӣ мекунӣ?

Гуфт:

— Дар хоб ғалтидаам.

Гуфт:

— Мардум аз боло ба поин ғалтанд, ту аз поин ба боло ғалтӣ?

Гуфт:

— Ман ҳам ба ҳамин меғалтам.

ҲИКОЯТ

Султон Маҳмуд дар зимистоне сахт ба Талҳак гуфт, ки:

— Бо ин ҷомаи якло[1] дар ин сармо чӣ мекунӣ, ки ман бо ин ҳама ҷома меларзам?

Гуфт:

— Эй подшоҳ, ту низ монанди ман кун, то наларзӣ!

Гуфт:

— Магар ту чӣ кардаӣ?

Гуфт:

— Ҳар чӣ ҷома доштам, ҳамаро дар бар кардаам.

ҲИКОЯТ

Рустоие модагове дошт ва модахаре бо курра. Хар бимурд. Шири гов ба курраи хар медоданд ва эшонро шири дигар набуд ва рустоӣ малул шуд, гуфт: Худоё, ту харкураро марге бидеҳ, то аёлони ман шири гов бихӯранд.

Рӯзи дигар дар пойгоҳ рафт. Говро дид мурда. Мардакро дуд аз сар бадар рафт. Гуфт: Худоё, ман харро гуфтам, ту гов аз хар бознамешиносӣ?!

ҲИКОЯТ

Дари хонаи Ҷуҳо бидуздиданд. Ӯ бирафт ва дари масҷиде барканду ба хона мебурд. Гуфтанд:

— Чаро дари масҷид баркандаӣ?

Гуфт:

— Дари хонаи ман дуздидаанд ва Худованд ин дардуздро мешиносад. Дуздро ба ман супорад ва дари хонаи худ бозситонад.

Пурсиш ва супориш

1. Дар ҳикояти «Ҳеҷ мурғе аз лаклак зиракгар нест» Талҳак худро ба кӣ монанд кардааст?
2. Чаро дарвеш ба духтарак гуфт, ки хешовандон бояд ба таъзияи онҳо оянд?
3. Туркмон бо суханони «дар мактуби ман ҳеҷ саҳве нест, агар саҳве бошад, дар кӯза бошад» чӣ гуфтанӣ аст?

[1] *Якло* — абра, беастар.

МУШУ ГУРБА

(*Порча аз достон*)

Эй хирадманди оқилу доно,
Қиссаи «Мушу Гурба» бархоно!
Қиссаи «Мушу Гурбаи» манзум
Гӯш кун ҳамчун дури ғалтоно!
Аз қазои фалак яке Ғурба
Буд чун аждаҳо ба Кирмоно.
Шикамаш таблу синааш чу сипар,
Шердуму палангчангоно.
Аз ғиреваш[1] ба вақти ғурридан
Шери дарранда шуд ҳаросоно.
Сари ҳар суфра чун ниҳодӣ пой,
Шер аз вай шудӣ гурезоно.
Рӯзе андар шаробхона шудӣ
Аз барои шикори мушоно.
Дар паси хуми май намуд камин[2]
Ҳамчу дузде, ки дар биёбоно.
Ногаҳон Мушаке зи деворе
Ҷаст бар хуми май хурӯшоно.
Сар ба хум барниҳоду май нӯшид,
Маст шуд ҳамчу шери ғурроно.
Гуфт: «Ку Гурба, то сараш биканам?!
Пӯсташ пур кунам зи коҳоно!
Гурба дар пеши ман чӣ саг бошад?
Ки шавад рӯ ба рӯ ба майдоно».
Гурба инро шуниду дам назадӣ,
Чангу дандон задӣ ба сӯҳоно.
Ногаҳон ҷасту Мушро бигрифт,
Чун паланге шикори кӯҳоно.
Муш гуфто, ки: «Ман ғуломи туам,
Авф кун аз ман ин гуноҳоно!»
Гурба гуфто: «Дурӯғ камтар гӯй!
Нашнавам ман фиребу макроно».
Гурба он Мушро бикушту бихӯрд,

[1] *Ғирев* — наъра ва ғурриш.
[2] *Камин* — шинак.

Сӯи масҷид шудӣ хиромоно.
Дасту рӯро бишусту масҳ кашид,
Вирд мехонд ҳамчу муллоно:
«Бор илоҳо, ки тавба кардам ман,
Надорам мушро ба дандоно.
Баҳри ин хуни ноҳақ, эй, халлоқ,
Ман тасаддуқ диҳам ду ман ноно».
Он қадар лоба карду зорӣ кард,
То ба ҳадде, ки гашт гирёно.
Мушаке буд дар паси минбар
Зуд бурд ин хабар ба мушоно:
«Муждагонӣ, ки гурба тоиб[1] шуд,
Зоҳиду обиду[2] мусулмоно.
Буд дар масҷид он сутудаҳисол[3]
Дар намозу ниёзу афғоно».
Ин хабар чун расид бар мушон
Ҳама гаштанд шоду хандоно.
Ҳафт муши гузида[4] барҷастанд,
Ҳар яке кадхудо[5]ву деҳқоно[6].
Бар гирифтанд баҳри Fурба зи меҳр
Ҳар яке тӯҳфаҳои алвоно[7].
Он яке шишаи шароб ба даст,
В-он дигар барраҳои бирёно.
Он яке таштаки[8] пур аз кишмиш
В-он дигар як табақ зи хурмоно.
Он яке зарфе аз панир ба даст
В-он дигар мост бо каранно[9].
Он яке хончаи палав бар сар,
Афшура[10], оби лиму, уммоно[11].

---

[1] *Тоиб* — тавбакунанда.
[2] *Обид* — ибодаткунанда.
[3] *Ситудаҳисол* — хислатҳои таърифӣ — сара ва писандида.
[4] *Гузида* — интихобшуда, хуб ва сара.
[5] *Кадхудо* — давлатманд.
[6] *Деҳқон* — заминдори калон.
[7] *Алвон* — лавнҳо — рангҳо, рангоранг.
[8] *Таштак* — лаълӣ, табақ.
[9] *Каранно* — навъе аз нон.
[10] *Афшура* — шарбат, оби мева (аз калимаи фишурдан).
[11] *Уммоно* — номи баҳр дар Арабистон.

Назди гурба шуданд он мушон
Бо салому дуруду[1] эҳсоно.
Арз карданд бо ҳазор адаб:
К-эй фидои раҳат ҳама ҷоно.
Лоиқи хидмати ту пешкаше
Кардаем мо қабул фармоно».
Гурба чун мушакон бидид, бихонд:
«Ризқакум фиссамои ҳаққоно»[2]
Ман гурусна басе басар бурдам,
Ризқам имрӯз шуд фаровоно.
Рӯза будам ба рӯзҳои дигар
Аз барои ризои раҳмоно.
Ҳар кӣ кори худо кунад, ба яқин
Рӯзияш мешавад фаровоно.
Баъд аз он гуфт: «Пеш фармоед,
Қадаме чанд, эй рафиқоно!»
Мушакон ҷумла пеш мерафтанд,
Танашон ҳамчу бед ларзоно.
Ногаҳон Гурба ҷаст бар мушон,
Чун мубориз ба рӯзи майдоно.
Панҷ муши гузидаро бигрифт,
Ҳар яке кадхудову элхоно[3].
Ду бад-ин чангу ду бад-он чангол,
Як ба дандон чу шери ғурроно.
Он ду муши дигар, ки ҷон бурданд,
Зуд бурданд хабар ба мушоно.
Ки: «Чӣ биншастаед, эй мушон!
Хокатон бар сар, эй ҷавононо!
Панҷ муши раисро бидарид
Гурба бо чангҳову дандоно».
Мушаконро аз ин мусибату ғам,
Шуд либоси ҳама сиёҳоно.
Хок бар саркунон ҳамегуфтанд:
«Эй дареғо, раиси мушоно!»
Баъд аз он муттафиқ шуданд, ки мо
Меравем пойтахти султоно.

---

[1] *Дуруд* — салом.
[2] *Маънояш:* Ризқамро худо аз осмон дод.
[3] *Элхон* — лақаби подшоҳони муғул дар Эрон.

То ба шаҳ арзи ҳоли хеш кунем,
Аз ситамҳои хайли гурбоно».
Шоҳи мушон нишаста буд ба тахт,
Дид аз дур хайли мушоно.
Ҳама як бор карданаш таъзим,
К-Эй ту шаҳаншоҳӣ ба давроно!
Гурба кардаст зулм бар моҳо,
Эй шаҳаншаҳ, ӯлам[1] ба қурбоно!
Соле як дона мегирифт аз мо,
Ҳол ҳирсаш шуда фаровоно.
Ин замон панҷ-панҷ мегирад,
Чун шуда тоибу мусалмоно.
Дарди дил чун ба шоҳи худ гуфтанд,
Шоҳ фармуд, к-эй азизоно!
Ман талофӣ[2] ба Гурба хоҳам кард,
Ки шавад достон ба давроно!»
Баъди як ҳафта лашкаре орост,
Сесаду сӣ ҳазор мушоно.
Ҳама бо найзаҳову тиру камон,
Ҳама бо сайфҳои[3] бурроно.
Фавҷҳои[4] пиёда аз як сӯ,
Теғҳо дар миёна ҷавлоно.
Чунки ҷамъоварии лашкар шуд,
Аз Хуросону Рашту Гелоно.
Яккамуше вазири лашкар буд,
Ҳушманду далеру фаттоно[5].
Гуфт: «Бояд яке зи мо биравад
Назди Гурба ба шаҳри Кирмоно.
Ё биё пойтахт дар хидмат,
Ё ки омода бош ҷангоно».
Мушаке буд элчие зи қадим,
Шуд равона ба шаҳри Кирмоно.
Нарм-нармак ба Гурба ҳолӣ кард[6],
Ки: «Манам элчие зи мушоно.

---

[1] *Ӯлам* — мурам.
[2] *Талофӣ* — пур кардани он чизе, ки холӣ шудааст.
[3] *Сайф* — шамшер.
[4] *Фавҷ* — қисме аз лашкар.
[5] *Фаттон* — зирак ва доно.
[6] *Ҳолӣ кард* — арз кардан, баён кардан.

Хабар овардам барои шумо,
Азми ҷанг карда шоҳи мушоно.
Ё бирав пойтахт дар хидмат,
Ё ки омода бош ҷангоно».
Гурба гуфто, ки: муш... хӯрда,
Шаҳат хато кардаст,
Ман наёям бурун зи Кирмоно.
Лекин андар хафо[1] тадорук кард,
Лашкари мӯъзаме[2] зи гурбоно.
Гурбаҳои бароқи шершикор,
Аз Сифоҳону Язду Кирмоно.
Лашкари гурба чун муҳайё шуд,
Дод фармон ба сӯи майдоно.
Лашкари мушҳо зи роҳи кавер[3],
Лашкари гурба аз кӯҳистоно.
Дар биёбони Форс ҳар ду сипоҳ
Разм[4] доданд чун далероно.
Ҷанги мағлуба шуд дар он водӣ,
Ҳар тараф рустамона ҷангоно.
Он қадар мушу гурба кушта шуданд,
Ки наёяд ҳисоб осоно.
Ҳамлаи сахт кард гурба чу шер,
Баъд аз он зад ба қалби[5] мушоно.
Мушаке асби гурбаро пай кард[6]
Гурба шуд сарнагун зи зиноно.
Аллоҳ-аллоҳ фитод дар мушон,
Ки, бигиред, паҳлавононо».
Мушакон табли шодиёна заданд,
Баҳри фатҳу зафар фаровоно.
Шоҳи мушон ба фил шуд савор,
Лашкар аз пешу пас хурӯшоно.
Гурбаро ҳар ду даст баста баҳам
Бо калофу[7] танобу ресмоно.

---

[1] *Хафо* — махфӣ, пинҳонӣ.
[2] *Мӯъзам* — бузург.
[3] *Кавер* — биёбон, ҷойҳои хароба ва ғайри қобили зироат.
[4] *Разм* — ҷанг.
[5] *Қалб* — миёна. Чунончи қалби лашкар — миёнаи лашкар.
[6] *Пай кардан* — буридани пай.
[7] *Калоф* —калоба, ресмон.

Шоҳ гуфто: «Ба дор овезед,
Ин саги рӯсиёҳи нодоно!»
Гурба чун дид шоҳи мушонро,
Ғайрataш шуд чу дег ҷӯшоно.
Ҳамчу шере нишаст бар зону,
Канд ресмон он ба дандоно.
Мушаконро гирифту зад ба замин,
Ки шудандӣ ба хок яксоно.
Лашкар аз як тараф фирорӣ шуд,
Шоҳ аз як ҷиҳат гурезоно.
Аз миён рафт филу филсавор,
Махзану тахту тоҷу айвоно.
Ҳаст ин қиссаи аҷибу ғариб,
Ёдгори Убайди Зоконо.

* * *

Ҷони ман панд гир аз ин қисса,
Ки шавӣ дар замона шодоно.
Ғараз аз «Мушу Гурба» бархондан,
Муддао фаҳм кун, писарҷоно!

Пурсиш ва супориш

1. Ба воситаи қиссаи «Мушу Гурба» Убайди Зоконӣ киҳоро зери танқид гирифтааст?
2. Аз байти «Аз қазои фалак яке гурба, буд чун аждаҳо ба Кирмоно» чиро дарк кардан мумкин аст?
3. Гурба панҷ мушро ба чангол афтонид, ки «ҳар яке кадхудову элхоно» гуфта шоир чиро дар назар дорад?
4. Қиссаи «Мушу Гурба»-ро то ба охир хонда, мазмуни онро таҳлил кунед.
5. Ба фикри Шумо сужети ин қисса ба сужети мултфилми дӯстдоштаи бачагон «Мики Маус» монанд аст ё не? Монандӣ ва фарқияти онҳоро муайян кунед.

КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
(1318 — 1401)

Оламе рӯй ниҳоданд ба ашъори Камол,
Ки хаёлоти латиф аст дар оби суханаш

Камолиддин Абӯаҳмад Муҳаммади Хуҷандӣ, ки бо лақаби «Хоҷа Камол» машҳур аст, дар Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Падари ӯро аз бузургони Хуҷанд мешуморанд. Камол пас аз гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар зодгоҳаш ба Самарқанд, Тошканд ва Хоразм сафар карда, аз устодони номдор илмҳои замонааш, аз қабили забони арабӣ, калом, мантиқ, ҳикмат, таърих, фиқҳ, зироатпарварӣ, боғдорӣ ва ҳисобро омӯхтааст.

Чун аз замони наврасӣ Камол ба адабиёт шавқу рағбат дошт, ӯ садҳо байти шоирон, нақлу ривоятҳо ва афсонаҳою ҳикояҳоро аз ёд медонист.

Камоли Хуҷандӣ дар синни 40—45 солагӣ аз нобасомониҳои ҳаёти ондавраинаи Мовароуннаҳр сари худро гирифта, бо мақсади ҳаҷ ба Ҳиҷоз рӯй овардааст. Ба ҷониби Ҳиҷоз сафар кардани ӯро аз байтҳои зерин дарк кардан мумкин аст:

Рафт овоза, ки имсол ба ҳаҷ рафт Камол,
Бас муборак сафаре, чун ту ба ӯ ҳамсафарӣ.

* * *

Чун дид Камол он сари кӯ тарки Ватан гуфт,
Булбул чу чаман дид, раҳо кард қафасро.

Баъд аз Ҳиҷоз ба Озарбойҷон омада, чанд соли умри худро дар Табрез сипарӣ намудааст. Табрез дар он давраҳо

яке аз шаҳрҳои мӯътабари Эрон ба шумор рафта, хушобу ҳаво ва басо зебо буд.

Давраи шӯҳрати адабии Камоли Хуҷандӣ дар Табрез ибтидо гирифта, дар муддати кӯтоҳ шеърҳои ӯ бо ҷозибаву дилпазирии худ диққати аҳли адабро ба худ ҷалб мекунад. Хонаи ӯ маҳфили шоирон, донишмандон, хушнависон ва созандагони номии Табрез мегардад. Шеърҳояш бошад, вирди забони муштоқон ва маҳфилорони замон гашта, ҳатто дар давоми ҳаёташ девони шеърҳои ӯ тартиб ва танзим мегарданд.

Ҳокими Табрез Султон Ҳусайн ба Камол дар Волиёнкӯҳ боғе ҳадя карда, дар он ҷо хонақоҳу қасре бунёд карда дода буд. Камол ин мавзеъро ба боғи пурдарахте табдил дода, онро «Боғи биҳишт» ном ниҳодааст. Ин боғ сарпаноҳи камбағалон ва бечорагон, ҳамчунин фароғатгоҳи худи шоир буд.

Вале зиндагии осоиштаи шоир дар ин ҷо дер давом намекунад. Соли 1385 подшоҳи Дашти Қипчоқ Тӯхтамишхон аз Дарбанд ба Табрез ҳуҷум оварда, дар қатори ғаниматҳои дигари ба даст овардааш Камолро бо хоҳиши завҷааш ба пойтахти давлати Олтин Ӯрда — шаҳри Сарой гирифта мебарад ва он ҷо 4 сол мемонад.

Гарчанде дар Сарой Камол зиндагии бофароғат дошт ва сайру саёҳатҳо мекард, ғами ҳичрон, дурии ёру дӯст ва танҳоӣ ӯро азоб медод. Чун аҳли хонаводаи Камол дар Табрез монда буд, ӯ ҳамеша ёди онҳо мекард. Ашъори худро пайваста ба Табрез мефиристод. Ва яке аз он ин рубоист:

Табрез маро ба ҷои ҷон хоҳад буд,
Пайваста маро вирди забон хоҳад буд.
То дарнакашам оби Чарандобу Гаҷил,
Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.

Ӯ ба Табрез, ба Волиёнкӯҳи азизаш бармегардад ва дар ҳамон ҷо бо аҳли илму фарҳанг маҷлисҳои адабию илмӣ доир мекард, ҳамсафон ва шогирдони зиёде пайдо карда буд.

Роҳи зиндагии ӯ роҳи илму амал, омӯзиши ҳақиқат ва ишқи бемунтаҳо нисбат ба офаридгори ин олам буда, ҳатто нақл мекунанд, ки Камол дар шаби охирини умраш чунин байтҳоро замзама карда будааст:

Бо субҳ бигӯед, ки бевақт мазан дам,
Имшаб шаби васл аст нигоҳ дор нафасро,
Чун дид Камол он сари кӯ, тарки ватан кард,
Булбул чу чаман дид, раҳо кард қафасро.

Баъд аз ба тасарруфи заминҳои Амир Темур шомил гардидани Сарой соли 1395 Камол ниҳоят ба Табрез бармегардад ва соли 1401 дар ҳамон ҷо вафот мекунад.

Дар лавҳи мазораш, ки дар Валиёнкӯҳ боқист, ин байти худи Камол сабт ёфтааст.

Камол, аз Каъба рафтӣ бар дари ёр,
Ҳазорат офарин, мардона рафтӣ!

Камол ҳамеша бо ёди ватан мезист ва аз хуҷандӣ будани худ ифтихор мекард:

Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол,
Бовар намекунанд, ки гӯям: «Хуҷандиям».

Мероси адабӣ

Камоли Хуҷандӣ аз худ девоне боқӣ гузоштааст, ки аз 977 ғазал, 100 қитъа, 34 рубоӣ ва 4 қасида иборат аст. Ғайр аз ин дар девони ӯ мустазод низ ҳаст.

Девони Шайх Камол хеле зиёд рӯйнавис шудааст. Аз ин лиҳоз, нусхаҳои зиёди он то ба имрӯз расида омадааст. Дар китобхонаҳои бузургтарини дунё, амсоли Фаронса, Англия, Олмон, Туркия, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нусхаҳои хеле зиёди девони Шайх Камол арзи вуҷуд намудааст.

Бисёрнусхагии девон ва гуногунии теъдоди ғазалҳо дар ин нусхаҳо мураттаб сохтани нусхаи асли девони Шайх Камолро мураккаб мегардонад. Баъзе аз мураттибони девон бар сари он ақидаанд, ки миқдори байтҳои девони шоир ба 10 000 байт мерасад.

Нусхаи аз ҳама комилтари девони ашъори Шайх Камол дар захираи дастнависҳои шарқии Пажӯҳишгоҳи Шарқшиносии АУ Ӯзбекистон маҳфуз аст, ки соли 825 ҳичрӣ (1422 мелодӣ), яъне 22-сол пас аз фавти Камол китобат шудааст.

Камоли Хуҷандӣ озодандеш буд ва ғазалҳои ӯ дар пайравии Рӯдакӣ, Низомӣ, Румӣ, Ҳофиз ва дигар шоирон навишта шудааст. Камоли Хуҷандӣ ва Ҳофизи Шерозӣ, ки дар як замон зиндагӣ кардаанд, дӯстони қарин буда, бо ҳамдигар мукотиба ва мулоқотҳо меоростанд, ғазалҳои якдигарро хонда завқ мебурданд.

Камоли Хуҷандӣ дар ғазалсароӣ аз забардасттарин устодон ба шумор меравад. Мазмуни ғазалҳои Камол ишқӣ ва иҷтимоӣ буда, бештар аз вазъияти ногувори замонааш шикоят кардааст. Ғазалиёти ӯ бо тараннуми ишқ, лаззати қалбии инсон, васфи ёр, ранҷу фироқ, меҳнату машаққатҳои ошиқона хонандаро мафтун мекунад.

Лаъли ҷонбахшат зи ҷон нозуктар аст,
Қаддат аз сарви равон нозуктар аст.

Эй дили нозукмизоҷ, аз рӯи хуб
Он талаб, к-аз ҳусн он нозуктар аст.

Омадан ҳар дам ба нозу рафтанат,
Аз насими ҷонфишон нозуктар аст.

Алҳақ аз сарриштаи борику ваҳм
Сад бирешим он миён нозуктар аст.

Ноз кам кун бо чунин дил, ҷони ман,
Худ чӣ дил, к-аз ҷони ҷон нозуктар аст.

Барги гул чандон, ки дорад нозукӣ,
Хотири булбул аз он нозуктар аст.

Гарчи нозукнуктае гуфтӣ, Камол,
З-ин ҳикоят он даҳон нозуктар аст.

Ишқ дар тасаввури ӯ ҳавасу бозӣ набуда, боиси зиндагӣ мебошад ва маҳз ба туфайли чунин ишқ умр маънӣ пайдо мекунад:

Ишқ дар тинати дилҳо намак аст,
Сӯзи ошиқ зи само то самак аст.

Дар баробари лутфи сухан ва умқи маънӣ, хушоҳангӣ ва ҷозибанокӣ аз ҷиҳатҳои хоси ғазалиёти Камол аст. Би-

нобар ин, аксари ғазалҳои ӯ ба оҳангҳои «Шашмақом» дароварда шуда, ба оҳангҳои халқӣ низ суруда мешавад.

Камол чун омӯзгори ахлоқи писандида ва одоби ҳамида баромад мекунад ва дар ашъори ӯ гоҳе панду андарзҳои олӣ низ вомехӯранд:

Бикӯш, то ба каф орӣ калиди ганҷи вуҷуд,
Ки бе талаб натавон ёфт гавҳари мақсуд.

Дар ҷойи дигар ӯ мегӯяд:

Ҳаваси сӯҳбати ёрон агарат меафтад,
Бо рафиқони мухолиф накунӣ ёрӣ беҳ.

Беҳтарин сатрҳои Камол ба дӯстӣ бахшида шуда, ӯ сӯҳбати дӯстро биҳишт, нақди зиндагонӣ, хоки дари ёрро аз гулшани ҷаннат беҳ мешуморад ва ӯро анису мӯнис ва маншаи умед дар ноумедиҳо медонад:

Ҳар кӣ дар олам кам аз як лаҳза дур аз ёр зист,
Кард нақди зиндагонӣ зоеъу бисёр зист.

Бо суханони А. Афсаҳзод «Шеъри Камол монанди рӯди Сир соф, гуворо, пуроб, зоҳиран ором, ботинан пуртуғён ва рӯҳнавоз аст».

Сабку услуби Камол ниҳоят ҷолиби таваҷҷӯҳ буда, ӯро чун устоди бемисли шеъри форсӣ муаррифӣ мекунад. Камол чун давомдиҳандаи сабки саҳли мумтанеъ суханҳои ширин, ибораҳои дилнишин, калимаҳои мутаносиб, ташбеҳу истиораҳои нодир, таҷнису муболиғаҳои дилфиреб, зарбулмасалу мақол ва таъбирҳои ширадори халқиро моҳирона ба кор бурдааст.

Адибон Камолро чун устоди сухан ва шеъри хушоҳанг дониста, сухан ва ҷиҳати лутфи сухан ва умқи маънӣ дар пояи баланди ашъори форсӣ мегузоранд.

Пурсиш ва супориш

1. Аслан Камол аз куҷо будааст?
2. Мақсади сафари Камоли Хуҷандӣ ба Ҳиҷоз ва Табрез чӣ буд?
3. Дар бораи дӯстии Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ чӣ медонед?
4. Мероси адабии Камолро номбар кунед.

ҒАЗАЛИЁТ

Омад даруни дил ғамат, дигар намеояд бурун,
Савдои он зулфи сияҳ аз сар намеояд бурун.

Шавқи биҳишту ҳури ин, савдои ону фикри ин,
Аз дил бурун омад, вале дилбар намеояд бурун.

То рух напӯшӣ, кай шавад аз дида ашки мо равон?
Пинҳон нагашта Офтоб, ахтар намеояд бурун.

То дил нарӯфтам аз ҳама, нақше дар ӯ пайдо нашуд,
Оинаро бе сайқале гавҳар намеояд бурун.

Гуфтӣ: Бурун ой аз дарам, биншин ба хоки остон,
Шаҳ ҳар чӣ гӯяд з-он сухан чокар намеояд бурун.

То ту наронӣ, кай равад аз кӯи ту дилҳои мо
Норонда ҳукме подшо, лашкар намеояд бурун.

Аз ғамза чашми хуният бар реши дил зад ништаре,
Хунҳо бурун омад, вале ништар намеояд бурун.

Чашми Камол аз талхии ҳаҷри ту шуд гавҳарфишон,
Бе талхие аз баҳрҳо гавҳар намеояд бурун.

* * *

Маро ба гуфти касон чун қалам марон аз пеш,
Ки ман зи дасти ту хоҳам гирифт худ сари хеш.

Чу дил ҳадиси ту гӯяд, зи дида хун бичакад,
Равад ҳар оина хун чун даҳан кушояд реш.

Агар ба реши дилам неши тез дарнигарад,
Дар он назора зи ҳайрат фурӯ равад сари неш.

Ба дасти он накунад дил, ки баркашӣ аз кеш.
Ба ҳалқаҳои ғуломӣ маро гарон шуд гӯш.

Чунон ки нашнавам ин бор панди некандеш
Дило, бибоз сару ҷон ба расми дарвешӣ.

Мазиди ҷавр зи дил кам накард меҳри Камол,
Чаро, ки ҷаври ту беш асту меҳр беш аз пеш.

* * *

Мо дар ин шаҳр ба доми санаме дар бандем,
Ки ба дашном аз ӯ шоду ба ғам хурсандем.

Ҳамчу паргор зи ёрем ҷудо, саргардон,
То дар ин доира кай боз ба ҳам пайвандем.

Дар ғами фурқати ӯ нолакунон бо дили реш,
Гаҳ-гаҳе зор бигирйему гаҳе механдем.

Аз дили сӯхтаи мо чӣ хабар дорад шамъ,
Беш аз ин нест, ки дар гиря ба ҳам монандем.

Як раҳ аз боди саҳар пурс, ки мо дилшудагон,
Ҷамъ дар ҳалқаи он зулфи парешон чандем.

Шарҳи он зулфи пароканда дароз аст, мапурс,
Беҳтар он аст, к-аз қисса забон дарбандем.

Гарчи риндему назарбоз, макун айб Камол,
Ин ҳунар бас, ки на сӯфиву на донишмандем.

* * *

Ошӯби ҷонӣ, шӯхӣ ҷаҳонӣ,
Беэътиқодӣ, номеҳрубонӣ.

Аз пеши хешам то чанд ронӣ,
Заҳри фироқам то кай чашонӣ.

Ман меҳр варзам оре, ман инам,
Ту, кина варзӣ оре, ту онӣ.

Гоҳам навозӣ, гоҳам гудозӣ,
Гоҳе чунинӣ, гоҳе чунонӣ.

Бе ҷурм куштан ҳар дам якеро
Натвон, валекин ту метавонӣ.

З-ин сон, ки дорӣ аз хеш дурам,
Гар мирам аз ғам, аз ман надонӣ.

Гуфтам: Нисорат созам дури ашк
Гуфто: Чӣ гӯям? Дур мечаконӣ.

Бо ту чӣ монад Хизру Масеҳо,
Умре ту ҳаргиз бо кас намонӣ.

Гар аз Камол, эй мӯнис, малӯли
Рафтам зи кӯят, бурдам гаронӣ.

* * *

Боз ид омаду лабҳо зи тараб[1] хандон шуд,
Шодии ид ба дидори ту сад чандон шуд.

Моҳ дар ид напӯшад руху бошад пайдо,
Парда бадор, ки дигар натавон пинҳон шуд.

Абруят дод ба мардум зи маҳи ид нишон,
Ҳамаро чашм ба наззораи ӯ ҳайрон шуд.

Ҳар ки дидат чу маҳи ид шаб аз гӯшаи бом,
Маст чун чашми ту дар хонаи худ ғалтон шуд.

Писта ҳар ид гарон будиву бодом бақадр,
Аз лабу чашми ту ин ид ҳама арзон шуд.

Одат ин аст, ки дар ид нахустин бикушанд
Ғамзаро, аз чӣ ба нокуштани ман фармон шуд?

Сабр то иди дигар чун натавонист, Камол,
Кард иди дигару бар дари ӯ қурбон шуд.

* * *

Ҳар гул, ки зи хоки ман бирӯяд,
Ошиқ шавад он, ки он бибӯяд.

Дар домани дӯст хоҳад овехт
Хоре, ки зи турбатам[2] бирӯяд.

Маъшуқ шаҳиди ишқи худро
Бо ашк бишӯяду бимӯяд[3].

---

[1] *Тараб* — шодӣ, сурур.
[2] *Турбат* — гӯр.
[3] *Бимӯяд* — гиряву нола кардани баовоз.

То дида шавад ба хоки он пой,
Ошиқ раҳи ӯ ба дида пӯяд[1].

Хубон ҳама рӯ ба об шӯянд,
Рухсори ту обро бишӯяд.

Ҷӯяд дилам он даҳан ҳамеша,
Чизе, ки наёфт, кас чӣ ҷӯяд?

Васфи даҳанат Камол доим
Дар қофияҳои танг гӯяд.

* * *

Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб[2],
Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб.

Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардамбесару бепо ғариб.

Чун ту дар ғурбат[3] наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли ман?
Меҳнати[4] ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло[5] ғариб.

Ҳаргиз аз рӯйи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист
Ҳоли зори мустаманди[6] монда дур аз мо ғариб.

Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ,
Дар чунин шаҳре ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин[7] Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб

* * *

Ай дил, ин бечорагиву мустамандӣ то ба кай?
Чун надорӣ рӯйи дармон, дардмандӣ то ба кай?
Бар дили пурхуни ман бигрист имшаб чашми ҷом,
Шамъи маҷлисро бигӯ, к-ин хирахандӣ то ба кай?
Аз ҳаводории мову ту чу мустағнист[8] ёр,

---

[1] *Пӯяд* — тай кардан
[2] *Ғариб* — каси аз хонумон аз ватан дурафтода, танҳо, бекас.
[3] *Ғурбат* — ғарибӣ, бекасӣ.
[4] *Меҳнат* — азоб, ранҷ.
[5] *Илло* — ғайр аз, ба ҷуз.
[6] *Мустаманд* — бечора, ғамгин, андӯҳгин.
[7] *Мискин* — бечора, оҷиз, фақир.
[8] *Мустағнӣ* — бениёз

Ай рақиб, ин чоплусиву лавандӣ то ба кай?
Пеши қадди ёрам, эй сарви сиҳӣ[1], шарме бидор,
Дар чаман бо пӯйи чӯбин сарбаландӣ то ба кай?
Бо ту худро кард монандӣ гул аз боди ҳаво,
Гуфт дар рӯяш сабо, к-ин худписандӣ то ба кай?
Ҳамзаи ҷодуят аз мо чанд пӯшонад назар?
Оламе кардӣ мусаххар[2], чашмбандӣ то ба кай?
Гӯиям ҳар дам, ки берун рав зи шаҳри мо, Камол!
Ин самардқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?

* * *

Бе ту маро зиндагӣ ба кор наёяд,
Неъмати бедӯст хушгувор наёяд.
То ту наёӣ чу орзу ба канорам,
Ҳеҷ муродем дар канор наёяд.
То надиҳӣ зулфи беқарор ба дастам,
Хотири ман бар сари қарор наёяд.
Гар саги худ хониям иҳонати[3] туст он,
Варна маро з-ин ҳадис[4] ор наёяд.
Чашми аёдат аз ӯ кирост, ки агар низ,
Хок шавам, бар сари мазор наёяд.
Кас натавонад гирифт он расани зулф[5],
То бар сари худ ба пойи дор наёяд.
Нақди ду олам бинеҳ, Камол, ки он ҷо
Ҷони гаронмоя дар шумор наёяд.

Пурсиш ва супориш

1. Мавзӯи ғазалҳои шоирро кадом масъала ташкил медиҳад?
2. Аз синфи 6 ғазали «Дар ёди Ватан»-и шоирро ба хотир ored. Мазмуни он чӣ гуна буд?
3. Чаро шоир дар бораи ватани худ бо сӯзу гудоз менависад?
4. Ғазалҳоро аз ёд кунед.

---

[1] *Сиҳӣ* — баланд, рост.
[2] *Мусаххар* — тасхиркардашуда, мағлубкардашуда.
[3] *Иҳонат* — хақиру хор пиндоштан.
[4] *Ҳадис* — сухан.
[5] *Расани зулф* — ба маънии асрори ҳақ омадааст.

САНЪАТҲОИ МАЪНАВӢ

Санъатҳои бадеӣ ё санъатҳои тасвири бадеӣ ин усул ва тарзи истифодаи мақсадноки вожаву ибора ё худ тарзи хоси баён мебошанд, ки барои ифодаи матлабе дар шаклу тобиши нав ба кор бурда мешаванд. Санъатҳои бадеӣ дар адабиёти тоҷик ба ду гурӯҳ тақсим карда шудааст: санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ.

Он санъатҳое бадеие, ки ба вожаву ибораҳо тобишҳои гуногуни маънавӣ, тасвирҳои шоирона медиҳанд ва мазмуни маънавии шеърро амиқ, суфта ва рехта мекунанд, **санъатҳои маънавӣ** номида мешаванд.

Ба санъатҳои маънавӣ тасвири воситаҳои бадеӣ чун ташбеҳ, маҷоз, истиора, киноя, талмеҳ, муболиға, ташхис, мутобиқа, муқобила ва ғайра дохил мешаванд.

Қариб тамоми шоирон ба санъатҳои маънавӣ такя мекунанд. Чунки бидуни истифода аз санъати маънавӣ хушоянда, дилписанд, марғубу хотирнишин таълиф намудани асари бадеӣ имкон надорад. Осоре, ки ба санъати маънавӣ робита надорад, аслан дар адабиёт бепоя дониста мешавад ва он маҳбубият пайдо намекунад.

Миқдори санъатҳои бадеӣ ва тобишҳои маънавии онҳо ба якчанд омилҳо ба монанди сохти ҷомеаи инсонӣ, ҳодисаву воқеаҳои иҷтимоиву таърихии инсон, ҷараёни инкишофи олами набототу ҳайвонот, табиати забони халқҳо, тамаддуни мардум, завқи эстетикии халқи соҳибадабиёт робитаи қавӣ дорад. Масалан, дар адабиёти тоҷик, ки таърихи басо қадиму ғаниро дорост, бештар аз сесад санъати бадеӣ қаламдод шудааст. Сабаби зиёдии санъатҳои бадеӣ бахусус санъати маънавӣ дар адабиёти мо ва ба тақозои одобу ҳусни сухан ва фарҳанги мардум ҷавоб дода тавонистани онҳо аз як тараф ба нафосату назокати забон вобаста бошад, аз тарафи дигар маҳз таърихи тӯлонии адабиёт ба ин алоқамандии зич дорад.

Дар забони зиндаи гуфтугӯӣ ҳам санъатҳои маънавӣ фаровон истифода мешаванд. Масалан, то ба имрӯз миқдори зарбулмасалу

мақолҳои забони тоҷикӣ рӯзафзун бештар мегарданд. Пояи ҳама гуна зарбулмасалу мақолҳо санъатҳои маънавист.

Санъатҳои маънавӣ бо тамоми назокату фасоҳати худ дар осори классикони шеъру ғазал ба монанди Ҳофизу Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон зуҳур ёфтаанд.

Масалан, Ҳофиз дар ашъори худ ба риёву фиреб ҳамла карда, онҳоро таъна карда мегӯяд:

Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.
Мушкиле дорам, зи донишманди маҷлис боз пурс,
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?
Гуиё бовар намедоранд рӯзи доварӣ,
К-ин ҳама нақши дағал дар кори довар мекунанд.

Дар ин мисраъҳо ӯ гоҳе пинҳонӣ, гоҳе ошкоро чеҳраи ҳақиқии воизони зоҳидони риёкорро нишон доданӣ мешавад, ки ин дар навбати худ таҷассуми санъати маънавӣ бо истифода аз воситаҳои тасвири гуногун мебошад.

Пурсиш ва супориш

1. Санъатҳои бадеӣ чанд намуд доранд?
2. Санъати маънавӣ чист?
3. Санъати маънавӣ ба кадом воситаҳои тасвир такя мекунад?
4. Аз ғазали Ҳофиз кадом маъниро бардоштан мумкин аст?
5. Истифодаи санъати маънавиро дар зарбулмасал ва мақолҳо шарҳ диҳед.



ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ
(1321 — 1389-90)

Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву
хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад
фалак иқди Сурайёро.

Падари Ҳофиз аслан исфаҳонӣ буда, бо тоҷирӣ машғул буд. Барои ривоҷи кори савдо ӯ ба Шероз омада, солҳои беҳтарини умри худро дар ин ҷо мегузаронад. Ҳофизи Шерозӣ соли 1321 дар ҳамин шаҳри зебоманзари хушҳаво дида ба дунё мекушояд. Лекин, тақрибан дар 6—7 солагияш аз падар ятим монда, бо модараш дар ҳоли бечорагӣ мемонад. Ӯ аз тифлӣ ба хизматгорӣ даромада, зери лағаду азобҳои зиёди хӯҷаини худ мемонад. Дертар ӯ аз он ҷо гурехта ба хизмати нонвой медарояд.

Ҳамин тавр, солҳо сипарӣ мешаванд. Аз субҳ то шом ӯ меҳнат мекард, то худ ва модари худро аз гуруснагӣ эмин дорад. Ҳар гаҳ гузораш аз назди мактабхонаи маҳалла мегузашт ва ӯро ҳаваси дарсхонӣ бедор мешуд. Рӯзе ин матлаби худро ба муаллим баён мекунад. Муаллим аз ӯ пул талаб мекунад. Нонвое, ки Ҳофиз хизмати ӯро мекард, шунавида розӣ мешавад, ки ба ӯ ёрӣ расонад. Ҳамин тавр, ӯ ба сабақомӯзӣ бо рағбати том машғул мешавад.

Дар яке аз дӯконҳои маҳалла шоирон, базлагӯён, қиссахонон, соҳибзавқон ҷамъ шуда суханҳои ширин мегуфтанд, шеърҳо мехонданд, «Шоҳномахонӣ» мекарданд ва сӯҳбатҳои тӯлонӣ меоростанд. Ба Ҳофиз низ ин сӯҳбатҳо гуворо буда, ҳар гаҳ ӯ ба онҳо гӯш меандохт, дар дили Ҳофизи ҷавон орзуи суханварӣ камол меёфт.

Ҳамин тавр, ӯ шомили мадраса шуда, Қуръонро ба пурраги аз ёд карда, бо чордаҳ тарз ё оҳанг мехондагӣ

шуд. Табъи баланди шоирӣ ва ҳофизаи қавӣ ӯро ба ғазалсароӣ ҳидоят мекунад. Акнун дар сӯҳбатҳои дилнишини аҳли адаби Шероз ӯ беҳтарин ғазалҳои эҷодкардаи худро мехондагӣ мешавад.

Бузургтарин таърихнигори тоҷик Бобоҷон Ғафуров дар «Тоҷикон» ном асари худ вазъи сиёсию иҷтимоии замони зиндагии Хоҷа Ҳофизро хеле мушаххас ба қалам додааст. Замони зиндагии Ҳофиз даврони басе фитнаангез, пур аз ҷангу ҷидол ва задухӯрдҳои дохилию беруна буд. Махсусан, дар замони ҳукуматдории Амир Муборизиддин вазъи зиндагии мардум хеле вазнин мешавад, ки дар баъзе ғазалҳои Ҳофиз вазъи замон ва норизоӣ аз он мавқеи ба ришстаи тасвир кашида шудааст:

Агарчӣ бода фараҳбахшу бод гулбез аст,
Ба бонги чанг махӯр май, ки мӯҳтасиб тез аст.

Суроҳиеву ҳарифе гарат ба чанг афтад,
Ба ақл нӯш, ки айём фитнаангез аст.

Вазъи сиёсӣ дар замони зиндагии Хоҷа Ҳофиз хеле муташанниҷ буда, мамлакат дар натиҷаи задухӯрдҳои пайдарпай харобу абгор гашта буд. Зиддиятҳои дохилӣ ва низоъҳои байни амирон мамлакатро ба парокандагӣ оварда буд. Бар замми ин ҳуҷуми Амир Темур соли 1387 давлати Форсро ба харобӣ овард.

Боре Амир Темур, ки аз Шероз гузар дошт, талаб мекунад, ки Ҳофизро назди ӯ оранд. Ҳофиз назди ӯ бо либосҳои ҷандаи фақирона ҳозир шуда, мунтазири пурсиш мешавад. Амир Темур аз ӯ пурсид:

— Эй мард, ин байтро ту гуфтаӣ?

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

«Охир ман ранҷе кашидам, то Самарқанду Бухороро обод кунам, ту онро ба як холи ҳинду мебахшӣ?

Ҳофиз пас аз сукуте ба либосҳои фақиронаи худ ишора карда мегӯяд:

— Эй султони олам, аз ҳамин бахшандагиҳост, ки ба ин рӯз афтодам».

Амир Темур аз ин ҷавоби Ҳофиз ба завқ омада, табассуме мекунад.

Ҳофиз низ мисли дигар адибон ҳаёти пурфоҷиаро аз сар гузаронидааст. Лекин сахтиҳои рӯзгор, қасдҳои бади ҳасудон Ҳофизи хоксор ва фурӯтанро шикаста натавонистанд. Шеъри Ҳофиз саросари ҷаҳонро мафтун месохт.

Бо вуҷуди ин гуна нобасомониҳо Ҳофиз зодгоҳи худ шаҳри Шерозро дӯст медошт ва дар ғазалҳои худ онро тараннум менамуд:

Шерозу оби Рукниву ин боди хушнасим,
Айбаш макун, ки холи рухи ҳафт кишвар аст.

Овозаи Ҳофиз ба кишварҳои дуру наздик паҳн мешавад. Ғазалҳои ӯро дар Ҳиндустону Туркистон, Хуросону Ироқ ва Мовароуннаҳру Озарбойҷон замзама мекунанд. Дар ин бора худи шоир мегӯяд:

Зи шеъри Ҳофизи Шероз мехонанду мерақсанд,
Сияҳчашмонони кашмириву туркони самарқандӣ.

* * *

Ғазалсароии Ҳофиз бад-он расид, ки чарх
Навои Зӯҳра ба ромишгарӣ биҳишт аз ёд.

Мероси адабӣ

Осори адабии Хоҷа Ҳофизро 495 адад ғазал, 34 адад қитъа, 2 адад маснавӣ ва 41 адад рубоӣ ва 1 адад «Соқинома» ташкил медиҳад. Аз Ҳофиз то замони мо як девони куллиёт омада расидааст, ки аз рӯи маълумоти тазкиранигорон мураттиби он девон Муҳаммад Гуландом аст.

То имрӯз якчанд нусхаҳои девони Ҳофиз мураттиб гардидааст, ки мукамалтарини он нусхаҳои дар Эрон таҳиягардидаи Халхолӣ, Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ мебошад. Ғазалҳои Ҳофиз шӯҳрати беандоза касб карда, ба забонҳои дунё тарҷума ва нашр гардидааст.

Нисбати девони Ҳофиз, махсусан ғазалҳои ӯ шарҳу тавзеҳоти зиёд таълиф ёфтааст, ки дар роҳи маърифати осори Ҳофиз аҳамияти махсус доранд. Аз ҷумлаи он асарҳо «Фол-

нома»-и Муҳаммади Ҳаравӣ (асри XVI), шарҳҳои Фатҳуллоҳ Алӣ (1858), Фунунӣ, Муҳаммад Содиқ Алӣ ва дигарон ба забони форсӣ-тоҷикӣ, «Фолнома»-и Мулло Ҳусайни Кифалӣ (соли 1577) ба забони туркӣ, «Шарҳи девони Ҳофиз»-и Сурурӣ, Шамъӣ ва Судии Буснавиро номбар кардан мумкин аст.

Дар эҷодиёти Ҳофиз жанри ғазал мақоми хоса дорад. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират ушшуаро» менависад, ки «Нодираи замон ва аъҷубаи ҷаҳон буда. Ва сухани ӯро ҳолатҳоест, ки дар ҳавзаи тоқати башарӣ дарнаёяд. Ва бузургон ӯро лисонулғайб ном кардаанд. Ва сухани ӯ бетакаллуф асту сода, аммо дар ҳақоиқу маориф доди маъниҳо дода...»

Сифатҳои нек, некӯкорию ғамхорӣ, меҳру муҳаббат ба инсон мазмуни асосии шеърҳои ӯро ташкил медиҳад. Чакомаҳои ӯ саросар панди зиндагиянд. Шоир дар яке аз ғазалҳояш чунин мегӯяд:

Панди Ҳофиз бишунав, хоҷа, бирав некӣ кун,
Ки ман ин панд беҳ аз дурру гуҳар мебинам.

* * *

Мабош дар пайи озору ҳар чӣ хоҳӣ, кун,
Ки дар тариқати мо ғайр аз ин гуноҳе нест.

* * *

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Аҳволи бади иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, вазъияти ошуфтаву вайроншуда, харобиҳои маънавӣ, дурӯягию молимардумхӯрӣ, хиёнату шармандагиҳо ва дигар нобасомониҳо сиришти инсонии пири Шерозро озурда менамуд ва доду фиғонашро баланд мекард, ки дар чунин сатрҳояш намоён аст:

Ҷаҳон пир асту бе бунёд, аз ин Фарҳодкуш фарёд!
Ки кард афсуну найрангаш малӯл аз ҷони Ширинам!

Шоир ҳамеша хушбахтии инсонро орзу мекард. Ӯ ба ояндаи саодатманд бо чашми умед менигарист:

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгоре чун шакар ояд.

Булбули ошиқ, ту умр хоҳ, ки охир,
Боғ шавад сабзу шохи гул ба бор ояд.

Дар эҷодиёти Ҳофиз ишқ бар хилофи ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии онвақта, аҳкоми дину шариат мавқеи баланд дорад. Дар он вақтҳо чи дар Шарқу чи дар Ғарб овози машъуми зоҳидону роҳибон шунавида мешуданд. Бар зидди ҳамин гуна бемаънигиҳои замона Ҳофиз бо ғазалҳои шакбораш ба ҳукму эътиқоди аҳли дину риё, ки ишқу муҳаббати моддиро инкор мекарданд, баромад кардааст:

Ишқбозию ҷавонию шароби лаълфом,
Маҷлиси унсу ҳарифи ҳамдаму шурби мудом.

Соқии шаккардаҳону мутриби ширинсухан,
Ҳамнишине неккирдору надиме некном.

Шоҳиде аз лутфу покӣ рашки оби зиндагӣ,
Дилбаре дар ҳусну хубӣ ғайрати моҳи тамом.

Аз мисраъҳои болоӣ маълум мешавад, ки ошиқон дар назари Ҳофиз ҳамчун мардумони маърифатпарвар, соҳиби камолот, ахлоқи писандида ва инсонҳои озод мебошанд.

Такрори афкори олӣ, истифодаи оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбар низ дар эҷодиёти ӯ бармехӯранд:

Ба ҳеҷ вирди дигар нест ҳоҷат, эй Ҳофиз,
Дуои нимшабу дарси субҳгоҳат бас!

Ҳофизо, дар кунҷи фақру хилвати шабҳои тор
То бувад вирдат дуову дарс Қуръон ғам махӯр.

Дуои субҳу оҳи шаб калиди ганҷи мақсуд аст,
Ба ин роҳу равиш мерав, ки бо дилдор пайвандӣ.

Бо ин ғазали худ Ҳофиз қайд мекунад, ки агар дили шабу дили Қуръону дили бандаи мӯъмин мувофиқ оянд, дуои мӯъмин мустаҷоб мегардад, ҳамчунин субҳгоҳон,

вақте инсон тоза аз хоб бармехезад ва рӯ ба тоату ибодат, омӯзишу кор мениҳад, файзу барака ба ӯ насиб мегардад.

Ғазалҳои Ҳофиз бо забони содаву равон, бо истифода аз калимаҳои шинаму гӯшнавоз таълиф ёфтаанд.

Дар ҳақиқат, ашъори Ҳофиз тӯли асрҳост, ки ақлу хиради инсониро тасхир кардааст. Садҳо намояндагони илму фарҳанг назди афкори ҷовидонии ӯ сари таъзим фуруд оварда, ба ибораи Ҳёте орзу карданд, ки «агар рӯзе дунё ба сар ояд, зй Ҳофизи осмонӣ, орзу дорам, ки танҳо бо ту ва дар канори ту бошам, ҳамроҳи ту бода нӯшам ва чун ту ишқ варзам, зеро ки ифтихори зиндагӣ ва мояи ҳаёти ман астӣ».

Тамоми умри Хоҷа Ҳофиз дар Шероз гузашт. Ӯ соли 792 мутобиқ ба соли 1390 мелодӣ, тахминан дар синни 65-солагӣ аз олам гузаштааст. Замони пур аз фоҷиа ва дасисаҳои дарборию ҷангҳои дохилию беруна имкони орому осуда умр ба сар бурдани шоирро ҳамешагӣ халалдор мекард. Аз ин лиҳоз, Хоҷа Ҳофиз бо ҳасрату надомат аз замони носозгор шикоят менамуд:

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?

Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?
Хун чакад аз шохи гул, боди баҳоронро чӣ шуд?

Садҳазорон гул шукуфту бонги мурғе барнахост,
Андалебонро чӣ пеш омад, ҳазоронро чӣ шуд?...

Пурсиш ва супориш

1. Бачагии Ҳофиз чӣ гуна буд?
2. Меҳри Ҳофиз нисбат ба адабиёт аз куҷо манбаъ гирифтааст?
3. Дар бораи оғози шӯҳрати адабии Ҳофиз нақл кунед.
4. Мазмун ва мундариҷаи ғазалиёти Ҳофиз аз чӣ иборат аст?
5. Муайян кунед, ки кадом ғазалҳои машҳури Ҳофизро ҳофизони машҳури тоҷик месароянд.
6. Мустақилона аниқ кунед, ки чаро сурудхононро ҳофиз мегӯянд? Номи Ҳофизи Шерозӣ бо маънои «ҳофиз» чӣ қаробат дорад?

ҲОФИЗНОМА

Аълохон Афсаҳзод

(порча)

Шамсиддин Муҳаммад тақрибан то 6—7 солагиаш дар зери боли падар, дар оғӯши модар бо фароғат мехуспид, бо хандаҳои ширини кӯдаконаи худ ба дили падару модар олам-олам хурсандиву шодӣ меовард. Вале ҳанӯз ӯ тифли 6—7 сола буд, ки дар хонаводаи онҳо ҷои хушбахтиро ғаму андӯҳи ҷонкоҳ фаро гирифт. Падари Шамсиддин Муҳаммад ҷавонмарг шуда, хонаро ба ғамобод табдил дод. Бародарони Шамсиддин Муҳаммад, ки чандон аз худи ӯ калон набуданд, ҷавонони нозпарварди коҳиле буданд. Аз ин рӯ мероси боқигузоштаи падарро дар як муддати кӯтоҳе ба боди фано дода, сару сомони худро гум карданд. Кор ба ҷое расид, ки онҳо модару додари хурдсоли худро ба дасти тақдир супурда, ҳар кадоме дар ҷустуҷӯи бурдаи нон ба шохаҳои дигар рафтанд.

Шамсиддин муҳаммади хурдсол бо модараш дар ватани худ монд. Онҳо либосу палосе ва ризқу рӯзие надоштанд. Шабу рӯз ба умеди тӯъмае дар вайронаи худ менишастанд. Аз дасти модари бечора коре намеомад, ки нури чашми худро хӯронад ва пӯшонад. Ягона шодии кӯдаки 6—7 сола оғӯши пурмеҳри модари лоғар ва гурусна буд. Парешонии рӯзгор ба ҷое расид, ки модари бечора писараки хурдакаки худро ба яке аз аҳли маҳалла ба хидмат супурд. Тифли 7—8 сола ба ҳавлии хӯҷаинаш об меовард, ба ҳавлии дарун ҳезум медароварда, ба кӯдаки соҳибхона нигоҳубин мекард ва ба арақи ҷабин қути лоямуте ба даст оварда бо модараки бечораи пуркулфати худ бахш мекард. Аммо хӯҷаини Ҳофиз марди бераҳме буд, ӯро баҳудаву беҳуда мезад, лагадкӯб мекард, хуллас азоб медод. Ҳанӯз чашми рӯз накафида садои дурушти ӯ мебаромад:

— Ятимча, хез аз хоб, нисфи рӯз шуд, аз туро бедор кардан мурдаро аз гӯр хезондан осонтар аст...

Шамсиддин Муҳаммад андак, ки худро шинохт, аз рафтори он мард нафрат карда, аз даргоҳи ӯ баромада рафт. Аммо ба куҷо мерафт, чӣ коре мекард? Худ ва

модарро хӯрондан ва пӯшондан лозим буд. Рӯзе бо хотири парешон дар кӯчаҳои шаҳр сарсарӣ мегашт. Аз паҳлӯи хоначаи хурди фарсудае гузашт. Ин хонача назарногир буд. Аммо Шамсиддин Муҳаммад ҳангоме аз паҳлӯи он мегузашт, бӯи дилпазири нони гармаки кунҷитдор ба машоми ӯ расида, иштиҳояшро ба ҳаракат оварда. Акнун ба ёдаш омад, ки аз субҳ луқмае ба даҳон нагирифтааст.

Беихтиёр фурсате он ҷо истод. Аз дарун кӯза дар даст нонво баромада, писаракро дид ва кӯзаро ба дасти ӯ дода фармуд, ки аз ҷӯ об биёрад.

Шамсиддин Муҳаммад обро оварда ба дари дӯкон гузошт. Вале дӯкондор боз ба ӯ кор фармуд. Ба ҳамин тариқ ӯ ба хидмати ин нонво даромада, ба хамиргирӣ шогирд истод. Меҳнати ин корхона басе тоқатшикан буд. Писараки 10—12 сола ба хар савор шуда рафта аз осиё орд меовард, аксари шабҳо аз нимишаб то дамидани сафедии бомдод машғули хамиргирӣ мешуд, ба дегдон алав мемонд, нонҳои аз танӯр кандашударо тунук мекард, баъди гармиашон фуромадан ҷамъ оварда, дар корсонҳо ҷо мекард. Баробари рӯз оғоз шудан дӯкондор нонҳои гарми худро ба бозор мебароварда. Шамсиддин Муҳаммад ҳам музди худро гирифта, ба сӯи модари чашм ба роҳ мешитофт. Модари бечора аз як тараф заҳмати тоқатфарсои нури дидаи худро дида, хӯрданию нӯшиданӣ дар комаш заҳр мегашт, аз тарафи дигар луқмаи бо арақи ҷабин ёфтаи писарчаи худро ба даҳон партофта, аз дастёр шудани писараш қабат-қабат гӯшт мегирифт.

Дидори модар ва меҳри ӯ кӯфтагии шабонаро дар як он мебароварда. Чанд дақиқа нагузашта кӯдаки кӯфташударо дар кулбаи модар хоб мебурд. Ҳамин аҳвол рӯзҳо, моҳҳо, солҳо давом мекард.

Дар маҳаллае, ки Шамсиддин Муҳаммад кор мекард, мактабхонае буд, ки аксари бачагони доро дар он ҷо дарс мехонданд. Шамсиддин Муҳаммад ҳар рӯз аз он роҳ гузашта дарсхонии онҳоро дида, ҳавасаш меомад. Ғулғулаи бачаҳои толиби илм, ки дар атрфи устоди худ ҳалқа зада менишастанд, баҳс карда хондани онҳо, ӯро ба шавқ меовард. Охир, чӣ навъ ӯ ба шавқ наояд? Бачаҳое, ки ҳарфҳоро медонистанд, китобҳоро мехонданд, ҳатто асрори ни-

ҳони онҳоро мефаҳмиданд. Аз ҳамин ҷиҳат вай ҳар бор, ки аз паҳлӯи ин мактабхона мегузашт, муддате истода, ба дарсхонии бачаҳо наззора мекард.

Рӯзе ӯ бо муаллим вохӯрда матлаби худро аён кард. Муаллим барои хондан пул талаб кард. Аммо ятими бечора пуле ва бизоате надошт. Вай бо як азоб рӯзи худ ва модарашро мегузаронд. Аммо шавқи хондан ӯро ором намегузошт. Хаёлаш ба олами орзӯ парвоз мекард, ақлаш роҳ меҷуст, шавқ ӯро ба сӯи мактаб раҳнамун мешуд. Вай азми қатъӣ кард, ки бояд хонад. Ин хабар ба гӯши нонво ҳам расид. Ӯ ки ба ин писараки поксиришти гапдаро дил баста буд, рӯзе дар омади гап пурсид:

— Ту хондан хостаӣ, Шамсиддин?

— Бале, — ҷавоб дод писарак.

— Фикр кун, писарам, илму маърифат нуру рӯшноист, лекин шиками касеро сер намекунад, беҳтараш ҳунар омӯз. Ҳунар аз ганҷ беҳ, — нонво мехост боз суханашро давом диҳад.

Вале Ҳофиз сухани ӯро то ин ҷо гӯш карда, ҷавоб дод:

— Майлаш гурусна бошам, аммо мехоҳам каме хондану навиштанро ёд гирам.

Масъала ин тавр ҳал шуд: Шамсиддин Муҳаммад муздди аз нонвой мегирифтаашро ҳар рӯз се ҳисса мекард: якеро ба модар мебурд, дигареро ба мактабдор медод, сейӯмро барои худ мемонд. Лекин ҳиссаи худро боз ба ду тақсим карда, як қисмашро худ барои қути лоямут сарф мекард ва қисми дигарро ба бечораҳо ва дармондагон мебахшид.

Зиндагии Шамсиддин Муҳаммад боз ҳам сахттар шуд. Ҳамаи бачагони шарикдарси ӯ ба ҷуз хондан вазифаи дигаре надоштанд. Вай бошад тамоми шаб мижа таҳ накарда, дар дӯкони нонпазӣ обу арақ резонда кор мекард. Субҳ ба кулбаи модар баргашта, бахши ӯро ба вай супурда, ба мактабхона меомад ва ба хондани дарс машғул мешуд. Ақли расо, заковати фитрӣ, ҷидду ҷаҳд, меҳнатдӯстӣ ва ҳофизаи фавқулоддаи Шамсиддин Муҳаммад муалимро ба ҳайрат мегузошт...

Дар наздикии маҳаллае, ки Ҳофиз мезист, баззозе дӯконе дошт. Он баззоз аз аҳли завқ ва мухлиси шеъру каломи бадеъ буд. Вай ҳар бегоҳи ҷумъа баъди намози пешин дӯкони

худро об зада меруфт ва ба болои он палоси нимдоштеро густурда, дар мобайни он як лаълиро бо каме қурсу қанд мегузошт. Шоирон, базлагӯён, қиссахонон, соҳибзавқон ба ин ҷо омада бо ҳам мусоҳиба мекарданд. Шоирон шеърҳои нави худро мехонданд. Мардум ҳам дар атроф ҷамъ шуда, дурре ба гӯшвори худ аз он сӯҳбатҳо дармеёфтанд. Ширинсуханӣ, завқмандии онҳо ба Ҳофиз басе хуш омада буд. Худ ба худ ӯ мегуфт: «Ин гурӯҳ беҳтарин одамон ҳастанд»...

Дар ин маҷлисҳо «Шоҳномахонӣ» ҳам мешуд. Аммо дар ин ҷо «Шоҳномахонӣ» кайфи махсусе дошт. Зеро дар атрофи Шероз ёдгориҳои зиёди замонҳои қадим мавҷуд буданд, ки онҳо бо қаҳрамонони «Шоҳнома» вобастагӣ доштанд....

Чунин сӯҳбатҳо дар дили Шамсиддин орзуе ба вуҷуд овард, ки аз қабили суханварон шавад. Ӯ худ шеър мегуфт, гуфтаҳои худро гаштаву баргашта такрор мекард. Ба назараш чунин менамуд, ки дурри маънӣ суфтааст ва бояд онро ҳама хонанд, гӯш кунанд ва донанд. Вале ҳаё монеъ мешуд, ки гуфтаҳои худро ба гӯши касе расонад. Шояд аввалин бор ин розро ӯ ба модари мушфиқи худ кушода бошад. Номи шоирӣ ӯро оҳиста-оҳиста ба худ асир мегардонд. Ӯ ашъори худро ба дигарон хонда ва ба худ «Ҳофиз» тахаллус интихоб менамояд.

Пурсиш ва супориш

1. Шамсиддин Муҳаммад дар чандсолагӣ аз падар ятим мондааст?
2. Аҳволи Шамсиддин чӣ гуна шуд?
3. Шамсиддин чӣ гуна ба мактаб даромад?
4. Кадом воқеаҳо шавқу ҳаваси Шамсиддинро нисбат ба шеър бедор кард?

ҒАЗАЛҲО

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам.
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.

Ҳар касе рӯзи беҳӣ металабанд аз айём,
Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам.

Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст,
Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам.

Аспи тозӣ шуда маҷрӯҳ ба зери полон,
Тавқи заррин ҳама дар гардани хар мебинам...

Ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад,
Ҳеҷ шафқат на падарро ба писар мебинам.

* * *

Сина моломоли дард аст, эй дареғо марҳаме,
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, худоро ҳамдаме,

Чашми осоиш кӣ дорад аз сипеҳри тезрав?
Соқиё, ҷоме ба ман деҳ то биёсоям даме!

Зиракеро гуфтам: «Ин аҳвол бин». Хандиду гуфт:
«Саъб рӯзе, булъаҷаб коре, парешон оламе!».

Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи Чигил,
Шоҳи туркон фориғ аст аз ҳоли мо, ку Рустаме?

Дар тариқи ишқбозӣ амну осоиш балост,
Реш бод он дил, ки бо дарди ту хоҳад марҳаме.

Аҳли кому нозро дар кӯи риндӣ роҳ нест,
Раҳраве бояд ҷаҳонсӯзе, на хоме, беғаме.

Одаме дар олами хокӣ намеояд ба даст,
Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме.

Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»

Гиряи Ҳофиз чӣ созад пеши истиғнои ишқ,
К-андар ин дарё намояд ҳафт дарё шабнаме.

* * *

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

Бидеҳ соқӣ, майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғмороро.

Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо!

Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт донистам,
Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.

Агар дашном фармоӣ в-агар нафрин, дуо гӯям,
Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакарҳоро.

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро:

Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,
Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.

Ғазал гуфтиву дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад фалак икди Сурайёро.

* * *

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем.

Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.

Шароби арғавониро гулоб андар қадаҳ резем,
Насими атргардонро шакар дар миҷмар андозем.

Чу дар даст аст руде хуш, бизан, мутриб, суруде хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.

Сабо, хоки вуҷуди мо бад-он олиҷаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро назар бар манзар андозем.

Яке аз ақл мелофад, дигар томот мебофад,
Биё, к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем.

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи хумат рӯзе ба ҳавзи Кавсар андозем.

Сухандониву хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки то худро ба мулке дигар андозем.

* * *

Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт.

Ман агар некам, агар бад, ту бирав, худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.

Ҳама кас толиби ёранд, чӣ ҳушёру чӣ маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чӣ масҷид, чӣ куништ.

Сари таслими ману хишти дари майкадаҳо,
Муддаъӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: сару хишт.

Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,
Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хубасту кӣ зишт?

На ман аз пардаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ биҳишти абад аст аз даст биҳишт.

Боғи фирдавс латиф аст, валекин зинҳор,
Ту ғанимат шумор ин сояи беду лаби кишт.

Ҳофизо, рӯзи аҷал гар ба каф орӣ ҷоме,
Яксар аз кӯйи харобот барандат ба биҳишт.

* * *

Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,
Ёд бод, он рӯзгорон ёд бод!

Комам аз талхии ғам чун заҳр гашт,
Бонги нӯши шодхорон ёд бод!

Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,
Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод!

Мубтадо гаштам да ин банду бало,
Кӯшиши он ҳақгузорон ёд бод.

Гарчи сад рӯд аст дар чашмам мудом,
Зиндарӯди боғкорон ёд бод!

Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,
Эй дареғо, роздорон ёд бод!

* * *

Мо зи ёрон чашми ёрӣ доштем,
Худ ғалат буд, он чӣ мо пиндоштем.

То дарахти дӯстӣ кай бар диҳад?
Ҳолиё рафтему тухме коштем.

Гуфтугӯ оини дарвешӣ набуд,
В-арна бо ту моҷароҳо доштем.

Шеваи чашмат фиреби ҷанг дошт,
Мо ғалат кардему сулҳ ангоштем.

Гулбуни ҳуснат на худ шуд дилфурӯз,
Мо дами ҳиммат ба ӯ бигмоштем.

Нуктаҳо рафту шикоят кас накард,
Ҷониби ҳурмат фурӯ нагзоштем.

Гуфт: «Худ додӣ ба мо дил, Ҳофизо!
Мо муҳассил бар касе нагмоштем».

* * *

Донӣ, ки чист давлат? Дидори ёр дидан,
Дар кӯйи ӯ гадоӣ бар хусравӣ гузидан.

Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил тавон буридан.

Хоҳам шудан ба бӯстон, чун ғунча бо дили танг
В-он ҷо ба некномӣ пироҳане даридан,

Гаҳ чун насим бо гули рози нуҳуфта гуфтан,
Гаҳ сири ишқбозӣ, аз булбулон шунидан,

Бӯсидани лаби ёр аввал зи даст магзор,
К-охир малул гардӣ, аз дасту лаб газидан.

Фурсат шумор сӯҳбат, к-аз ин дуроҳа манзил
Чун бигзарем, дигар натвон ба ҳам расидан.

Гӯйӣ бирафт Ҳофиз аз ёди шоҳ Яҳё,
Ё Раб, ба ёдаш овар дарвеш парваридан!

Пурсиш ва супориш

1. Аз мазмуни ғазалҳои дар китоби дарсӣ овардашудаи Ҳофиз муайян кунед, ки онҳо ба кадом мавзӯъ бахшида шудаанд?
2. Маънои байти «Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст, Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам»-ро чӣ гуна шарҳ медиҳед? Оё имрӯз низ аҳвол чунин аст?
3. Дар ғазалҳои Ҳофиз кадом воситаҳои тасвири бадеӣ истифода шудаанд?
4. Ғазалҳои болоиро аз ёд кунед. Калимаҳои душворфаҳмро ба дафтари адабиёт навишта, дар хотир доред.

АДАБИЁТИ ЎЗБЕК

ЁДГОРИҲОИ ХАТТИИ ТУРКӢ

Аз навиштаҷоти хаттии туркӣ то замони мо намунаҳои на он қадар зиёд омада расидааст. Қисми зиёди онҳо несту нобуд гаштаанд. Агар қисмеро барфу борон ва офатҳои дигари табиӣ аз байн бурда бошад, қисми дигар дар натиҷаи тохтутозҳои аҷнабиён ва ҷангҳои бесарусомон нобуд шудаанд. Лекин аз он қисми ёдгориҳои хаттии аз замонҳои қадим низ дар бораи адабиёт ва тамаддуни бойи туркони қадим маълумот гирифтан мумкин аст. Ин гуна сарчашмаҳо гувоҳи таърихи кишвари мо низ мебошанд.

Навиштаҷоти қадимтарини туркӣ бо номи «Туркий битиклар» машҳур мебошад. Яке аз чунин битик ё навиштаҷот «Ӯрхун ва Енисей» мебошад.

Чуноне, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, аввалин маълумотҳо дар бораи ёдгориҳои хаттии туркӣ дар давраи Пётри I пайдо шудаанд. Яке аз хизматчиён — дӯстдори таърих Ремезов дар бораи аввалин ёдгориҳои хаттии туркӣ дар болои сангҳо маълумот ба даст овардааст. Дертар аз суханҳои офитсери дар ҳабс будаи швед Иоган Страленберг дар бораи дар ҳавзаи дарёи Енисей болои сангҳо мавҷуд будани навиштаҷотҳои номаълум маълумот ба даст омадааст.

Соли 1889 тадқиқотчии рус Н.М.Ядринцев дар соҳили дарёи Ӯрхуни Муғулистон як қатор ёлгориҳои рӯисангиро пайдо мекунад. Аз ҳамин ҷост, ки ин навиштаҷотҳо бо номи «Ӯрхун ва Енисей» маълум ва машҳур шуда, хондани онҳо низ ба олимон муяссар шудааст.

Онҳо ба забонҳои уйғурӣ, суғдӣ, монӣ ва урёнӣ навишта шуда буданд, ки ба забони ҳозираи туркӣ қаробат доранд.

Ин гуна битикҳо дар санги сари қабр, санги мармар, оина, пӯст ва пӯстлохи дарахтон, сафол, чӯб ва зарфҳои филизӣ сабт ёфтаанд. Онҳо намунаи аз ҳама қадимтарин ва мукаммалтарини навиштаҷоти туркӣ ҳисоб меёбанд. Битикҳо аз эҷодиёти шифоҳии халқ ва мифҳо маншаъ гирифтаанд.

Дар яке аз чунин сарчашмаҳо дар бораи Кӯлтегин ном шахс чунин оварда шудааст: «Вақте дар боло осмони кабуд офарида шуду дар поён замини сиёҳ, дар байни ҳардуи инҳо фарзандони одам офарида шуд. Дар ҳукмронии ин фарзандони одам аҷдодони ман Буминҳоқон ва Истемиҳоқон нишастанд. Онҳо иттифоқи қабилаҳо ва барқарорсозии халқи туркро таъмин менамуданд...»

Маълум мешавад, ки чунин ёдгориҳои рӯисангӣ сарчашмаҳои мӯътақиди таърихӣ низ ба шумор рафта, дар бораи ҷараёни ташаккулёбии давлатдории халқҳои туркизабон маълумоти беназир медиҳанд.

Дигар сарчашмаи боэътимод ин ёдгории Талас мебошад. Он аз номи дарёи Талас, ки дар Айиртом ном маҳалли назди Ҷамбул (соли 1898) ёфта шудааст, гирифта шудааст. Ин навиштаҷот дар рӯи санг ҳаккокӣ шуда, дар бораи Чур ном шахс маълумот додааст. Ба чунин ёдгориҳои беназир ёдгории Судҷии Муғулистон, ёдгории аз назди дарёи Енисей ёфтшуда ва дар таърихи дертар «Фолнома» ном асарро низ шомил кардан мумкин аст.

То асрҳои XI—XII истифода аз илму адабиёт ва ба манфиати синфӣ хизмат кунонидани онҳо анъанаи сардорони давлати феодалӣ гардида буд.

Қарохониҳо низ ба ин гуна анъанаҳо такя карда, дар Балосоғун, ки дарбори онҳо буд, шоиру олимонро ҷамъ оварда, барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ аз эҷодиёти он давра истифода бурдаанд.

Дар замони Қарохониҳо адабиёти хаттӣ бо забони туркӣ пайдо шудааст. Яке аз асарҳои муҳиме, ки дар бораи хусусиятҳои забонии қабилаҳои гуногуни туркизабони асрҳои XI—XII маълумот медиҳад, «Девони луғоти турк»-и Маҳмуди Кошғарӣ мебошад.

Маҳмуди Кошғарӣ яке аз арбобони фарҳанги халқҳои турк мебошад. Номи падари Маҳмуд Ҳусейн ва бобояш Муҳаммад буда, Кошғарӣ тахаллуси вай мебошад. Ӯ дар асри XI таваллуд шуда, зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ӯ китоби худро соли 1074—1075 навишта, ба яке аз намояндагони маъруфи халифагони аббосӣ Муҳаммад алмуқтадо бахшидааст.

Дар давраи ҷавонии худ Маҳмуди Кошғарӣ аз Балосоғун ба Чини Боло, Мовароуннаҳр, Хоразм, Фарғона, Бухоро, Афғонистони Шимолӣ сафар карда, гуфтугӯ ва шеваҳои гуногуни туркӣ, туркманӣ, чигилӣ, яғмо, қирғизиро ба хубӣ омӯхтааст. Дар натиҷаи ҷамъ овардани маводҳои пурқимат ӯ дар асоси анъанаи луғатнависии арабӣ китоби худро тартиб додааст.

Дар саҳифаҳои китоби мазкур миқдори зиёди афсонаву ривоятҳо, мақолу маталҳо, панду ҳикматҳо низ ҷой гирифтааст. Қисми зиёди шеърҳои он рубоиҳои халқии туркӣ мебошанд.

Дар девон суруду достонҳои миллӣ-қаҳрамонӣ низ ҷамъ оварда шудааст. Дар ин гуна суруду достонҳо ҷасорату мардонагӣ, сабру таҳаммул, меҳру мурувват барин хислатҳои наҷиби халқҳои турк таҷассум ёфтаанд.

Яке аз сурудҳои ҳамосавие, ки дар девон ҷой гирифтааст, ин мунозираи «Зимистон ва тобистон» мебошад. Дар он дар асоси тасвири маҷозӣ, ташбеҳ, истиора ҳаёти халқҳои туркинажод, фаъолият ва муҳити табиии онҳо тасвир ёфтааст. Аз ҷумла:

Келди асин аснайу,
Қозға тӯпал уснайу.
Кирди будун қуснайу,
Қара булит кӯкрашур.

Шамол омад ҳуввосзанон,
Гулдур-гулдур чун бӯрон,
Мардум ҳама шуд тарсон,
Абри сияҳ наъра зад.

Дар «Девон» ҳамчунин панду насиҳатҳое низ ҷой доранд, ки ба ҳушёрӣ, бузургӣ, эҳтиёткорӣ аз душман, ҳур-

мати падару модар, олиҳиммат, меҳмондӯст бахшида шудаанд:

Билга эран савларин алғил ӯгут,
Эзгу сави эзласа ӯзга сингар.
Ардаги тила ӯрганинг, бӯлма қуваз,
Ардашсизин — ӯгунса ангма ангар.

Аз сухани олим баҳрабардор бош,
Чун сухани нек дилро бошад роҳат.
Нашав қайсар, илм омӯзу ҳикмат,
Роҳгум занад лофзану беҳиммат.

Дигар ёдгории хаттии машҳури туркӣ ба қалами Юсуф Хос Хоҷиб хос буда, бо номи «Кутадғу билиг» («Илми бахтоваранда») машҳур мебошад.

Юсуфи Балосоғунӣ дар миёнаҳои солҳои 1016—1018 дар шаҳри Балосоғуни кишвари Еттисув (Ҳафтрӯд) дида ба дунё кушодааст. Дар он даврaҳо кишварҳои Еттисув ва Туркистони Шарқӣ дар тасарруфи давлати Қарохониён буданд.

Дар бораи шоир маълумот он қадар зиёд нест. Ӯ дар синни панҷоҳсолагӣ асари худ «Кутадғу билиг»-ро навишта ба охир мерасонад. Ин китобро «Шоҳнома»-и туркӣ низ ном бурдаанд. Ӯ дар муқаддимаи китоб дар бораи худ чунин маълумот додааст: «*Мураттиби китоби мазкур дар Балосоғун зода шуда, одами пурсабру таҳаммул мебошад*». Аммо ӯ китоби мазкурро дар Кошғар ба охир расонида, ба даргоҳи малики Машриқ Табғочхон овардааст. Малик ӯро хуб пазируфӣ карда, унвони Хос Хоҷибро ба ӯ додааст.

Аз мазмуни китоб бармеояд, ки ӯ дар баробари забони туркӣ забонҳои форсӣ ва арабиро ба таври мукаммал медонист. Ғайр аз ин ӯ хатти қадимаи туркӣ ва эҷодиёти шифоҳии халқро ба хубӣ аз худ карда будааст.

То ба имрӯз танҳо қисми муқаддимавии достони ягонаи ӯ «Кутадғу билиг» омада расидаасту халос. Аз мазмун ва мундариҷаи китоб бармеояд, ки «Кутадғу билиг» чун дастури амалиёти ҳокимиятдории ҳокимони қарохонӣ хизмат кардааст. Муаллифи китоб ба баромади сулолаи Қаро-

хониён низ дахл карда, онҳоро аз авлоди Афросиёб (подшоҳи афсонавии Тӯрон) ва дорои таърихи ҳазорсола ба қалам додааст. Ташвиқ ва паҳн намудани ин ақида ва ба ин восита мустаҳкам намудан ва қонунӣ гардонидани мавқеи подшоҳони қарохонӣ вазифаи аввалаи шоирону олимони дарбори онҳо гашта буд.

«Кутадғу билиг» асари тарбиявӣ буда, дар пештоқи иморатҳо, асбобҳои гуногуни мисин ва тиллоӣ аз ин китоб порчаҳо кандакорӣ карда мешуданд.

Асар дар шакли маснавӣ навишта шуда буд. Дар он номҳои Афросиёб, Нӯшервон, Заҳҳок, Фаридун барин қаҳрамонҳои достони «Шоҳнома» такрор шудааст.

Аз рӯйи мазмун ва мундариҷа «Кутадғу билиг» ба «Қобуснома» ва «Сиёсатнома» низ шабоҳат дорад.

Муаллиф мегӯяд, ки он чизе, ки дар китоб навишта мешавад, боқӣ мемонад ва онро авлоди оянда мехонад. Барои тасдиқи фикри худ ӯ чунин далел овардааст:

Таҷиклар битигди битимиш муни,
Битигди йоқ эрса, ким уққа ани.

Тоҷикон инро дар китоб навиштаанд,
Агар навишта намешуд, онро кӣ мехонд.

Намояндаи дигари адабиёти қадимии турк Адиб Аҳмади Югнакӣ мебошад. Ӯ дар деҳаи Югнак таваллуд шудааст. Мувофиқи маълумотҳо ин шаҳр ё дар атрофи Самарқанд ё водии Фарғона ва соҳилҳои Сирдарё ҷой гирифта будааст. Асари ягонаи пандномавии ӯ «Ҳибат улҳақоиқ» («Тӯҳфаи ҳақиқатҳо») мебошад. Он дар шакли достон буда, на ҳамаи бобҳои он то ба имрӯз омада расидааст.

Аз рӯи дастхат ин асар соли 1480 дар Константинопол бори аввал чоп шудааст. Асар дар шакли назм навишта шуда, аз 506 сатри шеърӣ иборат аст. Дар зери ҳар як сатри шеър бо забони уйғурӣ ҳамон матн бо ҳарфҳои арабӣ дарҷ шудааст.

Қисми асосӣ ва хотимавии достон дар шакли рубоӣ навишта шудааст. Сабаби ба худ тахаллуси «Адиб»-ро

гирифтани Аҳмади Югнакӣ ин ба адаб рӯй овардани ӯ мебошад. Асари ӯ барои тарбияи исломӣ ва воқиф гардидан аз сиру асрори камолоти маънавии инсон пешбинӣ шудааст.

Қисми аввали китоб ба шукри Оллоҳ ва Муҳаммад пайғамбар ва чор халифаи аввалин бахшида шуда, маълум карда мешавад, ки китоб ба абадӣ гардонидани ном и Додсипоҳсолор бахшида шудааст.

Қисми якум дар фоидаи дониш ва зарари бедонишӣ, қисмати дуюм дар бораи эҳтиёт намудани забон, қисми сеюм дар бораи тағийирёбандагии ҷаҳон сухан меронад. Қисмати чорум масъалаҳои ҷуду саховат ва бухлу ҳасудро мекушояд. Дигар қисматҳои китоб масъалаҳои кибру ғурур ва тавозӯъ, тамаъкорӣ ва кароматро инъикос кардааст. Дар охири китоб муаллиф дар бораи худ баъзе маълумотҳои тарҷимаиҳолӣ додааст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин китоб масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ, меҳру мурувват нисбати инсон, садоқатро тарғиб карда, молпарастӣ, нияти бад, такаббур, риё, таҷовуз, сафсата барин хислатҳоро танқид мекунал.

Асари мазкур ба ривоҷи маданияти халқҳои турки Хуросон ва Мовароуннаҳр хизмат кардааст.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо нусхаи аз ҳама қадимтарини асар бо супориши Арслонхӯҷа Тархон аз ҷониби хаттоти уйғур Зайнул Обид Ҳасанӣ бо хати уйғурӣ рӯйнавис карда шуда, баъзе оят, ҳадис ва байтҳои он бо забони арабӣ будааст. Нусхаи мазкури асарро «Атабатулҳақойиқ» («Дарҳои ҳақиқат») ном дода будаанд.

Асар боз як бори дигар соли 1480 аз ҷониби котиби аз Туркистон ба Истамбул рафтамонда — Шайхзода Абдураззоқ бо ду намуди хат уйғурӣ ва арабӣ рӯйбардор карда мешавад.

Баъди он ки олими турк Наҷиб Осим солҳои 1914—1916 ин нусхаи асарро ёфта тадқиқ мекунад ва ба нашр омода месозад, дастхати сеюм бо хати арабӣ навишта мешавад.

Як қатор қасидаҳо низ, ки дертар ёфт шудаанд, мисоли беназири ёдгориҳои хаттии туркӣ мебошанд. Ин қаси-

даҳо на танҳо бо алифбои уйғурӣ, балки бо алифбои арабӣ низ навишта шуда, сарчашмаи боэътимоди давраи гузариш аз забони уйғурӣ ба забони чиғатоӣ ба шумор мераванд.

Пурсиш ва супориш

1. Навиштаҷоти қадимаи туркӣ «Ӯрхон ва Енисей» аз куҷо ёфт шудааст?
2. «Девони луғоти турк»-и Маҳмуд Кошғарӣ дар замони мо чӣ аҳамият дорад?
3. Дар бораи Юсуф Хос Хоҷиб ва сабаби Хос Хоҷиб ном гирифтани ӯ маълумот диҳед.
4. Чаро «Кутадғу билиг»-ро ба «Шоҳнома», «Қобуснома» ва «Сиёсатнома» монанд мекунанд?
5. «Ҳибат улҳақоиқ» дар кадом шакл навишта шудааст?
6. Мустақилона бо номи «Осори қадимаи туркӣ» маърӯза тайёр кунед ва бо ҳамсинфонатон дар ин мавзӯъ мубоҳиса ороед.

АДАБИЁТИ ҶАҲОН



МУҲАММАД ИҚБОЛ
(1877 — 1938)

Манеҳ аз каф чароғи орзуро,
Ба даст овар мақоси ҳою ҳуро,
Машав аз чорсӯи ин ҷаҳон гум,
Ба худ боз ою бишкан чорсӯро.

Муҳаммад Иқбол 8 ноябри соли 1877 дар шаҳри Сиёлкути Панҷоб дар оилаи туҷҷори маърифатдӯст дида ба дунё кушодааст. Падари ӯ Шайх Нур Муҳаммад шахси диндор буд ва мехост, ки писараш ҳам дар омӯзишгоҳи динӣ хонад. Муҳаммад Иқбол як сол дар омӯзишгоҳи динӣ мехонад. Падари Муҳаммад бо мударрисони номдори Силёкут муошират дӯстона дошт. Боре ба омӯзишгоҳ яке аз дӯстони падараш Сайид Мирҳасан омад ва вақте ки Иқболи хурдакакро машғули дарс хондан дид, пешонии кушодаву қиёфаи масъум ва мӯйҳои хокистарии ин бача ӯро бисёр таҳти таъсир қарор дод. Вақте фаҳмид, ки ин бача фарзанди Шайх Нур Муҳаммад аст, аз вай хоҳиш кард, ки ӯро таҳти сарпарастии вай қарор диҳад. Ҳамин тавр, Муҳаммад Иқболи хурдакак аз устоди худ дар баробари илмҳои динӣ илмҳои ҷадидро низ азбар мекунад.

Иқбол хеле зираку боҳуш буд. Бинобар ин Сайид Мирҳасан бо таваҷҷӯҳи зиёд ба ӯ таълим медод. Ӯ ба Муҳаммад Иқбол забони форсӣ, арабӣ, адабиёти урду, илмҳои ҳикмату тасаввуфро таълим дод. Бисёре аз хусусиятҳои шахсии Иқбол, мисли содагӣ, қаноат, бениёзӣ, зарофату нуктасанҷӣ айнан мисли устодаш буд. То охирин лаҳзаҳои зиндагии Сайид Иқбол пеши ӯ мерафт ва дар масъалаҳои илмии худ аз вай кӯмак мегирифт.

Вақте Муҳаммад Иқбол дар синфи 5-ум мехонд, аллакай ба шеър алоқа дошт ва садояш ҳам бисёр ширин буд. Ӯ

аз бозор қиссаҳои манзум мехарид ва барои аҳли хонавода-дааш бо овози хуш мехонд ва то нимишаб мутолиа мекард.

Боре дар нимишаб модараш аз хоб бедор шуду дид, ки Иқбол дар канори шамъ машғули дарстайёркунӣ аст. Модар чанд бор ӯро садо кард, вале ҷавоб нашунид. Пас наздаш омаду пурсид: «Дар нимишаб чӣ мехонӣ?» Истироҳат кун». Иқбол нимхобу нимбедор ҷавоб дод: «Модарҷон, ман хонда истодаам». Иқбол саргарми хондан аллакай хоб рафта будааст.

Соли 1895 Иқбол пас аз хатми мактаби ибтидоӣ ба коллеҷи техникии Сиёлкут дохил шуда, онро бо медали тилло хатм кард. Дӯстони ӯ дертар менависанд, ки дар хобгоҳ манзили Иқбол рафта-рафта ба ҷойи ҷамъшавии дӯстону маркази шеърхонӣ табдил ёфт. Иқбол дар давоми солҳои 1895—1899 дар Донишкадаи олии давлатии шаҳри Лоҳур таҳсили илм мекунад. Дар баробари дар донишгоҳ хондан Иқбол дар коллеҷи ховаршиносӣ низ хонда, соҳиби дипломи аъло аз забонҳои англисӣ ва арабӣ низ мегардад. Баъди Донишкадаи олии давлатии Лоҳурро бо баҳои аъло тамом кардан ба унвони магистри фалсафа ноил мегардад.

Илова ба дарсҳои фалсафа Иқбол соли 1898 ба дарсҳои Донишкадаи ҳуқуқи Лоҳур ҳам мерафт, то ҳуқуқу қонунро биёмӯзад.

Соли 1904 ӯ ба Инглисистон рафт. Дар ин замон Иқбол як шеъри видоъ бо номи «Нолаи фироқ» навиштааст. Дар бораи азми ба Инглисистон рафтани худ Иқбол чунин менависад.

Тарҷумаи шеър:

Дашти ваҳшати ман уқдаи тақдирро боз хоҳад кард,
Ман занҷири Панҷобро шикаста, он ҷо оҳам расид.

Мероси адабӣ

Ана дар ҳамин солҳо ӯ дар маҳфилҳои адабӣ иштирок карда, бо фикрҳои пешқадами худ баромад мекунад. Ба донишҳои гирифтаи худ қонеъ нагардида, Муҳаммад Иқбол дар Университети Кембриҷи Лондон ба омӯхтани фалсафа ва адабиёти Шарқу Ғарб машғул мешавад. Ӯ забони

англисиро ба хубӣ аз худ карда, асарҳои зиёди илмӣ менависад.

Ибтидои шоирии Иқбол бо сабки қадимии ғазал буд. Мутолиаи фалсафа гоҳе дар ғазал бо сабки қадимии ӯ ҳикмат пайдо мекард. Иқбол навиштааст: «Ман эътироф мекунам, ки аз Гегел (файласуфи олмонӣ) ва Гёте (шоири олмонӣ), Мирзо Ғолиб, Абдулқодири Бедил ва Ворсвод (шоири англис) бисёр истифода кардаам...»

Ҳамин буд, ки Иқбол ашъори худро ба сабки ҷадид менавиштагӣ шуд ва ғазали суннатиро тарк карда, фақат ба назм шурӯъ кард. Ин ҳама таҳти таъсири афкори ғарбӣ буд.

Иқбол таҳти таъсири асарҳои ҷадид пояи ашъори ватанӣ ва миллиро ниҳод. Дар Инглисистон шеърҳои ӯ бештар дар моҳномаи адабии урдугии «Махзан» ва рӯзномаи «Пайсаахбор» чоп мешуданд.

Дар дили Муҳаммад Иқбол чашмаи шеъру шоирӣ ҷӯш мезад. Ӯ мехост халқи мазлумро бо шеърҳои худ аз хоби гарон бедор кунад, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят созад. Аз даме, ки Муҳаммад Иқбол ба арсаи адабиёт қадам ниҳод, ӯ шеърро ҳамчун аслиҳаи мубориза шуморида, мартабаи шоирро дар ҷамъият аз ҳама баланд мегузошт. Шеърҳои ӯ мазмуни чуқур доранд:

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист.

Дере нагузашта ҳаводорони шеъри ӯ зиёд мегардад. Дар он даврае, ки тамоми халқҳои Урупо давраи бедории халқии худро аз сар гузаронида буданд, Муҳаммад Иқбол мехост халқи ҷафокаши худро бо шеърҳои обдори хеш бедор кунад. Онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад. Ӯ ҳамчун яке аз олимон ва шоирони пешқадами замони худ машъали муборизаро бар зидди зулму истибдод баланд бардошта, халқи худро раҳнамо гаштааст. Мақсади ягонаи ӯ сулҳу осиштагӣ, беҳбудии зиндагонии халқ, адолат буда, шеърҳои ӯ таҷассумгари ин ақидаҳои пешқадами ӯ мебошанд.

Эҷодиёти Муҳаммад Иқбол бо ду забон — форсӣ ва урду ҷараён гирифтааст.

Соли 1910 ӯ ба навиштани маснавии «Асрори худӣ» оғоз мекунад. Дар ин бора худи Иқбол навиштаст: «Асрори худӣ»-ро дар ибтидо ба забони урду шурӯъ ба навиштан намудам, вале аз адо намудани матолиб, он тавр ки дилам мехост, қосир мондам. Ба ҳамин ҷиҳат, он қисмате, ки ба урду навишта будам, пора карда, аз байн бурдам. Чанд сол гузашт.Бори дигар кӯшиш кардам ва тақрибан саду панҷоҳ байт навиштам, аммо аз онҳо мутмаин нестам».

Дертар ӯ он қадар машғули навиштани «Асрори худӣ» буд, ки 23 марти соли 1913 дар ҷаласаи Анҷумани ҳимояти ислом фақат шеъри мухтасари форсӣ хонд.

Аввалин силсилаи шеърҳои форсии ӯ бо номи «Паёми Машриқ» соли 1923 ба табъ расидааст, ки ҷавоб ба «Девони Ғарбӣ-Шарқӣ»-и шоири олмонӣ Ҳёте буд. Ин девони Муҳаммад Иқбол шеърҳои фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ишқии шоирро дар бар гирифтааст, ки бо панду ахлоқи худ намунаи ибрат шудааст. Ин маҷмӯа ҷавоб ба девони шоири олмонӣ Гёте буда, тақдим ба шоҳи афғон Амонуллохон аст:

Пири Мағриб шоири олмонавӣ,
Он қатили шеваҳои паҳлавӣ.
Баст нақши шоҳидони шӯху шанг,
Дод Машриқро саломе аз фаранг.
Дар ҷавобаш гуфтаам «Пайғоми Шарқ»,
Моҳтобе рехтам бар шоми Шарқ.

Маҷмӯаи дигари форсии ӯ «Забури Аҷам» ном дорад. «Забури Аҷам» — маҷмӯаи ғазал, тарона ва маснавиҳои форсӣ (1927) мебошанд. Маснавиҳо «Гулшани рози ҷадид» ва «Бандагинома» ном дошта, аввалӣ дар мавзӯи «марди комил» назира ба «Гулшани роз»-и Шайх Маҳмуди Шабистарист (орифи асри XIII). «Бандагинома» рисола дар бораи санъат аст. Аҳамият ва арзиши ҳунари асилро ситоиш карда ва ҳама гуна тобеъияти маънавиро маҳкум ба завол медонад.

Маҷмӯаи ашъори бо забони урду навиштаи Муҳаммад Иқбол «Бонги доро» (1924) манзумаҳои муҳими ӯро гирд овардаанд. «Бонги доро» манзумаҳои «Хизри роҳ» ва «Тулӯи ислом»-ро гирд овардааст.

Эҷодиёти Муҳаммад Иқбол дар рушду такомули адабиёти урду ва форсизабони Ҳиндустон ва Покистон ҳиссаи арзанда дорад. Ӯ тавонистааст, ки бо шеърҳои худ ба ҷараёни нави адабиёти халқҳои Шарқ ҳисса гузошта, бо қувваи ҷозибаи шеърҳои худ ҳисси худшиносии миллии халқҳои Ҳиндустон ва Покистонро бедор кунад. Онҳоро барои ҳимояи шаъну шарафи худ ҳидоят кунад.

Муҳаммад Иқбол бо ашъори дорои мазмуни баланди иҷтимоӣ ва сиёсию фалсафии худ маҳбубияти тамоми халқҳои Ҳиндустон ва Покистонро ба даст овардааст. Шеърҳои ӯ то ба имрӯз вирди забони халқи меҳнаткаш аст.

Баҳори соли 1938 Муҳаммад Иқбол ногаҳон ба бистари беморӣ афтид. Дӯстони Иқбол, духтурони беҳтарин ҳама дар хонаи ӯ ҷамъ омада буданд. Яке аз дӯстон аз аҳволи саломатии ӯ пурсон шуд. Иқбол ҷавоб дод: «Ман аз марг наметарсам» ва сипас ин шеърро хонд:

Нишони марги мӯъмин бо ту гӯям,
Чу марг ояд, табассум бар лаби ӯст.

Чанде пас аз ин воқеа 21 апрели соли 1938 Муҳаммад Иқбол дар Ҳиндустон аз олам чашм пӯшид. Сатрҳои зерин Иқболро зиндаву ҷовид дар хотири олами илму маърифат сабт намудааст:

Пас аз ман шеъри ман хонанду дарёбанд, мегӯянд:
Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе.

Пурсиш ва супориш

1. Муҳаммад Иқбол дар куҷоҳо таҳсили илм кардааст?
2. Чаро Муҳаммад Иқболро шоири муборизи Ҳинду Покистон меноманд?
3. Мақсади асосии Муҳаммад Иқбол чӣ буд? Ӯ халқи хешро чӣ гуна дидан мехост?
4. Шоир кадом забонҳоро медонист? Ашъори назмии худро бо кадом забонҳо навиштааст?

ПАНДИ БОЗ БА БАЧАИ ХЕШ

— Ту донӣ, ки бозон зи як ҷавҳаранд,
Дили шер доранду мушти паранд.
Накӯшеваву пухтатадбир бош,
Ҷасуру ғаюру калонгир бош.
Маёмез бо кабку, тӯрангу сор,
Магар ин ки дорӣ ҳавои шикор.
Чӣ қавме фурӯмояи тарснок!
Кунад пок минқори худро ба хок!
Шуд он боша нахчири хеш
Ки гирад зи сайди худ оину кеш.
Басо шикра афтода бар рӯи хок,
Шуд аз сӯҳбати доначинон ҳалок.
Нигаҳ дор худрову хурсанд зӣ,
Далеру дурушту тануманд зӣ.
Тани нарму нозук ба теҳӯ гузор,
Раги сахт чун шохи оҳу биёр.
Насиби ҷаҳон он чи аз хуррамист,
Зи сангинию меҳнату пурдамдилист.
Чӣ хуш гуфт фарзанди худро уқоб,
Ки як қатра хун беҳтар аз лаъли ноб.
Чунин ёд дорам зи бозони пир,
Нишеман ба шохи дарахте магир.
Ку номе нагирем дар боғу кишт,
Ки дорем дар кӯҳу саҳро биҳишт.
Зи рӯи замин дона чидан хатост,
Ки паҳнои гардун худододи мост.
Наҷибе, ки по бар замин судааст,
Зи мурғи саро сифлатар будааст.
Паи шоҳбозон бисот аст санг,
Ки бар санг рафтан кунад тезчанг.
Ту аз зардчашмони саҳростӣ,
Ба гавҳар чу Симурғ болостӣ.
Ҷавони асилӣ, ки дар рӯзи ҷанг,

Барад мардумакро зи чашми паланг.
Ба парвози ту сатвати нуриён,
Ба рагҳои ту хуни кофуриён[1].
Таҳи чархи гардандаи кӯзпушт,
Бихӯр он чӣ гирӣ зи нарму дурушт.
Зи дасти касе тӯъмаи худ магир,
Накӯ бошу панди накӯён бигир!

НАҒМАИ СОРБОНИ ҲИҶОЗ

Ноқаи сайёри ман,
Оҳуи тотори ман,
Дирҳаму динори ман,
Андаку бисёри ман,
Давлати бедори ман,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.

Дилкашу зебостӣ,
Шоҳиди раъностӣ,
Рӯкаши ҳуростӣ,
Ғайрати Лайлостӣ,
Духтари саҳростӣ,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.

Дар тапиши офтоб,
Ғӯта занӣ дар сароб,
Ҳам ба шаби моҳтоб,
Тунд равӣ чун шаҳоб,
Чашми ту нодида хоб,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.

Лаккаи абри равон,
Киштии бебодбон,
Мисли Хизир роҳдон,
Бар ту сабук ҳар гарон,

[1] *Кофур* — як навъ бози сафедранг.

Лахти дили сорбон,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.
Сӯзи ту андар зимом,
Сози ту андар хиром.
Бехӯришу ташнаком,
По ба сафар субҳу шом,
Хаста шавӣ аз мақом,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.

Шоми ту андар Яман,
Субҳи ту андар Қаран,
Реги дурушти ватан,
Пойи туро ёсуман,
Эй, чу ғизоли хутан,
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.

Маҳ зи сафар по кашид,
Дар паси тал орамид,
Ҷомаи шаб бардарид,
Боди биёбон вазид,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест.

Нағмаи ман дилкушой,
Зеру бамаш ҷонфизой,
Қофилаҳоро дарой,
Фитнарабо, фитназой
Эй, ба ҳарам чеҳрасой,—
Тезтарак гом зан,
Манзили мо дур нест...

ШОҲИН ВА МОҲӢ

Моҳибачаи шӯх ба шоҳинбачае гуфт:
«Ин силсилаи мавҷ, ки бинӣ ҳама дарёст,
Дорои наҳангони хурӯшандатар аз меғ,
Дар сини ӯ дидаю нодида балоҳост.

Бо сели гаронсанг замингиру сабукхез,
Бо гавҳари тобандаву бо лулӯи лолост,
Берун натвон рафт зи сели ҳамагираш,
Болои сари мост, таҳи пост, ҳама ҷост.
Ҳар лаҳза ҷавон асту равон асту давон аст,
Аз гардиши айём на афзун шуду не кост».
Моҳибачаро сӯзи сухан чеҳра барафрӯхт,
Шоҳинбача хандиду зи соҳил ба ҳаво хост.
Зад бонг, ки «Шоҳинаму корам ба замин чист,
Саҳрост, ки дарёст таҳи болу пари мост.
Бигзар зи сари обу ба паҳнои ҳаво соз,
Ин нукта набинад, магар он дида, ки биност».

АЗ ХОБИ ГАРОН ХЕЗ!

Ай ғунчаи хобида, чу наргис нигарон хез!
Кошонаи мо рафт ба тороҷи ғамон хез,
Аз нолаи мурғи чаман, аз бонги азон хез,
Аз гармии ҳангомаи оташнафасон хез!
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Хуршед, ки пироя ба симои саҳар баст,
Овеза ба гӯши саҳар аз хуни ҷигар баст!
Аз дашту ҷабал қофилаҳо рахти сафар баст,
Эй чашми ҷаҳонбин, ба тамошои ҷаҳон хез!
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Ховар ҳама монанди ғубори сари роҳест,
Як нолаи хомӯшу асарбохта оҳест,
Ҳар зарраи ин хоки гиреҳхӯрда нигоҳест,
Аз Ҳинду Самарқанду Ироқу Ҳамадон хез!
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Дарёи ту дарёст, ки осуда чу саҳрост,
Дарёи ту дарёст, ки афзун нашуду кост.
Бегонаи ошӯбу наҳанг аст, чӣ дарёст?
Аз синаи чокаш сифати мавҷи равон хез!

Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Номуси азалро ту аминӣ, ту аминӣ!

Дорои ҷаҳонро ту ясорӣ, ту яминӣ.
Эй бандаи хокӣ, ту замонӣ, ту заминӣ,
Саҳбои яқин даркашу аз дайри гумон хез!
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Фарёд зи Афрангу диловезии Афранг,
Фарёд зи Ширинию парвизии Афранг.
Олам ҳама вайрона зи чингизии Афранг,
Меъмори ҳарам! Боз ба таъмири ҷаҳон хез!
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

АЗ «ЗАБУРИ АҶАМ»

Бинӣ ҷаҳонро, худро набинӣ,
То чанд нодон ғофил нишинӣ.
Нури қадимӣ, шабро барафрӯз,
Дасти Калимӣ, дар остинӣ.
Берун қадам неҳ аз даври офоқ,
Ту пеш аз инӣ, ту беш аз инӣ.
Аз марг тарсӣ, эй зинда ҷовид,
Марг аст сайде, ту дар каминӣ.
Ҷоне, ки бахшанд, дигар нагиранд,
Одам бимирад аз беяқинӣ.
Суратгариро аз ман биёмӯз,
Шояд, ки худро боз офаринӣ.

АЗ «АРМУҒОНИ ҲИҶОЗ»

Ҷаҳон аз худ бурун овардаи кист?
Ҷамолаш ҷилваи бепардаи кист?
Маро гӯӣ, ки аз шайтон ҳазар кун,
Бигӯ бо ман, ки ӯ парвардаи кист?

* * *

Ғарибе, дардманде, найнавозе,
Зи сӯзи нағмаи худ дар гудозе.
Ту медонӣ чӣ меҷӯяд, чӣ хоҳад,
Диле аз ҳар ду олам бе ниёзе?

* * *

Адаб пирояи нодону доност,
Хуш он, к-ӯ адаб худро биёрост.
Надорам он мусулмонзодаро дӯст,
Ки дар дониш фузуду аз адаб кост.

* * *

Гила аз сахтии айём бигзор,
Ки сахтӣ нокашида камиёр аст.
Намебинӣ, ки оби ҷӯйборон,
Агар бар санг ғалтад, хушгувор аст.

* * *

Чӣ хуш гуфт уштуре бо курраи хеш:
«Хунук он кас, ки донад кори худро.
Бигир аз мо куҳан саҳронавардон,
Ба пушти хеш бурдан бори худро»

Пурсиш ва супориш

1. Боз ба бачаи хеш чӣ гуна насиҳат мекард?
2. Маънои байти «Маёмез бо кабку тӯрангу сор, Магар ин ки дорӣ ҳавои шикор»-ро маънидод кунед. Шоир чӣ гуфтан мехоҳад?
3. Оё панди бозро ба инсон низ марбут донистан мумкин аст? Аз ҷумла чунин суханонро: «Зи дасти касе таъмаи худ магир, Накӯ бошу панди накӯён пазир!».
4. Шеъри «Нағмаи сорбони Ҳиҷоз»-ро аз ёд кунед. Мазмуни онро бо ҳамсинфон муҳокима намоед.
5. Муколамаи моҳиро бо шоҳин бо суханони худ гуфта диҳед. Чаро шоҳин парида рафт?
6. Шеъри «Аз хоби гарон хез!» ба кадом мавзӯъ навишта шудааст? Шоир ба чӣ даъват мекунад?
7. Шеъри «Аз хоби гарон хез!»-ро аз ёд кунед.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ЛИРИКА

Лирика — аз калимаи юнонии лира (номи асбоби мусиқии Юнони Қадим) гирифта шуда, яке аз се ҷинси адабӣ (лирика, эпос, драма) мебошад. Он фикру ҳиссиёти аз воқеа ё аз тамошои манзара ҳосилшударо тасвир мекунад.

Дар ҳикоя, повесту роман мо бо саргузашту фаъолияти қаҳрамонони асосӣ ва персонажҳои гуногун шинос мешавем, ки ҳар кадоми онҳо феълу атвори ба худ хос, ному фамилия ё тахаллусҳо доранд. Дар шеърҳои лирикӣ тафсири ҳоли қаҳрамонон дида мешавад. Дар ин гуна шеърҳо асосан қаҳрамон як нафар — худи шоир мебошад. Аз ин рӯ, он шахсе, ки шеъри лирикӣ аз номи ӯ гуфта шудааст ё фикру ҳиссиёти ӯ дар шеър инъикос гардидааст, қаҳрамони лирикӣ мебошад.

Шоир дар шеъри лирикӣ таассуротеро ифода мекунад, ки воқеоти зиндагӣ ба ӯ бахшида шудааст. Вақте ки ӯ воқеаҳои ҳаяҷоновари ҳаёт ва проблемаҳои ҳаётиро ба амиқӣ дарк карда, ин ҳиссиётро дар шеър ҷой медиҳад, дар чунин ҳолат қаҳрамони лирикӣ танҳо шоир нест, зеро ки чунин фикр ба бисёр одамони замонаш, гурӯҳҳои муайяни ҷамъият, ба як давраи таърихӣ хос аст.

Аз ин рӯ, эҳсосу афкори қаҳрамони лирикӣ низ аксар вақт характери типӣ касб намуда, дар хонанда бо қаҳрамонони лирикӣ ҳисси ҳамфикрӣ ва якдилиро меангезад.

Масалан, дар шеъри Рӯдакӣ «Шикоят аз пирӣ» ҳолати шахсе тасвир ёфтааст, ки пирию аҳволи нотавониаш намоён мегардад. Шоир гузаштаҳои ширини худро аз назар мегузаронад, достони ҷавониашро ки бо қаду қомати зебо ва рухсораҳои лоларанг, бо дандонҳои мисли ситораи саҳарӣ тобон тавсиф мекунад.

Дар ин ҷо худи шоир қаҳрамони лирикӣ мебошад. Дар айни замон ӯ ҳиссу фикри шахсони пиронсолро, ки аз пирию нотавонӣ нола мекунанд, ранҷ мекашанд, инъикос кардааст.

Лирика яке аз жанрҳои адабӣ ба шумор меравад. Асарҳои лирикӣ аз рӯйи мазмун ба якчанд гурӯҳ тақсим мешаванд: лирикаи сиёсӣ, лирикаи фалсафӣ, лирикаи ахлоқӣ, лирикаи ишқӣ, лирикаи пейзажӣ ва лирикаи иҷтимоӣ.

Асарҳое, ки дар мавзӯъҳои сиёсӣ навишта шуда, ба мавзӯи ҷанг ва ё сулҳ бахшида шудаанд, **лирикаи сиёсӣ** номида мешаванд.

Асарҳое, ки мазмуни фалсафӣ дошта, мулоҳизаҳои фалсафии шоирро инъикос мекунанд, **лирикаи фалсафӣ** номида мешаванд. Ба ин гуна асарҳо ашъори Умари Хайём ва Носири Хусравро мисол овардан мумкин аст, ки маънои чуқури фалсафӣ дошта, хонандаро ба андеша водор месозад.

Асарҳои лирикие, ки панду насиҳат ва тарбияро мадди назар доранд, **лирикаи ахлоқӣ** ном доранд. Мо дар китоби дарсӣ бо ашъори ахлоқии Саъдии Шерозӣ «Бӯстон», Носири Хисрав «Рӯшноинома» ва Убайди Зоконӣ «Мушу гурба» шинос шудем, ки тасдиқи гуфтаҳои болоиянд.

Асарҳои лирикие, ки ишқу муҳаббатро тараннум мекунанд, **лирикаи ишқӣ** ном доранд. Ба лирикаи ишқӣ «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ширин ва Хусрав»-и Хусрави Деҳлавиро мисол овардан мумкин аст.

Асарҳои лирики манзараҳои табиатро тасвиркунанда **лирикаи пейзажӣ** номида мешаванд.

Асарҳое лирикие, ки дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ навишта шудаанд, **лирикаи иҷтимоӣ** ном доранд.

Асарҳои лирикӣ асосан дар шакли шеър навишта мешаванд.

Пурсиш ва супориш

1. Лирика чист?
2. Гурӯҳҳои асосии асарҳои лирикиро номбар кунед.
3. Асарҳои лирикӣ дар кадом шакл навишта мешаванд?

ЛУҒАТИ КАЛИМАҲОИ ДУШВОРФАҲМ

Абёт — байтҳо
Аброр — одамони некӯкор
Алъон — ҳоло, ҳамин замон
Арғавон, арғувон — дарахте, ки гулҳояш бағоят сурх аст, ранги сурх
Афсар — тоҷ, сардор
Аъробӣ — араби биёбонӣ, саҳронишин
Ачз — оҷизӣ
Барошуфт — ба ҳаяҷон омадан, хашмгин шудан
Бадр — моҳи пурра
Базр — дона, тухм
Безинҳор — беамон, бераҳм
Бодия — дашти беобу алаф, биёбон
Биҳил — бахшидан, авф кардан
Булъаҷаб — аҷиб, ғалатӣ, тааҷҷубовар
Бунгоҳ — хона, манзил
Бурдборӣ — сабру тамкин
Вабол — гуноҳ
Вожа — калима
Воҷиб — зарурӣ, амре, ки ба ҷо овардани он зарур аст, ҳақ, музд
Вуқуф — таваққуф, огоҳӣ
Гурд — паҳлавон, баҳодур, далер, шуҷоъ
Газо — ҷанг, разм дар роҳи дин
Дай — фасли зимистон
Даъвӣ — даъво, талаб
Даҳр — замон, давр, рӯзгор, тақдир
Диръ — зиреҳ, либоси ҷанг, ки аз тунука ё ҳалқаҳои оҳан тайёр шудааст
Зарандуд — зарҳалкардашуда
Зимом — лаҷом, инон
Зинҳор — амон, паноҳ
Зиҳӣ — аҳсант, таҳсин, марҳабо
Зоҳид — гӯшанишин, парҳезгор, порсо, ки тарки дунё кардааст
Иёл — оила, аҳли хонадон
Истизҳор — ёрӣ ё паноҳ хостан аз касе, пуштибонӣ
Истиғно — бениёзӣ хостан, бодавлатӣ, беэътиноӣ кардан
Иқди Сурайё — галаситораи Парвин

Кавкаб — ситора, сайёра
Кадхудой — соҳиби хонаву ҷой, сардори оила
Карон — канор, дур шудан
Касрат — бисёрӣ, зиёдӣ
Қазо — ҳукм кардан, қозигӣ, тақдир, сарнавишт
Қамар — моҳ, хушрӯ
Қандил — чароғи овезон
Қофила — гурӯҳе аз мардуми пиёда ё савора, ки ба сафар мераванд, корвон
Қофиласолор — сардори корвон
Лулӯи лоло — марвориди дурахшон
Мазаллат — хорӣ, залилӣ, хорию зорӣ
Мағлуба — шадид, сахт
Манзум — ба тартиб даровардашуда, ба ришта кашидашуда
Маҳзар — маҷлис, маҳфил
Маҳбул — ба ресмон басташуда, гирифтор
Матбах — ошхона
Мағок — чуқурӣ, пастӣ
Миҷмар — зарфест, ки дар он ангишт шукуфонида, хушбӯйиҳоро дуд карда, давр мезанонанд
Муддао — иддао, хоҳиш, талаб
Мунтақил — аз ҷое ба ҷое нақл кардашуда, аз дасте ба даст гузашта
Мунфаил — мафъул, шармсор, хиҷолатманд
Мусаллам — таслимшуда, тобеъшуда
Мустаманд — ғамгин, андӯҳгин, ошиқ, гирифтор
Мустағнӣ — ғайри мӯҳтоҷ, бениёз, бой, давлатманд, доро
Мустақим — рост
Мутакаллим — такаллумшуда, гӯянда
Муттафиқ — ҳамраъй, якдилу якзабон, иттифоқ
Мутриб — марди навозанда, сароянда
Муқим — иқоматкунанда, сокин
Мӯҷиб — сабаб
Навоқис — нуқсонҳо
Нийӯш — гӯш додан, гӯш кардан
Ноқа — шутури мода
Нуфур — нафрат кардан, бо нафрат дур шудан аз касе, чизе
Озим — касе, ки ба коре азм мекунад, раҳсипор шудан
Офоқ — уфуқ
Оҷиз — нотавон, бечора
Пироя (пероя) — зебу зинат, ороиш, ба назм даровардан
Пизишк — духтур
Раият — оммаи мардуми фармонбардор, тобеъ

Расул — фиристода, элчӣ
Ришват — ришва, пора
Робита — алоқа
Ройгон — муфт, бепул
Русто — деҳа
Сабо — боде, ки аз тарафи шарқ мевазад, шамоли форам
Саъб — душвор, мушкил, сахт
Соғар — пиёлаи шаробхӯрӣ, ҷом, қадаҳ
Солеҳ — покдил, покдоман
Солор — сардор, сарвар, пешво
Сорбон — шутурбон, нигаҳбони шутур
Синон — нӯг, нӯги найза, нӯги теғ
Сипеҳр — фалак, чархи фалак, осмон
Сифла — фурӯмоя, пастфитрат, ноодам, нокас
Таамул —андеша, фикр, мулоҳиза
Тааннӣ — вазнинӣ
Табоҳӣ — харобӣ, вайронӣ, бадӣ
Таваққӯъ — чашмдошт, умед, орзу
Тазвир — макр, фиреб
Тарёк — давои зидди таъсири заҳр, доруи зидди заҳр
Тавозӯъ — хоксорӣ, фурӯтанӣ
Таррор — кисабур, дузд, ҳилагар, маккор
Таҳаввулот — тағйирот, дигаргунӣ
Тиҳидаст — камбағал, нодор
Тӯтиё — санги сурма, доруи мураккаб, ки барои равшани чашм ба кор мебаранд
Убур кардан — гузаштан
Унноб — сурх
Узлат — гӯшанишинӣ, хилват
Фасоҳат — бурросухан будан, равшанбаёнӣ
Фурӯмоя — пастфитрат, бадасл, разил
Хирқа — либоси дарвешон
Хуфя — пинҳонӣ
Ҳабис — зишт, бад
Ҳашмат — ҳашам, ҳашамат
Ҳақоиқ — ҳақиқат
Ҳачр — ҳичрат
Ҷабал — кӯҳ,
Шигифт — ҳайрон
Яғмо — тороҷ, ғорат
Яздон — худо

МУНДАРИҶА

3 МУҚАДДИМА

5 **ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ ВА АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ҚАДИМ**

6 АДАБИЁТИ ТОҶИК. Адабиёти шифоҳӣ ва хусусиятҳои он.

7 Таснифи жанрҳои адабиёти шифоҳӣ

9 Китобҳои халқӣ ва насри ривоятӣ

12 «Баёни саргузашти дарвеши аввал»

17 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Насри ривоятӣ ва хусусиятҳои он

18 «Қимати шеър», «Самаки айёр»

23 Адабиёти қадим

25 Маълумот дар бораи асотир

27 Маълумот дар бораи сурудҳои қадима

28 Осорҳои қадимӣ

34 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи асарҳои панду ахлоқӣ ва тамсилӣ

36 «Хизмати хирсона». Ҳусайн Воизи Кошифӣ

37 «Ҳикоят дар бораи подшоҳ ва занбӯри асал»

39 **ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК**

40 АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

46 НАМУНА АЗ ОСОР. «Шикоят аз пирӣ»

48 «Баҳори хуррам», «Хандаи лола»

49 «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд», «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»

55 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи санъатҳои тасвири бадеӣ: ташбеҳ, ташхис, истиора ва муболиға

57 АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

63 «Ҳадяи султон ба Фирдавсӣ»

65 Достони «Рустам ва Сӯҳроб»

72 НАМУНА АЗ ОСОР. «Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид»

78 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи жанри ҳамоса ва ҳамосаи миллӣ-қаҳрамонӣ

79 АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

87 «Мурдаро зинда кардани табиб», «Табибии Абӯалӣ Сино»

88 «Қувваи чашми Абӯалӣ Сино»

89 «Ҳикоят дар бораи Абӯалӣ»

90 «Қувваи ҳофизаи Абӯалӣ», «Оташ бурдани бача»

91 Ҳикоят
93 НАМУНА АЗ ОСОР. «Нуктаҳо аз Пирӯзинома»
98 НОСИРИ ХУСРАВИ ҚУБОДИЁНӢ
103 «Сифати шаҳри Миср ва вилоятҳояш»
108 НАМУНА АЗ ОСОР. «Дар баёни зиндагонӣ», «Дар баёни рафиқ»
109 «Дар некӣ ё баёни насиҳат», «Дар камозорӣ»
110 «Дар санъатварон», «Дар ҳаққи кашоварзон ё дар баёни деҳқонӣ»
111 «Дар баёни дӯстӣ»
113 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи жанри сафарнома
115 УМАРИ ХАЙЁМ
121 НАМУНА АЗ ОСОР. Рубоиёт
122 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи сохт ва вазни рубоию дубайтӣ ва фарқи онҳо
125 УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС
127 НАМУНА АЗ ОСОР. «Андар шинохтани ҳаққи падар ва модар»
128 «Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ»
131 НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
135 НАМУНА АЗ ОСОР. Дар боби сухан ва суханварон
136 Дар боби илму адаб ва ҳунар
137 Аз «Махзан уласрор»
139 «Достони пири хиштзан»
140 Достони «Хусрав ва Ширин»
147 АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ
151 Ғазалҳо
153 НАМУНА АЗ ОСОР. «Итобномаи Дувалронӣ ба Хизрхон»
156 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Назира, тазмин ва татаббӯъ
157 САЪДИИ ШЕРОЗӢ
161 Аҳамияти асарҳои Саъдӣ
163 НАМУНА АЗ ОСОР. «Дуои дарвеш Ҳаққоқро», «Дар ахлоқи дарвешон»
164 «Ду бародар»
166 «Ду дарвеш», «Подшоҳ ва ғулом»
170 «Эй сорбон!»
171 «Илм бо амал фоидаовар аст»
172 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи ғазал, сохт, мавзӯъ, мундариҷа, забон ва услуби он
174 ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

178 «Бачаи рӯи бом». Радий Фиш.
180 НАМУНА АЗ ОСОР. Аз «Девони Кабир». Ғазалиёт.
183 Аз «Маснавии маънавӣ». «Ҳикояти хона ҷустани ғарибе».
184 «Қиссаи кӯдаке, ки дар пеши тобути падар менолид ва сухани ҷӯҳӣ», Панду андарҳо
186 УБАЙДИ ЗОКОНӢ
189 НАМУНА АЗ ОСОР. «Ҳеҷ мурғе аз лаклак зиректар нест», «Хешовандон мебояд ба таъзияи шумо оянд»
190 «Худованд ин дуздро мешиносад», «Саҳв дар кӯза бошад» «Аъробӣ ва халифа»
191 «Саг дар масҷид», «Дарвеш дар деҳа», «Қаландар ва табиб», «Ҳикояти Қазвинӣ»
192 «Гандум», ҳикоятҳо
194 «Мушу гурба»
200 КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
205 НАМУНА АЗ ОСОР. Ғазалиёт
210 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Санъатҳои маънавӣ
212 ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ
218 «Ҳофизнома». Аълохон Афсаҳзод
222 НАМУНА АЗ ОСОР. Ғазалҳо

227 АДАБИЁТИ ӮЗБЕК

228 ЁДГОРИҲОИ ХАТТИИ ТУРКӢ

235 АДАБИЁТИ ҶАҲОН

236 МУҲАММАД ИҚБОЛ
241 НАМУНА АЗ ОСОР. «Панди боз ба бачаи хеш»
242 «Нағмаи сорбони Ҳиҷоз»
243 «Шоҳин ва моҳӣ»
244 «Аз хоби гарон хез!»
245 Аз «Забури аҷам», аз «Армуғони Ҳиҷоз»
247 НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. Маълумот дар бораи лирика
249 Луғати калимаҳои душворфаҳм

Тоҳириён Зебунисо

Адабиёт. Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 7-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ. Муаллифон: З. Тоҳириён, Ҷ. Эшонқулов, М. Кабиров. Нашри сеюм. Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston», 2013. 256 саҳ.

УЎК 821 512.133-222.8
КБК 833 я75

ISBN 978-9943-01-400-8

Zebunisoi Tohiriyon, Jumanazar Eshonqulov, Malik Kabirov

ADABIYOT

7 sinf uchun darslik

(Tojik tilida)

Uchinchi nashri

Original-maket «O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlangan.
100129, Toshkent, Navoiy ko‘chasi, 30

Муҳаррир *Э. Турдиқулов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Муҳаррирони бадеӣ: *Т. Содиқов, Ҳ. Меҳмонов*
Саҳифабанди компютерӣ *Г. Қулназарова*

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.09.
Ба чопаш 10 майи соли 2013 иҷозат дода шуд. Андозаи $60\times90^{1}/_{16}$.
Гарнитураи Times TAD. Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 16,0. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 15,66.
Адади нашр 1032. Супориши A 2940.

Дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq»,
100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Турон, 41 чоп шудааст.

Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

№	Ному насаби донишомӯз	Соли хониш	Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан	Имзои раҳбари синф	Ҳолати китоб ҳангоми супоридан	Имзои раҳбари синф
1.						
2.						
3.						
4.						
5.						

Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

Нав	Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан.
Хуб	Муқоваш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи вараққояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест.
Қаноатбахш	Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Вараққои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд.
Ғайри-қаноатбахш	Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, вараққо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад.